# ШУРОИ ЉАМЪИЯТИИ ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН

# ОБЩЕСТВЕННЫЙ СОВЕТ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**МУРАТТИБ**
И.ШОДИЁН,
С.АБДУЛАҲАДЗОДА

**ЗЕРИ НАЗАРИ ЁРДАМЧИИ ПРЕЗИДЕНТИ ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАЊОИ ИЉТИМОЇ ВА РОБИТА БО ЉОМЕА**
А.Қ.РАҲМОНЗОДА

Душанбе-2024

ББК ољик)

**Шурои чамъиятии Ҷумњурии Тоҷикистон**
**Общественный совет Республики Таджикистан**
**Душанбе, «КВД Матбаа»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Навоӣ 5/2, 2024, 255 саҳ.**

© Шурои љамъияти Љумњурии Тољикистон - 2024

## МУНДАРИҶА

### I. СУХАНРОНИҲОИ АСОСГУЗОРИ СУЛЊУ ВАЊДАТИ МИЛЛЇ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**1. Эмомалӣ Раҳмон.** Паёми президенти Ҷумҳурии тоҷикистон муҳтарам эмомалӣ раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023, шаҳри душанбе.............................................8-38
**2. Эмомалӣ Раҳмон.** Послание президента республики таджикистан уважаемого эмомали рахмона «об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.2023, город душанбе.........39-68
**3. Эмомалӣ Раҳмон**. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш, 01.09.2024, шаҳри Душанбе..........................................................................69-92
**4. Эмомали Рахмон.** Выступление в честь Дня знаний, 01.09.2024, город Душанбе...........................................................................93-116
**5. Эмомалӣ Раҳмон.** Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 06.11.2024, шаҳри Душанбе...........................................................................117-129
**6. Эмомали Рахмон**. Выступление на торжественном заседании в честь 30-летия принятия Конституции Республики Таджикистан, 06.11.2024, город Душанбе...........................................................................130-142

### II. СУХАНРОНИҲО ОИД БА ШАРҲУ ЭЗОҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 26.12.2023, Ш.ДУШАНБЕ

**7. Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ - н**амояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа...........................143-145

### III. СУХАНРОНИҲО ОИД БА СИЁСИШАВИИ ДИН ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ ГУРӮҲҲОИ ДИНӢ-ИФРОТӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН АЗ 23.02.2024, Н.ХУРОСОН

**8. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа...................................................................146-148
**9. Маҳмадизода Нозим Давлатмурод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................149-155

## IV. СУХАНРОНИҲО ДАР ХУСУСИ "ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСӢ ВАСИЛАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН АЗ 26.03.2024, Н.ДАНҒАРА

**10. Саидзода Раҳим Ҳамро - в**азири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................156-160
**11. Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт -** Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон...................................................................161-164
**12. Гулаҳмадзода Зулфиқор - р**аиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................165-168
**13. Файзиддинзода Бунафша –** раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................169-**173**
**14. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................174-177
**15. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................................178-183

## V. СУХАНРОНИҲО ОИД БА НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ НБО-И "РОҒУН" ВА АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИН ИНШООТИ АСР АЗ 26.04.2024, Ш.РОҒУН

**16. Аброрӣ Шукӯҳиддин - м**ушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ.....................184-188
**17. Худобахш Шарифа Орусбек -** муовини Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................189-195
**18. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................196-205
**19. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................206-215
**20. Мусаева Рафиқа Ганиевна - р**аиси Ассотсиатсияи энергетикҳои Тоҷикистон, аъзои Шурои ҷамъиятӣ.............................................216-223

## VI. СУХАНРОНИҲО ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**21. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа....................................................................224-227

**22. Саидзода Раҳим Ҳамро - в**азири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................228-233
**23. Холиқзода Абдураҳим Ғаффор** - директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................234-246
**24. Усмонзода Хайриддин Усмон** - директори Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Љумњурии Тољикистон ....................247-250
**25. Олимзода Фахрулло Кароматулло** - муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................251-256
**26. Сафолзода М.К.** Коршиноси сатҳи байналмилалӣ, доктори илмҳои таърих, профессор........................................................................257-266

## VII. СУХАНРОНИҲО ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**27. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа..................................................................267-269
**28. Ҳакимзода Асадулло Қурбон - м**уовини вазири адлияи Љумњурии Тољикистон..........................................................................270-274
**29. Саидзода Иззатулло Њабибулло -** директори Маркази миллии ќонунгузории назди Президенти Љумњурии Тољикистон..............275-278
**30. Насуриён Пулод Асадулло - с**ардори Академияи Вазорати корњои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.њ, полковники милитсия......279-285
**31. Собирзода Исфандиёр Салом - р**ектори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................286-290
**32. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................291-298

## VIII. СУХАНРОНИҲО ОИД БА ХУРОФОТПАРАСТӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**33. Рамазон Давлатов -** сардори Хадамоти матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон...299-303
**34. Вањобзода Абдураҳмон - м**уовини директори Маркази исломшиносї дар назди Президенти Љумњурии Тољикистон...............................304-308
**35. Олимзода Фахрулло Кароматулло - м**уовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................309-314
36. **Сафарзода Ҳайдар -** муовини раиси Шурои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикисон, сархатиби шаҳри Бохтар............315-321

## IX. СУХАНРОНИҲО ОИД БА НАҚШ ВА МАВҚЕИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ: ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2025 ҲАМЧУН СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2018-2028 СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР”

**37. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.......................................................................322-327

**38. Шерализода Баҳодур Аҳмадҷон - р**аиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................328-331

**39. Муртазозода Ораз - м**уовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон……………...332-336

**40. Шерализода Назриало Шералӣ -** директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»………………………………………………………….337-342

## X. СУХАНРОНИҲО ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**41. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.......................................................................343-346

**42. Саидзода Раҳим Ҳамро - в**азири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................................347-351

**43. Давлатзода Сайфиддин Хайриддин -** раиси Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”………………………………………………………352-363

**44. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................364-374

**45. Сафарзода Даврон Ҷурахон - р**ектори академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................375-379

**46. Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло - р**ектори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ..380-384

**47. Ҷурахонзода Рауф Ҷурахон -** муовини ректори Донишгоҳи техникии тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ…………...................385-388

## XI. СУХАНРОНИҲО БАХШИДА БА 30 – СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН”

**48. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.........................................................................389-391
**49. Саломиён М.Қ.** Ноиби Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон..........................................................................................392-396
**50. Мусаева Рафиқа Ганиевна - р**аиси Ассатсиатсияи энергетикҳои Тоҷикистон, аъзои Шурои ҷамъиятӣ............................................397-402
**51. Собирзода Исфандиёр Салом - р**ектори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................403-406
**52. Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................407-411

## XII. СУХАНРОНИҲО ОИД БА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕА (ДАР ПАРТАВИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ, ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР ВА Ғ.)

**53. Гулаҳмадзода Зулфиқор - р**аиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................412-418
54. **Рамазон Давлатов** - сардори Хадамоти матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон..419-424
55. **Шодиён Исматулло Раҳматуллозод - к**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................425-431

## XIII. СУХАНРОНИҲО ДАР ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТИИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР СОЛИ 2024 ВА ТАРҲРЕЗИИ НАҚШАИ КОРИ ШУРО БАРОИ СОЛИ 2025

**56. Азиззода Шӯҳрат Насрулло -** мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.........................................................................432-433

## XIV. АКСЊО

57. Аз лаҳзаҳои баргузории љаласањои шурои љамъиятии љумњурии тољикистон..........................................................................................434-469




# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ» аз 28.12.2023, ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид.

Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд.

Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шуд.

Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем.

Сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии солҳои охир, аз ҷумла паҳншавии беморӣи сироятии КОВИД–19, низоъҳои тиҷоратӣ, муноқишаҳои минтақавӣ, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба иқтисоди миллӣ ба мо муяссар шуд, ки нишондиҳандаҳои рушдро дар ин марҳалаи ҳассос таъмин намоем.

Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.

Ҳол он ки мо дар давраи пандемияи КОВИД–19 беш аз ду сол дар шароити маҳдудиятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ қарор доштем.

Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид.

Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар соли 2024 тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт.

Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид.

Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар ин давра танҳо ҷиҳати пардохти кумаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, ҷубронпулии яквақта ба шаҳрвандони аз фалокатҳо зарардида 2 милларду 70 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

Ҳукумати мамлакат барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар оянда низ тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад.

Дар се соли минбаъда ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ афзоиш дода шуда, ба ин мақсад 61 миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд.

Инчунин, бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок, бахусус, коғазҳои қиматноки «сабз» ва бозори такрорӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Соли 2023 дороии сохторҳои молиявию қарзии кишвар нисбат ба соли гузашта 22 фоиз зиёд гардида, 39,6 миллиард сомониро ташкил кард.

Соли ҷорӣ пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ дар муқоиса бо соли 2022-юм 31,1 фоиз афзоиш ёфта, ба 18,5 миллиард сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1 фоиз зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил дод.

Қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда 30 фоиз афзоиш ёфта, ба 4,8 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Дар ин давра бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ 32 фоиз зиёд гардида, ба 18,6 миллиард сомонӣ расид.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои

пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.

Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд.

Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону азнавсозии 139 иншоот анҷом дода шуд.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорону сармоягузорони бонангу номуси кишвар барои ташаббусҳои созандаашон ба хотири ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки барои баланд бардоштани шаффофият, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмуриву сунъӣ дар ин самт тадбирҳои саривақтиро амалӣ созанд ва ташаббусҳои соҳибкоронро ҳаматарафа дастгирӣ намоянд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки зиёда аз 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Дар ин давра дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шуда, солҳои 2022 – 2026,

яъне дар панҷ сол бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад.

Соли 2023 барои ташкили истеҳсолоти нави саноатӣ, васеъгардонии фондҳои асосӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти наву рақобатнок аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва маблағи корхонаҳо зиёда аз 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 1,5 баробар зиёд мебошад.

Зарур аст, ки дар ин раванд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, сармоягузорон, шарикони рушд ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои муосири каммасраф ва дар ин замина ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакат доир ба ислоҳоти низоми ҷалби сармоя, таҳияву пешниҳод ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт, бахусус, дар бахшҳои саноативу агросаноатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои баланд бардоштани имкониятҳои сармоягузорӣ ба кишвар стандартҳои миллии экологиву иҷтимоӣ ва идоракуниро дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таҳия намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.

Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Танҳо аз ҳисоби зиёд шудани иқтидорҳои саноатӣ дар замони истиқлол талабот ба неруи барқ беш аз 800 мегаватт зиёд гардид.

Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Танҳо пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо

имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат машғул шавем.

Яъне мо ба рушди иқтисодии мамлакат аз соли 2000-ум – ҳамагӣ 23 сол пеш шурӯъ кардем.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, мо солҳои 2022 – 2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем.

Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд доранд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки соли ҷорӣ содироти маҳсулоти саноатӣ тамоюли коҳишёбӣ пайдо кардааст.

Соли 2022 содироти маҳсулоти соҳа ба 22,8 миллиард сомонӣ расида буд, вале дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда ҳамагӣ 18,5 миллиард сомониро ташкил карда, 19 фоиз кам гардид.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки афзоиши назарраси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба рушди саноати сабук, хӯрокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ба ин васила ба роҳ мондани коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии кишвар, хусусан, ҷавонону бонувон эътибори махсус диҳанд.

Вобаста ба масъалаҳои зикргардида, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки доир ба такмили низоми омода намудани

мутахассисон барои бахши воқеии иқтисодиёт, бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ, таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, агросаноатӣ ва хизматрасонӣ, тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

Тавре ки ҳамватанони азизи мо мушоҳида мекунанд, солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ таҳти таъсири манфии худ қарор додааст.

Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва ярч ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар зарари зиёд мерасонанд.

Бинобар ин, бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд.

Дар робита ба ин, Саридораи геология бо истифода аз натиҷаҳои бадастомадаи муҳандисиву геологӣ ва бо нишон додани минтақаҳое, ки зери таъсири омилҳои хатарноки табиӣ қарор доранд, Атласи равандҳои экзогениву геологии кишварро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Инчунин, ба Ҳукумати мамлакат ва Саридораи геология супориш дода мешавад, ки фаъолиятро доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиш, ҷустуҷӯ, иктишоф ва барои истифодаи саноатӣ омода намудани конҳои канданиҳои фоиданок вусъат бахшанд.

Вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав ва Саридораи геология вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати дарёфти маблағҳои зарурӣ барои тақвияти корҳои таҳқиқотиву геологӣ ва мушаххассозии захираҳои мавҷуда тадбирҳои амалӣ андешанд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ карда шуд.

Агар мо ин корро намекардем, шояд имрӯз умуман бе барқ мемондем.

Дар ин давра танҳо барои азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, неругоҳи барқи обии «Сарбанд» пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд.

Инчунин, таҷдиди неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум» бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмӯъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад.

Нуктаи муҳим ин аст, ки неругоҳҳои зикршуда баъди азнавсозӣ ба мардуми Тоҷикистон боз даҳсолаҳои дигар хизмат хоҳанд кард.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда зарур аст, ки дар солҳои оянда аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва дигар сохтору мақомоти марбута тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

Якум: бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунандаро бомаром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди «энергияи сабз» ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шаванд.

Дуюм: барои беҳтар кардани таъминоти аҳолии кишвар бо барқ ва рушди соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургия суръати корҳои асосноккунии техникӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии «Шуроб» бо иқтидори 1000 мегаватт дар дарёи Вахш, «Санобод» бо иқтидори то 500 мегаватт дар се марҳала дар дарёи Панҷ – қисмати ноҳияи Рӯшон ва «Чарсем» дар дарёи Ғунди ноҳияи Шуғнон бо иқтидори 14 мегаватт, бо дарназардошти бунёди хатти интиқоли барқ ва дигар инфрасохтори зарурии интиқол ва тақсимоти барқ тезонида шавад.

Сеюм: дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқи CASA–1000 ва азнавпайвастшавӣ ба низоми

энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт – соат афзоиш додани содироти неруи барқ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Чорум: ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 фоизи талафот татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ин самт таъмин гардида, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳалли ин масъала дар шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъат бахшида шавад.

Панҷум: бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Шашум: корҳо дар самти гузариш ба таҷҳизоти каммасрафи барқӣ дар иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва истеҳсоливу коммуникатсионии мамлакат ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ тақвият бахшида шаванд.

Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем.

Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд.

Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Яъне Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад.

Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он Ҳукумати мамлакат аз

нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди вазъи душвори иқтисодиву молиявӣ, тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Дарояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ва Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон – Туркманистон – Эрон – Туркия – Аврупо, инчунин, Тоҷикистон – Чин – Покистон истифода хоҳанд шуд.

Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки дарояндаи наздик барои ташаккули долонҳои иқтисодӣ як қатор лоиҳаҳои афзалиятноки бунёду таҷдиди роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявиро лоиҳакашӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод намояд.

Роҳҳои Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр), аз Варшез то гузаргоҳи Кулма – Қарасу (300 километр), Бохтар – Ҷалолиддини Балхӣ – Қубодиён – Шаҳритус – Айвоҷ – сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон (170 километр), Хуҷанд – Конибодом (57 километр), Хуҷанд – Ашт (122 километр) ва Балҷувон – Сари Хосор (58 километр) аз ҷумлаи ҳамин лоиҳаҳо мебошанд.

Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 13 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Ҳоло лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Роғун – Обигарм – Нуробод ба маблағи 3,3 миллиард сомонӣ ва бунёди пули калонтарин дар мамлакат бо дарозии 920 метр ба маблағи 625 миллион сомонӣ дар водии Рашт амалӣ шуда истодаанд.

Инчунин, татбиқи лоиҳаҳои бунёди роҳҳои Бекобод – Деҳмой, Деҳмой – Бобоҷон Ғафуров, Бобоҷон Ғафуров – Хистеварз ва Конибодом – Кучкак (52 километр) 635 миллион сомонӣ дар вилояти Суғд, Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара (69 километр) 672 миллион сомонӣ, Ҳулбук – Темурмалик – Кангурт (59 километр) 740 миллион сомонӣ дар вилояти Хатлон идома дорад.

Ҳамзамон бо ин, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҷдиду барқарорсозии роҳи мошингарди Қалъаихумб – Ванҷ –

сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) бо сохтмони ду нақб бо дарозии 5,2 километр ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ, сохтмони ду пул бо дарозии 283 метр аз болои дарёҳои Ғунд ва Шорфдара, 4,5 километр роҳ ва долонҳои зидди тарма (550 метр) ба маблағи 342 миллион сомонӣ идома дорад.

Бунёди роҳҳои Гулистон – Кӯлоб (35 километр) 745 миллион сомонӣ, Данғара – Гулистон (49 километр) 1 миллиарду 314 миллион сомонӣ, Гулистон – Фархор – Панҷ – Дӯстӣ (137 километр – марҳалаи якум) 449 миллион сомонӣ ва марҳалаҳои боқимонда ба маблағи 1,1 миллиард сомонӣ дар давраи оғозшавӣ қарор дорад.

Дар 7 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар пойтахти мамлакат 82 километр роҳҳо ба маблағи 2 миллиарду 235 миллион сомонӣ азнавсозӣ карда шуданд.

Дар се соли оянда дар шаҳри Душанбе 40 километр роҳҳои мошингард бо 7 эстакада бо арзиши умумии зиёда аз 3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода мешаванд.

Танҳо дар соли 2023 дар пойтахти мамлакат 16 километр роҳҳои мошингард бо арзиши 700 миллион сомонӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои маҳаллӣ вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ба маблағи зиёда аз 300 миллион сомонӣ қариб 1000 километр роҳҳои маҳаллӣ таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 41 пул ба анҷом расидааст.

Мо тасмим гирифтаем, ки бо амалисозии ҳадафҳои муайянкардаамон дар панҷ – шаш соли оянда ҳамаи роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии мамлакатро ба меъёрҳои сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонем.

Яъне бунёди роҳҳои муосир дарояндаи наздик ба мо имкон медиҳад, ки ба ҳадафи стратегиамон – ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ноил шуда, рушди устувори иқтисодӣ ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии халқамонро таъмин намоем.

Дар баробари сохта, ба истифода додани роҳҳои мошингард, тартиби истифодабарии самаранок ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳҳои бунёдгардида яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани механизми назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн хеле муҳим аст.

Илова бар ин, барои пурра ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бунёди марказҳои логистикӣ, тақсимоти яклухт ва афзоиш додани шумораи нақлиёти боркаш, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти яхдондор дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон муҳим мебошад.

Вазорати нақлиёт ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадоранд, ки минбаъд низ ҷиҳати ҷалби сармоя ва самаранок амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла лоиҳаи шабакаи ягонаи назорати рақамии ченкунии вазни нақлиёти боркаш тадбирҳои ҳатмӣ андешанд.

Бар замми ин, Вазорати нақлиёт ва Хадамоти гумрукро зарур аст, ки ҷиҳати васеъ намудани гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ, ташкили «долонҳои сабз», бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва мувофиқи стандартҳои муосири байналмилалӣ бунёд кардани терминалҳои наздисарҳадӣ чораҷӯӣ намоянд.

Вазорати нақлиёт ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати такмили стандартҳои экологиву иҷтимоии таҳияи лоиҳаҳои бунёду азнавсозӣ ва истифодаи роҳҳо бо мақсади мутобиқ намудани онҳо ба принсипҳои иқтисоди «сабз», кабудизоркунии шафати роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Илова бар ин, зарур аст, ки ҷиҳати риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, пешгирӣ кардани садамаҳои нақлиётӣ, ҳифзи ҳаёту саломатии шаҳрвандон, баланд бардоштани маданияти ронандагӣ ва тоза нигоҳ доштани шафати роҳҳо тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд.

Таъмин намудани зиндагии осудаву босаодати наслҳоиояндаи халқамон моро водор месозад, ки ба ин масъала ҷиддӣ муносибат намоем.

Яъне мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва чунонки доим таъкид менамоям, ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем.

Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои доруворӣи мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст.

Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири наҷоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешад.

**Ҳамватанони азиз!**

Вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир бавуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он – хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст.

Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаворӣи кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум 5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар,

сабзавот 9, полезӣ 17,5, меваҷот 10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра саршумори чорвои калони шохдор 2 баробар (ҳоло шумораи он ба 2,6 миллион сар расидааст), чорвои майда 2 баробар (6,6 миллион сар) ва паранда 1,9 баробар (12,2 миллион сар) зиёд шудааст.

Воридоти гӯшт аз хориҷи кишвар сол ба сол кам гардида, аз 10,7 ҳазор тонна дар соли 2014 ба 144 тонна дар соли 2023 коҳиш ёфтааст.

Воридоти шир ниҳоят кам ба қайд гирифта шудааст.

Яъне ҳоло талаботи аҳолии мамлакат бо гӯшту шир пурра аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин шуда истодааст.

Хотиррасон менамоям, ки дар замони сохти гузашта ҳар сол ба ҷумҳурӣ 160 ҳазор тонна гӯшт ва 170 ҳазор тонна картошка ворид мегардид.

Фаромӯш набояд кард, ки дар се даҳсолаи гузашта аҳолии Тоҷикистон аз 5 миллион ба 10 миллион расид, яъне талабот ба маводи ғизоӣ ду баробар афзоиш ёфт.

Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқаворӣи истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад.

Истеҳсоли картошка (122 фоизи талабот), сабзавот (174 фоиз), пиёз (527 фоиз), сабзӣ (360 фоиз), полезӣ (312 фоиз), гӯшту шир (100 – фоизӣ) барзиёд аз меъёри истеъмолӣ таъмин гардидааст.

Яъне имрӯз кишвари мо бо ин намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ пурра таъмин мебошад.

Барои заҳмати софдилона, ки аз нишондиҳандаҳои зикршуда ва фаровонии бозори истеъмолӣ ба хубӣ маълум аст, ба ҳамаи кишоварзони мамлакат миннатдории самимии худро баён менамоям.

Солҳои охир дастгирӣ ва имтиёзҳои барои рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳодгардида натиҷаҳои мусбат дода истодаанд: дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 1,6 баробар зиёд гардидааст.

Танҳо дар асоси татбиқи имтиёз дар соҳаи парандапарварӣ дар ин давра шумораи корхонаҳои парандапарварӣ 3,3 баробар ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳа 5 баробар афзоиш ёфтааст.

Бо мақсади идома додани ин раванд, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди саноати хӯрокворӣ ва содироти маҳсулоти он диққати аввалиндараҷа диҳад.

Илова бар ин, дар самти ташкили озмоишгоҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, ҳалли масъалаи эътирофи сертификати сифат дар доираи савдои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои шарик ва ташаккули «долони сабз»-и бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст.

Вале таъкид менамоям, ки имкониятҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд.

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад.

Амалисозии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, аз ҷумла қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва заргарӣ, инчунин, касбу ҳунаромӯзии шаҳрвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ба зиммаи ин гурӯҳи корӣ вогузор карда шавад.

Ҳамчунин, ташкили фаъолияти маҳаллу растаҳо ва гӯшаҳои ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла дар ҳамаи мағозаву бозорҳо ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, хусусан, маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ масъалаҳое мебошанд, ки бояд зери назорати гурӯҳи корӣ қарор дода шаванд.

Гурӯҳи корӣ ҳар семоҳа ба Ҳукумати мамлакат оид ба корҳои иҷрошуда ҳисобот пешниҳод намояд.

Ҳамзамон бо ин, Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии мамлакат додани қарзҳои хурди имтиёзнокро барои рушди хунармандиву косибӣ васеъ ба роҳ монанд.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд.

Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид.

Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.

Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.

Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст.

Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад.

Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад.

Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст.

Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло ҳам кам аст.

Зеро ҳанӯз 73 ҳазор хонанда бе ҷойи нишаст мемонад.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад.

Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд.

Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси техникиву муҳандисӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар ин замина бояд рушди иқтидори илмии муассисаҳои зикршуда, дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ анҷом

додани таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дар раддабандии ҷаҳониву минтақавӣ мавқеи шоиста ишғол намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъмин карда шавад.

Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд.

Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намояд.

Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар кишвар шумораи аҳолии қобили меҳнат мунтазам рӯ ба афзоиш буда, дар панҷ соли охир 8,4 фоиз зиёд гардидааст.

Инчунин, суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба суръати афзоиши қувваи корӣ 2,5 баробар зиёд мебошад.

Бинобар ин, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба шуғл зарур аст, ки тибқи супоришҳои қаблӣ дар соҳаҳои иқтисоди кишвар ҳар сол зиёда аз 100 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шаванд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки ташкили ҷойҳои кории нав бо музди меҳнати муносиб дар дохили кишвар ва омӯзонидани касбҳои коргарӣ ба шаҳрвандон яке аз вазифаҳои афзалиятноки Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад.

Андешидани тадбирҳои мушаххас доир ба омӯзонидани касбҳои коргарӣ, саросар соҳибкасб гардонидани аҳолии мамлакат ва ҳарчи бештар дар дохили кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон низ вазифаи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

Некоторые считали, что Конституцию лучше принять Парламентом, а другие выступали за её принятие путём всенародного референдума.

Политическая ситуация в стране в тот период подтолкнула нас к принятию проекта Конституции на всенародном референдуме.

Потому что этот способ принятия был убедительным доказательством принадлежности государственной власти народу,

обеспечивал устойчивость Конституции и прямое действие её норм, лишал различные политические силы возможности в любой момент вносить в неё изменения и дополнения.

Как я неоднократно напоминал, депутаты Верховного Совета вносили в Конституцию того времени даже несколько раз в день поправки, которые порой противоречили друг другу.

Парламент тех дней стал игрушкой в руках заинтересованных группировок и сил, стремящихся к власти.

В этих условиях принятие во внимание волеизъявления народа, выражаемого посредством референдума, становится решающим и обязательным для всех политических сил и каждого человека в обществе.

6 ноября 1994 года во всенародном референдуме приняли участие 94,4 % граждан, 87,6 % из них проголосовали за принятие Конституции.

Открытое и всестороннее обсуждение проекта Конституции, его предложение на обсуждение народа и, наконец, принятие Конституции всенародным голосованием являются убедительным доказательством того, что этот судьбоносный документ был принят на основе общепризнанных демократических норм.

Также напоминаю, что Конституция независимого Таджикистана в масштабах Содружества Независимых Государств является одним из первых основных законов, принятых путём всенародного референдума.

**Уважаемые соотечественники!**

Конституция Таджикистана отразила традиции таджикского государства и государственности, а также реализовала усилия и стремления просвещённых сыновей таджикской нации на пути к независимости, свободе и национальной государственности.

Конституция Республики Таджикистан имеет особенности, заложившие прочный фундамент в укрепление нашей современной государственности.

Конституция Республики Таджикистан обладает особенностями, которые заложили прочную основу для укрепления нашей современной государственности.

Во-первых, гуманистические идеи Конституции отражают богатые традиции таджикского народа, восходят к культуре наших

арийских предков, традициям государственности нашего народа, великому наследию истории и культуры нашей нации.

Во-вторых, этот высший правовой документ провозгласил Таджикистан суверенным, демократическим, правовым, светским, социальным и единым государством.

Конституция поставила перед обществом важнейшие задачи, в числе которых организация современной государственной власти, совершенной правовой системы и государственного управления, обеспечение прав и свобод человека и гражданина, повышение уровня и качества жизни народа.

В-третьих, впервые установление на уровне Конституции неизменности формы правления республики, демократической, правовой, светской и социальной сущности государства является важнейшим средством конституционной защиты современного государственного строя Таджикистана.

В-четвёртых, Конституция Таджикистана, основанная на национальных и общечеловеческих ценностях, признаёт человека, его права и свободы высшей ценностью и гарантирует соблюдение и защиту прав человека государством, что является выражением фактической интеграции Таджикистана в современное цивилизованное общество.

В-пятых, обеспечение устойчивого развития общества и реализация политических, экономических и социальных прав граждан, предусмотренных Конституцией, позволит постоянно повышать уровень и качество жизни людей.

В-шестых, в Конституции признается самостоятельность судебной власти, то есть только независимый и беспристрастный суд может путем осуществления правосудия обеспечивать интересы государства и общества, права и ценности личности и гражданина.

В-седьмых, верховенство Конституции над всеми нормативными правовыми актами.

Иными словами, Конституция является высшим правовым документом, и никакие другие правовые акты не могут изменять Конституцию или приниматься вопреки её нормам.

В-восьмых, на основе конституционных принципов и норм свободной экономической деятельности, предпринимательства, равноправия и защиты всех форм собственности сформировалась и развивалась экономика независимого Таджикистана.

В-девятых, на основе Конституции было установлено верховенство закона, обеспечивающее отношения государства с обществом на основе признания интересов, и была обеспечена преемственность социальной справедливости.

В-десятых, этот высший политико-правовой документ впервые способствовал осуществлению государственной власти на основе её разделения на законодательную, исполнительную и судебную.

В-одиннадцатых, в Конституции выражены свободная экономическая деятельность, политическое и идеологическое разнообразие, многопартийность, свобода вероисповедания, слова, печати, разнообразие форм собственности и другие ценности, которые являются наглядным свидетельством существования демократической системы в стране.

Эти и другие ценности Конституции способствовали тому, что Конституция Таджикистана была признана международными экспертами одной из пяти лучших конституций государств-членов Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе.

В связи с этим следует подчеркнуть ещё один важный момент, что принятие Конституции проложило путь к началу политических, экономических и правовых реформ.

В результате эффективной реализации указанных конституционных норм Таджикистан с 2000 года вступил в стадию устойчивого развития, и в последние годы рост валового внутреннего продукта обеспечивается в среднем более чем на 8 процентов.

Такие темпы роста на международной арене считаются высоким показателем темпов роста экономики.

Наряду с гарантией прав и свобод, в Конституции также определены задачи и обязанности граждан Таджикистана.

В частности, в соответствии со статьей 10 Конституции государство и все его органы, должностные лица, граждане и их объединения обязаны соблюдать и исполнять Конституцию и законы страны.

Кроме того, в соответствии с положениями статьи 42 Конституции каждый человек обязан уважать права, свободы и достоинство других.

Защита Родины, охрана интересов государства, укрепление его независимости, безопасности и обороноспособности являются священным долгом каждого гражданина.

Следует особо отметить, что в Конституции также в отдельной статье указывается ответственность взрослых и трудоспособных детей за уход и социальное обеспечение родителей.

Следует отметить, что реализация прав и свобод, а также обязанностей человека и гражданина зависит от уровня правового образования людей.

Мы объявили 2024 год «Годом правового просвещения» в честь 30-летия принятия Конституции Республики Таджикистан, поскольку сущность правового просвещения заключается в соблюдении норм Конституции, как основного закона.

Правовое просвещение граждан, в свою очередь, играет ключевую роль в построении прогрессивного и справедливого общества.

Целью этого шага является повышение правового просвещения граждан, продвижение демократических ценностей и укрепление прав и свобод человека.

Кроме того, одной из основных целей «Года правового просвещения» считается воспитание граждан в духе уважения к Конституции, соблюдения законов и обеспечения верховенства закона.

При этом основная цель повышения правового просвещения граждан направлена на то, чтобы признание, уважение, соблюдение и исполнение закона вошли в традицию.

Потому что, как доказывают процессы развития мирового сообщества, только то общество может достичь прогресса и развития, в котором неукоснительно соблюдаются и исполняются Конституция и законы, а верховенство закона обеспечивается, как важнейшая ценность правового государства.

Поэтому изучение Конституции и законов в правовом государстве является главным вопросом общества и должно осуществляться всеми слоями общества.

С этой целью необходимо широко проводить разъяснительную и просветительскую работу, научное и общественное комментирование норм Конституции и законов с участием учёных, сотрудников правоохранительных органов, других специалистов и на этой основе организовывать и проводить специальные программы через средства массовой информации.

В связи с этим следует уделять серьёзное внимание изучению Конституции и законов в министерствах и ведомствах, на предприятиях и в учреждениях, независимо от форм собственности, в том числе в учебных заведениях.

**Уважаемые присутствующие!**

Как было отмечено, Конституция играет важную роль в создании новой таджикской государственности и достижении национального единства.

Безусловно, достижение национального единства является результатом мудрости древнего таджикского народа, а подписание важного исторического документа – Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане, положившего конец навязанной гражданской войне, сыграло ценную роль.

Сегодня опыт миростроительства таджикской культурной нации превратился в поучительную школу по разрешению внутригосударственных конфликтов.

Современные противоречивые условия и геополитические игры, угроза опасных идей национальным ценностям и святыням, обострение идеологической борьбы, информационная конкуренция и другие опасности современного мира заставляют всех членов общества беречь национальное единство, как зеницу ока.

Я всегда подчёркиваю и твёрдо убеждён в том, что наш культурный и цивилизационный народ ценит единство, мир и стабильность, не позволит радикальным и опасным чуждым идеям влиять на идеологию нашего общества, нарушать стабильность, спокойствие нашей страны и национальное единство.

Ещё раз напоминаю, что национальное единство является для нашего народа бесценным благом, священной ценностью, фактором спокойствия и стабильности, символом самобытности и самосознания, гарантом устойчивости государства и государственности, счастья нынешнего и будущих поколений.

Сегодня счастливый таджикский народ в условиях полного мира, стабильности и национального единства неуклонно продвигается вперёд в достижении своих созидательных целей.

Дорогие соотечественники!

Устойчивое развитие общества, особенно в государствах, находящихся на стадии развития, требует постоянного совершенствования норм Конституции.

Это, в свою очередь, способствует устойчивому развитию политической, социально-экономической и культурной сфер.

Совершенствование Конституции также способствует дальнейшему расширению процессов демократизации жизни общества, формированию и укреплению конституционных основ государственной власти, её основных столпов, совершенствованию и эффективности системы государственных органов.

Такие действия также создают необходимую правовую основу для обеспечения соблюдения и защиты прав и свобод человека.

Конституция Таджикистана в 1999, 2003 и 2016 годах была усовершенствована путём всенародного референдума, в неё были внесены важные и необходимые изменения и дополнения.

Изменения и дополнения 1999 года были реализованы на основе Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане.

Эти изменения в основном относились к организации и деятельности профессионального Парламента, в результате чего третья глава Конституции была принята в новой редакции.

С учётом изменений и дополнений, внесенных в 1999 году, структура Маджлиси Оли Республики Таджикистан была изменена, и он был создан как высший представительный и законодательный орган страны, состоящий из двух палат.

В 2016 году в Конституцию были внесены очень важные нормативы относительно формы государственного управления, правового статуса граждан, политических партий и широкого участия граждан в государственном управлении.

В число важных нормативов, введенных в Конституцию в 2016 году, также входят совершенствование системы судебной власти, повышение ответственности членов Маджлиси милли, депутатов Маджлиси намояндагон, членов Правительства и судей судебных органов.

В целом, изменения и дополнения, внесённые в Конституцию трижды путём всенародного референдума, совершенствовали её содержание и нормы и способствовали дальнейшему устойчивому развитию страны.

Конституция является основой законодательной системы страны, на её основе принимаются законы и другие подзаконные акты.

Названные документы регулируют различные сферы жизни общества, структуру и деятельность государства, способствуют ускоренному и устойчивому экономическому, социальному, политическому и культурному развитию страны.

Следует отметить, что в Конституции закреплены принципы и ценности правовой системы страны.

Иными словами, в этом высшем документе, как источнике законов и других нормативных правовых актов, заложена база новой законодательной системы страны, и на основе этого высшего правового документа сформировалось новое законодательство государства Таджикистан.

Конституция, как высший политический и правовой документ, играет ключевую роль в укреплении и совершенствовании государственной власти, её организации и деятельности, системы государственных органов и их взаимодействия.

Такое сотрудничество основано на принципе разделения государственной власти.

Этот принцип является одной из ценностей цивилизованного мира и позволяет ветвям государственной власти самостоятельно функционировать и сотрудничать в пределах своей компетенции.

Прошедшие годы показали, что такой способ организации государственной власти отвечает интересам народа и эффективному функционированию государственных органов.

**Уважаемые соотечественники!**

Историческое значение Конституции проявляется в том, что этот священный документ суверенного государства провозгласил независимость и свободу Таджикистана и определил форму государственного управления.

Конституция также заложила правовую основу для организации и укрепления системы органов государственной власти и самоуправления, стала фактором, обеспечивающим мир и стабильность, национальное единство и прогресс во всех сферах государственной и общественной жизни.

Этот исторический документ также определил политические, правовые, экономические и культурные основы общества и

государства Таджикистан, установил полную систему прав и свобод человека и гарантировал механизм их осуществления.

По прошествии тридцати лет после принятия этого судьбоносного документа мы с гордостью можем сказать, что избранный народом Таджикистана путь, то есть построение демократического, правового, светского и социального государства, отвечает целям, чаяниям и задачам нашего славного народа.

То есть создание современного свободного и демократического общества, сегодняшние достижения Таджикистана, устойчивое экономическое и социальное развитие страны, повышение уровня и качества жизни народа стали для нас результатом последовательного применения норм и положений Конституции.

Абсолютно уверен, что Конституция в качестве руководящего и исторического документа на протяжении столетий будет служить дальнейшему развитию независимого Таджикистана.

В эти радостные праздничные мгновения ещё раз искренне поздравляю весь славный народ Таджикистана и всех вас, уважаемые присутствующие, в честь тридцатой годовщины принятия Конституции Таджикистана – судьбоносного документа общества и государства.

Желаю, чтобы в семье каждого жителя страны всегда царили мир, счастье и благополучие.

**Пусть Конституция послужит одной из наших национальных святынь во имя независимости и свободы суверенного таджикского государства, его устойчивого развития, постоянным гарантом безопасности и стабильности страны, спокойной жизни народа Таджикистана.**

**Будьте здоровы и счастливы,**
**дорогие соотечественники!**

https://www.president.tj/event/speeches/48654

# ОИД БА ШАРҲУ ЭЗОҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Раҳмонзода А.Қ. Н**амояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 26.01.2024, ш.Душанбе

**Муҳтарам аъзои Шурои ҷамъиятӣ, ҳозирини гиромӣ, ва устодони гиромиқадр!**

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки ҳамасола дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Љумњурии Тољикистон ироа мегардад, ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми таҳлилӣ - сиёсӣ, роҳнамоикунанда ва дурнамои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва кулли мардуми Тоҷикистон арзёбӣ гардида, ҷиҳати тақвияти фаъолият, таъмини пешрафт, рафъи камбудиҳои мавҷуда ва расидан ба ҳадафҳои пешгузошта, шароити зиндагии арзанда ва рушди тамоми соҳаҳои давлатӣ заминаи устувор мегузорад.

Маврид ба зикр аст, ки ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гирифта, аз рӯи салоҳият Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян мекунад ва мутобиқи моддаи 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Президент дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад ва масъалаҳоеро, ки зарур мешуморад, дар муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд. Ҳамин тавр, Паёми Президенти мамлакат ба парлумони кишвар пояи қонунӣ ва ҳуқуқӣ дошта, он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва аз вазифа, ҳуқуқ, салоҳиятҳои конститутсионии Сарвари давлат тибқи қонуни асосии мамлакат сарчашма мегирад.

Ҳар як Паёми солона тибқи вазифа, мақсаду маром ва хусусиятҳои хоси худ марбут ба марҳилаи муайяни инкишофи мамлакат буда, дар он ҳадафҳои асосӣ ва барномаҳои мушаххасгардидаи ояндаи наздик, миёнамуҳлат, инчунин

имкониятҳои рушди устувору бонизоми давлату ҷомеаи алоҳида, ба таври таҳлилӣ, возеҳу равшан, дар появу заминаҳои асосноки илмӣ ҷой дода мешаванд. Дар Паёмҳои ҳамасола ҷамъбасти ин барномаҳо ва натиҷаҳои бадастомада қайд гардида, баҳодиҳии айниву зеҳнии татбиқи нақшаҳои пешин, бо муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушд ифода мегарданд.

Паёми ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дошта, дар доираҳои сиёсӣ онро ҳамчун заминаи конститутсионӣ ва ҳуқуқии ташаккули стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мешуморанд. Ҳамзамон, паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти як ҳуҷҷати сиёсиро доро аст, ки бо воситаи он мавқеи сарвари давлат оид ба самтҳои гуногуни сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба ҷомеа муаррифӣ мешавад. Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати муосири давлат хеле бузург аст.

Аҳамияти дигари Паёми солонаи Президент аз он иборат аст, ки дар ин ҳуҷҷат нишондиҳандаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеа сабт мегарданд, самтҳои рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа муайян карда мешаванд, идомаи мантиқии сиёсати давлат инъикос мегардад, самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ муайян карда мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28 декабри соли 2023 зимни ироаи паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ баён доштанд, ки дар баробари комёбиҳо имрӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, вазифаҳо барои ҳаллу фасли онҳо муайян ва мушаххас карда шуданд. Дар ин раванд таъкид намуданд, ки бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта, қабл аз ҳама, вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар – аъзои Ҳукумат, Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё, фаъолон ва тамоми мардуми кишвар мебошад.

Дар фарҷоми чорабинӣ зикр гардид, ки дар заминаи ғамхорӣ ва роҳандозии кафолати иҷтимоӣ ва ҳавасмандӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ хизматчиёни давлатии Тоҷикистон ҷиҳати босифат, самаранок ва мутобиқи талаботи замони муосир фаъолият намудан ва иҷрои дастуру супоришҳои аз Паёми Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон бароянда, дучанд масъул гардида, бо риояи принсипҳои хизмати давлатӣ дар фаъолияти ҳамарӯза бо таҳаммулпазирӣ, поквиҷдониву беғаразӣ, қатъият, касбияту салоҳиятнокӣ бо иродаи матину мавқеи устувор ва бо садоқат ба Ватану халқи Тоҷикистон дар адои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва уҳдадориҳои мансабӣ муваффақонафаъолият намоянд!

Мавзӯи имрӯза хеле ҷолибу доманадор аст ва идомаи муҳокимаи ботафсили онро бо камоли майл ба иштирокчиёни мизи мудаввар эњтиромона пешнињод менамоем.

Бовар дорем мавзӯи мазкур аз ҷониби Шумо муҳтарам аъзои Шурои љамъиятї ва коршиносони соҳа ҳамаҷониба муҳокима гардида, таклифу пешниҳодҳои мушаххаси Шумо барои њалли масъалањои мављуда кумак хоњанд расонд.

Ташаккур ба таваљљуњатон!

## ОИД БА СИЁСИШАВИИ ДИН ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ ГУРӮҲҲОИ ДИНӢ-ИФРОТӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Суханрониии Азиззода Ш.Н.** Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 23.02.2024, н.Хуросон

**Муҳтарам аъзои Шурои ҷамъиятӣ,**
**Њозирини гиромӣ!**

Аз фурсати муносиб истифода намуда, њамаи шуморо ба муносибати Рўзи Ќувваҳои Мусаллаҳи ЉТ табрик гуфта, бароятон саломатию саодатмандї ва дар Ватани азизамон сулњу суботро таманно дорам.

Масъалаи омӯзиши ҳодисаҳо ва падидаҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеа мураккаб буда, таҳлили воқеӣ ва баҳои объективиро талаб дорад ва яке аз ин гуна масъалаҳо ин сиёсишавии дин ва хусусиятњои асосии он мебошад.

Сиёсишавии дин баҳси рӯзмарраест, ки дер боз диққати олимон ва таҳлилгарони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тамоюли сиёсишавии дин бештар хоси дини ислом гардид. Дини ислом ба як омили таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ ҳам дар дохили кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёфт.

Аксари муҳаққиқон ва сиёсатшиносон бар он ақидаанд, ки экстремизм ва тундравӣ пеш аз ҳама дар соҳаи дин дучор меояд ва ин зуњурот дар тамоми гӯшаю канори сайёраи мо ба мушоҳида мерасад.

Махсусан экстремизми динӣ дар замони мо дар байни пайравони дини ислом бештар доман паҳн кардааст ва баъзе мубаллиғони он аз муқаррароти дин сӯистифода намуда, исломро бо ғаразҳои сиёсӣ омехта месозанд, тибқи дастуру нишондод ва нақшаҳои хоҷагони бегонаи худ, ки душманони аслии ислом ҳастанд, амал менамоянд.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар чунин таъкид намуданд: «Бо номи дини мубини ислом анҷом додани амалҳои террористиву ифротгароӣ имрӯз ба як зуҳуроти бисёр нангин ва ташвишовар мубаддал гаштааст. Назари қотеонаи мо ин аст, ки ислом набояд бо ғаразҳои сиёсӣ омехта карда шавад. Ислом дини мо, эътиқоди мо ва манбаи покизагии ҳаёти мо мебошад. Ислом бояд барои ташаккули руҳи инсон ва покизагии рӯзгори ӯ хизмат намояд».

Муайян намудани сабабҳо, заминаҳо ва омилҳои сиёсишавии дин кори саҳл нест. Сиёсишавии дин барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад, зеро ин тамоюлот ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишварамон дар сатҳ ва шаклҳои гуногун таъсир мерасонад.

Дар шароити Љумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои сиёсишавии дин паҳн гардидани идеологияи иртиҷоӣ ва тундагороёнаи диндорон ва руҳониён, таблиғи ғояҳои экстремистию террористии «исломизм» мебошад. Арзишҳои ғоявию идеологии мазкур аз ҷониби як қатор ниҳодҳои сиёсӣ, созмону ташкилотҳои иртиҷоӣ ва тундгаро, иттиҳодияҳо ва созмонҳои экстремистии дорои хусусияти динӣ тарғибу ташвиқ мегарданд. Онҳо ҳадафҳои сиёсӣ ва қудратӣ доранд, ки асоси он бо роҳи ғайриосоишта ва таҳдиду барангехтани моҷарои сиёсӣ ташкил намудани шакли ҳокимияти давлатии теократї мебошад (яъне як тарзи давлатдорї, ки дар он њокимияти сиёсї дар дасти рӯњониён).

Барои Тоҷикистон баррасии масъалаи мазкур, муайянкуниҳои сабаб ва омилҳои бавуҷудоӣ, таъсиррасонии он ба амният ва суботи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Раванди сиёсишавии дин дар шароити давлати мо, дар шакли радикалӣ ва ифротиву терроризми динӣ ниқоб аз рӯи худ бардоштааст. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки неруҳо ва таъсиррасонии хориҷие, ки ба сиёсишавии дин дар шакли радикалӣ, террористиву ифротгароӣ мусоидат мекунанду аз шакл гирифтани чунин вазъият манфиатдор ҳастанд, бештар ба қишрҳои ниёзманди ҷомеа рӯ оварда, дар баъзе аз мавридҳо ба онҳо кумаки молӣ мерасонанд ва бо роҳҳои таблиғоти идеологиву ғоявии худ онҳоро ба ҷониби худ ҷалб менамоянд.

Хатари воқеӣ ба амнияти миллӣ метавонад аз ҳад зиёд сиёсӣ шудани дин ва инчунин паст будани дониши динӣ, маълумот дар бораи дин, чи дар байни шаҳрвандони дунявӣ ва чи дар байни худи диндорон бошад.

Аксарияти ифротгароёни динї саводи казоии динӣ, таҳсилот ва таҷрибаю маърифати саҳеҳи динӣ надоранд. Тамоми «дониши динӣ»-и онҳо танњо аз баъзе маълумотҳои ибтидоии фиқҳӣ ва маводи таблиғотии ғоявию динии хеле соддаву сатҳӣ иборат аст, ки онро ғолибан аз шабакаҳои иҷтимоии интернет ё дигар манбаъҳои ғайриҳирфавӣ ба даст овардаанд. Онҳо дар бораи дин ҳарфи зиёд мезананд, аммо аз рӯи таълимоти аслии дин амал намекунанд, яъне сухану амалашон ба ҳам мувофиқ нест.

Ҷорӣ кардани ҷудоӣ ба хотири расидан ба қудрат ва нуфуз таҳдид ба пояҳои давлату миллат мебошад.

Аз ин рӯ, имрӯз мо бояд пеш аз ҳама сиёсати давлатамонро њамаљониба дастгирї намоем, зеро таъкид ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон ҳар яки моро ба ҳифзи Ватан, манфиатҳои миллӣ, ояндаи давлат ва ҷомеа, таъмини амнияту субот ва ҳимоя аз ин зуҳуроти хатарафзо ва манфии замон водор месозад.

**Ташаккур ба дикќататон!**

## ОИД БА СИЁСИШАВИИ ДИН ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ ГУРӮҲҲОИ ДИНӢ-ИФРОТӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Суханрониии Маҳмадизода Н. К**отиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.02.2024, н.Хуросон

**Муњтарам аъзои Шуро,**

**Њозирини гиромї,**

Њодисаҳо ва падидаҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеа мураккабу пурпечутоб буда, омӯзиши њамаљониба, таҳлили воқеӣ ва

баҳогузории объективиро талаб мекунанд. Дар замони муосир яке аз ин гуна масъалаҳо, ки дар шароити кунунии инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мубрам ва зарурӣ эътироф мешавад, сиёсишавии дин ва хосиятҳои асосии он мебошад.

Инкишофи давлатҳо дар шакли давлати дунявӣ ва ифодаёбии ҳокимият дар шакли низоми демократӣ омӯзиши масъалаҳо ва равандҳои ба онҳо таҳдидоварро муҳим гардонидааст. Дар ҷомеа ва давлатҳои муосир, ки ба њайси либералӣ ва демократӣ шумурда мешаванд, ҳама гуна равандҳои сиёсии монеъшавандаи рушди онҳо бояд аз ҷиҳати илмӣ дақиқ баррасӣ карда шаванд.

Масъалаи сиёсишавии дин баҳси рӯзмарраест, ки дер боз диққати олимон, таҳлилгарони соҳаҳои гуногуни донишҳоро ба худ ҷалб намудааст. Доирањои илмӣ ва академикӣ ба масъалаи мазкур бевосита таваҷҷуҳ менамоянд. Онҳо пайвастагиҳои ин ду падидаи ҷамъиятиро аз диди илмӣ баррасӣ намуда, ҳанӯз аз марҳилаҳои пешин тобеъ гаштани яке аз онњо ба дигар ва ё истифода бурдани яке аз онҳо аз ҷониби барандагони дигараш бо мақсадҳои гуногун, мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Сиёсишавӣ раванди афзоиши таъсири сиёсат ба дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин раванд сиёсат ва дин ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва ё таъсири дин ба рушди сиёсии ҷомеа назаррас мегардад. Сиёсишавии дин, аз нигоҳи омӯзишҳои назариявӣ ҳамчун ҷараён ва кӯшиши яке аз муҳимтарин падидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, идеологӣ ва эътиқодӣ ва барандагони субъектњои динӣ, қудратҳо баҳри динигардонии тамоми муносибатҳо, дар давоми таърихи сиёсии башар ба вуқуъ пайвастааст. Сиёсигардонии динро метавон роҳи махсуси субъектҳои мухталиф ба хотири тақвияти иродаи сиёсии онҳо тавсиф кард.

Ба муҳиммияти масъалаи мазкур таваљљуњ намуда, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронияшон дар мулоқот бо фаъолон ва намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар қайд намуданд "... имрӯз инсоният дар давраи бархӯрду зиддиятҳои шадиди низомӣ, хушксоливу камобӣ, қаҳтиву гуруснагӣ, таназзули иқтисодиёту иҷтимоиёт ва дар маҷмуъ, дар вазъи ниҳоят мураккаби таърихи худ қарор дорад. Бар асари омилҳои зикршуда солҳои охир мо шоҳиди дар чандин кишвари мусулмоннишин тавассути сиёсисозии ислом ё бо таъсиргузории исломи сиёсӣ ноором намудани зиндагии мардум ва халалдор сохтани вазъи амниятии давлатҳо

гардидем. «Инқилобҳои ранга» ва дигар равандҳои ба онҳо монанд, ки мисли ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуда буданд, аз куҷо сарчашма гирифта, ба куҷо оварда расониданд, имрӯз ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Сиёсикунонии дин як раванди сунъӣ буда, дар таълимоти ислом ҷойгоҳе надорад. Зеро дини ислом аз оғози пайдоиши худ сиёсӣ набуд ва сархати таълимоти онро нахуст хондану омӯхтан, сипас имон овардан ба Худо ва шинохти ягонагии ӯ ташкил медиҳаду халос".

Воқеан, дин ва сиёсат ҳамеша бо ҳам иртиботи зич доштанд. Аз ин рӯ, навовариҳо ва тағйиротҳои диниро берун аз манзараи сиёсии ҷомеа дарк кардан ғайриимкон ва арзёбии рӯйдодҳои сиёсӣ бе дарназардошти таъсири дин ба ҷараёни онҳо низ номумкин мебошад. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат яке аз тамоюлҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи сиёсат ва дин дар олами муосир аст. Раванди аввалї, яъне сиёсигардонии дин аксаран дар шаклҳои мухталиф зуҳур мекунад. Он як навъ майлон ва дараҷаи рӯоварии ходимони динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ ба фаъолияти сиёсӣ, раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, ташаккули дараҷаи маънавиёт ва шуури сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Динигардонии сиёсат бошад, ҳолатеро мефаҳмонад, ки сиёсатмадорон омилҳо ва унсурҳои диниро дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа ба назар мегиаранд. Метавон ҳолати мазкурро як тарафи тамоюли релятивизми инкишофи ҷомеа дар раванди инкишофи ҷомеа донист. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат дар тули таърих омезиш меёфтанд. Имрӯз низ дар шароити ҷаҳони дунявӣ ҳамкории дин ва сиёсат на танҳо қатъ нашудааст, балки шаклҳои нав пайдо карда истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муњтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлилу баррасии масъалаи сиёсишавии дин зикр намуданд, ки "... тайи чордаҳ асри охир яке аз воситаҳои санҷидашудаи бозигарони геополитикӣ татбиқи барномаҳои «исломи сиёсӣ» мебошад, ки барои амалисозии ҳама гуна тарҳу лоиҳаи муғризонаву манфиатҷӯёнаи онҳо истифода мегардад. Ҳамватанони мо хуб дар ёд доранд, ки ташкилоти террористиву экстремистии фаъолияташ дар кишвар манъшудаи «ҳизби наҳзат», яъне сабабгори асосии сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аз ҷониби бозигарони геополитикӣ чӣ гуна барои амалӣ намудани ҳадафи бунёди давлати исломӣ ва ба сари

мардуми мо бор кардани фарҳанги бегона ба майдон оварда шуд”. Дурустии андешаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро воқеъияти имрӯзаи инкишофи ҷаҳони муосир бозгӯ менамояд.

Дар охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI тамоюли сиёсишавии дин бештар хоси дини ислом гардид. Дини ислом ба як омили ҷиддии таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ ҳам дар дохили кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёфт. Дар баробари ин, сиёсӣ шудани дини ислом дар ҷаҳон ташаннуҷи иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меорад. "Эҳёи Ислом" ё "Эҳёи исломӣ" дар солҳои 1960 оғоз шуд. Асри ХХ, пас аз пошхӯрии системаи ҷаҳонии мустамликадорӣ шоҳиди мавҷи васеи тамоюли сиёсишавии дин гардид. Бар асари пошхӯрии низоми дуқутбӣ ва бадном гаштани идеяи коммунистӣ ҳамчун идеологияи ҷаҳонӣ ба раванди сиёсӣ шудани ислом такони нав бахшид.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки сиёсикунонии дини ислом вусъати нав гирифта, ҳатто дар як қатор кишварҳои рушдёфтаи Аврупои Ғарбӣ вусъат гирифтааст, ки оқибати ногувор хоҳад дошт. Аз љумла, маълум аст, ки  ҳар миллат аз рӯйи забон, фарҳанг ва шаклу тарзи либоспӯшияш шинохта мешавад. Аммо сиёсишавии ислом ба ин њам таъсири худро мегузорад. Дар ин радиф Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки “ ... мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои муътамад дар замони Абуҳанифа низ олимон ва донишмандони зиёде шоҳиди суистифода аз дин ба хотири манофеи сиёсӣ буданд, аммо касе ба андозаи Абуҳанифа ҷуръат надошт, ки ба таври ошкоро мухолифати худро бо худсариву қаҷравӣ баён кунад. Тавре ки имрӯз мушоҳида мекунем, гурӯҳҳои ифротӣ ва бегонапараст кӯшиш мекунанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ бо шиорҳои динӣ моро аз давлату миллати худ, аз асли тоҷик будан ва пояҳои устувори таъриху тамаддуни ниёгонамон дур созанд. Дар ҳоле, ки ислом либос наовардааст ва ҳамаи миллатҳо ва қавму қабилаҳо либоси миллии худро бо шартҳои исломӣ мутобиқ кардаанду халос”.

Муайян намудани сабабҳо, заминаҳо ва омилҳои сиёсишавии дин кори саҳл нест. Ҳолати мазкур аз гуногунии сабаб, замина ва омилҳо вобаста мебошад. Аз шумули сабабҳо ва омилҳои ба вуҷуд омадани сиёсишавии дин ҳамчун тамоюли динӣ-сиёсии замони муосир равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳамчун омили таъсиргузор ва аксаран шиддатзо ҳисобида мешавад. Дар ростои муайянкуниҳои

сабабҳо ва омилҳои сиёсишавии дин, сабабҳои дигари он аз равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ вобаста мебошанд. Ба ин раванд, махсусан, ҷаҳонишавӣ таъсири амиқ мерасонад. Аз ин рӯ, сабабҳои сиёсӣ шудани дин ва радикализатсияи онро дар сатҳҳои гуногун - ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дар сатҳи давлатҳои алоҳида баррасӣ кардан лозим аст.

Сиёсишавии дин дар шароите, ки буҳрони умумиҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷомеаҳои миллӣ эътироф мегардад, барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад. Ин тамоюлот ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳ ва шаклҳои гуногун таъсир мерасонад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои сиёсишавии дин паҳн гардидани идеологияи иртиҷоӣ ва тундагороёнаи диндорон ва руҳониён, таблиғи ғояҳои экстремистию террористии «исломизм» мебошад. Арзишҳои ғоявию идеологии мазкур аз ҷониби як қатор ниҳодҳои сиёсӣ, созмону ташкилотҳои иртиҷоӣ ва тундгаро, иттиҳодияҳо ва созмонҳои экстремистии дорои характери динӣ тарғибу ташвиқ мегарданд. Онҳо ҳадафҳои сиёсӣ ва қудратӣ доранд, ки асоси онро бо роҳи ғайриосоишта ва таҳдиду барангехтани моҷарои сиёсӣ таъсис додани шакли ҳокимияти давлатии теократї ташил медињад. Бо дар хавфу хатари сиёсишавии дин ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва ҳалли ин масъала низ хеле мубрам мебошад.

Давоми солҳои охир сиёсишавии дин дар шароити Тоҷикистони муосир масъалаи рӯзмарра ва баҳсноку мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзишҳои илмӣ қарор гирифта истодааст. Чунин вазъият аз воқеияти ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ вобастагии калон дорад. Барои Тоҷикистон баррасии масъалаи мазкур, муайянкунии сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоии он, инчунин таъсиррасонии он ба амният ва суботи кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Раванди сиёсишавии дин дар шароити давлати мо, дар шакли радикалӣ ва ифротиву терроризми динӣ ниқоб аз рӯи худ бардоштааст. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки неруҳо ва таъсиррасонии хориҷие, ки ба сиёсишавии дин дар шакли радикалӣ, террористиву ифротгароӣ мусоидат мекунанд ва аз шакл гирифтани чунин вазъият манфиатдор ҳастанд, бештар ба қишрҳои ниёзманди ҷомеа рӯ оварда, дар баъзе мавридҳо ба онҳо кумаки молӣ мерасонанд ва тавассути

таблиғоти идеологиву ғоявии худ онҳоро ба ҷониби худ ҷалб менамоянд.

Новобаста аз тадбиру чораандешиҳо дар самти пешгирии ифротишавии шуури ҷавонон, гурӯҳҳои ифротию динӣ ба таври пинҳонӣ фаъолият намуда, ҳоло ҳам ҷавонони моро ба доми худ даровварда ва гумроҳ намуда, ба манфиатҳои динию сиёсии худ истифода менамоянд. Бо њамин сабаб Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ дар суханронияшон дар мулоқот бо фаъолони ҷомеа ва ходимони дин қайд намуданд, ки “ Омӯзиш ва таҳлили масъала нишон медиҳад, ки барои сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик омили ифротишавии ҷомеа ва пайвастани шаҳрвандон ба созмонҳои террористии хусусияти динидошта дар шароити кунунӣ низ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ мемонад ва дар сурати пешгирӣ нагардидани ин раванд оқибати ногувор хоҳад дошт. Сохтору мақомоти дахлдори кишвар дар асоси барномаҳо ва дигар санадҳои қабулнамудаи Созмони Милали Муттаҳид, инчунин, меъёрҳои қонунгузорӣ бар зидди таҳдидҳои зикргардида мубориза муташаккилонаро ба роҳ мондаанд ва Тоҷикистон имрӯз ба сифати кишвари пешсаф дар самти мубориза бо терроризму экстремизм эътироф гардида, дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза мебарад. Чи тавре маълум аст, кишвари мо ба қатори яке мамлакатҳои амнтаринӣ дунё ворид шудааст, ки ин боиси ифтихор аст. Месазад, ки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати созандаи Президенти мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намоянд ва бо зуҳуроти ифротгароию терроризм мубориза баранд. Зеро ин оромию осудагии Тоҷикистон натиҷаи сиёсати созандаи роҳбарияти кишвар буда, бо дастгирии аҳолии ҷумҳурӣ ба даст омадааст.

Дар суханронияшон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки “бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда ба тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, кумитаҳои кор бо ҷавонон, дин, иттиҳодияҳои динӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар тарзу усулҳои муассири пешгирӣ кардани ифротгароӣ, хурофотпарастӣ ва вайронкунии маҳдудиятҳои бо қонун муқарраршударо роҳандозӣ карда, ҷиҳати баланд

бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тадбирҳои муассир андешанд".

Мо чунин мешуморем, ки хатари воқеӣ ба амнияти миллӣ метавонад аз ҳад зиёд сиёсӣ шудани дин ва инчунин паст будани дониши динӣ, иттилоъ дар бораи дин, чи шаҳрвандон ва чи дар байни худи диндорон бошад. Аз номи дин ташкил кардани ҳизб ва ба мақсадҳои сиёсии худ истифода бурдани он, моҳиятан, ба ҷомеа ворид намудани зиддият, конфронтасия аст. Ҷорӣ кардани ҷудоӣ ба хотири расидан ба қудрат, нуфуз ва шуҳрат таҳдид ба пояҳои давлату миллат дорад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиаташон зимни суханронӣ дар мулоќоти мазкур иброз намуданд, ки "... биёед, ба қадри ин Ватан, ин сарзамини биҳиштосои аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва нону намаки он расем, ба хотири ободии боз ҳам бештари Тоҷикистони азизамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон муттаҳиду сарҷамъона ва софдилонаву содиқона заҳмат кашем. Нагузорем, ки фарзандони мову шумо, яъне оянда ва баракату саодати минбаъдаи мо василаи дасти дигарон ва боиси бадномии миллати тамаддунсози тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ гарданд. Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки танҳо кадрҳои замони нав, яъне мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир метавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, обод созанд, тараққиёти давлатро таъмин намоянд ва ҷомеаро пеш баранд. Дар ҳазораи сеюм танҳо давлату миллатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки илму дониши пешрафта ва техникаву технологияҳои замонавӣ дошта бошанд. Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем ва дар назди наслҳои имрӯзу оянда, барои тақдири Ватан, давлат ва миллат масъулият дорем, ки рӯ ба мактабу маориф оварем, барои фарзандонамон шароит муҳайё кунем, ки бесавод намонанд, илму дониш омӯзанд ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоянд. Ин вазифаи ҷонии падару модарони азиз, аҳли маориф, роҳбарони тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, зиёиён, фаъолон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеа, аз ҷумла ходимони дин мебошад".

Хулоса, ба назари мо барои пешгирии сиёсишавии дин ҷомеаи тоҷик ва таъсири равияҳои ифротгарои исломӣ, қабл аз ҳама, доиман таъсири онҳоро дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва қишрҳои мухталифи аҳолӣ муайян кардан лозим аст. Барои анҷоми ин кор ба ҷуз мушоҳидаҳо ва ҳуҷҷатҳои ин таъсирро инъикоскунанда, бояд

таҳқиқотҳои мушаххаси сотсиологӣ интихобан дар якчанд минтақаи ҷумҳурӣ гузаронида шавад. Њамзамон, ба тарғиботи динию ифротии ин ҳаракату созмонҳо осори гаронмояи фарҳангию таърихӣ, аз ҷумла ганиљинањои адабиёти оламшумули тоҷик муқобил гузошта шавад. Ба ин хотир месазад, ки барои гиромидошти асари Фирдавсӣ «Шоҳнома» дар тамоми муассисањои тањсилоти миёна ва олии касбї курсҳои «шоҳномахонӣ» ташкил шаванд, ба таљлили ҷашнҳои миллӣ эътибори махсус дода, дар ин асос худшиносии миллиро тақвият бахшем. Боварию эътимоди комил дорем, ки бо роњандози чунин тадбирњо мо метавонем, ки аз сиёсишавии дин њамчун хатар ба фарҳанги миллӣ ва ба суботи ҷомеа пешгирї намоем.

**Ба диќќататон ташаккур!**

# ОИД БА «ШОЊНОМА»-И ФИРДАВСЇ ВАСИЛАИ МУЊИММЇ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ЉАВОНОН

**Суханронии Саидзода Р.Ҳ. В**азири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2024, н.Данғара

Муњтарам раёсат,
Аъзои Шурои љамъиятї,
Њозирини гиромї!

Истиќлолияти давлатии Љумњурии Тољикистон имконият дод, ки мардуми тоҷик:

- арзишҳои миллӣ ва динӣ дар сатҳи зарурї эҳё ва тарғиб шаванд;
- аз рӯзгор ва мероси бузурги шахсиятњои бонуфузи илмию адабии худ бохабар гардад;
- аз мероси бузургони гузаштаи худ бархурдор бошанд;
- мероси гаронарзиши олимону донишмандони миллати тоҷикро эҳё ва тасҳеҳу барои мутолеаи тамоми қишрҳои ҷомеа манзур намоянд.

Абулқосим Фирдавсӣ «Шоњнома»-и худро дар замоне эљод намуд, ки аз як сў њокимияти миллии мо – давлати Сомониён рў ба шикаст нињод, аз сўйи дигар љойи арзшњои бостонии Аљамро арзишњои сифатан нави исломї фаро мегирифт. Фирдавсї тавонист бо вуљуди ранљу азоби тоќатфарсо бо сухани љаззоби шоирона Аљамро аз нав зинда карда, мероси бузурги фарњангї ва анъанањои ватандўстии халќашро барои наслњои оянда ба ёдгор бимонад.

Ҳадафи бузурги миллии хешро дар байте чунин тафсир кардааст:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Сабаби таълиф:

- барои мондагории халқияти тоҷик дар саҳифаҳои таърихи башар дар муқобили футуҳоти араб;
-барои тасвири таърихи гузаштаи халқи тоҷик;
- собит намудани фарҳангу адаби мардуми ориётабор;
- барои пос доштани тамоми арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳувитясози миллӣ.

- барои эҳёи Аҷам ва тасвири шукуҳу нусрати давлатдории миллии тоҷикон дар масири таърих;

- ҷиҳати тасвири заминаҳои эҷоди арзишҳои миллӣ, пайдоиши ҷашну маросимҳои миллии Наврӯзу Сада, Тиргону Меҳргон;

- тарбияи наслҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, камолоти рустамҳои диловару гурд дар ҳама давру замонҳои таърихӣ;

- афзудани шумораи рустамҳо, яъне диловарони ватандӯст.

Муҳтавои асосии «Шоҳнома»:

-тарбияи ватандӯстӣ дар ниҳоди наслҳои ҷомеа;

- тарғиби оини ватандорӣ;

- мубориза ва зафари некӣ бар бадӣ;

-пирӯзии рӯшноӣ бар зулмот;

-муборизи роҳи ҳақ будан;

-тарбияи ғурури рустамонаву меҳандӯстона дар ниҳои наслҳо;

- шикастнопазири мардуми ориёитабор;

- ҷаҳду талош бароиояндаи неки сарзамини худ.

«Шоҳнома» инъикоскунандаи:

- муборизаҳои мардуми тоҷик тавассути тасвири асотиру муборизаҳои паҳлавонон барои ҳифзи марзу буми кишвар;

- ҳодисаҳои гуногуни воқеоти таърихии кишвар дар даврони мухталиф;

- саҳми аҳли илму ҳунар, донишмандону давлатмардони даврони гуногун дар бунёди шаҳрҳо ва ҳифзи онҳо аз мардуми аҷнабӣ;

- ҳифзи марзу буми кишвар;

- равишҳои ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ;

- талқини ғурури ориёй;

- расидан ба қадри инсон, сарзамин, олам ва табиат.

Шоир **хирад, маърифат ва дониш**ро муҳимтарин омили худшиносию худогоҳӣ дониста, чунин мефармояд:

Хирад раҳнамоию хирад раҳкушой,
Хирад даст гирадат ба ҳар ду сарой.

Маќсад аз бознашр ва таќсими «Шоњнома»-и Фирдавсї ба њар хонадон:

Пешвои миллат: **«**Омўхтани њамаљонибаи осори ниёгони бузург ва бањра бардоштан аз афкори њакимонаи онњо вазифаи њар

шахсест, ки худро вориси осори шуњратманди адабиёти оламшумули тољик медонад».

Маќсад аз бознашр:

- таърихи дурахшони гузаштаву имрўзаро донанд, то ба қадри истиқлоли миллӣ расида, арзишҳои онро ҳифз намоянд;

- ба арзишњои ахлоќию фарњангї ва миллию бостонї арљ гузоранд;

- офаридаҳои илмию бадеии аҳли илму эҷоди халќи худро эњтиром намуда, онҳоро ҳифз намоянд;

- насли ояндасози миллатро дар руњияи худшиносию худогоњї тарбия намоянд;

- ба ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва шукргузорӣ аз давлати ободу соҳибистиқлол рољнамої намоянд;

- марзу буми кишварро муќаддас донанд;

- ба қадри давлатсозию давлатдории гузаштаву имрӯзаи кишвар бирасанд.

- дар рўњияи паҳлавонию далерӣ, инсондӯст ва ҳунармандию касбомӯзӣ рӯ оварда, ҳаёти худро аз бегонашавӣ ҳифз намоянд.

Тавоно бувад, њар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

Ба гетї намнонад љуз номи нек,
Њар он кас, ки хоњад саранљои нек.

Ниёгони мо номдорон буданд,
Ба даҳр-андарун тоҷдорон буданд.
Набардоштанд аз касе саркашӣ
Ба тезию тундию бедонишӣ.

Ба ақидаи Фирдавсӣ, некиву накӯкорӣ яке аз хислатҳои наҷиби неки инсонӣ ба шумор меравад. Ӯ ба аҳли башар тавсия медиҳад, ки ба ҳамдигар меҳрубон бошанд ва ба якдигар танҳо некӣ кунанд. Зеро амали неки ҳар як шахс ҷовидонӣ аст:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

Васфу ситоиши хирад, илму дониш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ҷойи аввал меистад. Фирдавсӣ асари бузурги худ «Шоҳнома»-ро бо ситоиши хирад шурӯъ намудааст. Донишу хирад ҳамчун чароғи раҳнамои ҳаёти инсонӣ одамонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳо ин ақлу хирад ва дониш ба шумор меравад. Тавоноии ҳар як инсон, обрӯ ва эътибори ӯ маҳз ба илму дониши ӯ вобастагии қавӣ дорад:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Фикру андешаҳои ватандӯстӣ дар «Шоҳнома» мавқеи муҳим дорад. Ҳар як инсон ҳамчун шахси ватанпарвару ватандӯст бояд барои муҳофизати марзу буми кишвару ватани худ ҳамеша омода бошад:

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзорю.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Нафрату кинаву адовати беандоза нисбат ба душман яке аз хусусиятҳои аввали ватандӯстӣ ба шумор меравад:

Ҳама размро дил пур аз кин кунем,
Тани душманон ҷойи зубин кунем.

Хулоса, аз эҷод намудани достонҳои «Шоҳнома» муддати зиёде гузашта бошад ҳам, то имрӯз ин асари бузург аҳамияти тарбиявии ахлоқии худро гум накардааст. Ҳаминро бояд таъкид намуд, ки «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар рӯзгори мо барои тарбияи насли имрӯза, бахусус ҷавонон, аз аҳамият холӣ нест:

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

Некиву накӯкорӣ, ба ақидаи шоир, аз беҳтарин хулқу атвори инсонӣ ба шумор меравад:

Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

**Хулоса,** «Шоҳнома»-и Фирдавсї бо вуҷуди он ки дар тули зиёда аз ҳазор сол ба инсоният дарси ватандорию хештаншиносӣ омӯхтааст, дар замони муосир низ моҳияти таълимию тарбиявии бештаре касб кардааст.

Ҷавонони имрӯзи кишвар бояд аз ғояҳои инсонпарваронаи ин шоҳасари бузурги миллати тоҷик огаҳ бошанд ва тавассути он ҳаёту рӯзгори худро мунаввар сохта, бо ошноӣ ба дастовардҳои таърихии миллат аз гузаштаи миллати худ ифтихор бикунад.

Дар охир ба Шумо сарбаландию саодати рўзгор ва бењтарин хушињои зиндагиро таманно дорам.

**Аз таваљљуњатон сипосгузорам!**

# ОИД БА “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ВАСИЛАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

**Суханронии Хушвахтзода Қ.Х.** Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28.03.2024, н.Данғара

**Муҳтарам раёсат, ҳозирини гиромӣ!**

Таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик саршор аз ғояҳои башардӯстӣ, қаҳрамонӣ, ватансолорӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои умумиинсонист. «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Ҳасан ибни Исҳоқ ибни Шарафшоҳ Фирдавсии Тӯсӣ намунаи барҷастаи адабиёту фарҳанги ғановатманди тоҷик маҳсуб ёфта, дар мисоли худ ҳамто надорад. Услуб ва мазмуну муҳтавои ин асари мондагор то имрӯз диққати ҳазорҳо олимону донишмандонро ҷалб намудааст. Ҳамин аст, ки муаллифи онро бузургтарин ҳамосасаро дар таърихи адабиёти фору-тоҷик номидаанд. Ин чеҳраи мондагори миллати тоҷик бо эҷоди «Шоҳнома» кохи бегазанду ҷовидонае аз каломи манзум бунёд кард, ки он миёни 87 тан эҷодкорони «Шоҳнома» ҳамто надорад.

Дар ин асари безавол таърихи қаҳрамониҳои чеҳраҳои аҳди бостони халқи тоҷик инъикос гардида, барои наслҳои имрӯз ва фардои миллат чун намунаи олии қаҳрамонӣ дар роҳи истиқлол ва ҳифзи Ватан хидмат ҳоҳад намуд. Дар он шуҷоат, далерӣ, хирадмандӣ, таҳаммулпазирӣ ва дурандешӣ, ки нишони қаҳрамонист дар симои абармардони ориёӣ васф шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки қаҳрамони марказии ин шоҳасар – таҳамтани диёри ормонҳо Рустами Дастон аст, ки касе бар ӯ дар тӯли зиндагиаш пирӯз нашудааст. Рустам ҳомии боэътимоди марзу буми кишвар аст. Ҳатто Ҳаким Фирдавсӣ ин симои ормонии худро аз ҳокими замон – Султон Маҳмуд дар ҳузури ӯ ҳимоя менамояд. Дар ин шоҳасар корномаи наздик ба 50 тан шоҳон ситоиш мешавад, ки онро метавон бузургтарин қомуси давлатмардони замон унвон кард.

Ғояи меҳварии «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ асосан ватандӯстӣ, гиромидошти обу хоки Ватан, муттаҳидии мардумони кишвар ва аз як гиребон сар баровардани соҳибватанон ва монанди инҳо буда, шоири ҳаким ба ин маъни мегӯяд:

Ҳама сар ба сар тан ба куштанниҳем,

Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
Ё худ:
Бубандед бо якдигар домано,
Намонед бадхоҳу пиромано.

Ин қомуси миллии асримиёнагии фору-тоҷик шомили 63 достони комил ва 33 манзума буда, бо теъдоди 60 ҳазор байт рӯйи кор омадааст ва Ҳаким Фирдавсӣ дар эҷоди ин асари безавол сӣ соли умри азизро сарф кардааст, ки мегӯяд:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Ба қавли адабиётшиноси турк Зиёпошшои Усмонӣ, Фирдавсӣ бо эҷоди «Шоҳнома» тулӯъи офтобро як саду бист навъ тасвир кардааст, ки ҳеҷ тасвире ба ҳамдигар монанд нест.

Ин аст, ки дар эҷоди каломи манзум – «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсиро  аз силки симоҳои қудсии эҷод ном гирифтаанд, ки воқеан миёни оламиён беқиёс маърифат мешавад.

Метавон хулоса кард, ки Ҳаким Фирдавсӣ бо таълифи «Шоҳнома» дар эҷоди ҳамосаи миллӣ марҳалаи тозаи худшиносиро бунёд гузошт ва беш аз ҳазор сол аст, ки ба тамоми халқҳои форсизабон, аз ҷумла мардуми шарифи тоҷик сабақи гиромӣ доштани марзу бум ва азиз донистани арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва фарҳангӣ медиҳад.

Имрӯз ҳар як насли тоҷик аз мазмуну муҳтавои ин қомуси миллат бояд бохабар бошад, чи тавре, ки юнониён аз достонҳои «Иллиада ва Одиссея» бархӯрдоранд.

Омӯзишу дарки амиқи се паҳлуи ин асар: асотирӣ, қаҳрамонӣ ва таърихӣ имкон медиҳад, ки наслҳои наврасу ҷавони Ватан дар роҳи шинохти ниёкон ва ҳифзу гиромидошти муқаддасоти миллату давлат аз ҳарвақта дида бештар талош намоянд. Маҳз бо дарназардошти аҳаммияту муҳиммияти мазмуну муҳтавои ин қомуси миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Симпозиуми байналмилалии илмӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров  супориш доданд, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо тиражи калон нашр гардида, ба тамоми

оилаҳои кишвар тақдим карда шавад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар радифи китоби «Тоҷикон»-и академик Б. Ғафуров, ки аллакай дастраси ҳар як оилаи кишвар аст, дар рушди тафаккури миллӣ сарчашмаи муътамаде маҳсуб меёбад. Дар ин раванди бисёр ҳассоси таърихӣ, махсусан поймол гардидани сарҳадҳои миллӣ, бархӯрди манфиатҳои миллию фарҳангӣ ва масири бунёди давлатдории миллӣ омӯзиши чунин осори ғановатманд ва саршор аз ғояҳои миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Махсусан, ҷонбозиҳои қаҳрамонони асар дар роҳи ҳифзи сарҳади Ватан аз ҳуҷуми аҷнабиён, ғурури миллӣ ва дигар арзишҳои ватандорӣ, ки аз ҷониби муаллиф хеле хуб инъикос шудааст, дар бедорӣ ва рушди асолати миллӣ заминаи устувор мегузорад. Зарур аст, ки ҳанӯз аз давраи хурдсолӣ дар оилаҳо аз ҷониби волидайн мазмуну муҳтавои «Шоҳнома», махсусан корномаи қаҳрамонони он шарҳу тавзеҳ дода шавад. Дар шакли ривоят барои наслҳои наврас нақлу тафсир шавад, то аз гузашти пурифтихори хеш шарафманд бошанд. Бар ивази қаҳрамонони аҷнабӣ дар зеҳни фарзанди тоҷик бояд номи Рустам, Сӯҳроб, Исфандиёр, Сиёвуш, Гурдофарид, Кайхусрав, Лӯҳросп, Виштосп ва даҳҳо қаҳрамонони тоҷиктабор нақш бандад, то насли мо аз оила ба ҷомеа бо тоҷик будану ифтихор доштан аз миллияти хеш ворид шавад. Ҷасорати миллӣ аз хонадани чунин асаре монанди «Шоҳнома» сарчашма мегирад. Зеҳну хиради Кайхусрав ва ҷасорату матонати Рустаму Исфандиёр бояд барои насли мо намунаи олии қаҳрамонӣ бошад.

Бо дарназардошти ин ҳама гуфтан меарзад, ки имрӯз барои ҷомеа ва Ватани мо ҷавононе чун қаҳрамонони ин шоҳасар лозим аст, ки бо донишу хирад ва ҷасорати хеш дар бақои миллату давлат саҳмгузор бошанд. Бино бар ин, моро зарур аст, ки дар радифи саҳмгузорӣ дар инкишофи самтҳои мухталифи хоҷагии халқ, ҳамчунин дар ташаккул ва рушди афкори миллии фарзандони хеш бетараф набошем. Маърифати ҷомеа аз оилаҳо маншаъ мегирад, маҳз насли соҳибтафаккуру дурандеша кафолати бақои миллат аст.

Барои таваҷҷуҳатон изҳори сипос, сиҳатманду сарбаланд бимонед.

**Ташаккур ба диққататон!**

# ОИД БА "ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСӢ ВАСИЛАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

**Суханронии Гулаҳмадзода З. Р**аиси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2024, н.Данғара

**Муҳтарам ҳозирин,**
**Меҳмонони азиз!**

Имрӯз дар доираи нақшаи чорабиниҳои Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯҳои муҳим ва мубрам яъне "Шоҳнома" -и Абулқосим Фирдавсӣ василаи баланд бардоштани худшиносии миллии ҷавонон" интихоб гардидааст, ки аз ҷониби маърӯзачиён андешаҳои созгор баён гардид.

Бояд таъкид кард, ки дар партави сиёсати оқилонаи Асосгузори сулњу вањдати миллї - Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон, муњтарам Эмомалї Рањмон раванди инкишофи љањонбинии солими афроди миллат ва њидоят намудани љавонон ба худшиносиву худогоњї ва ватандўстї бо вусъати тоза ба рољ монда шуда истодааст.

Воқеан ҷаҳду талошҳои Сарвари давлатамон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ дар роҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ шоистаи таҳсин ва офарин буда, намунаи олии таҷассуми эҳтиром ва арҷгузорӣ ба таърих, фарҳанг, адабиёт, дин ва арзишҳои миллиамон мебошад. Хусусан, тарҷума ва нашри чандкаратаи Қуръони карим ба хатти сириллик, чопи осори мондагори бузургони гузаштаи миллат, нашр ва ҳадяи китоби Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" ба ҳар як хонавода аз иқдомҳои барҷастаи Пешвои миллат дар ин ҷода мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 декабри соли 2023 зимни суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалии илмӣ ба ифтихори 115-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров чун анъанаи шоҳони гузаштаи миллати тоҷик ба хотири огоҳии ҳарчи бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдодон дастур доданд, ки «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ чоп ва ба тамоми мардуми мамлакат дастрас шавад.

Ин иқдом идомаи ташаббусҳои дурбинонаву ватандӯстонаи Президенти Тоҷикистон аст, ки на танҳо ба тарбияи ватандӯстона, баланд бардоштани эҳсоси ватандории мардум, балки ба боло бурдани сатҳи маънавӣ, ҷаҳонбиниву дунёшиносии сокинони мамлакат махсусан насли ҷавони кишвар нигаронида шудааст.

“Шоҳнома”-и Фирдавсӣ шоҳкори беназири маънавӣ дар адабиёти тоҷику форс ва адабиёти ҷаҳон мебошад.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шоҳкории ҳамаи давру замонҳо буда, дар баробари васфи шуҷоату далерӣ, ватандӯстиву меҳанпарварӣ, ситоиши хирад ва дониш, ақидаҳои инсондӯстона, андешаҳои моломол аз ифтихорот нисбат ба расму оин ва ҷашнҳои ниёгонро дар бар мегирад.

Ҷанбаи муҳимтарини фалсафа ва фарҳанги нигориши мавзуъ ва муҳтавои Шоҳнома аз тарафи муаллифи он Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ пеш аз ҳама дар ҳифозат ва нигоҳдошти асолат, шукӯҳу шаҳомати забони тоҷикӣ форсӣ аст. Аҷобаташ ҳам ҳамин аст, ки тамоми калимаҳои дар Шоҳнома истифодашуда дар таркиби луғавии забони имрӯзаи тоҷикӣ мавҷуданд. Яъне Фирдавсӣ фарде аз табори ориёӣ, бо ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳоншиносии ориёӣ, бо ғуруру ифтихори ориёӣ зиндагию кору эҷод намудааст ва ба арзишҳои бунёдии ин фарҳанги зиндагибахшу зиндагисоз арҷу эҳтиром гузоштааст.

Шоҳнома як асари бунёдии муаррифгари фарҳанги миллии мо маҳсуб аст. Мазмун ва муҳтавои достонҳои он дар кадом шакле, ки набошад, чи асотирӣ, чи паҳлавонӣ ва чи таърихӣ таҷассумгари фалсафаи ибратбахши гузаштагон, ниёгони мост. Фирдавсӣ бо як маҳорати хос ва пайванди мантиқии тафаккуру андеша ҳодисаву воқеоти гуногунро пешорӯи хонанда меорад.

Имрўзњо љавонони кишвар низ ба хубї дарк карданд, ки ба хотири мустањкам намудани андешаи миллї ва устувории ѓояњои ватанпарварона самимона ва сидќан дўст доштани мењани худ, арљ гузоштан ба арзишњои неки миллї ва барои густариши онњо љањду талош намудан лозим аст ва Шоҳнома сарчашмаи асосии худшиносии миллии моро ташкил медиҳад.

Симои Фирдавсӣ ба ҳайси як мутафаккири забардаст ва андешаманди соҳибназар дар баён, шарҳу тафсири масоили кайҳоншиносию табиатшиносӣ, ҳамзамон зебоишиносӣ, аз ҷумла фалсафаи ҷашнҳои қадимаи мардуми эронинажод-Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон, дар масъалаҳои иҷтимою сиёсӣ- сохти

давлатдорӣ, муносибатҳои давлатдорӣ (сиёсати дохилию хориҷӣ) симои шоҳон, паҳлавонон, умури ҳукумат, коргузорӣ, боҷхоҷӣ, сипоҳиён, лашкар, образи табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, мардумони меҳнаткаш, деҳқонону косибон, занону духтарон, аҳли ҳунар ва санъат, муносибатҳои оиладорӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, таълиму тарбияи ҷавонон, арзишҳои ахлоқӣ, масоили марзию ҳудудӣ, шинохти ҷуғрофӣ ва ғ. хуб падидор ва намудор мегардад ва пеш ҳама аз намунае аз ҷанбаҳои мухталифи мазмуну муҳтавои Шоҳномаи арзишманди ӯст, ки тӯли 35 сол бо диду назари хос дар навишти он ранҷу заҳмат кашида, хома сарф кардааст.

Як ҷанбаи бисёр ифтихорӣ ва худшиносии Шоҳнома, ин муаррифии симои паҳлавонӣ ва шаъну салобати ҷавонмардии мардумони ориётабор аст. Ин паҳлавонӣ, на ҳамчун нишонаи зуроварӣ ва лашкаркашӣ, ё ғасбу куштори кишвару мамлакатҳо ва мардуми он, балки фарҳанги ватандорию, ватанпарварӣ, ҳимоят аз марзу буми хеш, ҷасурию далерӣ, танумандию солимӣ, мардонагию сарфарозӣ ва дигар сифатҳои неку ҳамида аст.

Дар шароити муосир барои бартараф намудани муаммоҳои дар ҷомеа ҷойдошта, фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он хеле муҳим аст. Дар ин раванд, бо мутолиаи «Шоҳнома» насли наврас ва ояндасози миллат метавонанд, аз фарҳангу тамаддун ва таърихи гузаштагони худ воқиф гарданд.

Ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ рукни асосии ҷавонмардӣ буда, корнамоиҳои қаҳрамонони тоҷик дар ҳимояи марзу буми хеш дар ин асари безавол ба риштаи назм кашида шудааст. Дарвоқеъ, «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ бузургтарин осори ҳамосӣ, чакидаи гаронбаҳотарини андеша, ёдгории арзишманди таърихӣ ва баёнгари расму ойинҳои аҷдодии халқи куҳанбунёди тоҷику форс дар ҷаҳони мутамаддин аст.

Насли наврас бахусус, ҷавонони имрӯза, ки бунёдгузори ояндаи миллат ва сармояи аслии давлат ҳастанд, агар аз рӯйи ҳикматҳои «Шоҳнома» амал кунанд, ҷомеаи мо воқеан ранги дигар ба бар мекунаду кишварамон боз ҳам машҳур гашта, дар баробари ҷомеа ва давлатҳои мутамаддини ҷаҳонӣ қарор мегирад.

Ҷавонони моро мебояд, ки аз ин ганҷинаи бебаҳо ва безавол чун дарси худшиносии миллӣ истифода бурда, ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии худро талқин диҳанд.

**Ташаккур ба таваљљуњатон!**

# ОИД БА “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ВАСИЛАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

**Суханронии Файзиддинзода Б.** Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 28.03.2024, н.Данғара

**Муњтарам Раёсат,**
**Њозирини гиромї,**

Таљлили иди бостонии Наврўзи оламафрўзро ба њамаи Шумо самимона табрику тањният гуфта, бароятон саломативу саодати хонадон, хуррамиву сарсабзии наврўзї орзу менамоям.

Наврўз низ ба мисли "Шоњнома"-и безаволи Њаким Фирдавсї паёми њикматомўз аз ќаъри њазорсолањост, ки аз густурдатарин идњои мардумони ориётабор, аз љумла тољикони соњибфарњангу соњибтамаддун ба шумор меравад, ки таблиѓгари накўкорї ва сулњу вањдат буда, ба сифати як љашни миллию байналмилалї дар њамгироии фарњангии кишварњо, сулњу суботи сиёсї ва дўстиву рафоќати мардуми сайёра наќши муассир дошта, инсониятро муттањид ва њамчун василаи бењтарини гуфтугўи тамаддунњо дар њамгироии фарњангии кишварњои њавзаи Наврўз ва тамоми мардумони кишварњои љањон наќши босазо дорад.

**Њозирини гиромї,**

«Шоњнома»- и Њаким Фирдавсї низ њидояткунандаи марому маќсади инсондўстона, сулњу субот, адолату маърифат, хулќу атвор, донишу хирад, ватандорию ватанпарастї, њувияту худшиносии миллї, ганљинаи хираду доної, сипар ва муњофизи инсоният аз бадињову бадкирдорињо мањсуб меёбад.

«Шоњнома» дарёи њикмату фалсафаи пешрафти њаёт, манбаи худшиносиву худогоњї ва Фирдавсї пуштибону вассофи мардумони хирадманду фарњангсолор мебошад.

Ќудрату тавоної, сарфарозиву воломаќомии инсон на танњо бо хиради фитрї, балки бо хиради азалї муяссар мегардад. Аз ин рў, шоир инсониятро ба зањмат кашидан дар роњи донишомўзї даъват мекунад ва инро василаи рањої аз њама зиштиву бадињо, пасту баландињо, умеду ноумедињои њаёт медонад.

"Шоњнома" танњо аз тасвири ќањрамонии шоњону корнамоии пањлавонон, љангу набардњо ва кишваркушоињо иборат нест. Ин шоњкориест, ки аз љанбањои гуногуни зиндагї, масоили умдаи њаётии инсон, моњияти оламу одам, њикмати рўзгор ва дигар масъалањои муњими њаёт њикоят мекунад. Худи Фирдавсї њам дар оѓози достон таъкид менамояд, ки асари ў аз баёни ривоятњои дуруѓ иборат набуда, аз роњи хираду дониш, илму адаб, љавонмардию

худшиносї, ватандорию ватанпарастї метавон аз он бањрањои фаровон гирифт.

Шоир аз ривояту асотири куњан сухан ронда, маќсаду мароми таълифи шоњасарро дар ошкор сохтани њаќиќати њаёт медонад. Аз ин љост, ки њар як хонандаро ба дарёфти воќеияти зиндагї даъват менамояд.

Њаким Фирдавсї наќши тарбияву њикматро дар ташаккули инсон ва рушду тавсеаи хиради он хеле бузург медонад. Њикмати амалї, ки дар асоси донишу хирад ва таљрибаи рўзгори инсон дар тули асрњо њосил мегардад, бо мурури замон сайќал ёфта, ба як василаи муњими тарбия табдил меёбад.

Аксари пандњои њакимонаи Фирдавсї аз ситоиши хираду омўзиши дониш ва амсоли инњо иборатанд, ки ба ифодаи худи шоир “панди хирад” мебошад ва аз рўи он амал накардан инсонро ба ранљу азобњо ва пушаймонї гирифтор мекунад.

Фирдавсї аксари панду андарзњои худро аз забони файласуфону муъбадон, ки тимсоли хирадмандонанд, баён намуда, танњо бо онњо ќаноат намекунад ва бо ѓояњои инсонпарваронаю ватандўстонаи ќањрамонони худ низ ба мардум панд медињад, роњу равиши дурусти зиндагиро пешнињод намуда, ба корњои накўву њамида рањнамої мекунад.

Суханвари тўсї маърифату дониш ва хирадро аз молу сарват авлотар дониста, њидоят менамояд, ки фарзандон дар ин рўњия бояд ба камол расанд. Шоир тањти мафњуми «хирад» волотарин хислатњои инсонї ва зери мафњуми «хирадманд» инсони комилро дар назар дорад.

Дар шоњасараш як силсила симоњои хирадманду адолатпеша офаридааст, ки бо андешаву рафтори неки худ намунаи ибрат ва шоистаи пайравии дигаронанд.

Дар нигари Њаким Фирдавсї зан дар таърихи сарзамини эронитаборон аз касони боаќлу хирад ва ботадбиру њушманд љилва мекунад. Њакими бузургвор пеш аз њама занони порсову ѓамгусор ва сухандону ройзанро ситоиш намуда, онњоро чун ганљи нодир бањо додааст ва гоње љойгоњи занро аз подшоњ болотар гузоштааст.

Њаким Фирдавсї љойгоњи дигари занро дар вафодориву фидокорї таљассум намудааст. Ба андешаи ў зани вафодор на танњо дар хонадони худ, балки дар љомеаи худ низ мояи ифтихор аст. Фирдавсии озармин занро пањлавонњои осмон ва зиндагибахши

дигарон номида, иффату покдоманӣ ва риояи шарму њаёро зевари зан шуморида, нармгуфториро сиришти некманишї ва мояи бињиштї буданаш донистааст. Дар баробари њамаи ин сифатњо яке аз фазилатњои дигари занро дар эњтироми љуфти худ ва мададу њамёрї намудан ба шавњар ва ба дунё овардани фаррухфарзанд мебинад.

Аз гузаштањои њазорсолаи мардуми эронитаборон пайдост, ки љойгоњи зан дар миёни мардуми мо танњо аз фазилатњои иффату покманишї ва фароњам овардани фазои осоишу ромиши хона иборат нест. Занон дар баробари мардњо на танњо дар хонавода њукмрон буданд, балки дар њунари тирандозї, аспсаворї, љанговарї бењамто буда, сипањсолориву рањбариро баргузида мешуданд ва бар тахти салтанат нишаста, ба оламе фармонравої мекарданд. Чунончи Бонугушасб, духтари Рустам, њамсари Гев, яке аз занони љасур ва размљўй буд, ки дар «Шоњнома» тасвири ў чунин омадааст, ки ў ба андозае зўрманду далер буд, ки камтар марде тавоноии рў ба рў шудан бо ўро доштааст. Духтари дигари Рустам бо разми диловаронаи худ Зол, Озарбарзин ва Тахвораро аз зиндон озод кардааст.

Дар нигари Њакими бузургвор зан мављудест нозук, вале дар далериву диловарӣ беназир ва дар разму базм роњнамои мардони љанговар аст, ки мардони силоњшур дар баробараш ба зону мезананд.

Симоњои барљастаи ќањрамонбонувони шинохта, ба монанди Гурдофариду Гурдия, бонувони хирадманду мушовири шоњаншоњон Синдухту Рудоба, бонувони љасуру далер Тањминаву Гурдия, шањбонуи њукмрону додвару ба донишу хирадманд Њумой, ки дар адлу дод аз падар њам болотар буд, як мактаби љасорату далерї, шуљоату матонат, адлу инсоф, инсондўстию хештаншиносї барои наслњои имрўзу фардои љомеаи мутамаддини мо аст.

Фирдавсї бо истифода аз сарчашмањои халќу аљдодони ориёии мо бо овардани ривояту ќиссањо дар ин достонњои љовидонї чунин образњоеро офарид, ки бо санъату мањорат ва ѓурури миллиашон тамоми таълифоту мафкурањои танги анъанавиро рахна намуда, андешањои дар баробари мардон обрў ва маќом доштани занонро нишон додааст.

Фирдавсї бо таљассуми симои Рўдоба, ки бар таассуби мазњабї бо рафтору кирдор, маърифатнокї ва хирадмандї пирўз гардида, кинањоро ба мењр ва душманро дўсту хеш гардонидааст, маърифату дониш ва хирадмандиро аз хамидатарин хислатњои инсонї дониста,

ќайд намудааст, ки шахси хирадманд њамеша на ба љангу хунрезї, балки ба сулњу накўкорї майл мекунад.

Шоир таъкид мекунад, ки шахси хирадманд њељ гоњ љангљўй нест ва хираду љанг бо њам созиш надоранд.

Мавзўъњои панду ахлоќї, ватандўстї, инсондўстї, некиву накўкорї, ростиву ростгўйї, донишу хирад, танќиди љањолат ва ситамкорї, њифзи ватан ва муњаббат ба он дар «Шоњнома»-и Фирдавсӣ ањамияти хоса дошта, ба аќидаи ў некиву накӯкорӣ, донишу хирад яке аз хислатњои наљибу неки инсонӣ њамчун чароѓи рањнамои њаёт одамонро ба роњи рост њидоят мекунад. Ў ба ањли башар тавсия медињад, ки ба њамдигар мењрубон бошанд ва ба якдигар танњо некї кунанд, зеро амали неки њар як шахс љовидонї аст.

Аз тањлилу тафсили асари безаволи Њаким Фирдавсї хулоса кардан мумкин аст, ки «Шоњнома» хаммосаи ќањрамонист ва њар як ќањрамону пањлавони номдор фарзанди модарест, ки дар шароиту хонаводаи муайян ва муњити сазовору мувофиќ ба камол расидааст. Ин муносибати оилавї ба ќисмати рафтору кирдори ояндаи инсонњо бетаъсир намемонад. Муносибат дар оила, ин пеш аз њама, ба лутфу назокат, кирдору андеша, њунару ќобилият, хирадмандиву маърифатнокии зан-модар вобастагї дорад.

Масъалаи ба дунё овардан, ба воя расонидан ва тарбияи фарзанд дар муносибати хонаводагї љои намоёнро доро аст. Бинобар ин, тарбия пеш аз њама, донистану шинохтани маќом, мартаба ва маќсади инсон буда, бењтарин рањнамои он хираду закоат, маърифату адолат, некию накўкорї дониста шудааст, ки аз мактаби бузурги зан-модар сарчашма мегирад.

Аз таълифи достони безаволи «Шоњнома»-и Њаким Фирдавсии Тўси муддати зиёде гузашта бошад њам, то имрўз ин асари бузург ањамияти тарбиявї-ахлоќии худро гум накарда, дар рўзгори мо барои тарбияи насли имрўза, бахусус, љавонон аз манфиат холї нест.

Фикру андешањои ватандўстї дар «Шоњнома» мавќеи муњим дошта, њар як инсон, махсусан, љавонон бояд њамчун ватандўстдорону ватанпарварон барои муњофизати марзу буми кишвари худ њамеша омода бошанд:

Њаким Фирдавсӣ дар асари безаволаш нишон дода тавонистааст, ки хираду заковат, маърифату худшиносї, инсондўстию ватанпарастї чароѓи равшани рўзгори мардумон дар тамоми даврон хоњад буд ва

номи неку кору пайкори инсонњои хирадпешаю адолатпарвар дар давраи њастии миллати хеш ҷовидона мемонад.

Ташаккур ба диққататон!

## ОИД БА “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ВАСИЛАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

**Суханронии Шодиён И.Р.** Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2024, н.Данғара

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барҳақ қайд менамоянд, ки “Фалсафаи ҳаётбахши Фирдавсӣ моро аз гузаштагонамон огоҳ сохта, сабақи омӯзанда ва ибратбахш барои наслҳои имрӯз ва фардо хоҳад шуд”.

Дар ҳақиқат огоҳӣ ёфтан аз бурду бохти гузаштаи худ дар шароити муосири пуртуғён барои наврасону ҷавонон бисёр сабақи бузурги ҳаётӣ аст. Шоҳнома на танҳо шукӯҳу шаҳомат ва азамату бузургии шахсони номдори таърихӣ, шоҳону паҳлавонони қадимро ёдоварӣ мекунад, балки як асари миллӣ, меҳандӯстӣ буда, аз он садо ва салои худогоҳӣ мерасад. Инчунин, дар парвариши рӯҳи озодихоҳиву истиқлолталабӣ ва муборизаҷӯёнаи мардум барои аз асорати арабу турк халос шудан, нақши муҳим доштааст ва дар ҳаёти пуртазоди имрӯзу ояндаи башар хидмати бузургеро ба анҷом хоҳад расонд. Масалан, Фирдавсии бузургвор қайд мекунад, ки:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Воқеан, мазмуни ин дубайти садои ғурури баланди худогоҳию ҷавонмардӣ, ватандӯстӣ ва муқаддас по доштани меҳану кишвар мебошад. Яъне , Ватан барои родмардони худогоҳ аз тану ҷон ҳам азизтар аст. Аз ин рӯ, баррасӣ, иброз ва табодули андешаҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллии ҷавонон бо дарназардошти вазъи кунунии сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ бениҳоят муҳим мебошад.

Ҳикмат, фалсафа, муҳаббат, расму русуми мухталифи зист ва амсоли ин бо тасвирҳои беназири қаҳрамонӣ, ки дар “Шоҳнома” мавқеи аввалро доранд, пайванди ногусастанӣ доранд. Аз ин лиҳоз, шоир дар мавридҳои мухталиф чун ҳаким ҳикматҳои дилнишин ва дилпазир пешниҳод мекунад, ки барои ҳама ва барои ҳамешагӣ ибратомӯзанд.

Инчунин, мутафаккир аз оғоз то анҷоми осораш ахлоқи ҳамидаро мадҳ мегӯяд ва ба санои инсон мепардозад. Албатта, барои инсоне, ки ҷисман ва рӯҳану маънаван комилу солим аст ва қодиру тавоно ба як зиндагии бошарафонаву ормонӣ ва ибратомӯз. Зеро ба андешаи Фирдавсӣ:

“Ҷаҳон сар ба сар ибрату ҳикмат аст”.

Дар ҳақиқат ин асари безавол аз бурду бохти давлатдории таърихии форсу тоҷик на танҳо маълумот, балки сабақи тарбиявию

худогоҳӣ ба мо ва наслҳои ояндаи мо дар ин дунёи пуртазод ва бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат медиҳад. Аҳаммият ва мавқеи "Шоҳнома" ҳамчун осори тарбиявию ахлоқӣ, таърихию фалсафӣ, забонӣ ва яке аз корҳои нодир дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ва ҷаҳон бисёр бузург аст. "Шоҳнома" дурри гаронбаҳо ва сармояи маънавии аҳли башар буда, ба забонҳои гуногуни давлатҳои хориҷӣ тарҷума шудааст.

Агар то имрӯз аз давраи эҷоди "Шоҳнома" зиёда аз ҳазор сол гузашта бошад, лекин ин осори таърихию худогоҳӣ арзиш ва аҳаммияти худро аз даст надодааст. Дӯстдорони адабу фарҳангу тамаддун онро мехонанду ба он пайравӣ мекунанд, пажӯҳишгарон дар мазӯъҳои гуногун онро таҳқиқ менамоянд ва ба он арҷ мегузоранд. Албатта, ин ҳикмати худро дорад ва бесабаб нест, зеро "Шоҳнома" як асари ҷовидонист, ки дар ҳама давру замонҳо ба дарди башар марҳам мебахшад. Ин асар дар роҳи нек зистан, сулҳу мадоро кардан, обод намудан, дӯстро аз душман ва разилони одамнаморо фарқ кардан, одамшинос будан, дарки дунёи пурпечутоб, зираки сиёсӣ, меҳру муҳаббат, садоқат ба оила ва ёру диёр, нотарсӣ аз паёмадҳои ноодилонаи зиндагӣ ва рӯҳафтода нашуда, мубориза бурдан бо заҳҳокнажодҳоро ба насли имрӯзаву ояндаи аҳли башар меомӯзад.

Ба ибораи дигар, "Шоҳнома" як осори миллӣ ва ватандӯстона аст, ки дар баробари эҷоди ифтихору худшиносӣ, парвариши рӯҳи ватандӯстӣ ва худогоҳӣ, ба ҷавонон дӯст доштани ҳаёт, дурӣ ҷӯстан аз бадиҳо, фитнаангезӣ ва ахлоқи разила, нодонию бемаърифатӣ, бадбинӣ, хашму ғазаб, беҳунарӣ, гумроҳӣ ва дигар амалҳои ғайриинсониро таълим медиҳад.

Аз ин рӯ, бисёре аз масъалаҳое, ки дар "Шоҳнома" дарҷ шудаанд, имрӯз низ ҳамчун масъалаи муҳим ва доғи рӯз қобили андешидан, дарк кардан ва ҳаллу фасл намудан аст. Масалан, масъалаи ҷангҳои байни шоҳон, ки дар "Шоҳнома" таҳлили густурда дорад, имрӯз ба яке аз проблемаҳои мубрам ва доғи рӯз дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Яъне, мо шоҳиди оем, ки низоъҳои миёни давлатҳои абарқудрат бо мақсадҳои геополитикӣ ва қувввaҳои ҷангҷӯю ифротгаро дар гӯшаву канори олам даст ба қатлу куштори мардуми оддӣ ва тифлакони бегуноҳ мезананд. Амалиётҳои террористию экстремистӣ мегузаронанд, ки дар натиҷа ҳазорон мардумони бечораю бегуноҳ кушта мешаванд, манзилҳо ва шаҳрҳо вайрону валангор

шуда истодаанд. Ин Заҳҳокони морон дар дигар ниқоб баҳри қонеъ намудани нафси ҳароми худ бо амалҳои аҳриманонаи худ насли инсониро аз рӯи замин нест карданӣ ҳастанд. Хурду бузурги аҳоли ҷаҳони муосир мехоҳанд, ки дар Афғонистону Сурия, Фаластину Украина ва дигар давлатҳо ҳар чи тезтар ҷанг хотима ёбанд, бо мақсадҳои нопоки худ дигар хуни ноҳақ нарезанд ва сулҳу суббот пойдор гардад. Роҳҳои ҳалли ҷангҳои бераҳмонаю бемаънӣ ва бахшоишу ба ҳам омадан ва ба сулҳу оштӣ расидан низ дар ин шоҳасари Фирдавсӣ бисёр андешаҳои ҳакимона пешбинӣ шудааст. Таҳқиқ ва дар таҷриба истифодаи ин шоҳбайтҳо аз "Шоҳнома" барои пешгирӣ ва аз байн бурдани хунрезиҳо ва ба ваҳдат омадани ин қувваҳои Заҳҳокнажод амри воқеист. Масалан, Фирдавсии бузург мегӯяд:

Ҳама меҳр ҷӯеду афсун кунед,
Зи тан олоти ҷанг берун кунед.

Туро оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг,
Фарохӣ макун бар дили хеш танг.

Ба ҷои ҷаҳон ҷустану корзор,
Мабодам ба ҷуз оштӣ ҳеҷкор.

Баъд аз таҳлили мазмуни баланди шоҳбайтҳои асари безавол ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

- "Шоҳнома" - и Фирдавсӣ ва рисолаҳои муҳаққиқони хориҷию дохилӣ ба ин асари бузург бахшида шуда, дастраси ҳамагон, махсусан наврасону ҷавонон бояд бошад. Бояд қайд намуд, ки оид ба ин шоҳасар таҳқиқотҳои зиёди илмию оммавӣ мавҷуд аст, лекин афсус дастраси ҳамагон нест. Бинобар ин, хуб мешуд, ки дар китобхонаҳои мактабӣ, бачагона ва калонсолони вилоят, шаҳриву ноҳиявӣ ва ҷамоатҳову деҳаҳо гӯшае бо номи шоҳномашиносӣ таъсис диҳанд ва асарҳои муҳаққиқонро дар бораи ин шоҳасар дар ин гӯша ҷамъоварӣ намуда, барои баланд бардоштани худшиносии милии ҷавонон шароити мусоид фароҳам оваранд. Алалхусус насли наврас, дар шинохти таърихии худ комёб бошанд, то ки аз ҳуҷуми афкори бегонаи ғаразнок ва хавфнок дар шароити ҷаҳони пуртазод, миллат ва кишвари худро дифоъ намуда тавонанд;

- дар саҳифаҳои нашрияҳо, телевизион ва радиои вилоят, шаҳру ноҳияҳо гӯшае дар бораи “Шоҳнома” барои баланд бардоштани ҳисси баланди ватандӯстии ҷавонон таъсис диҳанд ва дар васоити ахбори омма шоҳномахониро аз ҷониби нотиқони беҳтарин аз нав эҳё намоянд;

- имрӯзҳо ташкилотҳои экстремистию террористӣ наҳзатиҳо, ки дар хориҷи кишвар қарор доранд, аз дини ислом сӯистифода намуда, мақсад доранд, ки раванди сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии моро халалдор намоянд. Вақтҳои охир мушоҳида мешавад, ки гурӯҳҳои динӣ ифротӣ занонро ҳамчун восита дар корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бар зидди суботу оромии Тоҷикистон истифода мебаранд. Мақомоти ҳокимияти иҷроияи шаҳру ноҳия ва деҳотро зарур аст, ки корҳои тарғиботию ташвиқотиро байни ҷавонон ва махсусан занон ҷоннок намуда, озмуни шоҳномахони беҳтаринро дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳия ва деҳот ҷиҳати баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва ватандӯстӣ баргузор намоянд.

## ОИД БА “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ВАСИЛАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

**Суханронии Шодиён И.Р.** Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2024, н.Данғара

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тарғиби ватандорию ватандӯстӣ дар шоҳасари ҳаким Фирдавсӣ дуруст қайд менамоянд, ки “Фалсафаи манзуми ӯ моломоли ғояҳои ватанпарастӣ, башардӯстӣ, покиву нафосат, сулҳу сафо, панду андарз ва ахлоқи

ҳамида, шеъру набарду мубориза ва ҷонбозиҳо дар роҳи озодии халқу Ватан, дар роҳи адолату ростӣ аст”.

Дар ҳақиқат “Шоҳнома” як асари ҷовидонӣ ва ҳайратангези корнамоиҳои фарзандони фарзонаи форсу тоҷик, санъату ҳунар аст, ки ба зиндагӣ ва маърифати бани одам ҳамвора гулрезӣ ва атрафшонӣ мекунад. Фирдавсӣ дар пардози сухан, нишон додани лавҳаҳои муассир ва нотакрори зиндагӣ ва тасвиркорӣ бесобиқа аст. Ҳарф задан аз хираду дониш, илму фарҳанг ва аркони дигари ахлоқӣ, лаҳзаҳои лирикӣ ва ба вижа ғунҷонидани пандномаҳо дар “Шоҳнома” мӯҷиби бартарии он аз дигар осорҳои бузурги дунё гардидааст. Аз тарафи дигар, рӯҳ ва сухани панду ҳикматнигориро, ки аз бостонзамон моя мегирад, дар қарни хеш эҳё ва таъмин намудааст. Аз ин назар ҳам Фирдавсӣ адиби беназир аст ва ҳам меарзад, ки асари безаволи ӯ “Шоҳнома”-ро барои аҷамиён ва умуман баланд бардоштани сатҳи маърифати авлоди одам, ки хидмати беназир кардааст ва хоҳад кард мавриди ситоиш, баррасӣ ва омӯзиш қарор дод. Фирдавсии бузургвор дар асари оламшумули худ менависад, ки

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

Дониш, илм, биниш, ҷаҳоншиносӣ маънои луғавии маърифат аст. Маърифат бошад, заминаи фарҳанг, инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, ахлоқи инсонӣ ва қабл аз ҳама василаи муҳими баланд бардоштани худшиносии миллии ҷавонон дар шароити пуртазод, бархӯрди манфиатҳои нопоки абарқудратҳо ва вазъияти ноороми ҷомеаи ҷаҳонӣ аст.

Фирдавсӣ дар асари ҷовидонааш “Шоҳнома” беш аз ҳар чиз ба фазоили инсониву арзишҳои аҳлоқӣ таваҷҷуҳ намуда, дар шарҳи кулли рӯйдодҳо ва тавсифи пиндору рафтори паҳлавонони “Шоҳнома” ҳамвора некиҳоро ситоиш намуда, бадиҳоро маҳкум кардааст. Дар воқеъ, ӯ ҳамчун муаллими бузурги форсу тоҷик наметавонист, ки забон аз гуфтори ҳакимонаву тарбиявӣ баста намояд ва як ҷангноманависи оддӣ бошад. Албатта, ин гуна нест, ӯ ҳамчун шоири инсонпарвар ва некипараст масъулияти худро хуб дарк карда буд.  Дар ҳақиқат, манбаъ маншаи муҳаббат ва шавкати мардум баста ба дониш аст. Бинобар ин, мардум барои дастрасӣ ба дониш дар куллияи адвор кӯшидаанд, то рӯзгори хешро маъниву моя бахшанд, ноёфтаниҳоро биёбанд, даст ба эъҷозу корнамоӣ бизананд

ва дар доираи ҷамолу камол ва роҳату комгорӣ зиндагӣ намоянд. Мутафаккир ба ҳамин маъно гуфтааст:

Ба дониш равонро тавонгар кунед,
Хирадро бад-ин ба сар афсар кунед.

Обрӯй ва шукӯҳи мард аз маърифат аст. Аз ин назар, набояд пой дар кӯчаи бедонишӣ зад ва дар бероҳагиву саргумӣ зист ва ба бемоягию нокомӣ гардан ниҳод. Зеро беҳтарин раҳовард ва арзандатарин тӯшаи инсон дар ин олам дониш аст, ки ба василаи он шахс исмашро ҷовидонӣ ва намиранда мегардонад.

Мақсади шоир аз тарғиб ва тавсифи дониш дар "Шоҳнома" маърифатнокии инсон, рушди ҷомеа, ободии кишвар ва озодии миллат аст. Чунки бидуни дониш ба тараққӣ ва такмили маънавӣ ва худогоҳиву худсозӣ ноид шудан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ғояи ватандӯстӣ, ки Фирдавсӣ ҳамвора дунболи он меравад ва тору пуди "Шоҳнома"-ро ташкил медиҳад, низ ба мавзуи илму дониш, воқеаи пурпечутоби рӯзгори шоир ва суннати донишгароии ниёкони хирадманди мо иртиботи қавӣ ва ногусастанӣ дорад. Зеро:

Чу бунёди дониш биёмӯхт мард,
Сазовор гардад ба нангу набард.
Бад-ӯ бигравӣ, коми дил ёфтӣ,
Расидӣ ба ҷое, ки биштофтӣ.

Башар аз роҳи дониш ба рози зиндагӣ пай мебарад, роҳу равиш ва маънии онро ҳамаҷониба дармеёбад. Дониш чашм аст ва фақат тавассути он метавон пайдову пинҳонро дид ва шинохт. Ба андешаи мутафаккир, агар донишмардро чашми сар тира гардад ҳам, боке нест, зеро ӯ бо чашми дил, яъне дониш метавонад оламро бубинад ва дарк намояд:

Агар чашм шуд тира, дил равшан аст,
Равонро зи дониш ҳамон ҷавшан аст.

Баҳри инсон дар ин даҳр гаронмоятар аз дониш сарвате набуда ва нест. Гароиш ба ин сарвати маънавӣ мояи фахру фар ва бузургии ӯст. Аммо дониш бо амал зебандаву накӯст ва ҳар донише, ки ба амал ҳамроҳ нест, ҳеҷ аст. Назди Фирдавсӣ низ аз "гуфтор"-и донишмард дида "кирдор"-аш накӯтар аст:

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтор кирдор-ш беҳтар бувад.

Бедониши офат ва фоҷиа аст. Он ҷо ки нодонӣ фармонравоӣ мекунад, тараққиву саодат ва оромишу осоиш чун мурғи анқост. Аммо он ҷо ки дониш подшоҳӣ мекунад, ободу мутараққӣ ва оромишу осоишта аст:

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.

Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" ҳамвора ахлоқи ҳамидаро ситоиш намудаву разиларо мазамат кардааст. Бинобар ин, "Шоҳнома", дар баробари сифатҳои муҳими дигараш, хазинаи панду андарзи ҷовидона ва ахлоқи ҳамида низ мебошад. Дар ҳақиқат, "Шоҳнома" як навъ панднома ҳам ҳаст:

Нигаҳ кун бад-ин номаи пандманд,
Макун чашму гӯши хирадро ба банд.

Фирдавсӣ донишашро "ба шаб посбон", хирадро "тоҷи бедори ҷон" таъбир ва тавсиф мекунад ва ин ҳар дуро моя ва ваҷҳи хушбахтиву саодати инсон меҳисобад:

Ки дониш ба шаб посбони ман аст,
Хирад тоҷи бедори ҷони ман аст.

Шоир, пеш аз ҳама, дар асараш хирад ва хирадмандиро ситоиш менамояд ва аз мақоми арҷманди ақл ба хонанда хабар медиҳад, зеро, қавли Закриёи Розӣ, "парвардигори мутаол ақлро ба инсон ато намуд ва одамизод ба тавассути он он ба сарфарозию бузургӣ ноил гардид".

Аз ин рӯ, Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" ба масъалаи хирад таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир менамояд ва пайваста ин мавзуъро тарҳу баррасӣ мекунад. Бо ситоиши хирад шурӯъ шудани "Шоҳнома" далел бар он аст, ки муаллифи он ба хирад, ки бартарии инсонро аз тамоми мавҷудот таъмин менамояд, арҷи фаровон мениҳад. Ба андешаи

мутафаккир, беҳтарин чизе, ки Худованд ба инсон додааст, ҳамоно хирад мебошад:

Хирад беҳтар аз ҳар чи Эзад-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

Хирад раҳнамои башар аст. Ин маъниро кули донишмандон таъкид кардаанд ва онро ҳадяҳои бузурги Аллоҳ ба инсон донистаанд. Бинобар ин, инсон вазифадор аст, ки дар анҷоми корҳои хеш ҳамеша ба хирад такя кунад ва аз рӯи нишондоди он амал намояд. Агар заррае аз роҳи хирад берун қадам ниҳад, ҳатман ба мушкилоту бадбахтӣ рӯ ба рӯ мешавад ва аз кирдори хеш пушаймон мегардад:

Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.

Ба пиндори адиб, касе, ки доност, ҳамвора тавоност ба монанди машъалест дар зулмот, аммо марди нодон ҳамеша хору зор ва бар ҳеҷ гуна арҷмандӣ носазовор ва мисли гунгест дар бозор:

Фиристода гуфт:
“Он ки доно бувад,
Ҳамеша бузургу тавоно бувад.
Тани марди нодон зи гил хортар,
Ба ҳар некӯвӣ носазовортар”

Фирдавсӣ як умр дониш омӯхта, таҷриба андӯхта, то чунин шоҳасари нодир иншо намояд. Бад-ин маънӣ, ӯ худ марди дониш, шоири фарҳангтарову доно ва ҳакиму омӯзгори тавоно будааст. Яъне, “Шоҳнома” аз ҷиҳати омӯзгориву равоншиносӣ тарбияи фарзандро дар рӯҳияи ватандӯстиву донишандӯзӣ ва масъалаҳои педагогиву таълимиро матраҳ кардааст, ки аҳамияти фаровони назариву амалӣ дорад ва дар такмили минбаъдаи педагогикаи миллӣ нақши муҳим дорад. Чунончи, Фирдавсӣ дар ин байт ба мисоли як педагог, рӯҳшинос, ва мураббии пурмоя ба волидайн, ки яке аз вазифаи асосии эшон тарбияи саҳеҳ ва солими фарзандон аст, панд ва дастур медиҳад, ки фарзандони хешро ба фаро гирифтани дониш ҷалб намоянд ва доираву фазои бозиву беамалии кӯдаконро ҳар чӣ тангу маҳдуд

бисозанд, зеро наврасӣ ва ҷавонӣ беҳтарин айёми омӯзиш ва ёдгорист:

Чу фарзанд бошад, ба фарҳанг дор,
Замона зи бозӣ бад-ӯ танг дор.

Шоири бузургвор дар "Шоҳнома" бартарии донишро бар симу зар низ таъкид кардааст. Масалан:

Дари дониш аз ганҷ номитар аст,
Ҳамон назди доно гиромитар.
Сухан санҷу динору ганҷе масанҷ,
Ки бар донишмард хор аст ганҷ.

Нависандаи муосири Эрон Ҷоҳиз байти болои Фирдавсиро чунин шарҳ медиҳад: "Фарзандро ба шаҳди дониш парвариш кунед ва ӯро бо эҳтироми хирад омӯхта кунед, то дар зеҳни ӯ андӯхтани дониш бар андӯхтани сарват афзал бошад", ки ин гуфтаҳо ба тарбияи фарзанд дар замони мо муовифиқ аст. Яъне, молу сарват тавакали зиёд дорад, лекин дониш сармояест, ки тавакал надорад, лекин даромади пайвастаи доимӣ дорад.

Хулоса, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ на танҳо ҳамосаи бузурги миллӣ, достонҳои бузурги паҳлавонию қаҳрамонӣ, таҷассумгари таърих ва ифтихори ниёкони мо, балки махзани панду андарзи ҳакимонаву ҷовидона низ маҳсуб меёбад. Агарчи дастурҳои ахлоқии Фидавсӣ барои одамони тамоми синну сол муфиду омӯзанда мебошанд, аммо, пеш аз ҳама, аз онҳо ҷавонон, алалхусус мактаббачагон, ки ҳанӯз таҷрибаи зиёди зиндагӣ надоранд ва ба раҳнамоӣ ниёз доранд, метавонанд дарси одобу аҳлоқи ҳамида биёмӯзанд.

Аз ин рӯ, мо бояд дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятию ноҳиявӣ шоҳномахониро, дар шаклҳои гуногуни дастрасии иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион, радио, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ғ.) роҳандозӣ намоем ва бад-ин тартиб шоҳномахонону шоҳномадононро таълиму тарбия ва ба воя расонем. Дар ин замина ташкили барномаҳои мухталифи телевизиониву радиоӣ ва интернетӣ, ки бо қаноату тавзеҳу ташреҳи "Шоҳнома" иртибот мегиранд, судманд хоҳад буд.

# ОИД БА НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ НБО-И "РОҒУН" ВА АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИН ИНШООТИ АСР

**Суханронии Аброрӣ Ш. М**ушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, аз 26.04.2024, ш.Роғун

**Муњтарам раёсат, аъзои Шӯрои љамъиятї, њозирини гиромї!**

Хизматњои Пешвои муаззами миллат дар бунёди ин иншооти аср бенињоят бузург буда, дар доираи як суханронї њамаи онњоро иброз намудан ѓайриимкон мебошад.

Месазад, ки вобаста ба хизматњои ин марди таърихї дар бунёди ин иншооти стратегии кишвар ва дорои ањаммияти байналмилалї садњо китобу асарњои бузурги илмї барои имрўзу фардои миллат навишта шавад.

Чи тавре, ки Пешвои миллат ќайд намуданд, бунёди НБО «Роѓун» муҳимтарин лоињаи инфрасохтории кишвари мо ба њисоб меравад. Татбиқи ин лоиҳа метавонад мардум ва иқтисодиёти моро аз камбуди барқ раҳоӣ бахшида, ба яке аз њадафњои стратегии давлат, яъне "истиќлолияти энергетикї" расонад.

**Њозирини гиромї,**

НОБ «Роғун» маҳз бо талошу заҳматҳо, шуҷоат ва истодагарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва халқи заҳматкаши тоҷик бунёд шуда истодааст.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, фалаҷ гардидани шохаҳои давлат сохтмони ин неругоҳ қатъ гардида, тӯли солҳои дароз дар натиҷаи барфу борон ва офатҳои табиӣ нақбҳо зери лой ва техникаҳои он талаву тороҷ гардида буданд.

Ба шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи НБО «Роғун» аз нав эҳё гардид.

Ба ҳамаи монеаҳо ва проблемаҳои дохиливу беруна нигоҳ накарда Сарвари давлат тавонист сохтмони ин иншооти бузургро барқарор ва орзуву ормонҳои деринаи мардуми азияткашидаи тоҷикро ҷомаи амал пӯшонад.

Илова бар ин, дар бунёди ин иншооти бузурги стратегӣ бисёр монеаҳо мавҷуд буданд, ки ҳалли он аз қатъият, далерӣ, шуҷоат ва истодагарии Пешвои миллат вобастагӣ дошт.

Пешвои миллат бароиояндаи дурахшони миллати тоҷик синаи худро сипар намуда, барои ҳалли ин масъалаи ҳаётан муҳим кӯшиш ба харҷ доданд.

Ниҳоят баъди се соли талошу мубориза Пешвои миллати тоҷик тавонист ба ҷаҳониён исбот созад, ки бунёду барқарорсозии ин иншооти муҳимму стратегӣ барои таъмини зиндагии сазовори наслҳои имрӯзу ояндаи миллати тоҷик зарур ва ҳатмӣ мебошад.

**Њозирини гиромї,**

Бо иқдомҳои созандаи Пешвои муаззами миллат дар замони соҳибистиқлолӣ соҳаҳои энергетика ва дигар бахшњо рушд ёфта, ин раванд бомаром идома дорад.

Аз ҷумла дар ин давра неругоњњои барќи обии хурду бузург, хатҳои интиќоли барќ, зеристгоњњои барќї бунёду таљдид карда шуда, иќтидори энергетикии кишвар афзоиш ёфтааст.

Хусусан бояд қайд намуд, ки бо кӯшишу зањматњои дурандешонаи Пешвои миллат сохтмони НБО «Роѓун» бо суръат идома ёфта, 2 агрегати он ба истифода дода шуд.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Чуноне Пешвои миллат дар Паёми ќаблиашон ќайд карданд, “соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.”

Њукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки соли 2025 агрегати сеюми НБО «Роғун»-ро ба истифода диҳад.

Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд.

Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100

фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад.

**Њамкорони муњтарам!**

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди НБО «Роғун» аз лиҳози мазмун ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро фаро мегирад, ки онњо ба рушди кишвар нигаронида шудааст.

Дар воқеъ, ин неругоҳ аз ҷиҳати иқтидори техникӣ ва истеҳсоли неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза барои саноатикунонии кишвар заминаи асосӣ мегузорад ва ин нуќта дар сиёсати Сарвари давлат ҷойгоҳи хоса дорад.

Агар ба таърихи сохтмони НБО «Роғун» назар кунем, ба далелҳое вомехӯрем, ки аз мавқеи собитқадамонаи Пешвои миллат дар сиёсати энергетикии кишвар шаҳодат медиҳанд.

Агар Иттиҳоди Шӯравӣ барои сохтмони ин неругоҳ чорсад корхонаро ҷалб карда бошад, тибқи сиёсати имрӯзаи Сарвари давлатамон сохтмони неругоҳ на бо даъвати бештари мутахассисони давлатҳои ҳамҷавор, балки бо ҷалби бинокорону сохтмончиёни маҳаллӣ ҷараён мегирад.

Боиси зикр аст, ки ин иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аксари давлатҳоро дар ҳайрат гузошт.

Дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми НБО «Роғун» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, бо ифтихор аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ва мардуми тоҷикро бо ин чорабинии муҳим табрик намуданд.

Махсусан қайд намуданд, ки сохтмону таҷдиди неругоҳҳои барқи обӣ, марказҳои барқу гармидиҳӣ, бунёди хатҳои интиқоли неруи барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ, инчунин,ислоҳоти соҳаи энергетика дар солҳои охир имкон дод, ки таъминоти аҳолӣ бо нерӯи барқ ва фаъолияти инфрасохтори энергетикӣ ба таври назаррас беҳтар гардида, содироти неруи барқ ба кишварҳои ҳамсоя дар мавсими гармо афзоиш дода шавад.

Дар баробари афзалиятњои миллї НБО-и «Роғун» инчунин дорои ањаммияти байналмилалӣ мебошад.

Сохта ба истифода додани ин иншооти бузурги аср сабаби зиёд гардидани нуфузу эътибори мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ мешавад.

**Њозирини гиромї,**

НБО «Роғун» — и бунёдшаванда на танҳо ба эҳтиёҷоти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳолии даҳмиллионаи он, балки ба содироти неруи барқи арзон ба кишварҳои СҲШ — Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва Чин мусоидат мекунад. Ба анҷом расидани НБО «Роғун» ва лоиҳаҳои дигари гидроэнергетикӣ ба Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки содироти неруи барқро ба миқдори то 4 ҳазор МВт дар як сол татбиқ намояд.

Яъне, неру ва оби НБО «Роғун» ба пешрафти на танҳо Тоҷикистон, балки минтақа мусоидат хоҳад кард.

Њамзамон сарбанд ва обанбори НБО-и «Роғун» шароити мусоидро барои муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ фароҳам меорад ва кишвари моро ба макони сайёҳии байналмилалӣ табдил медиҳад.

Анҷоми сохтмони НБО «Роғун» ба дигар ҳамсояҳои наздиктарин — Ӯзбекистон ва Туркманистон низ манфиати назаррас хоҳад овард.

Ин неруи барқи арзон хоҳад буд, ки ин кишварҳо барои харидани он омодаанд.

Олимон ҳисоб кардаанд, ки пас аз бунёди сарбанди НБО «Роғун», Ӯзбекистон ва Туркманистон метавонанд ҳар сол 6 километри мукааб об гиранд, ки барои обёрии 300 ҳазор га кофӣ хоҳад буд.

Чунин ҳаҷми об метавонад барои боздоштани хушкшавии баҳри Арал кумак расонад, моҳияти пештараи моҳипарварӣ ва нақлиётро барқарор кунад, муҳимтар аз ҳама, системаи экологиро эҳё намояд ва дар маҷмӯъ, вазъи иҷтимоӣ ва саломатии аҳолии минтақаро беҳтар созад.

Таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ қобилияти ҳаётӣ ва дарозумрии сарбанди НБО «Роғун»-ро дар шароити муайян тасдиқ мекунад.

Истифодаи дурусти ин иншооти гидротехникӣ бо ба кор андохтани тамоми иқтидор метавонад барои Тоҷикистон ва ҳам кишварҳои поёноб манфиати бештар орад.

Дар ҳама шароит сарбанди НБО «Роғун» барои кишварҳои наздисоҳилӣ дар самти таҳияи механизмҳои иловагии

институтсионалӣ — ҳам уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳам кафолати молиявӣ ва ҳам дигар манфиатҳо бе баҳс манфиатовар аст.

Маҳз НБО «Роғун» имкон медиҳад, ки амнияти таъминоти барқ дар Тоҷикистон ба таври назаррас афзоиш дода шавад ва ба истеҳсоли миёнаи тақрибан 30 фоиз қувваи барқ барои солҳои 2020 — 2050 мусоидат намояд.

Лоиҳаи НБО «Роғун» ба ҳалли масъалаи шуғл низ мусоидат мекунад. Он аллакай сатҳи бекорӣ ва сатҳи камбизоатиро коҳиш додааст.

**Њамкорони муњтарам!**

Ҳамин тариқ нақши Пешвои миллат дар бунёди НБО «Роғун» ниҳоят бузург мебошад. Зеро маҳз дар чунин давраи мушкилу ҳассос проблемаҳои мавҷударо ба зимма гирифта кӯшиш ба харҷ доданд, ки амнияти энергетикии миллатро таъмин намоянд.

Ба таъкиди коршиносони байналмилалӣ, ибтикори Сарвари давлати Тоҷикистон дар бунёди НБО «Роғун» муҳаббати бепоён ба халқу Ватан ва талошҳои хастанопазир барои зиндагии беҳтару шоистаи мардум мебошад, ки на фақат истиқлолияти энергетикии мамлакатро таъмин мекунад, дар иқтисодиёти миллӣ ҷаҳишҳо ва пешрафтҳои беназир ба амал меоварад, балки ба сифати ғояи ҳаётбахши умумимиллӣ ваҳдату иттиҳоди халқи Тоҷикистонро аз азамату пойдории бештаре бархурдор менамояд.

## ОИД БА НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ НБО-И “РОҒУН” ВА АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИН ИНШООТИ АСР

**Суханронии Шарифа Х.О. М**уовини Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, ш.Роғун

Ташкилкунандагони мӯҳтарам, аъзоёни Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Роғун, муњтарам бунёдкорони

неругоњи “Роѓун”, муњтарам мутахассисон ва сохтмончиён, намоядагон ва фаъолони ҷомеаи шаҳрванди, иштирокчиени мӯҳтарами мизи мудаввар!

Ҳамкорони азиз, хонумҳо ва ҷанобон.!

Иљозат фармоед, бо арзи эњтирому самимияти бепоён аз номи роњбарияти Вазорати энергетика ва захирањои оби Љумњурии Тољикистон ва шахсан худам, њузури њамаи Шуморо дар чорабинии имрўза, ки дар ин макони нур - иншооти бузургу муњими аср, мегузарад салому сипосу хайра маќдам мегўям.

Боиси ифтихор аст, ки дар арафаи чорабинињои таќдирсози Ватанамон баргузор гардидани маракањои имрўза рамзї буда, барои мо туњфаи олї ба њисоб меравад.

Вањдати миллї, ки бунёдгузори осудагии мардум ва кафолати пешравии љомеа ба њисоб рафта, мањз бо кўшишу зањматњои шабонарўзии Асосгузори сулњу вањдати миллї, Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат муњтарам Эмомалї Рањмон ба даст омадаву моро љониби ободии Ватани мањбуб ва устувор гардидани дўстиву якдилии байнињамдигарї рањнамої менамояд, дастоварди камназири давлату давлатдории мардуми куњанбунёди тољик ба шумор меравад.

Њозирини гиромї!

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият новобаста аз мушкилотњои иќтисоди корњои назарасеро анљом доданд. Дар солҳои аввали истиқлолият танќисињои зиёди таъминоти барќи ба миён омаданд. Самтҳои стратегии ҳукуматиро бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи дохилии таҳкими соҳибихтиерӣ таҳия кардан лозим буд.

Дар робита ба ин, бартарии асосии Тоҷикистон мавҷудияти захираҳои бузурги гидроэнергетика, яъне дарёҳо ва кӯлҳо буда, захираҳои об дар кишвар манбаи асосии истеҳсоли энергия ба шумор рафта, 95% – и барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешаванд.

Дар ҳудуди кишвар тақрибан 947 адад дарёҳо ва 1300 кулҳо буда, 93 фоизи иқтидори мавҷуда аз ҳисоби гидроэнергетика ба вуҷуд меоянд.

Ҳамасола 30-35 км$^3$ об аз неругоҳҳои барқи оби гузашта, дар маҷмуъ зиёда аз 20-21 млрд. кВт. соат неруи барқ истеҳсол менамоянд.

Ѓайримикон будани тараќќиёти иќтисодиёти давлати тозаистиќлоли Тољикистон бе афзун намудани неруи барќ њануз аз рўзњои аввал давлату Њукумати Љумњурии Тољикистон зери Сарварии оќилу дурандеши худ муњтарам Эмомалї Рањмон љињати таъмини истиќлолияти энергетикї ва зудтар ба истифода додани иќтидорњои НБО «Роѓун» наќши бузурги он кас арзёбї карда мешавад.

Маврид ба ќайд аст, ки сохтмони неругоњи Роғун ҳанӯз солҳои 70-ум оѓоз ёфта буд, аммо бо баъзе сабабҳо он дар аввали солҳои 90-ум боздошта шуда буд. Эњёи сохтмони НБО “Роѓун” ин яке аз тасмимгирињои сарнавишсозест, ки Асосгузори сулњу вањдати миллї - Пешвои муаззами миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон, муњтарам  Эмомалї Рањмон бо љасорату хирадмандї ва такя ба мардуми шарифи Тољикистон иќдом намуданд.

Мањз дурбинї, кордонї ва азму иродаи ќавии Сарвари давлат муњтарам  Эмомалї Рањмон буд, ки соли 2007 бо дарназардошти талабот ва стандартҳои муосири бехатарӣ Њукумати Љумњурии Тољикистон ба Бонки Ҷаҳонӣ барои ташхиси байналмилалии лоиҳа муроҷиат кард. Раванди музокирот ва омода кардани ҳуҷҷатҳо барои ин раванд тӯли 3 солро дар бар гирифт.

Бо маќсади шаффофият ва таъмини бехатарии давлатњои поёноб бо пешнињод ва даъвати бевоситаи Пешвои миллат, Асосноккунии техникии иқтисодӣ (TEAS) ва арзёбии таъсири муҳити зист ва иҷтимоӣ (АТЭИ) соли 2011 таҳти сарпарастии Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки ширкатҳои байналмилалӣ ва ду Гурӯҳи коршиносони мустақил — оид ба муҳандисӣ ва бехатарии сарбанд ва арзёбии таъсири иҷтимоӣ ва экологӣ оғоз карда шуд.

Ҳадафи асосии ин таҳқиқот муайян кардани имконпазирии лоиҳаи пешниҳодшудаи НБО Роғун ва арзёбии мустақилона ва объективии лоиҳаи пешниҳодшуда бо назардошти омилҳои техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад. Ҳама ҳисоботҳои пешакӣ ва ниҳоии баҳогузорӣ барои НБО Роғун 1 сентябри соли 2014 интишор ёфта буданд, ки ба охир расидани раванди арзёбӣ мебошад.

Тибқи ин арзёбиҳо, лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун» ҳам аз ҷиҳати техникӣ, аз ҷиҳати экологӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии бехатарӣ эътироф карда шуд.

Натиљањои тадќиќотњои бори дигар исбот сохтаанд, ки аз се варианти баррасишуда сохтмони Садди асосї бо баландии 335метр аз

сатњи баҳр ва бо иќтидори лоињавии 3600МВт дар минтаќа аз љињати таъмини бехатарї ва аз лињози иќтисодї бењтарин буда, на танњо барои Тољикистони азизамон балки барои тамоми давлатњои минтаќа фоидаовар мебошад.

Сохтмони НБО Роғун дар чанд марҳила ба нақша гирифта шудааст, ки марҳилаи аввали он пур кардани сарбандро ба баландии 135 м ва насби ду гидроагрегати дар сатҳи паст кор мекардаро дар бар мегирад.

Дар сурати бо иқтидори пурра ба кор андохтани НБО Роғун, як қатор масъалаҳои мавҷуда, ҳалли худро меёбанд, аз ҷумла, норасоии нерӯи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон пурра пӯшонида шуда, имкониятҳои содиротии системаи энергетикии Тоҷикистон низ меафзояд. Мӯҳлати истифодаи тамоми маҷмааҳои гидроэнергетикии силсилакӯҳи Вахш низ дароз карда мешавад ва барои танзими силсиланерӯгоҳҳои обӣ имкониятҳои техникӣ пайдо мешаванд, ки ин кори системаи энергетикиро ҷоннок намуда, тавлиди нерӯи барқро дар истгоҳҳои поёноб зиёд мекунад.

Метавон гуфт, ки сохтмони лоиҳаи НБО Роғун дар замони соҳибистиқлолӣ аз сифр оғоз шуд ва санаи 16 ноябри соли 2018 аввалин агрегат гидроэнергетикии НБО «Роғун» бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва намояндагони ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, корпусҳои дипломатӣ, бинокорон ва намояндагони тамоми минтақаҳои кишвар санаи 16 ноябри соли 2018 ба истифода дода шуд ва 9 сентябри 2019 агрегати дуюми он мавриди истифода қарор гирифтанд.

Неругоњи  Роғун иншооти тақдирсоз, омили боз ҳам баланд гардидани сатхи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мебошад. Оғози фаъолияти нерӯгоҳ муҳимтарин рӯйдоди таърихи давлатдории мардуми тоҷик аст ва он дар солномаи таърихӣ бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Зеро нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолшуда талаботи Тоҷикистонро ба нерӯи барқ пурра қонеъ намуда, ба рушди иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Бо бунёди пурраи ин неругоҳи бузург мо на танҳо мушкилоти нарасидани барқро барои аҳолӣ ҳаллу фасл менамоем, балки ба хотири рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти мунтазами корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, муҳайё

намудани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан, маорифу тандурустӣ заминаи устувор фароҳам меоварем.

Чи хеле њамагон медонанд, аввали соли 2010 Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон ба мардуми Тољикистон вобаста ба сањмгузорї дар сохтмони НБО»Роѓун» бо муроїиатнома баромад намуда, аз љумла ќайд намуданд, ки: «Бо бунёди Роѓун мо имрўзу фардои ободи Тољикистони азизамонро ва зиндагии пурсаодати фарзандону наберањоямонро месозем!

Зеро Роѓун манбаи адонашавандаи нур аст, ки Тољикистонро дар оѓуши Шарќи куњан ба ахтари њамешатобон табдил хоњад дод!

Роѓун – сарчашмаи ифтихори миллии њаряк фарзанди Тољикистон ва рамзи сарбаландии имрўзу фардои мост..»

Муњтарам њозирин!

Албатта, ин иншооти њаётан муњим бо истифода аз технологияњои бењтарину навтарин ва мутобиќ ба талаботи стандартњои байналмилалии сифату бехатарї бунёд гашта, дар маљмуъ на тању хонадони тољикистониёнро нурафшон менамояд, балки ба сокинони минтаќа низ хизмат хоњад кард.

Бо дарназардошти торафт коњиш ёфтани захирањои љањонии нафту газ ва пешгўии коршиносони љањон, ки то соли 2025-ум аз се ду њиссаи ањолии љањон дучори камобї мегардад, зикр мебояд кард, ки кишвари мо тавассути амалї сохтани лоињањо дар соњаи энергетика метавонад давлатњои њамсояро бо нерўи барќи аз лињози экологї бехатар ва нисбатан арзон таъмин намуда, истифодаи бонизому самарабахши захирањои обро ба манфиати тамоми минтаќа ба роњ монад.

Бояд гуфт, ки сохтмони нерўгоҳи “Роғун” ба марҳилаи ҳассосу масъулиятнок ворид гардида, корҳои боз ҳам серташвишу бузург дар пешанд. Барои иҷрои ин корҳо ҳамарўза кўшишу ғайрат ва тадбирҳои амалӣ андешидан лозим меояд.

Тавре њамагон огањї дорем, Њукумати мамлакат таъмини истиќлолияти энергетикиро яке аз њадафњои стратегии кишвар ќарор дода, барои расидан ба он тамоми захираю имкониятњоро сафарбар намудааст. Татбиќи чандин лоињаи муњим дар самти рушди соњаи энергетика нишонаи кўшишњои пайвастаи Њукумати кишварамон мебошад, ки дар натиља имрўз норасоии нерўи барќ коњиш ёфта, сатњи зиндагии мардум ба маротиб бењтар гардидааст. Сохтмону

таљдиди нерўгоњњои барќи обї, маркази барќу гармидињї, бунёди хатњои интиќоли нерўи барќ ва зеристгоњњои барќї, инчунин, ислоњот дар соњаи энергетика имкон дод, ки таъминоти ањолї ба нерўи барќ, фаъолияти устувори инфрасохтори энергетикї ва содироти нерўи барќ ба кишварњои њамсоя дар мавсими гармо ба таври назаррас бењтар гардад. Мањз рушди соњаи энергетика ба пешрафту тараққиёти бештари иқтисодию иҷтимоии кишвар, хусусан дар татбиқи ҳадафи чоруми миллии Тоҷикистон-саноатикунонии босуръати љумњурї, наќши калидї мебозад.

Њозирини гиромї!

Бояд ќайд намуд, ки дар давраи соњибистиќлолии кишвар, бо дарназардошти омилњои гуногуни техникию сиёсї, инфрасохтори энергетикии кишвар куллан таѓйир ёфта, мањз бо татбиќи як ќатор лоињањои сармоягузорї имконият фароњам оварда шуд, ки дар кишвар низоми ягонаи энергетикї таъсис дода шуда, таъмини барќ аз истењсолкунандагони дохилї пурра ба роњ монда шавад. Дар ин давра, бунёди нерўгоњњои барќи обии «Сангтўда-1» ва «Сангтўда—2», Маркази барќу гармидињии Душанбе-2, хатњои интиќоли барќи «Љануб-Шимол», «Роѓун-Душанбе», «Лолазор-Хатлон», «Геран-Румї», «Тољикистон-Афѓонистон», «Хуљанд-Айнї», «Айни-Рўдакї», «Ќайроќќум-Ашт», «Ќайроќќум-Суѓд» ва дигар иншоотњои муњими барќї анљом ёфта, мавриди истифода ќарор гирифтаанд. Дар натиља, дар кишвар шабакаи ягонаи энергетикї (пайвастшавии љанубу шимол) таъсис дода шуда, устувории фаъолияти системаи энергетикї таъмин карда шуд.

Илова бар ин, раванди сохтмони нерўгоњњои барќи обии хурд ва миёна, бунёди нерўгоњњои калон ва шабакањои барќии ањамияти мањаллї ва минтаќавидошта густариш ёфта истодаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки њамаи ин лоињањо, бо дарназардошти љанбаъњои иќтисодї, иљтимої ва экологии рушди устувори энергияи муосир, ба таври шаффоф амалї мегарданд.

Дар хотир бояд дошт, ки мањз сохтмони нерўгоњњои нав имкон фароњам меоранд, ки на тањњо норасоии неруи барќ бартараф карда шавад, балки дар давраҳои хушксолї њамаи кишварњои поёноби минтаќа бо об таъмин гарданд. Аз ин лињоз, мо мехоњем, тавассути роњандозии барномањо дар соњаи энергетика захираю имкониятњои худро ба хизмати тамоми сокинони минтаќаи Осиёи Марказї вогузорем, зеро содироти нерўи барќ тавассути шабакањои байнидавлатї ва

таъминоти мунтазами об ба манфиати њамаи кишварњои минтаќа мебошад.Тољикистон дар сиёсати худ аз солњои аввали соњибистиќлолї њамкорињоро бо њамсоякишварњо њамеша дар мадди аввал мегузорад ва чунин муносибатро ягона роњи њалли њама гуна мушкилот мешуморад. Дар ин росто, бунёди хати интиќоли барќи баландшиддат байни Осиёи Марказї ва Осиёи Љанубї (КАСА-1000), ки ба афзоиши содироти нерўи барќ аз Тољикистон ва Ќирѓизистон ба бозорњои ниёзманди энергетикии Афѓонистон ва Покистон мусоидат менамояд, маќоми махсус касб мекунад.

Њоло барои амалишавии ин лоиња тадбирњои зарурї андешида шуда истодааст ва бешубња, он дар таъмини амнияти энергетикии њар ду минтаќа наќши муњим хоњад бозид.

Тасмим гирифта шудааст, ки то соли 2030 иќтидори энергетикии кишварро то 10 њазор мегават афзоиш дода, њамчунин љињати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти идоракунии соња ислоњоти љиддиро роњандозї намуда, содироти нерўи барќи аз лињози экологї тозаро ба њамсоякишварњо тавассути хатњои интиќоли нерўи барќи байниминтаќавї то ба 10 миллиард киловатт-соат расонем.

Ҳозирини гиромї,

Дар барои муњият ва аҳамияти ин иншооти аср соатҳо суҳбат кунем кам аст.

Аз ин хотир, бори дигар ба Шумо – иштирокчиёни мизи мудаввар ва тамоми мардуми шарифи Тољикистон хонаободї ва барори кору муваффаќиятњои нав ба навро таманно менамоям.

Орзўи онро менамоем, ки ин муттањидиву ягонагї њамчун сарчашмаи бахту иќболи миллати тољик ва омили муњими пешбарандаи давлатамон тањти Сарварии созандаи муњтарам Љаноби Олї, њамеша пойдору устувор боќї монда, тамоми ниятњои неки сокинони ин сарзамини куњанбунёд, ки бањри бањри шукуфоиву пойдо рии кишвар, сарљамъии миллат ва зиндагии орому осудаи мардуми тољик нигаронида шудааст, амалї гарданд.

**Ба диќќататон ташаккур, саломату сарбаланд бошед.**

# ОИД БА НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ НБО-И “РОҒУН” ВА АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИН ИНШООТИ АСР

**Суханронии Шодиён И.Р.** Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, ш.Роғун

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин ҳамоиши “Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо” ва форуми “Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти ҷаҳонии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ” 4-уми апрели соли 2025 дар шаҳри Самарқанд дар чорабиниҳои сатҳи олӣ иштирок ва суханронӣ карда, дар баробари дигар мушкилотҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ

ҳангоми воҳўрию мулоқот бо раиси Комиссияи Иттиҳоди Аврупо, раиси Шурои Иттиҳоди Аврупо ва Президенти Бонки Аврупои таҷдид ва рушд дар доираи ташаббуси “Дарвозаҳои глобалӣ” масъалаи саҳм гузоштан дар бунёд ва таҷдиди иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистонро баррасӣ намуданд. Пешвои миллат таъкид карданд, ки байни энергетика ва тағйирёбии иқлим робитаи зич вуҷуд дорад ва рушди энергетикаи “сабз” метавонад қадами мусбат дар роҳи ҳифзи иқлим бошад.

Зикр гардид, ки дар Тоҷикистон ҳоло 98 дарсади неруи барқ аз манбаъҳои обии худӣ истеҳсол карда мешавад ва кишвари мо дар ҷаҳон аз барои истеҳсоли энергияи “сабз” аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷойи шашум қарор дошта, тибқи нақша то соли 2032 пурра ба истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия мегузарад.

Воқеан маврид ба зикр аст, ки бунёди НБО Роғун дар айни ҳол, дар муқобили таъсири манфии экологӣ ва тағйиротҳои иқлимӣ қарор дорад. Иттиҳоди Аврупо бо ташаббусҳо дар доираи Созишномаи Париж (COP21) ва дигар механизмҳои глобалӣ иҷро шаванда, метавонад кўмак кунад, ки лоиҳа бо меъёрҳои экологӣ ва устувор мувофиқат кунад. Иттиҳоди Аврупо, бо истифода аз механизми “Дарвозаҳои глобалӣ”, метавонад дар бунёди НБО Роғун бо пешниҳод кардани кўмакҳои молиявӣ, рушди инфрасохтор, пешбурди ҳамкориҳои экологӣ, илмӣ, ва роҳандозии лоиҳаҳои энергетикии сабз саҳм гузорад.

Иттиҳоди Аврупо метавонад дар доираи ташаббуси “Дарвозаҳои глобалӣ” (Global Gateway) дар бунёди НБО Роғун як нақши муҳими молиявӣ ва техникӣ дошта бошад. Ташаббуси “Дарвозаҳои глобалӣ”, ки Иттиҳоди Аврупо дар соли 2021 оғоз кард, мақсадаш таҳкими ҳамкории инфрасохторӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мебошад, ки дар он соҳаҳои энергетика, нақлиёт, иқтисоди рақамӣ ва ғайраҳо шомиланд. Ин ташаббус, бо дарназардошти аҳамияти энергетика ва ҳифзи муҳити зист, метавонад имкониятҳои зиёд барои дастгирии лоиҳаҳои амалӣ, ба хусус НБО Роғун, фароҳам орад.

Иттиҳоди Аврупо метавонад дар доираи “Дарвозаҳои глобалӣ” кўмакҳои молиявӣ барои бунёди НБО Роғун пешниҳод кунад. Барномаҳои маблағгузории Иттиҳоди Аврупо дар шакли грантҳо, қарзҳо ва кредити имтиёзнок метавонанд барои сохтмон ва рушди

инфрасохтори энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ, бахусус барои лоиҳаҳои калон ва муҳими гидроэнергетикӣ, равона шаванд.

Ташаббуси “Дарвозаҳои глобалӣ” барои кишварҳои Осиёи Марказӣ як роҳ барои дарёфти маблағҳои зарурӣ бо шартҳои мусоид ва ба вусъат додани ҳамкории молиявии байналмилалӣ мебошад.

Иттиҳоди Аврупо метавонад кӯмак намояд, ки дар бунёди НБО Роғун принсипҳои энергетикаи сабз ва истифодаи самараноки захираҳо татбиқ шаванд. Ин кӯмакҳо метавонад дар самти истифодаи манбаъҳои барқ аз захираҳои обӣ бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва пешгирии тағйироти иқлим бошад.

Иттиҳоди Аврупо бо таҳияи технологияҳои нав ва устувор дар соҳаи гидроэнергетика, ки таъсири манфии экологии камтар дошта бошад, метавонад саҳм гузорад.

Иттиҳоди Аврупо бо истифода аз таҷрибаи худ дар сохтмони инфрасохторӣ дар кишварҳои рушдёфта, имконияти кӯмак карданро дорад, ки лоиҳаи НБО Роғун на танҳо як манбаи энергетикӣ, балки як қисми шабакаи инфрасохтории минтақавӣ бошад. Ин ба кӯмак дар пайваст кардани шабакаи барқии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва таъсиси як системаи энергетикии интегратсияшуда ёрӣ мерасонад. Ба бунёди неругоҳҳои барқии обӣ, Италия, Олмон ва дигар кишварҳои аврупоӣ метавонанд таҷрибаи амалии худро дар соҳаи гидроэнергетика ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ интиқол диҳанд. Урсула фон дер Лейен дар суханронии худ дар шаҳри Самарқанд дар ин чорабинии сатҳи олӣ таъкид кард, ки Иттиҳоди Аврупо пешниҳод менамояд, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ метавонанд манбаъҳои энергияи барқароришаванда, ба вижа энергияи офтобӣ ва бодӣ, инчунин технологияҳои самараноки гидроэнергетикӣ (ба мисли НБО Роғун) ба роҳ монда, барои таъмини манфиатҳо дар соҳаи энергетика ва ҳифзи муҳити зист ҳамкорӣ кунанд. НБО Роғун барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон як манбаъи муҳим ва таъсиргузор аст. Ин иншооти аср як заминаи аслӣ барои таъмини устувор ва самараноки манбаъҳои барқӣ ба кишвар аст, ки он барои рушди бахшҳои мухталифи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон муҳим мебошад. Фаъолияти НБО Роғун Тоҷикистонро аз таҳдидҳои тағйироти бозори энергетикӣ ва таъсири мизони нархи энергия дар бозори ҷаҳонӣ муҳофизат мекунад. Бо афзоиши иқтидори НБО Роғун, имконоти содироти барқ ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон,

беҳтар мешаванд. Ин манбаъи муҳим барои таъмин кардани бозори барқ дар Осиёи Марказӣ ва хориҷи кишвар хоҳад буд, ки метавонад даромадҳои иловагӣ барои иқтисодиёти Тоҷикистон ба вуҷуд орад. НБО Роғун метавонад ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири калон расонад. Нерӯгоҳ ба таъмини оби тозаву устувор барои обёрии заминҳои кишт кӯмак мекунад. Бо назорат кардани сатҳи об дар дарёи Вахш ва обанбори Роғун, селҳои шадид ва хатарҳои эҳтимолии зиёни обро метавон коҳиш дод, ки ба рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Бо афзоиши манбаъи барқӣ ва кӯмак ба таъмини устувор, НБО Роғун метавонад ба рушди саноат дар Тоҷикистон кӯмак кунад. Саноати вазнин (масалан, металлургия, металлҳои ранга, кимиё ва дигар бахшҳои саноат) талабот ба барқро афзоиш медиҳад. Миқдори зиёди барқ, ки НБО Роғун истеҳсол мекунад, барои корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолот зарур аст, ки онҳоро бо манбаъҳои энергия таъмин кунад.

Тоҷикистон дар гузашта аз манбаъҳои барқи кишварҳои ҳамсоя вобастагӣ дошт, ки таъсиргузор ба иқтисод ва амнияти энергетикии кишвар буд.

Лоиҳаи сохтмони НБО Роғун, ки яке аз бузургтарин лоиҳаҳои гидроэнергетикии ҷаҳон аст, метавонад таваҷҷуҳи сармоягузорони байналмилалӣ ва бонкҳои молиявиро ҷалб кунад. Лоиҳаҳои ба монанди ин имконоти мусоидат барои ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар, махсусан дар соҳаҳои иқтисодии гидроэнергетика, тиҷорат ва саноатро ба вуҷуд меорад.

НБО Роғун як лоиҳаи бисёрҷабҳа аст, ки таъсири бузурге ба бахшҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон мерасонад, ба монанди, соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат, савдо ва хизматрасониҳо. Ин неругоҳ на танҳо ба баланд бардоштани сифати зиндагии мардум кӯмак мекунад, балки ба таҳкими амният ва устуворӣ дар иқтисоди кишвар мусоидат мекунад.

16 ноябри соли 2018 агрегати якум ва 9 сентябри соли 2019 бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии (НБО) Роғун ба кор даромад. Маҳз 26 сол қабл аз ба кор даромадани агрегати якум дар ин санаи муборак яъне, 16 ноябри соли 1992, рӯйдоди дигари муҳими таърихӣ дар ҳаёти мардуми шарифи Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст, ки барои рушди устувори кишвар аз

ҷумла, ба бунёди НБО Роғун заминаи мусоид фароҳам овард. Дар иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар санаи болозикр ҳамчун Раиси Шурои Олӣ ва соли 1994 дар интихоботи президентӣ ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Дар таърихи давлатдории тоҷикон, интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон ба ин вазифаи пурмасъулият дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ва бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ як рӯйдоди муҳим ва тақдирсоз ба ҳисоб меравад. Чунки барои давлату миллатро аз фаноёбӣ ва аз бӯҳрони иқтисодию молиявӣ раҳо кардан, пеш аз ҳама бояд оромии вазъи сиёсӣ ва амнияти мардум таъмин мегардид. Таъмини сулҳу субот ва амнияти аҳолӣ заминаи рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ аст. Маврид ба зикр аст, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ хазинаи давлат ба пуррагӣ ғорату хароб ва ҳаҷми маблағи буҷаи давлат ба сифр баробар буд. Ин вазъиятро, албатта, дар контексти вазъияти пуртаззоди он замон ба маънии муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маънидод кардан мумкин аст. Бо Раиси Шурои Олӣ интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон ба як марҳилаи нави таърихӣ ворид шуд ва давра ба давра сохтмони НБО Роғун рушд ёфт. Чунки ин марҳилаи гузариш аз як сохт ба сохти дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва низоми идоракунии давлатӣ пас аз пошхӯрии давлати абарқудрати ИҶШС (СССР) дар ҷаҳон эътироф шудааст. Таъсиси низоми идоракунии давлатии ба тақозои замон мувофиқ зарур буд. Эмомалӣ Раҳмон барои эҳёи низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ба талаботи замон мувофиқ ҳамчун шахсияти сидқан ба Ватану миллат фидоӣ бо диди наву дурбинона ва ҷасурона зимоми идоракунии давлатро ба дасти худ гирифт. Ӯ барои мардум ҳамчун шахсияти созанда ва ташаббускор ба майдони сиёсат омад, ки ба таври равшан пайвандҳои давлатдорӣ ва муваффақияти ояндаи кишварро дида тавонист. Инчунин, тавонист, ки бо сиёсати пешгирифтааш эътимоди мардуми парешону дилшикастаро ба давлат зиёд кунад. Яъне, Эмомалӣ Раҳмон барои таъсиси ҳукумати фаъолтаре, ки барои ором намудани ҷанги шаҳрвандӣ, бо ҳам овардани гурӯҳҳои зиёди мусаллаҳи мухолифин, раҳоӣ аз бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии одамон кӯмак мекард, кӯшиш кард.

Сиёсати ҷадиди пешгирифтаи Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон, ки аз замони баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ оғоз ёфт, якчанд марҳила ва равандҳои муҳимро дар бар гирифт. Роҳбари ҷавони

тозаитихоб исбот намуд, ки чӣ гуна ба таъмин намудани амният ва рушди ҳама самтҳои давлатдорӣ тамоми қувваашро сафарбар кардааст. Ба вижа дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ, ки давлат ва мардум дар ҳолати шикасту фалаҷ буд, интихоб шудан ва роҳбарии ӯ барои гуфтушунид ва сулҳ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ҳоле, ки мардуми кишвар аз хотимаёбии ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳу субот ва ояндаи нек боварӣ надоштанд.

Вай мақсади шомил кардани ҳамаи гурӯҳҳои сиёсиро ба раванди сулҳ ба миён гузошт. Дар натиҷа баъд аз чанд соли музокирот ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 оварда расонд, ки ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз барои Тоҷикистон заминаи рушди оянда ва таҳкими суботи сиёсиро фароҳам овард. Ин пешравии сиёсӣ барои рушди ояндаи Тоҷикистон аҳамияти калон дошт. На танҳо шахсияти некбину нотарсу ғамхор, балки сиёсати дурандешона ва таҳаммулгароёнаи ӯ дар раванди давлатдорӣ нақши муҳимро бозида, мардумро мутаҳид намуд. Ӯ қодир буд, ки дар шароити душвор сиёсати миллӣ ва интегратсионӣ созад, ки заминаи муҳим барои таҳкими истиқлолият ва амнияти миллӣ бошад.

Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш кард, ки ба татбиқи як низоми интихоботӣ ва ҳуқуқӣ шурӯъ кунад. Вай низоми дуруст ва муназзами демократиро барои баргузории интихобот, ҷалби аҳолӣ ба сиёсати миллӣ ва таҳияи Конститутсия ба роҳ монд. Ин равандҳо барои истиқрори сиёсати давлатӣ ва ҷалби мардум ба мубориزаи созанда барои пойдории амнияти сиёсӣ, рушди сиёсати иқтисодию иҷтимоии ояндаи кишвар муҳим буданд.

Марҳилаи дигари сиёсати ҷадиду хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон эътирофи байналмилалии истиқлолияти Тоҷикистон ва барқарор намудани муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя, ки дар он вақт, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр эҳтиёҷ ба робитаҳои дуҷониба доштанд, равона сохт. Нахустин сафарҳои хориҷии ӯ ва ташкили равобити хориҷии фаъол муҳим буданд.

Баъдан, роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ба пойдории амнияти миллӣ, шаклгирии давлат, рушду инкишофи кишвар ва таъмини ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асос гузошт.

Аз ҳамин рӯ, дар саҳифаҳои таърих бо маъниҳои зиёде барои интихоб шудан ва роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар он давра метавон навишт. Аз лаҳзаи масъулияти вазнине, ки тақдири миллату давлати тамаддунофари дар Осиёи Марказӣ муқимиро ба уҳда гирифтан, ӯ барои мардум як рамзи умед ва марҳалаи нави давлатдорӣ гардид, ки барои барқарор кардани суботи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маориф дар дохил ва хориҷи кишвар ва роҳандозии сулҳ нақши муҳим дошт.

Яке аз ҳадафҳои сиёсати ҷадиду дурбинонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввал таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар буд, ки оғози сохтмони НБО Роғун яке аз омилҳои  асосии расидан ба ин ҳадафи стратегӣ мебошад.

Барои оғози сохтмони НБО Роғун маблағҳои зиёде зарур буд. Вале дар кишвар ҳамоно вазъи нооромӣ сиёсӣ, гуруснагӣ ва қашоқӣ ҳукмфармо буд. Ҳатто дар хазинаи давлат умуман маблағ набуд, ки маоши ҳармоҳаи кормандони давлатӣ пардохт карда шавад.

Дар ҳақиқат, мо мардуми Тоҷикистон ба корнамоиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаи ба сари ҳокимият омаданашон шоҳиди ҳол ва иқрор ҳастем, ки ба хотири ояндаи дурахшони миллат, бо истеъдоди фавқулодда, зиракӣ, нотарсӣ, дурбинӣ, хирадмандӣ, истодагарӣ ва рӯҳияи хастанопазири худ ҳолатҳои ба назари мардум афсонаро ба воқеият табдил доданд. Далели ин гуфтаҳо дар баробари ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодӣ, инчунин бунёди НБО Роғун ва ба кор даромадани 2 агрегати он аст. Ин санаи таърихӣ як марҳилаи нави ташаккул ва таҳкими давлатдориро барои Тоҷикистон боз намуд ва ҳамзамон ба маънои аслӣ ва маҷозӣ ба хонаҳо рӯшноӣ бахшид, инчунин ба лоиҳаҳои иқтисодии амалкунанда ва ояндасоз на танҳо дар дохили кишвар, балки дар тамоми минтақа ҳаёт бахшид. Сохтмони НБО Роғун, ки зиёда аз 42 сол идома дошт, аввалин натиҷаи амалии худро ба бор овард.

Яъне, дар баробари ҳалли вазифаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ва ба танзим даровардани вазъи сиёсии ноором Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбари сарвари ҷавон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба оғози сохтмони НБО Роғун диққати ҷиддӣ доданд. Аммо зарурати ба итмом расонидани тӯлонитарин сохтмони дердавоми шуравӣ дар муддати ин солҳо ба таври пинҳонӣ ба камол расид, то он даме, ки бо пешниҳоди  Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми

идеяи миллиро ба даст овард. Дар воқеъ, Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (СССР) ҳамчун давлати дар ҷаҳон абарқудрат сохтмони ин иншооти ҳаётан барои ҳамаи мардуми минтақа муҳимро солҳои тулонӣ натавонист, ба охир расонад. Аммо сохтмони лоиҳа пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ қатъ шуд. То соли 1993, баландии сохтмони сарбанд ба 40 метр расид ва 21 км нақбҳо канда шуданд. 8 майи соли 1993 селобҳои шадид қисми болоии сохтмонро шуста бурданд ва нақбҳо ва толори мошинҳо қисман зери об монданд. Дар роҳи татбиқи лоиҳаи бениҳоят барои мардуми тоҷик стратегӣ ва аҳаммияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дошта, албатта, монеаҳои зиёде вуҷуд доштанд:

а) норасоии маблағ дар буҷа барои чунин сохтмони васеъмиқёс;

б) норасоии шадиди кадрҳои баландихтисос;

в) набудани таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ бо сабаби вазъи ноороми сиёсӣ;

г) муҳимтар аз ҳама, муқовимати фаъол ба оғози сохтмони НБО Роғун аз ҷониби давлатҳои ҳамсоя.

Албатта, сохтани чунин иншооти мураккаб барои кишвари баъди ҷанги шаҳрвандӣ осон набуд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали роҳбарияш таъмини энергетикии кишварро ҳамчун самти афзалиятнок ва стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кард. Сохтмони НБО Роғун бо ташаббуси ӯ пас аз давраи тӯлонии таваққуф эҳё гардид. Қарор шуд, ки сармоягузории хориҷӣ пайдо карда шавад. Созишнома дар бораи ба итмом расонидани сохтмон НБО Роғун байни Тоҷикистон ва Русия соли 1994 ба имзо расид. Азбаски созишнома амалӣ нашуд, он аз ҷониби парлумони Тоҷикистон рад карда шуд.

Моҳи октябри соли 2004 бо ширкати алюминийи Русия Русал созишнома ба имзо расид. Тибқи созишнома ширкат розӣ шуд, ки сохтмони иншооти Роғунро ба анҷом расонад, корхонаи нави алюминий бунёд кунад ва Корхонаи алюминийи Турсунзодаро таҷдид кунад. Дар доираи он як қатор корҳо дар майдони неругоҳ анҷом дода шуданд (аз ҷумла, толори мошинҳо хушк карда шуд). Аммо ҷонибҳо натавонистанд дар мавриди як қатор хусусиятҳои асосии лоиҳа, аз ҷумла баландии сарбанд ва намуди он, ба мувофиқа расанд (аз ҷониби ширкати Русал пешниҳод шуда буд, ки сарбанди бетонии бо баландии 285 метр сохта шавад). Дар натиҷа, моҳи

сентябри соли 2007 Ҳукумати Тоҷикистон расман созишномаро бо ширкати Русал қатъ намуд.

Баъди қатъ гардидани созишнома бо ширкати Русал оид ба бунёди НБО Роѓун масъалаи анљоми сохтмони он характери байнидавлатї ва сиёсиро ба худ касб намуд. Феълан дар масъалаи бунёди сохтмони НБО Роѓун алалхусус муќовимати шадиди Њукумати Љумњурии Ўзбекистон мушоњида гардид.

Моҳи феврали соли 2007 дар бораи шарикии нав байни Русия ва Тоҷикистон барои ба итмом расонидани сохтмони сарбанд эълон карда шуд, аммо баъдтар Русия аз сабаби ихтилоф дар бораи пакети назоратии саҳмияҳо дар лоиҳа аз он даст кашид.

Моҳи майи соли 2008 Тоҷикистон эълон кард, ки сохтмони сарбандро оғоз мекунад. Мањз бо талошњои пайгирона ва муроҷиат ба созмонњои гуногуни байналхалќї ва минтаќавї, Эмомалї Рањмон тавонист ба сохтмони НБО Роѓун аз тарафи Бонки умумиљањонї иљозатнома гирад.

Соли 2010 бо кӯшишҳои шабонарӯзии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба хотири бартараф намудани баҳси байни давлатҳои ҳамсоя байни Тоҷикистон ва Бонки умумиљањонї созишнома дар бораи гузаронидани экспертизаи байналмилалии лоиҳа ба имзо расид.

Бояд қайд намуд, ки  аз як тараф ва аз ҳама муҳим хулосаи мусбии Бонки умумиљањонї ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои оғози сохтмони лоиҳа мусоидат менамуд. Аз тарафи дигар ба ҳалли мунокишаҳои беасоси ҳукуматҳои давлатҳои ҳамсоя, ки то ба сатҳи созмонҳои байналмилалӣ масъалагузори карда буданд,  нуқта мегузошт. То ба анҷоми расидани кори экспертиза Тоҷикистон уҳдадор шуд, ки ба корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ даст назанад ва танҳо бо корҳои таъмиру барқарорсозӣ маҳдуд шавад. То моҳи декабри соли 2010 яке аз нақбҳои обкашии дарёӣ таъмир карда шуд ва дуюмаш бошад,  моҳи июн ё июли соли 2011 оғоз ёфт. Аммо, кори экспертиза тӯл кашид ба ҷои охири соли 2011, натиҷаҳои он баъди ду сол яъне, дар аввали соли 2013 омода шуд. Тибқи натиҷаҳои хулосаи экспертизаи таҳқиқотии техникӣ-иқтисодии ширкатҳои “Coyne & Bellier”, “Электроконсалт” ва “Energy+Water Economics”, маҳалли сохтмони НБО Роғун, бо вуҷуди мушкилоти сейсмологӣ, барои бунёди неругоҳ мувофиқ мебошад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, сохтани сарбанди 335 метра беҳтарин интихоб буда, имкон медиҳад, ки неругоҳ то 3600 мегават/соат неруи барқ истеҳсол намояд.

Заҳматҳои Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли ихтилофҳо бо давлатҳои ҳамсоя оид ба тақсими захираҳои обӣ нақши муҳим бозид

Аз рӯи ҳисоби мутахассисон, барои сохтмони пурраи нерӯгоҳи Роғун дар солҳои аввал зиёда ду – се млярд доллар рост меомад, ки ин маблағи хеле гарон барои Ҳукумати Тоҷикистон буд. Бинобар ин, соли 2010 Пешвои миллати тоҷикон барои сармоягузории сохтмони НБО Роғун ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ муроҷиат намуд. Яъне, ба оғози кори сохтмон захираҳои миллиро сафарбар намуд, ки ин беҳуда набуд. Ин иқдом қадами муҳим дар ташаккули ваҳдати миллии иқтисодӣ баҳри рушди ҷумҳурӣ баъд аз ҷанги хонумонсузӣ шаҳрвандӣ бениҳоят зарур буд. Ин иқдом шаҳрвандони кишварро дар атрофи як ҳадафи умумӣ муттаҳид намуда, ҳамбастагӣ ва ваҳдати иқтисодии миллиро нишон дод, ки аз иттиҳоду якдилии иқтисодии аҳолии Тоҷикистон шаҳодат медод. Дигар тарафи ин иқдом далелиояндабинӣ ва дурбинонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати сармоягузории иншоотҳои стратегӣ ҷумҳурӣ на аз ҷониби сармоягузорони хусусии хориҷӣ, балки Ватанӣ буд. Дар ҳақиқат, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки ҷалби сармоягузорони хусусии хориҷӣ ба иншоотҳои стратегӣ давлат натиҷаҳои дилхоҳро бароиояндаи дурахшони наслҳоиояндаи тоҷик ба бор намеорад. Аз ин лиҳоз, Эмомалӣ Раҳмон фаъолона барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва мутахассисони байналмилалӣ ҷиҳати таъмин намудани муваффақияти лоиҳа кор мебурд. Яъне, барои иштирок дар баҳодиҳии экологӣ ва иқтисодии лоиҳа ташкилотҳои байналмилалии молиявиро ҷалб намуда буд. Ӯ таъкид кард, ки НБО Роғун ба манфиати тамоми минтақа хизмат хоҳад кард. 29 октябри соли 2016 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ савори булдозери вазнин маҷрои дарёи Вахшро баста ба бунёди сарбанди НБО Роғун ҳусни оғоз бахшид.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси ташхис ва хулосаи ташкилотҳо ва коршиносони байналмилалӣ исбот кард, ки НБО Роғун як тарҳи бехатар буда, ба рушди иқтисодиёти минтақа ва кишварҳои ҳамсоя мусоидат мекунад. Ин неругоҳ дар оянда омили муҳими ҳамгироии минтақавӣ ва рушди иқтисодӣ хоҳад гардид, ки барои тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ манфиатҳои мустақим хоҳад овард.

## ОИД БА НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ НБО-И “РОҒУН” ВА АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИН ИНШООТИ АСР

**Суханронии Шодиён И.Р.** Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, ш.Роғун

Яке аз хусусиятҳои даврони муосир ин тамоюли ҷаҳонии ташаккул ва пешбурди “иқтисоди сабз” мебошад. Дар ин замина гузариш ба манбаъҳои барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тоза барои истеҳсоли неруи барқ зарур буда, дар шароити буҳрони экологӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолии сайёра ва ба тағйирёби иқлим таъсири мусбӣ мерасонад. Тоҷикистон бо дороии бузурги обӣ, ки 93% қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, имконоти зиёд барои истеҳсоли энергияи таҷдидшаванда ва экологии тозаи “энергияи сабз”-ро дорад. Истеҳсоли “энергияи сабз” аз манбаъҳои таҷдидшаванда маънои ба даст овардани нерӯ (энергия) аз сарчашмаҳоеро дорад, ки дар табиат доимӣ ҳастанд ва бо мурури замон худ ба худ барқарор мешаванд. Ин манбаъҳо аз ҷиҳати экологӣ тоза ва беосеб барои муҳити зист маҳсуб мешаванд. Манбаъҳои барқароршавандаи энергия - ин манбаъҳои табиии (ба монанди, об, офтоб, шамол, биомасса ва геотермалӣ) ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ захираҳояшон тамом намешаванд. Роғун бузургтарин неругоҳи обии аз ҷиҳати иқтидори истеҳсоли барқ, манбаъи таҷдидшаванда ва барқароршавандаи энергияи экологии тоза “энергияи сабз”, бехатар ва баландтарин сарбанд дар минтақа ва ҷаҳон тибқи хулосаи ташкилотҳо ва коршиносони байналмилалӣ эътироф шудааст. Бинобар ин, директори идорӣ оид ба фаъолияти амалиёти Бонки ҷаҳонӣ Анна Бйерде ҳангоми шиносоӣ аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар НБО “Роғун” ба хабарнигорон баён намуданд, ки “НБО “Роғун” як лоиҳаи муҳим дар бахши истеҳсоли “энергияи сабз” на танҳо барои аҳолии мамлакат, балки ба тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти бузург дорад. Умедворем, ки шарикии мо ба марҳилаи нав ворид гардида, барои таҳкими рушди устувори Тоҷикистон замина мегузорад”.

Воқеан, ин иншооти аср на танҳо як лоиҳаи энергетикӣ дар маҳал мебошад, балки гузариш ба иқтисоди камкарбон дар сатҳи ҷаҳонӣ аст, ки бо ҳадафҳои Созишномаи Париж мувофиқат мекунад. Аз баҳогузории коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ мушоҳида мегардад, ки лоиҳаи НБО "Роғун" рӯз ба рӯз таваҷҷуҳ ва ҳамкории шарикони байналмилалиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истеҳсоли "энергияи сабз" зиёд гардонида истодааст.

Неругоҳи обӣ табиатро ифлос намекунанд, барои одамон ва муҳити зист зарар надоранд ва бардавоманд, дар ҳоле ки неругоҳҳои атомӣ, ангиштӣ, газӣ ва нафтӣ метавонад хатарнок ва душворназорат бошанд. Аз ҷумла, хатарнокӣ ва душворназоратии неругоҳи атомӣ барои табиат ва ҳаёти одамон зиёд аст. Барои истеҳсоли қувваи барқ дар неругоҳҳои атомӣ аз уран истифода мебаранд, ки дар натиҷа ба ифлосшавии радиоактивӣ муҳити зист оварда мерасонад. Масалан, дар ҳолати бавуҷуд омадани садама, ҳаёти инсон, муҳити зист ва солимии насли инсонӣ, олами табиатро хатари хеле калон интизор аст (мисли Чернобил ё Фукусима). Аз ҳама муҳим таъсири маводи радиоактивиро аз табиат ва вуҷуди организми зинда тоза намудан номумкин аст. Маврид ба зикр аст, ки уран, ангишт, газ, нафт дар баробари дигар паҳлуҳои зараровар инчунин, таъсири манфӣ ба муҳити зист ва гузашта аз ин манбаи маҳдуди тамомшаванда аст. Истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқарорнашавандаи энергия ба яке аз омилҳо ва проблемаҳои глобалии бехатарии экология, тағйирёбии иқлим, ки мардуми кулли сайёраро ба ташвиш овардааст, табдил ёфтааст.

Ҳамзамон, дар кишварҳои гуногун барои истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқарорнашавандаи энергия низ истифодаи фаъол менамоянд. Ба монанди, неругоҳҳое, ки барои истеҳсоли барқ аз ангишт, газ, нафт ва уран истифода менамоянд. Хусусияти дигари неругоҳҳои энергияи барқарорнашаванда ҳамин аст, ки дар натиҷаи истеҳсоли энергияи барқӣ гази карбон истихроҷ шуда, табиатро ифлос намуда, ба муҳити зист, ба пиряххо (манбаъи оби тозаи нушокӣ), ба иқлим ва ниҳоятан ба  бехатарии ояндаи сайёра зарар мерасонанд.

Дар маҷмӯъ, хатарҳои экологӣ, гармшавии ҳарорати ҳаво, тағйирёбии иқлим метавонад ба таъсироти ногувор ба тамоми системаҳои табиӣ, инсонӣ ва иқтисодӣ расонад, ки кураи замин дар шароити муосир ба ин хатари глобалӣ гирифтор шудааст. Президенти

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимӣ ба эҷоди як сиёсати ҳамоҳангсози глобалӣ барои муқовимат бо тағйирёбии иқлим таъкид мекунад. Вай махсусан ба зарурати ҳамкории кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ барои мубориза бо оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва якҷоя таъмин кардани тамоюлҳои иқтисодӣ ва экологӣ ишора мекунад. Масалан, Пешвои миллат ба масъалаи нигоҳдории пиряххҳои Тоҷикистон, ки манбаи оби ошомидании тозаи ба ораганизми зинда манфиатовар дар минтақа мебошад, аҳаммияти хосса додааст. Вай ба ҷаҳониён таъкид мекунад, ки пиряххҳои Тоҷикистон, ки қисми муҳим дар таъмини захираҳои об барои миллионҳо одамон мебошанд, зери хатар қарор доранд ва бидуни ҳамкории байналмилалӣ барои ҳалли ин масъала муваффақ шудан душвор хоҳад буд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар муоширати байналмилалӣ ба зарурати ҳамкории кишварҳо, эҷоди сиёсати муассир ва муҳофизати муҳити зист барои наслҳои оянда ва истифодаи манбаъҳои барқароршаванда таъкид мекунад. "Энергияи сабз" танҳо як технологияи нав нест - ин роҳи ҳаёти нав аст, ки табиатро муҳофизат мекунад ва барои наслҳои оянда имкони зиндагии солим фароҳам оварда, бехатарии ояндаи сайёраамонро таъмин мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин ҳамоиши "Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо" ва форуми "Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти ҷаҳонии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ" 4-уми апрели соли 2025 дар шаҳри Самарқанд таъкид карданд, ки "байни энергетика ва тағйирёбии иқлим робитаи зич вуҷуд дорад ва рушди "энергетикаи сабз" метавонад қадами мусбат дар роҳи ҳифзи иқлим бошад. Зикр намуданд, ки "дар Тоҷикистон ҳоло 98 дарсади неруи барқ аз манбаъҳои обии худӣ истеҳсол карда мешавад ва кишвари мо дар ҷаҳон ҷиҳати истеҳсоли "энергияи сабз" аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷойи шашум қарор дошта, тибқи нақша то соли 2032 пурра ба истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия мегузарад".

Маврид ба зикр аст, ки НБО "Роғун" на танҳо як лоиҳаи энергетикии миллӣ аст, балки ба талошҳои глобалӣ дар роҳи эҷоди ояндаи устувори экологӣ ва энергетикӣ дар ҷаҳон саҳми назаррас мегузорад.

Анҷоми сохтмони муваффақонаи НБО “Роғун” мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун иштирокчии фаъол дар ҳалли масъалаҳои глобалии экологӣ ва энергетикӣ таҳким мебахшад. Сохтмони НБО “Роғун” дастгирии яке аз ташаббусҳои ҷаҳонии тағйирёбии иқлимӣ мебошад. Созишномаи Париж афзоиши ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияро дар тавозуни энергетикии ҷаҳон пешбинӣ мекунад. НБО “Роғун” ҳамчун як қисми муҳими ин талошҳо эътироф мешавад. Ин неругоҳ пас аз анҷом ёфтани сохтмон метавонад Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои пешсафи истеҳсоли энергияи сабз табдил диҳад.

НБО “Роғун” яке аз бузургтарин иншооти саноатии асри XXI на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон буда, бо хусусиятҳои муҳандисию техникии худ ва иқтидори истеҳсоли қувваи барқ назир надорад. Ҳатто бо назардошти аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии худ, лоиҳаи сохтмони НБО “Роғун” дар давраи шуравӣ мақоми умумииттифоқӣ дошт. Нодирӣ ва хусусиятҳои хоси лоиҳаи сохтмони НБО “Роғун” дар он аст, ки танҳо дарозии обанбор 72 км, дарозии сарбанди он 1,5 км ва баландиаш 335 метр мебошад. Дар сурати анҷом додани лоиҳа, сарбанди НБО “Роғун” бо баландии 335 метр баландтарин сарбанд дар сайёра хоҳад шуд. Ҳаҷми умумии обанбори Роғун бо 13,3 км$^3$ ва ҳаҷми муфиди 10,3 км$^3$ ташкил медиҳад. Обанбор барои ҳадафҳои энергетикӣ ва обёрии заминҳои лалмии давлатҳои поёноби минтақаи Осиёи Марказӣ бо масоҳати беш аз 300 ҳазор гектар истифода мешавад.

Сохтмон дар чанд марҳила иҷро мешавад. Дар марҳилаи аввал, сарбанди баландии 135 м сохта мешавад ва ду агрегати корӣ дар фишори паст насб мегарданд. Қувваи марҳилаи аввал, ки дар солҳои 2018-2019 ба кор даромад, 240 МВт буда, тавлиди солонаи 1,6 млрд кВт·соатро таъмин менамояд. Дар бинои НБО “Роғун” 6 гидроагрегат бо қувваи 600 МВт насб карда мешаванд. Бо ба кор даромадани агрегати якум ва дуюми НБО “Роғун”, системаи энергетикии Тоҷикистон солона тақрибан 2,7 миллиард кВт-соат неруи барқ иловагӣ мегирад. Айни замон дар сохтмони НБО “Роғун” зиёда аз 20 ҳазор нафар машғул буда, зиёда аз 50 ширкатҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ дар он саҳм мегузоранд.

НБО “Роғун” лоиҳаи бисёрҷабҳае аст, ки ба рушди бахшҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя таъсири бузурге дорад. Неругоҳи мазкур сарчашмаи энергияи арзон ва аз

лињози экологї тоза буда, талаботи Тољикистон ва дигар кишварҳои минтақаро ќонеъ гардонида метавонад. Ин њолати нафъоваре барои кулли Осиёи Марказї, Афғонистон ва Покистон мебошад, ки ба таври љиддї ба энергияи баркӣ эњтиёљ доранд ва аҳолии ин кишварҳо бо чашми умед интизори анҷоми сохтмони ин неругоҳи бузург ҳастанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии худ дар минтақа, лоиҳаи сохтмони НБО “Роғун” дар давраи шуравӣ мақоми умумииттифоқӣ дошт. Бинобар ин, бори аввал лоиҳаи сохтмони НБО “Роғун” дар шаҳри Тошканд аз тарафи ҳайати шуъбаи осиёимиёнагии Институти Умумииттифоқии Гидропроекти ба номи С.Я. Жук бо таҳияи лоиҳаи НБО “Норак” ва “Роғун” машғул шуда буданд ва бо роҳбарии сармуҳандиси намоёни шуравӣ Л.Г. Осадчев таҳия шуда буд. Он вақтҳо ин муъҷизаи олии муҳандисӣ ҳисобида мешуд, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардааст. Лоиҳаи сохтмони сарбанди НБО “Роғун” бори аввал соли 1959 пешниҳод шуда, нақшаи техникии он то соли 1965 таҳия шудааст.

Сохтмони сарбанди НБО “Роғун” аз ҷониби идораи асосии энергетика ва баркдиҳии назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон соли 1968 ба нақша гирифта шуда буд. Сарбанди НБО “Роғун” бо баландии 335 м баландтарин дар каскади дарёи Вахш ба ҳисоб мерафт. Обанбори Роғун танзими бисёрсолаи обро дар тамоми ҳавзаи Амударё таъмин мекунад. Гузашта аз ин, он барои обёрии кафолатноки зиёда аз 3 миллион гектар замин дар ин ҳавза дар солҳои камобӣ ва хушксолӣ имконият фароҳам меорад. Ин иншоот имкон медиҳад, ки дар кишварҳои поёноб обёрии заминҳои истифодашаванда ва азхудкунии заминҳои нав таъмин карда шавад. НБО “Роғун” ҳам ба манфиати иқтисодии Тоҷикистон ва ҳам ба манфиати ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷавобгӯ мебошад.

Асосноккунии техникӣ-иқтисодии (ТЭО) НБО “Роғун” 27 феврали соли 1974 омода ва тасдиқ карда шуд ва аллакай 27 сентябри ҳамон сол корҳои омодасозӣ оғоз ёфт ба монанди, сохтмони роҳҳо, пойгоҳҳои истеҳсолӣ, манзил, шабакаҳои муҳандисӣ, объектҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Дар ҳамин асос соли 1977 дар Роғун саридораи махсуси “Роғунгэсстрой” ташкил шуд Дар сохтмони онҳо зиёда аз 300 корхона аз тамоми Иттиҳоди Шуравӣ иштирок карданд. Бо кӯшиши умумӣ барои энергетикҳо шаҳри Роғун сохта шуд. Корҳои асосии сохтмони худи НБО соли 1981 пас аз мувофиқа кардани лоиҳа бо ҳамаи роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва

Қазоқистон оғоз ёфт. Аввалин маротиба бастани маҷрои рӯди Вахш 27 декабри соли 1987 сурат гирифт. Аммо сохтмони лоиҳа пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Сотсиалистии Шуравӣ (СССР) қатъ шуд. То соли 1993, баландии сохтмони сарбанд ба 40 метр расид ва 21 км нақбҳо канда шуданд. 8 майи соли 1993 селобҳои шадид қисми болоии сохтмонро шуста бурданд ва нақбҳо ва толори мошинҳо қисман зери об монданд. Дар роҳи татбиқи лоиҳаи бениҳоят барои мардуми тоҷик стратегӣ ва аҳаммияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дошта, албатта, монеаҳои зиёде вуҷуд доштанд.

Бояд қайд намуд, дар даврони истиқлолият барои оғози сохтмони ин иншооти аср, ки хонаи умеди ҳамаи аҳолии Тоҷикистон аст аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуд. Сохтмони НБО “Роғун”-ро дар замони соҳибихтиёрӣ ба якчанд давраҳо тақсим намудан мумкин аст.

Соли 1994 созишнома байни Федератсияи Русия ва Тоҷикистон дар бораи ба итмом расонидани сохтмони НБО “Роғун”, моҳи октябри соли 2004 бо ширкати алюминийи Русал, моҳи феврали соли 2007 созишнома дар бораи шарикии нав байни Русия ва Ҳукумати Тоҷикистон баста шуд.

Баъди қатъ гардидани созишномаи ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати Русиягии Русал оид ба бунёди НБО “Роѓун” масъалаи анљоми сохтмони он характери байнидавлатї ва сиёсиро ба худ касб намуд. Феълан дар масъалаи бунёди сохтмони НБО “Роѓун” алалхусус муќовимати шадиди Њукумати Љумњурии Ўзбекистон мушоњида гардид.

Моҳи майи соли 2008 Тоҷикистон эълон кард, ки сохтмони сарбандро оғоз мекунад. Мањз бо истодагарӣ, талошњои пайгирона ва мурољиат ба созмонњои гуногуни байналхалќї ва минтаќавї, Эмомалї Рањмон тавонист ба сохтмони НБО “Роѓун” аз тарафи Бонки љањонї иљозатнома гирад.

Соли 2010 бо кӯшишҳои бисёрсолаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба хотири бартараф намудани баҳси байни давлатҳои ҳамсоя байни Тоҷикистон ва Бонки љањонї созишнома дар бораи гузаронидани экспертизаи байналмилалии лоиҳа ба имзо расид. То ба анҷом расидани кори экспертиза Тоҷикистон уҳдадор шуд, ки ба корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ даст назанад ва танҳо бо корҳои таъмиру барқарорсозӣ маҳдуд шавад. То моҳи декабри соли 2010 яке аз нақбҳои обкашии дарёӣ таъмир карда шуд ва дуюмаш бошад, моҳи

июн ё июли соли 2011 оғоз ёфт. Аммо, кори экспертиза тӯл кашид ба ҷои охири соли 2011, натиҷаҳои он баъди ду сол яъне, дар аввали соли 2013 омода шуд. Тибқи натиҷаҳои хулосаи экспертизаи таҳқиқотии техникӣ-иқтисодии ширкатҳои “Coyne & Bellier”, “Электроконсалт” ва “Energy+Water Economics”, маҳалли сохтмони НБО “Роғун”, бо вуҷуди мушкилоти сейсмологӣ, барои бунёди неругоҳ мувофиқ мебошад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, сохтани сарбанди 335 метра беҳтарин интихоб буда, имкон медиҳад, ки неругоҳ то 3600 мегават/соат неруи барқ истеҳсол намояд.

Бояд қайд намуд, ки  аз ҳама муҳим хулосаи мусбии Бонки љањонї ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои оғози сохтмони лоиҳа мусоидат менамуд. Аз тарафи дигар ба ҳалли муноқишаҳои беасоси ҳукуматҳои давлатҳои ҳамсоя, ки то ба сатҳи созмонҳои байналмилалӣ масъалагузори карда буданд, ки гуё сохтмони ин иншооти бузург ба муҳити зисти минтақа зараровар аст, нуқта гузошт. Дигар самти муҳими хулосаи экспертизаи байналмилалӣ омӯзиши таъсири эҳтимолии НБО “Роғун” ба самти экология ва кишоварзии кишварҳои поёноби минтақа буд. Дар сатҳи ҳукумати кишварҳои ба мо ҳамсоя ва ҳамсарҳад дар байни аҳолӣ ҷиҳати кам шудани оби ошомиданӣ ва таъмини об ба заминҳои кишоварзӣ дар фасли тобистон тарғибу ташвиқи беасос анҷом дода мешуд. Инчунин, тахминан аз соли 2000 то соли 2017 барои ворид гаштани масолеҳи сохтмонии НБО “Роғун” бо роҳи нақлиёт ва оҳан ба воситаи марзи давлати ҳамсоя ва ҳатто, маҳсулоти хӯрока ба Тоҷикистон аз ҷониби мақомотҳои дахлдори давлати ҳамсоя ба хотири оғоз нагаштани ин иншооти ҳаётан барои мардуми тоҷик муҳим монеаҳои сунъӣ амалӣ карда мешуд.

Баъд аз таҳлили ҳамаҷониба, коршиносони сатҳи байналмилалӣ ба хулосае омаданд, ки ин иншооти гидроэнергетикӣ аз лиҳози экологӣ бехатар буда, ҷараёни табиии обро тағйир намедиҳад ва ба бахши кишоварзии кишварҳои ҳамсоя хатар намеорад. Ин натиҷаҳои кори экспертҳои байналмилалӣ бо хулосаҳои замони шуравӣ оид ба лоиҳаи НБО “Роғун” мувофиқат доштанд.

Хулосаҳои коршиносони байналмилалӣ дар бораи имкони сохтмони сарбанди Роғун дар доираи машваратҳои иттилоотӣ бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони мансабдори шаш давлати ҳамсоя ва поёноб, аз ҷумла Афғонистон, Қазоқистон,

Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон муҳокима шуданд.

Анна Бйерде, директори Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба стратегия ва амалиёт дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки дар ин нишастҳо роҳбарӣ мекард, изҳор дошт, ки "ин машваратҳо натиҷаи раванди мустақили чорсолаи арзёбии байналмилалӣ буда, бо истифода аз беҳтарин таҷрибаҳои ҷаҳонӣ анҷом дода шудаанд".

Бо афзоиши иқтидори НБО "Роғун", имконоти содироти барқ ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Покистон ва дигар давлатҳо беҳтар мешавад. Ин манбаи муҳим барои таъмин кардани бозори барқ дар Осиёи Марказӣ ва хориҷи кишвар хоҳад буд. НБО "Роғун" дар баробари таъмини барқ ба ҳамсоякишварҳо инчунин, метавонад ба рушди соҳаи кишоварзӣ давлатҳои поёноб манфиати зиёд расонад. Неругоҳ ба таъмини оби тозаву устувор барои обёрии заминҳои кишт кӯмак мекунад. Бо назорат кардани сатҳи об дар дарёи Вахш ва обанбори Роғун, селҳои шадид ва хатарҳои эҳтимолии зиёни обро метавон коҳиш дод, ки ба рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, татбиқи барномаҳо дар соҳаи энергетика имкон медиҳад, ки захираву имкониятҳои Тоҷикистон ба хизмати ҳамаи сокинони Осиёи Марказӣ равона карда шаванд, зеро содироти неруи барқ тавассути шабакаҳои байнидавлатӣ ва таъминоти мунтазами об ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа хоҳад буд ва дар самти ҳифзи экологии дигар давлатҳои ҷаҳон мусоидат мекунад. Инчунин, анҷоми сохтмони муваффақонаи НБО "Роғун" мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун иштирокчии фаъол дар ҳалли масъалаҳои глобалии экологӣ ва энергетикӣ таҳким мебахшад.

Ҳангоми иштирок дар маросими тантанавии ба истифода додани дуюмин агрегати НБО "Роғун", 9 сентябри соли 2019 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки "ин иншооти ҳаётан муҳим мувофиқи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалии бехатарӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир сохта мешавад ва дарояндаи наздик на танҳо ба сокинони Тоҷикистон, балки ба кишварҳои минтақа низ хизмат хоҳад кард".
Сохтмони НБО "Роғун" ва дигар неругоҳҳо дар дарёҳои Тоҷикистон ба таъмини тавозуни истифодаи неруи барқ ва об мусоидат намуда,

идоракунии устувори захираҳои обро таъмин мекунад ва камбуди нерӯи барқро дар минтақа коҳиш медиҳад.

Оид ба аҳаммияти байналмилалии НБО "Роғун" коршиносони зиёди сатҳи ҷаҳонӣ андешаҳои худро иброз намудаанд. Ба монанди, Урсула фон дер Лейен дар суханронии худ дар шаҳри Самарқанд дар ин чорабинии сатҳи олӣ таъкид кард, ки Иттиҳоди Аврупо пешниҳод менамояд, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ метавонанд манбаъҳои энергияи барқароришаванда, ба вижа энергияи офтобӣ ва бодӣ, инчунин технологияҳои самараноки гидроэнергетикӣ (ба мисли НБО Роғун) ба роҳ монда, барои таъмини манфиатҳо дар соҳаи энергетика ва ҳифзи муҳити зист ҳамкорӣ кунанд.

Жан-Франсуа Норманд, сармуҳандиси консорсиуми "Tractebel-Electroconsult", ки марҳилаи ниҳоии сохтмони НБО "Роғун"-ро назорат мекунад, таъкид кард, ки "Роғун як иншооти бехатар буда, барои тамоми кишварҳои поёноби дарёи Вахш манфиатовар хоҳад буд". Вай ҳамчунин қайд намуд, ки "Тоҷикистон ҳамаи уҳдадориҳои худро дар робита бо Роғун иҷро намуда истодааст ва он метавонад як навъ "Роҳи абрешим" барои интиқоли неруи барқ дар Осиёи Марказӣ гардад".

Муовини президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллер зимни маросими ба кор андохтани агрегати аввал иброз дошт, ки "НБО "Роғун" ба рушди бахши энергетикии Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшида, сатҳи зиндагии мардумро беҳтар хоҳад кард. Истеҳсоли неруи барқи арзон ва экологӣ тоза (сабз) на танҳо талаботи дохилии Тоҷикистонро қонеъ мегардонад, балки ба содироти он ба кишварҳои ҳамсоя мусоидат мекунад".

Комиссари Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкории байналмилалӣ Йозеф Сикела таъкид кард, ки "Иттиҳоди Аврупо лоиҳаи НБО "Роғун"-ро дастгирӣ мекунад ва аҳаммияти он барои устувории экологӣ ва энергетикӣ дар минтақаро мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст".

Лоиҳаи сохтмони НБО "Роғун", ки яке аз бузургтарин лоиҳаҳои гидроэнергетикии ҷаҳон аст, метавонад таваҷҷуҳи сармоягузорони байналмилалӣ ва бонкҳои молиявиро ҷалб кунад. Лоиҳаҳои ба монанди ин имконоти мусоидат барои ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар, махсусан дар соҳаҳои иқтисодии гидроэнергетика, тиҷорат ва саноатро ба вуҷуд меорад.

Амалӣ намудани лоиҳаҳои ҷорӣ ва нақшаҳои оянда дар самти сохтмони неругоҳи барқии обӣ метавонад Тоҷикистонро дар ҷаҳон ба яке аз кишварҳои пешсаф дар соҳаи “энергияи сабз” табдил диҳад.

## ОИД БА НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ НБО-И “РОҒУН” ВА АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИН ИНШООТИ АСР

**Суханронии Мусаева Р.Г. Р**аиси Ассотсиатсияи энергетикҳои Тоҷикистон аз 26.04.2024, ш.Роғун

Одним из стратегических направлений в многогранной деятельности Главы государства, уважаемого Эмомали Рахмона, является достижение энергетической независимости страны.

За годы независимости по личной инициативе Лидера нации построены и введены в эксплуатацию электростанции «Памир-1», “Сангтуда-1”, “Сангтуда-2” и Душанбинская ТЭЦ-2, сотни объектов малой энергетики в отдаленных горных регионах страны с использованием ВИЭ.

На основе объединения энергетических систем посредством построенной в годы независимости ЛЭП-500 Север-Юг, создана единая энергетическая система Таджикистана.

Строительство и реконструкция электростанций, линий электропередач и подстанций, а также реализация реформ в энергетическом секторе позволили значительно улучшить электроснабжение населения, обеспечить устойчивую деятельность энергетической инфраструктуры и экспортировать электроэнергию в соседние страны.

Таджикистан обладает огромными запасами гидроэнергетических ресурсов, общий объем которых в 4 раза превышает текущий объем потребления электроэнергии во всех четырех странах Центральной Азии, осваивает пока лишь 5% этих запасов.

В настоящее время Таджикистан, согласно оценкам международных организаций, занимает 6 место в мире по производству электроэнергии из возобновляемых источников. После ввода в действие новых мощностей, наша страна может выйти на второе или третье место в мире по этому показателю.

В рамках инициатив Таджикистана по вопросам изменения климата планируется к 2050-му году увеличить свою долю в выполнении стратегии «ноль – выброс» посредством развития «зелёной энергии», прежде всего гидроэнергетики, наращивая новые вводы именно за счет зеленой энергии, которая будет вырабатываться и Рогунской ГЭС общей мощностью 3780 МВт.

Рогунская ГЭС является стратегическим и ключевым объектом развития нашей стран. Рогунский гидроузел – это самая высокая каменно-земляная плотина в мире и самая мощная гидроэлектростанция в Центральной Азии, которая образует водохранилище объемом 13,3 кубических километров.

С вводом Рогунской ГЭС выработка электроэнергии в стране увеличится почти вдвое, так как ее мощность составляет от 13 до 17 млрд. кВт час и в полтора раза превышает вырабатываемую мощность Нурекской ГЭС. Экологически чистая электроэнергия Рогунской гидроэлектростанции позволит полностью удовлетворить потребности Таджикистана в электричестве, а излишки электроэнергии будут продаваться на внешнем рынке.

Строительство Рогунского гидроузла обеспечит многолетнее регулирование стока во всем бассейне реки Амударьи.

В настоящее время Рогунская ГЭС приобрела еще большую экономическую и экологическую значимость. С учетом увеличения населения, производимая дешевая экологически чистая электроэнергия на Рогунской ГЭС способна покрывать растущие потребности в ней не только жителей Таджикистана, но и соседних стран, даст импульс развитию промышленности, созданию новых рабочих мест, будет способствовать расширению межгосударственного и межрегионального товарооборота, обеспечению наличия необходимого количества воды для орошения в засушливые годы.

Рогунская ГЭС сулит значительные выгоды Таджикистану и Центральной Азии: она будет способствовать декарбонизации и укреплению региональных энергосистем, а также трансформации экономики Таджикистана.

В новом докладе ВБ о климате и развитии Таджикистана отмечается, что «Рогунская ГЭС имеет ключевое значение для эффективного управления водными и энергетическими ресурсами, что крайне важно с точки зрения адаптации к изменению климата».

Авторы доклада уточняют, что станция должна выйти на полную мощность (3,78 гигаватт) к 2034 году и обеспечить увеличение запасов воды на 13,3 миллиарда кубических метров (мкм) к 2037 году. «Это обеспечит защиту от паводков для объектов нижнего каскада и повысит жизнестойкость сельскохозяйственных потребителей во время засух, а также обеспечит надежное и доступное энергоснабжение для примерно 10 миллионов человек и промышленных предприятий, испытывающих нехватку электроэнергии в зимний период. Одним словом, Рогунская ГЭС благоприятна как с точки зрения развития, так и с точки зрения обеспечения адаптации», - подчеркивается в нем.

Следует отметить, что строительство Рогунской ГЭС было запланировано еще в СССР в середине 1970-х, а возведение плотины началось в 1987-м, но распад Союза и гражданская война помешали этим планам. Как для Таджикистана советского периода, так и для независимого Таджикистана, строительство Рогунской ГЭС являлось жизненно важным проектом.

Эмомали Рахмон, как депутат ВС РТ 12 созыва, знал о значимости Рогунской ГЭС, так как принимал непосредственное участие в обсуждениях  во время острых дискуссий и дебатов по этому вопросу на сессиях парламента в начале 90-х. А, возглавив страну в 1992 году, начал более глубоко изучать и вникать во все технические, социальные и экологические аспекты проекта стройки, привлекая к этой работе наших специалистов, депутатов и членов правительства.

Глава государства, уважаемый Эмомали Рахмон, понимал, что данным вопросом можно вплотную заняться после установления мира. Ведь место расположения Рогунской ГЭС попадала в зону противоборствующих сторон. Гражданское противостояние нанесло и продолжало наносить невосполнимый ущерб этой стройке. Вывозилось все, что могло двигаться или поддавалось транспортировке, при этом зачастую за пределы страны. Но главное уезжали люди, специалисты, профессионалы. Это надо было остановить.

В то тревожное время страны Глава государства неоднократно выезжал на строительную площадку Рогуна, отправлял туда с поручениями специальные рабочие группы. Он делал все, чтобы поставить заслон растаскиванию производственной базы строительства Рогунской ГЭС, которая была одной из самых мощных в Таджикистане, остановить разрушение строительных объектов, сохранить, на сколько это было возможно, кадровый потенциал, параллельно формировать свои национальные кадры, воспитывать специалистов из числа молодежи.

Лидер нации понимал огромное значение проекта Рогунской ГЭС для Таджикистана и уже в тот период стал выстраивать свою концепцию возобновления строительства этой судьбоносной для молодой таджикской государственности стройки.

Однако, чтобы возобновить строительство такого гиганта, как Рогун, с миллиардными инвестициями, нужна была твердая решимость и политическая воля Главы государства, его вера в созидательную силу народа.

Это было время, когда мало кто верил в перспективу строительства Рогунской ГЭС, которое не смогла завершить огромная держава СССР. Также, к этому времени появился большой узел региональных противоречий, финансовые проблемы,

политические аспекты, в том числе и большие геополитические интересы, которые оказывали давление на решение вопроса продолжения стройки.

В данном контексте, хочу особо подчеркнуть, что никто, кроме нашего Лидера нации не решился бы на такой исключительно смелый, мужественный и очень важный шаг.

Но Эмомали Рахмон не был бы самим собой, если бы не взялся за эту труднейшую проблему. Так как возрождение строительства Рогунской ГЭС и его завершение было в интересах народа, в интересах экономики страны, во имя ее будущего. А эти критерии всегда были первостепенными в деятельности, да и в самой жизни нашего Президента. И именно по его инициативе было возобновлено и продолжено строительство судьбоносной Рогунской ГЭС.

Я еще и еще раз, на примере Рогуна, убеждаюсь, что этой настойчивости, этому упорству, этой самоотверженности, в конце концов бесстрашию и мужеству во имя процветания любимой Родины, нам всем надо учиться у нашего Лидера нации. Если он брался за какую-то проблему, то шел до конца, до полного ее решения.

Здесь, также надо иметь в виду, что Правительство, не располагая углеводородными ресурсами, естественно делала ставку на развитие гидроэнергетики в качестве приоритетной национальной задачи на ближайшие годы. Без развития гидроэнергетического комплекса Таджикистана невозможно было и дальнейшее наращивание экономического потенциала страны. А в проект Рогунской ГЭС, начиная с подготовительного периода строительства в 1976 году по состоянию на начало 2007 года, уже было вложено около 2 млрд долларов США.

Поэтому, Президент страны, проявив политическую волю, обратился к Всемирному Банку с инициативой проведения экспертизы и оценки проекта Рогунской ГЭС на предмет соответствия его международным стандартам качества, с анализом всех появившихся реальных или надуманных проблем, на основе принципа прозрачности этого процесса. Необходимо было именно при участии авторитетнейшего международного финансового института снять все вопросы, проблемы и недомолвки относительно проекта Рогунской ГЭС.

Хочу отметить, что данная работа с ВБ, начиная с момента обращения в 2007 году, длилась долгие 7 лет. Несмотря на многолетние трудности, дополнительные финансовые затраты и потерю времени, Президент страны твердо придерживался линии сотрудничества со Всемирным Банком, чтобы завершить начатый процесс.

Известными экспертами, привлеченными Всемирным банком из Франции, Италии, Германии, Швейцарии, Австралии и других стран, была проведена техническая и экологическая экспертиза ГЭС. По результатам экспертизы строительство Рогунской ГЭС было признано безопасным и экономически выгодным. В заключении к технико-экономическому обоснованию, подготовленному европейскими компаниями, отмечается, что ГЭС гарантированно может служить Таджикистану более 115 лет, а также позволит продлить работу нижестоящим электростанциям, особенно Нурекской ГЭС на 100 лет.

Кстати, впервые гражданскому обществу региона, наряду с правительствами наших стран, была предоставлена уникальная возможность принять участие в диалоге и обсуждении строительства крупного проекта на примере Тааджикистана, и внести свой посильный вклад в консультации по решению данного вопроса. Эту работу НПО региона 4 года консультаций координировала наша Ассоциация энергетиков Таджикистана.

И уже в 2024 году именно наша Ассоциация вновь была привлечена к новому этапу консультаций по проекту Рогунской ГЭС в качестве координатора работы представителей ГО, но уже по «Обновленной оценке воздействия на окружающую среду и социальную сферу проекта Рогунской ГЭС». Данная работа проводится в связи с принятием новой Экологической и социальной программой Всемирного банка, которая в 2018 году заменила предыдущие экологические и социальные требования.

Весь процесс проведения экспертизы ВБ был под пристальным наблюдением Президента страны, он был в курсе всех происходящих исследований, возникающих проблем, оказывал содействие для их преодоления. Каждая консультация, каждый вывод и оценка со стороны экспертов подвергалась тщательному анализу и изучения с его стороны.

В ходе проведенных исследований и прошедших пяти консультативных встреч, были достигнуты основные заявленные цели. Благодаря такой совместной работе, у всех сторон процесса появилось ясное прагматичное понимание оправданности, состоятельности, эффективности, безопасности и выгодности проекта Рогунской ГЭС не только для Таджикистана, но и для всего региона.

По итогам исследования, мы получили конкретный и четкий ответ - альтернативы Рогуну нет, наилучшая рекомендованная высота плотины 335м, которая обеспечивает не только необходимую безопасность, но и серьезные выгоды. Проект плотины Рогунской гидроэлектростанции устойчив перед возможными землетрясениями.

Проект Рогунской ГЭС, с учетом рекомендаций Всемирного банка, а также требований Президента страны, был актуализирован и модернизирован для повышения ее безопасности.

Так, Рогунская плотина теперь могла обеспечить лучшую защиту от потенциальных сильных наводнений, включая вероятный максимальный паводок (ВМП), что, в свою очередь, защищало Нурекскую ГЭС и весь каскад Вахшских ГЭС от таких явлений, сдерживая часть паводковых вод. Это воздействие может стать еще более важным в связи с процессом изменения климата, поскольку ледники, питающие реку Вахш, отступают, что может привести к крупным, масштабным паводкам.

Сегодня на стройке используются самые высокие европейские стандарты, самые современные технологии, и соответствующие требования по безопасности, которые позволят минимизировать риски.

Хочу отметить, что Лидер нации лично контролирует строительство Рогунской ГЭС, он в курсе всех событий, происходящих на стройке. В рамках своих постоянных поездок на этот объект Президент страны знакомится с ходом восстановительных работ, со всеми строящимися основными надземными и подземными объектами и другими участками гидроэлектростанции. Проводимые им рабочие совещания, непосредственно на стройке, позволяют оперативно решать возникающие проблемы, которые не всегда можно решить, без личного вмешательства главы государства. Такой уж это объект!

Встречи и беседы Лидера нации с рабочими, специалистами, инженерами, создают особую атмосферу в трудовых коллективах и понимание важности их труда. Он заряжает всех своей особой энергетикой веры, самоотдачи, героического труда, достижения поставленной цели. На строительстве гидроэлектростанции в настоящее время на постоянной основе трудятся 17 тысяч человек, 90 % которых национальные кадры.

Глава государства не просто контролирует и наблюдает за процессом строительства, он непосредственный участник этой уникальной стройки. На каждом из ее этапов, Лидер нации сам берет в руки рабочие инструменты и вкладывает свою лепту, свой личный труд. Как это было 29 октября 2016 года, в день перекрытия русла реки Вахш. Тогда Лидер нации сел за руль мощного бульдозера, чтобы лично завершить эти ответственные и сложные работы, тем самым положил начало строительству плотины Рогунской ГЭС.

Строительство Рогунской ГЭС - это больше не легенда, не фантазия, а с 2008 года реальность, самая настоящая реальность наших дней. Запущены первые два агрегат, работа которых смягчила зимний дефицит электроэнергии. Посредством этих агрегатов станции с 2018-2019 годов по сей день произведено 7,5 миллиарда киловатт-часов электроэнергии и переправлено в единую энергетическую систему страны.

Благодаря постепенному, накоплению воды в водохранилище Рогуна, расположенный ниже по течению Вахша каскад ГЭС – Нурекская, две Сангтудинские, Байпазинская, Головная (Сарбанд), у которых увеличится суммарный запас воды, также смогут увеличить в осенне-зимний период выработку электроэнергии.

Твердая и выверенная позиция Лидера нации в вопросе строительства Рогунской ГЭС, учет различных факторов и особенностей, отстаивание национальных интересов, ответственность перед народом, стремление воплотить в жизнь очень важный для развития страны проект позволили добиться признание нашего проекта со стороны правительств ЦА государств. Уже подписаны соглашения с Узбекистаном и Казахстаном о передаче им экологически чистой электроэнергии, которая будет вырабатываться на этой гидроэлектростанции.

Проделанная работа свидетельствует о преодолении всех барьеров и трудностей, которые стояли на пути возрождения проекта

Рогунской ГЭС. Тому подтверждение внимание международных финансовых институтов к этой великой стройки.

В результате плодотворного сотрудничества до сегодняшнего дня подписаны соглашения о льготном кредитовании с Исламским банком развития на сумму 150 миллионов долларов и Саудовским фондом развития на сумму 100 миллионов долларов.

Наряду с этим позитивные решения о выделении 100 миллионов долларов были приняты другими арабскими фондами развития, в том числе Фондом ОПЕК по международному развитию, Кувейтским Фондом развития, Фондом Абу-Даби и Сберегательно-трастовым фондом Италии.

Ведутся работы по привлечению грантовых средств от Азиатского банка развития и льготных кредитов от Европейского инвестиционного банка и Катарского Фонда. Также ведутся переговоры о подписании грантового соглашения с Всемирным банком на сумму 650 млн долларов и кредитного соглашения с Азиатским банком инфраструктурных инвестиций на сумму 500 млн долларов.

На основании экологической и социальной оценки ВБ последний агрегат Рогунская ГЭС введут в эксплуатацию в 2029 году, а ее водохранилище будет заполнено полностью к 2036 году.

Как отметил Глава государства: «Сегодня Рогунская ГЭС –– судьбоносное сооружение и символ чести и достоинства нашей нации, огромный шаг на пути к энергетической независимости нашего любимого Таджикистана, устойчивому и быстрому развитию нашего независимого государства, благоустройству Родины наших предков и, самое главное, к улучшению условий жизни нашего народа».

## ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**Суханронии Азиззода Ш.Н.** Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 22.05.2024, ш.Конибодом

**Муњтарам аъзои Шурои љамъиятї!**

**Њозирини гиромї!**

Ҳукумати Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмин намудани озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин корҳои назаррасро ба анҷом расонид.

Дар робита бо ин, як ќатор қонуну консепсия ва стратегияњои сиёсати давлатӣ ба тасвиб расонида шуданд.

Ба шарофати истиқлолу озодӣ мо ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва динии худ муяссар шудем ва мардумамон бо мазҳаби аҷдодӣ ҳамаҷониба ошно гардиданд. Шањрвандон озодона ибодат мекунанад, намоз мехонанд, рӯза медоранд ва хонаи Худоро зиёрат мекунанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 4 ҳазор масҷид, ниҳодҳои диншиносии илмӣ, беш аз 250 ҳазор нафар ҳоҷиён, беш аз 400 ҳазор умракардагон ва ҳазорҳо нафар ходимони дин дар фазои озодиҳои истиқлол тарбия ёфтаанд.

Ин иқдомоти Њукумати љумњурї ҳамчун идомаи корҳои анҷомдодаи гузаштагони некноми худ дар роҳи ҳифзу такомули арзишҳои эътиқодиву ахлоқии дини мубини ислом, поксозии он аз ҳама гуна хурофоту таассуб, ҳимоя аз тафриқаандозӣ ва пойдории асолати динї мебошад.

Вале бар ивази ҳамаи тадбирҳои то имрӯз амалигардида ва дастгириву пуштибонии давлату Ҳукумат ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи динӣ дар мамлакат таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст.

Дар саҳифаҳои таърихи давлатдории миллати тоҷик фоҷиаву рӯйдодҳои мудњиш сабт гардидаанд, ки омили асосии онњо пайдо намудани мафкураи тундрави динӣ, таассубгароӣ ва сиёсисозии ақидаҳои динӣ буданд.

Омӯзиш ва таҳлили масъала нишон медиҳад, ки барои сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик омили ифротишавии ҷомеа ва

пайвастани шаҳрвандон ба созмонҳои террористии хусусияти динидошта дар шароити кунунӣ низ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ мемонад ва дар сурати пешгирӣ нагардидани ин раванд оқибати ногувор хоҳад дошт.

Сабаби асосии чунин вазъият, пеш аз ҳама, дар он аст, ки кор бо мардум дар самти ташаккули маънавиёти солиму созанда ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, сохторҳои маҳаллии вазорату кумитаҳо, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо пешбурди фаъолияти мафкурасозиро дуюмдараҷа мешуморанд ва ба ин масъалаи муҳим аҳаммияти зарурӣ намедиҳанд.

Тавре имсол Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон дар мулоќот бо фаъолон, намояндагони љомеа ва ходимони дин изњор доштанд: «Дар вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа дар баробари риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ба арзишҳои динӣ оқилона муносибат намуда, ҳам арзишҳои созандаи дини исломро ҳифз намоем ва ҳам пеши роҳи паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро гирем».

**Њозирини гиромї,**

Терроризм масъалаи мубрами рўз ба њисоб меравад, зеро зуњуроти ин гуна амал пеш аз њама ба њуќуќу озодињои инсон, амнияту тамомияти арзии давлатњои дунё зарар мерасонад.

Тањлили сарчашмањо ва таҷриба нишон медињанд, ки бештар њадафи асосии гурўњњои террористию экстремистї љавонон, ки яке аз ќишрњои осебпазири љомеа ва таҷрибаи кофии ҳаётӣ надоранд, ќарор мегиранд. Яке аз омилњои асосии љалби љавонон ба гурўњњои мазкур муњољирати мењнатї дар хориљи кишвар ва наёфтани љойи аниќи корї, сатњи пасти маърифатнокї, носолимии муњити оила, бепарвої зоњир кардани волидайн ба таќдири фарзандон, истифодаи васеи сомонањои интернетї ва ѓайрањо мебошанд. Омилњои муайянкардашуда дар самти шомилшавии љавонон ба гурўњњои экстремистиву террористї нишон дод, ки ин, пеш аз њама, зиёдаравї, њисси бегонапарастии онњо аст. Баъзе љавонон аз бетарафии љомеа истифода бурда, дар хориљи кишвар тањсил карда, узви ягон њизби мамнўъ шуда баргашта, ба вайрон кардани мафкураи љавонони дигар машѓул мешаванд.

Дар шароити кунуни њаётии љомеаи љањонї, торафт шиддат гирифтани равандњои љањонишавї, дар минтаќањои гуногуни олам пањн шудани тањдиду хатарњои нав, аз ќабили терроризму ифротгарої, љинояткории муташаккили байналмилалї ва дигар равияњои барои инсоният хатарнок ва бањри иљрои дастуру супоришњои Пешвои миллат, мо бояд пайваста саъю талош варзем ва кўшиш намоем, ки арзишњои миллї, устувории пояњои давлатдориамонро фидокорона њифз намоем.

Чунки хушунати экстремизм ва терроризм сол то сол боз њам васеътар гардида, дар аксар мавридњо инкишофи ин зуњурот аз љониби гурўњњои ифротгаро бо истифода аз эътиќоди динии ањолї ва номукаммал будани дониши динии љавонон ба амал бароварда мешавад.

Ваќтҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ иснод оварда истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари шахсони ба ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дастзада дар даврони наврасӣ ба таълими ғайриқонунии динӣ ҷалб гардидаанд ва аз таҳсил дар мактаби миёна дур мондаанд.

Љумњурии Тољикистон дар мубориза бар зидди равандњои номатлуб ва хатару тањдидњои муосир дар минтаќа дар сафи пеш ќарор дорад. Њукумати кишварамон “Стратегияи миллї оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021 – 2025 -ро тасдиќ кард, ки бар асоси он мубориза бар зидди ифротгарої ва зўроварї пурзўр карда мешавад.

Њамин тариќ, маълум мегардад, ки мубориза бар зидди њама гуна зуњуроти реаксионии динии экстремистї-террористї, ки бехатарии давлат ва низоми демократии онро халалдор менамоянд, хеле муњим буда, роњу воситањои худро дорад ва имрўзњо ба яке аз самтњои сиёсати давлатии мо табдил ёфтааст.

Барои пойдории сулњу субот, оромиву осудагї дар Тољикистон фикр мекунем, роњу усулҳои асосии мубориза бар зидди терроризм ин-

1. Дар замири љавонон тарбия кардани њисси ватандўстиву мењанпарастї;

2. Таъмини њамоњангии фаъолияти маќомоти давлатї ва ташкилоту муассисањои ѓайридавлатї;
3. Коркарди механизми дурусти назорати иљроиши ќарорњои ќабулшуда ва манфиатнокии чорањои пешгирии њуќуќвайронкунињо дар самти фаъолияти террористиву экстремистї;
4. Назорати фаъолияти маќомоти давлатї дар самти батанзимдарории муњољирати мењнатї, кор бо диаспорањо ва њамкорї бо маќомоти њифзи њуќуќи давлатњои хориљї;
5. Баланд бардоштани фарњанги сиёсии љомеа ва ходимони дин;
6. Ба мењнати самарабахш фарогирии љавонон, ташкили љойњои нави корї барои љавонон ва ѓайра мебошад.

Аз ин рӯ, имрӯз мо бояд пеш аз ҳама сиёсати давлатамонро њамаљониба дастгирї намоем, зеро таъкид ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон ҳар яки моро ба ҳифзи Ватан, манфиатҳои миллӣ, ояндаи давлат ва ҷомеа, таъмини амнияту субот ва ҳимоя аз ин зуҳуротњои хатарафзо ва манфии замон водор месозад.

**Ташаккур ба диќќатaтон!**

## ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**Суханронии Саидзода Р.Ҳ. В**азири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.2024, ш.Конибодом

**Њозирини гиромї!**

**Муњтарам аъзоёни** Шурои љамъиятии Љумњурии Тољикистон. Ҷаҳони муосир зудтағйирёбанда буда, тақозо мекунад, ки ба масоили худшиносиву худогоҳӣ, шинохти асолати хеш ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа ҳамвора таваҷҷуҳ намоем. Вазъи мураккаби ҷаҳон вазифаву рисолати аҳли ҷомеаро боз ҳам бештар намудааст, зеро воситаҳои гуногуни таъсир расондан ба афкори омма ба вуҷуд омада, неруҳои иртиҷоӣ ва тундрав бо роҳҳои гуногун кӯшиш менамоянд, ки фазои орому осудаи кишварро халалдор созанд. Бинобар ин, зарурате пеш омадааст, ки аҳли зиё, фаъолони ҷомеа, ходимони дин дар муборизаҳои иттилоотӣ, бархурдҳои фарҳангӣ пешсаф бошанд ва дар мубориза ба тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, терроризму экстремизм ва дигар амалҳои номатлуб саҳми муносиб гузоранд.

Маълум аст, ки муборизаҳои абарқудратҳо ва оғози ҷанги сард ҷаҳонро ба марҳалаи нав ворид кардааст. Вазъи мураккаби сайёра ба кишвари мо низ бетаъсир нахоҳад буд ва омилҳои зиёд, аз қабили терроризму экстремизм ва таъсири фарҳанги бегона аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин љост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (09.03.2024) мулоқот анҷом дода, суханронии пурмуҳтаво ироа намуданд. Дар он бевосита ба масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ва масоили сатҳи маърифатмандии аҳли ҷомеаи кишвар диққати махсус зоҳир карданд.

**Њозирини гиромї!**

Яке аз омилҳои номатлуби ҷаҳони муосир мубориза бо терроризму экстремизм мебошад, ки ҷаҳони муосирро ҷиддан ба ташвиш овардааст. Мубориза бо терроризму экстремизм дар саргаҳи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, масъалаи масъалаи мазкур дар тамоми равандҳои сиёсии давлат мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари муборизу маҳкумкунанда бар зидди амалҳои номатлуб, махсусан, терроризму экстремизм шинохта шудааст. Вобаста ба ин дар ҷумҳурӣ қонунҳои махсус ҷиҳати мубориза бо падидаҳои номатлуб қабул гардидааст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»,

«Дар бораи муқовимат ба экстремизм»,

«Дар бораи муқовимат ба терроризм»,

«Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим»,

«Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, стратегияҳои миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 – 2020 ва 2021 – 2025 қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд.

Вазорати маориф ва илми,ки пешбарандаи сиёсати давлат дар самти таълиму тарбияи наврасону ҷавонон муаззаф мебошад, вобаста ба иҷроиши ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чораҳои мушахасро меандешад. Вобаста ба ҳар яки ин санадҳои муҳими давлатӣ нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуда, иҷроиши он пайваста таҳти назорати қатъӣ қарор дорад.

Вазорати маориф ва илм љињати иљрои Стратегияи муќовимат ба экстремизм ва терроризм дар Љумњурии Тољикистон барои солњои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Љумњурии Тољикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиќ гардидааст, як қатор корњоро ба анљом расонид.

Мувофиќи Наќшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муќовимат ба экстремизм ва терроризм Вазорати маориф ва илм дар 6 боб, 16 банд ва 32 зербанд ба њайси иљрокунанда масъул гардонида шудааст.

Дар ин замина вазорат Наќшаи чорабинињо љињати амалисозии стратегияи муќовимат ба экстремизм ва терроризм дар Љумњурии Тољикистон барои солњои 2021-2025-ро тањия ва бо фармоиши вазири маориф ва илми Љумњурии Тољикистон аз 12.11.2021, №1438 тасдиќ намуд. Нақшаи чорабиниҳои мазкур аз 31 банд иборат буда, рафти иљрои он таҳти назорати қатъӣ қарор дода шудааст.

Иҷроиши баъзе аз бандҳоро шарҳ медиҳам. Мисол Банди 1. Ба номгўи мавзуъњои рисолањои дипломї ва хатмкунї ворид намудани масъалањои мубориза бо экстремизм ва тероизм барои донишљўён ва магистрњои муассисањои таълимї, њавасмандгардонии муаллифони тадќиќотњои илмї доир ба ин мавзуъ барои унвонљўён, аспирантњо ва татќиќотчиёни дигар дар муассисањои тањсилоти олии касбї ва баъди олии касбї дар соњаи илмњои гуманитарї

Љињати анљом додани тадќиќотњои илмї дар муассисањои тањсилоти олии касбї ба мавзуъњои рисолањои номзадї, хатмкунї ва магистрї мавзуъњои ба самти экстремизм ва терроризм нигаронида шуда, ворид карда шудааст. Натиљаи ин тадќиќотњои илмї дар шакли дастур, брашура, монография ва воситањои таълимї (36 адад) чоп карда шудааст.

**Банди 2. Гирифтани хулосаи маќомоти давлатии ба экстремизм ва терроризм муќовиматкунанда дар бораи дараљаи судмандї ва дар амалия татбиќшавандагии натиљањои (хулоса ва пешнињодњои) рисолањои дипломї, номзадї ва докторї дар ин мавзўъ**

Бо маќсади анљом додани рисолањои дипломї, номзадї ва докторї дар мавзуъњои алоќаманд ба эктремизм ва терроризм дар муассисањои тањсилоти олии касбї розигии кормандони маќомоти давлатии ба экстремизм ва терроризм муќовиматкунанда гирифта шуда, зери роњбарии онњо рисолањои тахмкунї дар муассисањои тањсилоти олии касбї анљом дода мешаванд.

Масалан, аз љониби Донишгоњи давлатии омўзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **лоињаи** "Њолат ва сатњи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои солњои (2021-2024) РКД 0121 TJ 1217 бо гирифтани иљозатномаи дахлдор амалї гардида, натиљањои тањќиќот њамасола дар шакли маќола, дастур чоп гардида, ба маќомотњои дахлдорї давлатї, аз љумла ба Вазорати маориф ва илм ирсол карда мешавад. Дастури "Омилњои ифротгароии динї дар љомеаи Тољикистон" соли 23, муаллиф Ќањњоров Ѓ.

Ҳамзамон вобаста ба бандҳои дигари нақшаи чорабинӣ, ки ба ҷалби **зиёиёни эљодкор барои** вокунишҳои саривақтию ифшои маќолањо **ба хабарҳои** гурўњњои экстремистию террористї, ифротгарої ва суханони иѓвоангезї.

Гузаронидани **чорабинињои фарњангию равшаннамої дар телевизион ва воситањои ахбори оммаи электронї ва чопї љалб намудани, дастгирї ва њавасмандгардонии иштироки онњо дар пешгирииии экстремизм.**

Таъсиси курсњои омўзишии "Сарварони сиёсї" дар МТОК ки бевосита ба масъалаи экстремизм, терроризм, муќовимат ба

коррупсия фаъолият менамояд, ки ба тарбия намудани донишљўён машѓул мебошад.

Дигар масъалаҳое, ки корҳои тарбиявии ҳамарўзаи муассисаҳои таҳсилотӣ мешанд, ҳамаҷиҳата барои тарбияи ҷавонону наврасон дар самти муқовимат ба экстремизму терாризм ва ҳуруфотпарастии ҷавонону наврасон мебошад. Як омили амиқро мо бояд ба инобат гирем. Новобаста аз корҳои анҷомдода дар муассисаҳои таълимӣ бо наврасону ҷавонон, имрўзҳо теъдоди ҷавонони ба фарҳанги миллати бегона рў оварда хело зиёд мебошад. Дар раванди пурсишҳо бо сатрпўшон маълум мегардад, ки қисмати зиёди онҳо бо дастури волидайну калонсолони хонавода сатру ҳиҷоб ба сар мекунанд. Яъне ки мо бояд на танҳо бо ҷавонону наврасон балки бо аҳли ҷомеа новоста аз самти кору фаъолият вазъи иҷтимоии онҳо дар якҷоягӣ бо мақомоти марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамкорӣ намуда, бе дурўягӣ ба сиёсати давлату ҳукумат содиқ бошем. Дар ин самт мулоқоту суҳбатҳоро дар муассисаҳои таълимӣ, масҷиду ибодатгоҳҳо, марказҳои фарҳангӣ бо иштироки наврасону ҷавонон бояд роҳандозӣ кард. Хусусан, намояндагони ниҳодҳои динӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила фаъолиятро дар маҳалҳо ҷоннок намуда, дар ҳар деҳаву ҷамоат пайваста мулоқотҳо доир намоянд. Мулоқоту суҳбатҳо набояд хушку холӣ, балки фарогиру муассир ва таъсиргузор бошанд. Пешвои миллат дуруст дарёфтаанд: «Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣгустариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад… Борҳо гуфтаам, имрўз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад».

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактабу маорифро дар меҳвари сиёсат қарор додаанд ва дар ҳар як суханрониву мулоқоти хеш бо аҳли маориф ин нуктаро пайвас та таъкид менамоянд. Аз ҷумла, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат (23.12.2022) қайд намуданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омўзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омўзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва

муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».

Пешнињодњо:

1. Пушидани сару либоси миллї ва тавсиявї барои хонандагону донишљўён дар муассисаи таълимї риоя мегардад, аммо ин њолат берун аз муассисаи таълимї дар кўчаву хиёбонњо ба назар мерасад. Њамкорї байни њама шохањои њокимияти давлатї, иштироки фаъоли маќомоти иљроияи мањаллии њокимияти давлатї ва худидоракунии шањраку дењот зарур аст. Дар байни ањолї хусусан, падару модар ва љавонони бекор корњои таблиѓотию ташвиќотї ва фањмондадињї бештар карда шавад.

2. Ҷалби ҷавонони бекор, ё ин ки ҷавонони аз таълим дурмонда. Вобаста ба тамоми чорабиниҳои мақомотҳо ҷалби хонандагону донишҷӯён.

3. Баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор. Кам кардани санҷишҳои бемаҳали мақомот қудратӣ аз муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот. (Аблаваҳо дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, санҷишҳои барномаҳои таълимӣ ва журналҳои синҷии устодон аз ҷониби нозирони минтақавии Вазорати корҳои дохилӣ....)

Њозирини гиромї!

Миллати тоҷик таърихи беш аз 6000-сола дошта, ниёгони заковатманди мо дар дарозои таърих анъанаву оин ва расму русуми зиёдро ба ҷаҳониён ба мерос гузоштаанд. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ анъанаҳои миллии тоҷик аз нав эҳё гардиданд. Ба ин маънӣ, дар замони соҳибистиқлолӣ ҷашнҳои қадимаи тоҷик, аз қабили Меҳргон, Тиргон, Сада ва Наврӯз бо анъанаҳои дерини хеш барқарор гардиданд. Дар баробари ин, бо талошҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз байналмилалӣ гардид, ки фалсафаи он эҳёи табиат ва инсон аст.

Њозирини гиромї!

Бо маќсади њимояи амнияти давлатї ва њифзи дастовардњои замони соњибистиќлолї, пешгирии зуњуроти бегонашавї ва бегонапарастї, гаравиш ба ташкилоту созмонњои ифротгаро ва тањдидкунандаи таассуби динї, хурофот ва хурофотпарастї ва њамзамон, тарбия намудани наврасону донишљўён дар руњияи худшиносии миллї, ифтихори ватандорї ва шаъну шарафи шањрвандї

мо дар якҷоягӣ бояд аз як гиребон сар бароварда тамоми чораҳоро сидқан андешем.

Ташаккур ба таваљљуњатон!

# ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**Суханронии Холиқзода А.Ғ.** Директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.2024, ш.Конибодом

Вақти он расидааст, ки мо бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубу хатарнок, аз ҷумла ифротгароиву терроризм сарҷамъона мубориза барем ва дар кишвар волоияти қонунро таъмин намоем.

Эмомалї Рањмон[1]

**Назари њуќуќ ба њодисаи ифрот ва ифротгароии динї**

Истилоҳи «экстремизми динӣ» солҳои охир дар фазои иттилоотии ҷаҳон мавқеи назаррасро ишғол намудааст. Ифротгароёни кишварҳои гуногун қариб дар тамоми қитъаҳо кирдорҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла амалиётҳои террористӣ содир мекунанд. Аз ин рӯ, ба табиати печидаи худи зуҳуроти ифротгароӣ додани фаҳмиши ҳуқуқии мафҳуми «экстремизми динӣ» мушкилро ба бор овардааст. Бисёре аз мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, криминология, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва этнология барои дарки моҳияти ин падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ва мураттабсозии таърифи он талош кардаанд ва карда истодаанд. Аммо талошҳои пайваста дар солҳои ахир барои ифшои моҳияти ифротгароӣ боиси баҳсу мунозираҳои зиёд гардидааст.

Ҳамин тариқ, барои равшан кардани моҳият ва мазмуни экстремизми динӣ, нахуст фаҳмишҳои мавҷударо дар бораи мафҳуми «экстремизм» мавриди таҳлил ќарор додан лозим аст, зеро маънои васеи ин мафҳум аз этимологияи он сарчашма мегирад.

Экстремизм аз вожаи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus» гирифта шуда, маънои луғавиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад ва андоза гузаштанро дорад. Луғати тафсирии забони русӣ чунин таърифи калимаи

[1] Суханронии Эмомалї Рањмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 09.03.2024 с.

«экстремизм»-ро дар бар мегирад: «Тарафдори ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ (одатан дар сиёсат)»[2].

Баъзе аз муҳаққиқон дар муносибат бо ифротгароии динӣ бештар ба фаҳмиши иҷтимоӣ такя намуда, онро аз ҷанбаи равонӣ шарҳ дода, як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон мепиндоранд ва зуҳури онро ба муносибатҳои иҷтимоӣ бошад дар шакли тундравӣ эътироф кардаанд. Ин навъи фаҳмиш шояд аз назари равонӣ имкон дорад. Вале ба табиати экстремизм аз назари умумии меъёрбандии иҷтимоӣ ва илми ҳуқуқ, ки сархати 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат бо экстремизм пешбинӣ намудааст, мувофиқат намекунад.

Экстремизм дар ҳама шаклаш, вай аллакай, ифодаи мафкура аст, на мафкураи худ ба худ. Меъёри ҳуқуқ ба мафкураи худ ба худ, ки ҳанӯз аз лонааш дар шакли сухан ва ё амали муайян набаромадааст, таъсир намерасонад. Экстремизм тибқи таснифоти ҳуқуқӣ ин фаъолият ва шакли зоҳирии ифодаёбиии мафкура аст: «**экстремизм** – ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона шудааст»[3].

Қонунгузорӣ ду намудаи фаъолияти экстремистиро муайян кардааст, ҷинояти хусусияти экстремистӣ дошта ва ҳуқуқвайронкунии хусусияти экстремистӣ дошта. Барои ҷинояти хусусияти экстремистӣ дошта ҷавобгарии ҷиноятӣ ва барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистӣ дошта ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст.

Муҳаққиқони соҳаи сиёсат ва идеология дар сатҳи тарғибу ташвиқи муқовимат бо зуҳуроти ифротгароӣ саравввал ифротгароии диниро дар пайравӣ бо равоншиносон ҳамчун ҳодисаи ботинии мафкураи шахсӣ баҳогузорӣ менамоянд. Дар чунин шакл ифротгароӣ масъулияти ҳуқуқӣ дошта наметавонад, магар ин ки масъулияти ахлоқӣ ва равонӣ таъсир нагузорад. Чун ин дидгоҳ аз сатҳи мафкура берун меҷаҳад, пас, он ба назари эшон тундгароии динӣ дониста

[2] Толковый словарь русского языка / Под ред. С.И. Ожегова, Н.Ю. Шведовой. – М., 2003. – С. 908.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, №1, мод.2).

мешавад. Шакли берунҷастаи мафкураи ифротӣ дар фаҳмиши эшон намои тундравиро гирифтааст.

Аз як ҷониб ифроту террор дар ин дидгоҳ ҳамчун ду ҳодисаи мустақил баромад мекунанд ва сониян яке давоми мантиқии дигаре. Ин шакли мафҳумсозии иҷтимоӣ, бо вуҷуди он ки пояҳои мантиқӣ дорад, ба воқеияти зуҳури ифрот ва тундравӣ ва фаҳми айнии онҳо аз назари илми ҳуқуқ мушкилӣ эҷод мекунад. Гузашта аз он вай наметавонад тамоми гуногунии ҳолоти содиршавии ифротро инъикос намояд. Зеро ифрот метавонад бо тундгароӣ ва метавонад берун аз он рӯнамо гардад. Ва вақте чунин дидгоҳ ба ин мафҳумҳо терроррро ҳамчун даҳшатафканӣ шомил менамояд, кори фаҳмиши ин зуҳуроти манфӣ ба маротиб печида мегардад.

Дуруст аст, ки иртиботи ин се навъи амали ғайриахлоқӣ ва ҷиноиро аз ҳамдигар инкор намудан мумкин нест. Зеро ҳолатҳое дучор мешаванд, ки онҳо дар ҳамбастагии устувор қарор доранд. Аз ин хотир, дар заминаи корҳои бедории мафкураи миллӣ ва ҳушдории худшиносӣ шояд чунин муттаҳид вонамуд кардани даҳшат аз назари идеологӣ имконпазир бошад. Ва ҳамин ҳолат муаллифони тарғиботгарро водор кардааст, ки онҳоро дар ҳамин устуворӣ сода ва фаҳмо шарҳ диҳанд. Вале ин ҳолати биниш дидгоҳи айнии ҳуқуқӣ буда наметавонад. Зеро дар амалия имкон дорад, ки шахс тарзе ишора шуд тундрави динӣ бошад, вале дар кирдори вай зуҳуроти ифротгароӣ ва ё террористӣ ҷой надошта бошад. Ё баръакс шахс бо ифроти динӣ зуҳур намояд вале тундравии динию даҳшатафкании динӣ надошта бошад. Ҳамчунин мумкин аст, ки шахс дар амали террористӣ даст дошта бошад, вале рафторҳои тундравию ифроти диниро то ҳанӯз нишон надода бошад.

Мушкилии омехта ва васлият бахшидани ин мафҳумҳо аз дидгоҳи назарӣ дар илми ҳуқуқ дар он аст, ки амалияи ҳуқуқӣ имкон пайдо менамояд, як намуди онро бо дигар шаклҳояш якҷоя банду баст намояд. Яъне тундрави диниро дар як маврид ба сифати ифротгарою терористи динӣ ва баръакс террористро дар як маврид ба сифати ифротгарою тундрави динӣ, новобаста аз он ки дар кирдори вай аломатҳои ҳамин кирдорҳо вуҷуд доранд ё не ба ҷавобгарӣ кашидан имкон дорад. Дигар ин ки чунин дидгоҳ тафовути миёни кирдори ифротгароёнаи ҳуқуқвайронкунандаи маъмуриро аз ҷиноятӣ беранг мегардонад. Ҳол он ки ин кирдорҳо вобаста ба сатҳи ба ҷамъият

хавфнокиашон дар сатҳи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят тафовути ҷиддӣ дошта метавонанд.

Умуман фикри ҷамъбастии он, ки терроризм марҳалаи олӣ ва охирини ифротгароӣ ё шакли амалишудаи экстремизму радикализм мебошад, аз назари равиши мантиқии фикр танҳо бо далели истифодаи усули таблиғотӣ ва насиҳати ахлоқӣ қобили қабул аст.

**Шаклҳо ва намоҳои нави ифротгароии динӣ**

Бо мурури замон ифротгароӣ њамчун зуњуроти оќшудаи љомеаи инсонї бинобар вуљуди авомили мухталифи ѓизодињандаи он бо шаклҳои нав пурра гардид.

Б.К. Мартиненко ифротгароии диниро аз шаклҳои сершумори ифротгароӣ (экстремизми сиёсӣ, миллӣ, миллатгароӣ) фарқ мекунад:
– дар таҳаммулнопазирӣ нисбат ба намояндагони эътиқодҳои гуногун ё дар муқовимати шадид дар дохили як эътиқод зоҳир мешавад. Он аксар вақт бо мақсадҳои сиёсӣ, дар муборизаи иттиҳодияҳои динӣ бар зидди давлати дунявӣ ва ё ба даст овардани қудрати намояндагони яке аз динҳо истифода мешавад[4].

Мавзуи мазҳабӣ, ки то ба ҳол танҳо як гурӯҳи хурди коршиносон ва мансабдорони масъули мушкилоти равобити давлату дин таваҷҷуҳи хоса дошт, пас аз 11 сентябри соли 2001[5] мазмуни нав пайдо кард ва дар ниҳоят ҷаҳон ба зуҳуроти таҷовузҳои динӣ вокуниш нишон дод. Ҳодисаи фоҷиабор дар маркази театрии Дубровка ҳангоми намоиши мусиқии «Норд-Ост» нишон медиҳад, ки ифротгароӣ дар заминаи динӣ торафт боҷуръаттар шуда истодааст.

Ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва шахсони алоҳида, ки дар амалҳои зӯроварӣ даст доранд, аз арзишҳо, таълимот ва мафҳумҳои динӣ истифода мекунанд. Интиҳоргароне, ки бомбҳоро ба баданашон баста ё мошинро пур карда, дар миёни издиҳом мунфаҷир карда, мардуми бегуноҳ, занону кӯдакон ва пиронсолонро мекушанд, худро мубориზи эътиқод, «муҷоҳидин» ва амали худро –

---

[4] Ниг.: Мартыненко Б.К. Теоретико-правовые вопросы политического терроризма (на примере России конца 80-х-90-х годов XX века): дис. ...канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 1999. – С. 30-31.

[5] Бар асари ҳамлаи террористии Ал-Қоида ба Маркази Ҷаҳонии Тиҷорат дар Ню Йорк ва бинои Пентагон дар Вашингтон 11 сентябри соли 2001 беш аз 2,5 ҳазор нафар кушта, биноҳои Маркази Ҷаҳонии Тиҷорат комилан тахриб ва хисороти моддӣ зиёда аз 4 миллиард долларро ташкил дод.

«ҷиҳод» меноманд[6]. Мутаассифона, чунин амалҳои террористиро (аз нигоҳи таълимоти исломӣ) ҷоиз медонанд ва мегӯянд, ки роҳи дигари раҳоӣ барои расидан ба ҳадаф вуҷуд надорад ва ҳадаф васила расидан ба онро асоснок мекунад. Тарафдорони ақидаҳои ифротӣ бар ин боваранд, ки ин ақидаҳо илоҳӣ ва аз ин рӯ, ҳақиқӣ ва одилонаанд. Ин ба онҳо боварӣ мебахшад, ки фармони Худоро иҷро карда истодаанд ва мувофиқи он подош хоҳанд гирифт.

Бо вуҷуди ин, вақтҳои охир бисёре аз ҳомиёни ҳуқуқ, сиёсатмадорон ва рӯзноманигорон дар бораи нодуруст будани мафҳуми «экстремизми динӣ» ҳарф мезананд. Онҳо бар ин назаранд, ки дар паси ҳар як падидаи динӣ (аз ҷумла, экстремизми динӣ) манофеи сиёсӣ, иқтисодӣ ё низомӣ меистад, аз ин рӯ, «экстремизми софи динӣ» вуҷуд надорад. Гуфта мешавад, ки истилоҳи «экстремизми динӣ» эҳсоси диндоронро таҳқир мекунад. Махсусан дар аксари мавридҳо ин масъаларо, такрор мекунем, сиёсатшиносон ё ҳомиёни ҳуқуқи инсон, ки аз ҷараёнҳои динӣ дифоъ мекунанд, баррасӣ мекунанд.

Ба андешаи мо, дар доираи дурустии сиёсӣ мондан ва ҳама чизро танҳо ба заминаи иқтисодӣ ва сиёсии ҳар як падидаи этникӣ ва динӣ коҳиш додан ғайри қобили қабул аст. Ҳарчанд аксаран дар расонаҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ аз суханрониҳои мансабдорон чунин истилоҳе («аз ҳадди иҷозат гузаштан») ба мисли «экстремизми исломӣ», «террористи мусулмон» шунида мешавад, ҳатто истилоҳи «камикадзеи мусулмонӣ» пайдо шудааст. Ба гуфтаи муҳаққиқи амрикоӣ Зейно Баран, беш аз 40% амрикоиҳо бар ин боваранд, ки ислом терроризмро тарғиб мекунад[7]. Зарур ба ёдоварист, ки ягон дини ҷаҳониро аз омилҳои муайянкунандаи ҷиноят ҳисоб кардан мумкин нест. Ҳама динҳои ҷаҳон бо таҳаммулпазирӣ, адолат ва некхоҳии худ шинохта шуда, дар сарчашмаҳои асосӣ мухолифи тақсими ҷомеа буда, ба амнияту суботи он таҳдид карда наметавонанд. Дар ҳамин ҳол, бархе аз олимон ҷонибдори арзёбии мутавозинтар аз ин падида ҳастанд ва бар зидди бархӯрди аз ҳад зиёди озодона дар истифодаи ин ва дигар мафҳумҳо садо баланд

[6] Ниг.: Ислам о терроре и акциях террористов-смертников. Сост. Эрпон Чапан, перевод с турецкого. – М.: Новый Свет, 2004. – С. 52.
[7] Эткин М. Ваххабизм и фундаментализм: термины – «страшилки» // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. – № 1(7). – С. 126-137.

мекунанд. Эммануэл Сиван таъкид мекунад, ки таъминкунанда ва паҳнкунандаи асосии ифротгароӣ ва терроризм «исломи радикалӣ» аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ набояд бо ислом дар маҷмуъ шабеҳ шинохта шавад[8].

Ба назари мо бояд дар бораи экстремизми динӣ ҳамчун як падидаи махсусе, ки ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад ва зуҳуроти он дар тамоми динҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад, сухан ронем.

Намояндагони калисои православии Рус назари худро дар бораи мушкилоти экстремизми динӣ баён мекунанд. Аз ҷумла, муовини раиси Раёсати Синодӣ оид ба кор бо ҷавонони Калисои Православии Рус Архимандрит Геннадий (Гоголев) пешниҳод мекунад, ки ду намуди экстремизми динӣ аз ҳам ҷудо карда шавад: сектаҳои тоталитарӣ ва навъҳои таҳрифшудаи динҳои анъанавӣ[9]. Дар охир, ба андешаи ӯ, сухан пеш аз ҳама дар бораи фаъолияти созмонҳо, ҷунбишҳо ва гурӯҳҳои тундрави исломӣ меравад, ки дар Осиёи Марказӣ ҳамчун мушкил боқӣ мондаанд.

Ташкилотҳои экстремистии динӣ, ки аз номи яке аз динҳои осоишта амал мекунанд, таълимоти динии воқеиро таҳриф намуда, дар шуури аҳолӣ ғояҳои ифротгароиро ҷойгир намуда, ба сарнагун кардани сохтори давлати дунявӣ даъват мекунанд. Аз ин рӯ, бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизби ба истилоҳ динию сиёсии «Ҳизб-ут-Таҳрир»[10], «Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон»[11] ва дар умум 25 ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ бинобар ба фаъолияти террористӣ-экстремистӣ машғул шуданашон, дар ҳудуди Тоҷикистон манъ карда шудааст.

Ҳамин тариқ, баъзан динҳо, мутаассифона, аз моҳияти аслии худ канда шуда, ба догмаҳо табдил меёбанд: онҳо дигар рисолати ҳақиқии барояшон пешбинишударо иҷро карда наметавонанд, ба як

---

[8] Суханронӣ дар конфронси байналмилалии Фонди Ф. Эберт «Давлат ва дин дар кишварҳое, ки аҳолии мусулмон доранд» (Самарқанд, 3-5 октябри 2003).
[9] Молодежь и экстремизм: Матер. круг. стола // Вечерняя Москва. – 2002. – № 215.
[10] Бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2008 «Ҳизб-бут-таҳрир» дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти террористӣ-экстремистӣ эътироф шуда, фаъолияташ манъ гаштааст Қарори Суди Олии Ҷумурии Тоҷикистон.
[11] Бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015 «Ҳизби Наҳзати Ислом» дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти экстремистӣ-террористӣ эътироф шуда, фаъолияташ манъ гаштааст.

идеологияи сахт ё маҷмуи урфу одатҳои ноустувор табдил меёбанд. Аз ин рӯ, ин қадар бархӯрдҳо ба ин мушкилот имкон медиҳанд, ки ба хулосае **оем ки экстремизми динӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ вуҷуд дорад** ва он на танҳо ба қувваҳои муайяне, ки барои қудрати сиёсӣ талош мекунанд ва дар паси шиорҳои динӣ пинҳон мешаванд, хос аст, балки ба шахсиятҳои алоҳидаи намояндагони динҳои пешқадам, ки ҳамеша диндори амиқ буданд ва ҳадафҳои динӣ доштанд, низ хос аст.

Ба андешаи як шахсияти динии насронӣ, ифротгароии динӣ, якум, аз таассуби динӣ (аслан бехабарии динӣ, бесаводӣ, эътиқоди кӯрона) ва дуюм, ниятҳои сиёсие, ки мо дар вақти тақсимоти миллату ҷумҳуриҳоямон нодуруст амалї намудем, сарчашма мегирад. Сиёсатмадорон, дар навбати худ, аз таассуби динӣ истифода мекунанд, яъне дар ҷое, ки дониш нест, одамонро зери қаноти худ гирифта, ба ҳар гуна амали нодурусту ғайриқонунӣ равона кардан осон аст[12].

Воқеан, вақтҳои охир дар ҷомеаи илмӣ дар бештар маврид истилоҳи «экстремизми динӣ-сиёсӣ»[13]-ро истифода мебаранд, ки як навъи фаъолияти сиёсии ғайриқонунӣ аст, ки бо постулатҳо ё шиорҳои динӣ бармеангезад ва ё зери онҳо пӯшида мешавад. Мафҳуми «экстремизми динӣ»-ро аз мафҳумҳои «экстремизми динӣ-сиёсӣ» ва «экстремизми сиёсӣ» фарқ кардан лозим аст. Ба андешаи мо, ворид шудани мафҳуми «экстремизми динӣ-сиёсӣ» имкон медиҳад, ки падидаҳои дар соҳаи дин ба амаломада аз амалҳое, ки дар ҷаҳони сиёсат сурат мегиранд, вале бо истифода аз рамзҳо ва ангезаҳои динӣ равшантар ҷудо карда шаванд.

Ҳамчунин, байни фаъолияти афроде, ки қурбони ақидаҳои ифротгаро шудаанд, барои ба даст овардани арзишҳои динӣ аз рӯи дастури роҳбарон самимона бовар мекунанд ва амал мекунанд ва амали онҳое, ки дар даст силоҳ доранд, таҳти шиорҳои динӣ, вале бо ҳадафи халалдор кардани ваҳдати давлатии кишвар ё ба даст овардани қудрат дар гурӯҳҳои мусаллаҳ, куштори одамон, гаравгонгирӣ иштирок мекунад ё ҳадафҳои тиҷоратӣ ва ғайраро

[12] Иеромонах Анатолий (Берестов). Власть и религия // Сибирская Православная газета. – 2003. – №9.

[13] Ниг.: Нуруллаев А.А. Религиозно-политический экстремизм: понятия, сущность, пути преодоления // Десять лет по пути свободы совести. Проблемы реализации конституционного права на свободу совести и деятельность религиозных объединений: Матер. науч. - практ. семинара. – М., 2002.

дунбол мекунад, тафовут дорад. Сарфи назар аз он ки дар ҳарду ҳолат мо бо фаъолияти экстремистӣ сарукор дорем, фарқияти байни онҳо ниҳоят бузург аст. Аммо мо бояд онҳоро дар доираи «экстремизми динӣ» баррасӣ кунем, зеро онҳо то андозае ба таълимоти динӣ иртибот доранд.

Гузашта аз ин, дар айни замон истифодаи истилоҳи «экстремизми динӣ» барои арзёбии муносиби ба истилоҳ «бархӯрди тамаддунҳо» зарур аст[14]. Танҳо дар ҳамин роҳ ҷомеаи коршиносони ҳар давлат метавонад барои муқовимат ва пешгирии омилҳои хусусияти экстремизми динӣ, ки суботи ҷомиа ва давлатро ноором месозад, чораҳои муассир пешниҳод намояд.

Экстремизми динӣ таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, зеро он дорои хусусияти фарогирӣ мебошад. Масалан, ба андешаи мо, нуктаи назари Н. Романов ноќис менамояд. Вай ифротгароӣ дар соҳаи динро ташаккул додани муносибати таҳаммулнопазирӣ нисбат ба пайравони дигар мазҳабҳо, бо зӯроварӣ забт кардани ибодатгоҳҳои онҳо, барангехтани ҳисси миллатгароиву ҷудоихоҳӣ дар байни диндорон, ҳамлаи хушунатомез ба ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқҳои конститутсионии руҳониён ва этиқотмандони дигар динҳо муайян кардааст[15].

Пас, пешнињоди Н.А. Романов ба маврид аст, зеро он аслан «тамоюли беруна»-и экстремизми динӣ мебошад, зеро дар як конфессия, байни ҷараёнҳои гуногун зуҳуроти назарраси экстремистӣ вуҷуд дорад.

**Асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо ифротгарої**

Ифрот дар њама шаклњояш ва ба вижа ифротгароии динї вабои асри XXI буда, ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, амнияти ҷамъиятӣ ва ба сулҳу амнияти инсоният зарари ҷиддӣ мерасонад. Имрӯз экстремизм хатару таҳдидҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид намуда, ба фаъолияти муътадили сохторҳои

---

[14] Дар соли 1993 директори Институти тадқиқоти стратегии дар Ҳарвард С. Ҳантингтон назарияи геополитикии «Бархурди тамаддунҳо»-ро пешниҳод кард. Мутобиқи ин консепсия, хусусиятҳои бунёдии динӣ ва фарҳангии тамаддунҳо дар шуур чунон реша гирифтаанд, ки расидан ба ҳамдигарфаҳмӣ ва созиш байни онҳо қариб ғайриимкон аст. Агар асри XX асри бархӯрди идеологияҳо бошад, пас асри XXI асри бархурди тамаддунҳо ва динҳо хоҳад буд.

[15] Романов Н.А. Политический экстремизм как угроза безопасности России: дис. ... д-ра полит. наук. – М., 1997. – С. 37.

давлатӣ халал мерасонад, дар ҷомеа кинаю адоват ва бедор кардани бадбинӣ аз рӯи дин, миллат, нажод, маҳал ва ё кадом як гурӯҳи иҷтимоиро бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ва ё ба таври оммавӣ паҳн мекунад. Дар баробари ин, вобаста ба бартарӣ доштан ё номукаммалии инсон (гурӯҳи иҷтимоӣ) дар муносибат ба дин, тамоюлњои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ ва ё забон, мо њолатњои муносибати нодурусти ифротгароиро эњсос мекунем. Масъалаи марказии илми хуќўќ дар чунин шароит ин шинохти њодисаи ифротагарої, муќовимат ва пешгирї аз он аст.

Б.А. Введенский экстримизмро чунин тавсиф мекунад: «экстремизм ҳамчун як падида решаҳои худро аз замонҳои қадим гирифтааст, аммо худи истилоҳ таърихи чандинасра надорад ва аз ҷониби муаллифони сершумор асосан дар соҳаи сиёсат барои ифодаи пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ истифода мешавад. Шояд аз он сабаб бошад, ки дар ибтидои асри ХХ мухолифони сиёсӣ намояндагони қаноти чапи ҳизби «Конгресси миллии Ҳиндустон»-ро «ифротгароён» номиданд, зеро онҳо ҷонибдорони мубориза барои истиќлолияти комили Ҳиндустон буданд[16].

Дар криминология, ҷанбаҳои ифротгароӣ то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ифротгароӣ ҳамчун зидди зиндагии мураттаб, устувор ва ороми ҷомеа, бешубҳа, ба категорияи падидаҳои манфии иҷтимоӣ тааллуқ дорад. Дар ин мақом, ифротгароӣ таваҷҷуҳи криминологҳоро ба худ ҷалб намудааст. В.Н. Кудрявсев ва В. Эминов ифротгароиро ҳамчун пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ муайян мекунанд, ки аксар вақт дар сиёсат, муносибатҳои байналмилалӣ, дин ва ғайра зоҳир мешаванд[17].

А.И. Алексеев ифротгароиро ҳамчун риояи ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, шуур, ҳамчун роҳи ба таври куллӣ рад кардани меъёрҳои иҷтимоӣ муайян мекунад[18]. Ба андешаи ӯ, алоқаи ифротгароӣ бо ҷинояткорӣ дар се самти асосӣ мушоҳида мешавад.

Якум, баъзе зуҳуроти ифротгароӣ дар худ (бе ҳамроҳ кардани ҷиноят) ҷиноят эътироф карда мешаванд ё баҳои дигари қатъии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мегирад (моддаҳои 143, 159, 189, 307[1], 396 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

---

[16] Энциклопедический словарь / Под ред. Б.А. Введенского. Т. 3. – М., 1955. – С. 671.
[17] Кудрявцев В.Н., Эминов В.Е. Криминология. – М.: Юрист, 2004. – С. 733.
[18]Алексеев А.И. Криминология: Курс лекций. – М., 1999. – С. 331.

Дуюм, иртиботи ирсӣ миёни ифротгарой ва ҷинояткорӣ ҷудо карда шудааст. Идеология ва психологияи динӣ-фанатикии фашистӣ, шовинистӣ аксар вақт ҳамчун сабаб ва шароити бевоситаи субъективии ҷиноят баромад мекунанд. Аммо маъмултарин иртиботи ирсии ифротгарой бо ҷиноятҳои, аз қабили бетартибиҳо, харобкорӣ ва одамкушӣ мебошанд.

Сеюм, бо таҳлили дақиқ метавон робитаи акси садои ҷиноят ва ифротгароиро тавассути оқибатҳои он муайян кард. Мисоли маъмулӣ ҷиноятҳое мебошад, ки дар зери фишори шароити номусоиди беруна аз ҷониби гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ содир шуда, дар натиҷаи зуҳуроти ифротгароёнаи дорои хусусияти миллатгарой ба бесарпаноҳ, бекор ва аз ҳаёт ронда шудаанд[19].

«Экстремизм як мафҳуми гуногунмаъно ва мисли дигар мафҳумҳо нисбӣ мебошад. Ба маънои умумӣ экстремизм – ин ҳама гуна ифрот, чизест, ки аз доираи қобили қабул ва эътирофшуда берун мебарояд, – менависад Л.И. Залихонова. Зуҳуроти он гуногунаст. Ҳаракатҳои ифротӣ дар сиёсат, фалсафа, фарҳанг вуҷуд доранд. Мусиқии ифротгаро ва варзиши экстремалӣ вуҷуд дорад. Ба ҳар ҳол ифротгарой ҳамеша канор, охири, чизест, ки ба марказ мухолиф аст. Ҷанбаҳои манфии экстремизм маълум аст. Чизи асосӣ инкори хашмгинонаи дигар, карӣ ва кӯрӣ нисбат ба ҳар чизе ки аз низоми консептуалии ифротӣ берун меравад. Ба таври қатъӣ гӯем, барои экстремист чизи дигаре нест. Танҳо аз они каси дигар вуҷуд дорад. Онро фаҳмидан бемаънӣ аст. Аз тарафи дигар, аз андоза гузаштан, то ҷое, падидаи мусбат ва арзишманд низ аст. Бо таъкид ва ҷудо кардани баъзе лаҳзаҳои зиндагӣ имкон медиҳад, ки ба онҳо наздиктар нигоҳ кунед»[20].

---

[19] Алексеев А.И. Преступления, связанные с политическим и религиозным экстремизмом // Проблемы борьбы с терроризмом: Матер. науч. - практ. конф. – М., 2000. – С. 78-79.

[20] Залиханова Л.И. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика возбуждения национальной, расовой и религиозной вражды: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2001. – С. 112-113.

Мутобиқи қонунҳои амалкунандаи баъзе аз давлатҳо, ба монандӣ Қазоқистон[21], Қирғизистон[22] ва Русия[23] қонунгузор экстремизм ва фаъолияти экстремистиро ҳаммаъно эътироф намудааст. Дар Тоҷикистон[24] ва Ӯзбекистон[25] бошад, экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ аз ҳам ҷудо карда шудааст.

Чунин равишҳо дар қонунҳо оид ба мубориза бар зидди ифротгароӣ, ки аз ҷониби қонунгузорони баъзе кишварҳои узви ИДМ қабул шудаанд[26], татбиқ карда мешаванд, ки дар онҳо мафҳуми басо васеи фаъолияти экстремистӣ дода шудааст, ки барои муайян ва тавсифи намудҳои алоҳидаи экстремизм ва зуҳуроти гуногуни онҳо замина фароҳам меорад.

Тавре ки аз таърифҳои дар боло овардашуда мебинем, экстремизм одатан бо сиёсат алоқамандиӣ дорад. Дар ин бора В.А. Бурковская дар таҳқиқоти худ: «Тафсири бонизоми меъёрҳои «қонунҳои зидди экстремистӣ»-и кишварҳои узви ИДМ нишон медиҳад, ки онҳо пеш аз ҳама ба мубориза бо таҷовуз ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки шаклҳои пеш аз ҳама ифодаи экстремизми сиёсӣ мебошанд, равона шудаанд»[27]. Дар амалияи баъзе қувваҳои сиёсӣ бозӣ кардан бо фикру андешаҳо ва ҳиссиёти диндорону мазҳабҳои гуногун ба як кори

[21] Закон Республики Казахстан от 18 февраля 2005 года № 31-III «О противодействии экстремизму» (с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.01.2024 г.) / Электронный ресурс: Режим доступа: https://online.zakon.kz/ (дата обращения: 26.01.2024).

[22] Закон Кыргызской Республики «О противодействии экстремистской деятельности» от 24 февраля 2023 года № 40 / Электронный ресурс: Режим доступа: https://cbd.minjust.gov.kg/ (дата обращения: 26.01.2024).

[23] Федеральный закон Российской Федерации «О противодействии экстремистской деятельности» от 25.07.2002 г. № 114-ФЗ / Электронный ресурс: Режим доступа: http://www.kremlin.ru/ (дата обращения: 26.01.2024).

[24] Закон Республики Таджикистан «О противодействии экстремизму» от 2 января 2020 года №1655 / https://ncz.tj/ (дата обращения: 26.01.2024).

[25] Закон Республики Узбекистан «О противодействии экстремизму» от 30.07.2018 г. № ЗРУ-489 / Электронный ресурс: Режим доступа: https://lex.uz/ru (дата обращения: 26.01.2024).

[26] Ниг.: О противодействии экстремистской деятельности: Закон Республики Молдова от 21. 02. 2003 г. № 54-XV (с измен. и доп. по состоянию на 14.04.2022 г.) / Электронный ресурс: Режим доступа: https://continent-online.com/ (дата обращения: 26.01.2024).

[27] Бурковская В.А. Криминальный религиозный экстремизм в современной России. – М.: Институт правовых и сравнительных исследований, 2005. – С. 34.

маъмулӣ табдил ёфтааст. Ҳодисаҳои истифодаи шиорҳои мазҳабӣ барои барангехтани кинаю адовати миллӣ ва ташдиди низоъ байни гурӯҳҳои мухталифи сиёсии ҷомеа зиёд мушоҳида мешавад[28]. Аммо агар ба назар гирем, ки сиёсат қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад ва мутаносибан дар ниқобҳои гуногун зоҳир мешавад, маълум мешавад, ки майдони фаъолият барои ифротгароён ҳамаҷиҳата то чӣ андоза иқтидори васеъ медиҳад. Бояд таъкид кард, ки ифротгароӣ метавонад берун аз сиёсат низ зоҳир шавад: тамаркузи таваҷҷуҳ танҳо ба қисми сиёсии ҷанбаи экстремизм нодуруст аст.

Таърихи инкишофи муносибатҳои инсонӣ ба таври боварибахш исбот кардааст, ки ифротгароӣ ҳамчун ифодаи ақидаҳо ва муносибатҳои ифротии қувваҳои муайяни иҷтимоӣ қобилияти ворид шудан ба тамоми соҳаҳои муносибатҳои њаётиро дорад. Дар ҳар кадоми онҳо ифротгароӣ самти муайян, шаклҳои зуҳур ва дараҷаи хоси вазнинӣ дорад. Усулҳо ва воситаҳои дар ин маврид истифодашаванда, ки танҳо ба падида хосанд, бисёрињоро ба чунин хулоса меорад, ки ифротгароӣ роҳи ягонаи ҳалли зиддиятҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои муайяни ҳаёти ҷамъиятӣ шудааст[29]. Ин албатта, андешаи сањењ нест. Воситаи сањењи њалли масъалањои мушкилу печидаи њаёти иљтимої аз назари хиради инсонї, ин тавассутьи њуќўќ ва ќонунгузорї дар асоси гуфтугў ва тањаммул њал кардани ихтилофот аст. Конститутсия, ќонунгузорї ва фарњанги башарї имрўз дар даст таљриба ва хотираи ќавии аќлонии њалли ин мушкилоти фарогирро доро аст. Танњо зарур аст, ки сари он дар њамбастагї андеша карда, ба суиистифодаи арзишњо роњ надињем ва дар њимояи манфиатњои миллї ва стандартњои байналмилалї бо ќоидањои дугонаю сегона моил нагардем.

[28] Кунц Е.В. Преступность на почве межнациональных и религиозных конфликтов и уголовно-правовые меры борьбы с нею: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 1998. – С. 45.
[29] Воронов И.В. Основы политико-правового ограничения социально-политического экстремизма как угрозы национальной безопасности Российской Федерации: дис. ... канд. полит. наук. – М., 2003. – С. 35-36.

# ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**Суханронии Усмонзода Х.У.** Директори Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Љумњурии Тољикистон аз 22.05.2024, ш.Конибодом

Таҳаввулоти ҷаҳони муосир дар омехтагӣ бо бозиҳои сиёсӣ, ки манфиатҳо ва ҳадафҳои стратегии гурӯҳҳои муайянро дар худ инъикос менамоянд, дар фосилаи кӯтоҳи вақт давлатҳо ва насли миллатҳоро аз байн бурда истодаанд. Олами сиёсии ҷаҳони муосир либоси навро ба бар кардааст ва зери ниқоби ранга амалӣ мешавад. Ин раванд аз давлатҳо ва миллатҳои рӯ ба тараққии нисбатан хурд талаб менамояд, ки механизми ҳимояи манфиатҳои худро коркард намуда, бо мурури замон пайваста онро навсозӣ намоянд.

Аз таҳлили равандҳои муосир бармеояд, ки минбаъд сухан атрофи мусаллаҳшавӣ ва афзоиши иқтидори ҳарбии давлат

намеравад, чунки механизми аз байн бурдани миллатҳо ба кулли тағйир ёфтааст. Яъне бе истифодаи иқтидори ҳарбӣ давлатҳоро ба харобазор табдил медиҳанд.

Аз ҷумла, яке аз усулҳои муосири ба майдони ҷанг табдил додани давлатҳо ин паҳн гардидани ақидаҳои хурофотию ифротгароӣ ҳамчун заминаи ба амал баровардани фаъолияти террористӣ дар миёни ҷомеа мебошад.

Хурофот ва хурофотзадагӣ яке аз мушкилоти зеҳниву иҷтимоиест, ки дар ҳар давру замон вобаста аз сатҳи донишу тафаккури бошандагони ҷомеаи муайян дар шаклҳои мухталиф вуҷуд доштааст. Мусаллам аст, ки инсоният маҳз бо воситаи такя намудан ба донишҳои илмӣ  воқеияти табии атрофашро ба таври дақиқ дарк намуда, онро аз рӯи арзишҳои илмию мантиқӣ маънидод менамояд. Вале хурофот ҳамеша садди роҳи пешрафти ҷомеаи инсонист.

Мушкилоти дарки баъзе аз шаҳрвандон дар он аст, ки аз бунёд дидгоҳи онҳо фаталистӣ, мифологӣ, ғайриилмӣ ва ҳатто ғайримиллӣ аст. Маҳз чунин ҳолат яке аз омилҳои боздорандаи рушди миллист. Тасаввуроти хурофотӣ ба шахс имкон намедиҳад, ки ба тарзи нав андеша намуда, имкониятҳои илму техникаро дуруст дарк намояд ва роҳҳои ҳалли навро барои мушкилоти мавҷудаи худ кашф намояд.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷомеаи умумибашарӣ ва илму техника босуръат тараққӣ мекунад, пойбандӣ ба хурофот барои соҳибмаърифату соҳибкасб гардидани ҷавонон монеаҳо эҷод менамояд. Таассубу хурофот аз нодонӣ ва ҷаҳолати ҷомеа маншаъ мегирад. Дар ҳолати ҷаҳолат қарор доштани ҷомеа он ҳамеша ба манфиати гурӯҳҳое аст, ки ба муфтхӯрии иҷтимоӣ одат кардаанд.

Оқибатҳои номатлуби зуҳуроти терроризму ифротгароӣ бо хурофот ва таъсири он ба ҷомеа сахт алоқаманд буда, набудани тафаккури таҳлилӣ ва густариши хурофот, ҷомеаро бештар осебпазиртар ба дасткорӣ ва таъсири ақидаҳои ифротӣ мегардонад.

Терроризм ва ифротгароӣ дар фазои тарсу ҳарос, нобоварӣ ва таҳаммулнопазирӣ, ки аксар вақт аз хурофот бармеангезад, инкишоф меёбанд. Паҳн кардани маълумоти бемантиқи ғайриилмӣ, афсона ва тасаввуроти нодуруст барои таҳрики афкори ҷамъиятӣ ва барангехтани кинаю адоват фазои мусоид фароҳам меорад. Дар чунин шароит ақидаҳои ифротгароӣ ба осонӣ вориди ҷомеа шуда, ҷонибдорони худро ҷалб ва мағзшӯйӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, хурофот ҷузъи ҷудонашавандаи падидаи номатлуби терроризму ифротгароӣ буда, барои паҳн намудани ақидаҳои ифротгароёна ва таҳқири мавқеи иҷтимоии шахс шароити мусоид фароҳам меоранд. Мубориза бо хурофот унсури асосии стратегияи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Терроризм мазҳаби сиёсати бегона буда, ба ҷавонон хиёнат кардан ба ватани хешро талқин менамояд.

Таърихи инсоният шоҳиди бисёр хунрезиҳои мутаассибон мебошад. Аз ҷумла, олимони машҳури ҷаҳон Николай Коперник, Ҷордано Бруно, Галилео Галилей, Садриддин Айнӣ ва ҳазорон донишмандони дигари рӯшанфикрро ҳомиёни хурофотзада ба ҷазоҳои мудҳиш гирифтор карда буданд.

Дар Бухорои амирӣ, ҳамчунин дар Аврупои томаорифпарварии замони эҳё, илму маориф зери нуфузи равияҳои манфиатҷӯй қарор дошт, хурофот ва анъанаҳои шахшудаи асримиёнагӣ дар тору пуди ҳаёти иҷтимоии мардум ҷой гирифта буданд, дар натиҷа ба ягон ихтирои илмӣ ё техникӣ роҳ набуд.

Вобаста ба ин, мубориза бо хурофот ва ифротгароӣ, бахусус, пешгирии гароиши наврасону ҷавонон аз ҳаракатҳои террористӣ, гароишҳои ифротгароӣ ва дигар падидаҳои номатлуб бархӯрди мунтазам ва ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Ин як масъалаи мураккаби иҷтимоӣ буда, дарки амиқи сабабҳои аслӣ ва таҳияи стратегияҳои ҳамаҷонибаеро, ки ҳам аломатҳо ва ҳам омилҳои асосиро ҳал мекунанд, талаб мекунад.

Дар ин самт, яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷа аз байн бурдани пояҳои идеологияи таблиғгари ифротгароӣ ва хурофотпарастӣ мебошад. Ин пешбурди малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ташаккули фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба гуногунрангӣ ва муборизаи фаъолона ба маълумоти бардурӯғро дар бар мегирад. Дар ин самт, ташаббусҳои таълимӣ, ки ҷавононро бо механизмҳои баҳодиҳии интиқодӣ ва муайян кардани ғараз ва дасткорӣ муҷаҳҳаз мекунанд, муҳим ба шумор меравад.

Бо дарназардошти он, ки оила дар ташаккули тафаккури ҷавонон нақши муҳим мебозад, эҷоди фазои мусоид барои муколамаи ошкоро ва созанда ба фарзандон имкон медиҳад, то мавқеи худро вобаста ба равандҳои муосир иброз намоянд ва аз ҷониби волидайн ба самти дуруст роҳнамоӣ гарданд. Барои пешгирии гароиши ҷавонон ба ақидаҳои ифротӣ таҳкими робитаҳои оилавӣ, мусоидат ба

муоширати ошкоро ва фароҳам овардани шароити мусоид барои кӯдакон муҳим аст. Ҳамоҳанг намудани фаъолияти волидайн ва омӯзгорон барои ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодӣ, тарғиби эҳтиром ба арзишҳо заминаи мусоидро фароҳам меорад.

Ҳамзамон, васоити ахбори омма бояд дар ташаккули фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба гуногунандешӣ рисолати худро иҷро намояд. Журналистикаи масъулиятнок, ки ба гузориши дақиқ мусоидат мекунад, аз ҳассосият канорагирӣ мекунад ва аз таҳкими амсилаҳои зараровар худдорӣ мекунад, метавонад ба бунёди ҷомеаи таҳаммулпазир ва фарогир мусоидат намояд.

Ниҳоят, муваффақияти ҳар як стратегияи мубориза бо ифротгароӣ ва хурофот ба уҳдадории устувори ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор вобаста аст. Ба ин ниҳоди давлатӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои динӣ, оилаҳо, омӯзгорон ва ВАО дохил мешаванд. Кӯшишҳои муштарак, масъулияти муштарак ва уҳдадориҳои дарозмуддат барои бунёди ояндаи озод аз вабои ифротгароӣ ва хурофот муҳим арзёбӣ мегардад.

Таъкид кардан зарур аст, ки мубориза бо ифротгароӣ раванди давомдор буда, ҳушёрии доимӣ ва мутобиқшавиро талаб мекунад. Бо мусоидати фарҳанги муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва фарогир мо метавонем ҷомеаи осоишта ва созгортареро барои наслҳои ҳозира ва оянда бунёд намоем.

Ба андешаи А. Линколн: "Ҳар миллат ба андозае хушбахт мегардад, ки ба он мувофиқ ва сазовор бошад". Ин гуфта далолат ба он мекунад, ки меъмори тақдири миллат, худи миллат аст.

Аз равандҳои таърихӣ ба мо маълум аст, ки мардуми соҳибтамаддуни тоҷик дар ташаккули тамаддуни башар нақши муассир гузоштааст. Хизматҳои олимони тоҷик аз саҳифаҳои таърихи миллатҳо ҳаргиз фаромӯш намешавад. Чунки аввалин олимону донишмандоне, ки илми башарро кашф ва паҳн намуданд тоҷикон буданд. Ҳамчунин дар илми дин машҳуртарин олимон ниёгони мо тоҷикон мебошанд, ки тамоми ҷомеаи башар андешаҳои Имом Бухорӣ, Имоми Аъзам, Ибни Сино ва Абурайҳонӣ Беруниро ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода мебаранд.

Аз ин рӯ, барои ҷомеаи мутамаддин пеш аз ҳама эҳёи фарҳанги миллӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ ягона роҳи наҷот аз хурофот ва ифротгароӣ ба шумор меравад. Маърифати фарҳангии мардум ҳамон вақт комил мегардад, ки он дар асоси арзишҳои илмӣ, асолати

миллӣ, мероси таърихӣ ва дар муқоиса бо таърихи ҷаҳон, инчунин донишҳои муосир асос ёбад. Мардум бояд бо хирадмандӣ, ҳунармандӣ ва садоқатмандӣ рушд намоянд. Танҳо унсурҳои фарҳанги миллӣ метавонад ҷойгузини хурофот ва ифротгароӣ бошад.

## ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**Суханронии Олимзода Ф.К.** Муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.2024, ш.Конибодом

Тољикистони тозаистиќлол дар даврони соњибихтиёрї дар марњилаи бунёди давлатдории навин тањаввулоти зиёдеро аз сар гузаронд. Бояд тазаккур дод, ки ба туфайли сиёсати хирадмандона ва созандаи Асосгузори сулњу вањдати миллї-Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон имрўз кишвари мо на ин ки дар минтаќа, балки дар миќёси љањон мавќеи устувори худро пайдо намуд. Дар шароити љањонишавї, тезутундшавии вазъи сиёсї ва авзои нооромии минтаќаи Шарќи Наздик ва Афѓонистон масъалаи таъмини амнияти шањрвандон ва њифзи давлатдории кишварњо ањамияти хоса пайдо намуда истодааст. Бахусус ифротгарої, ки солњои охир доманаи худро васеъ намуда истодааст, мавриди ташвиши њамагон гардидааст.

Имрўз ифротгарої ва тундгарої њамчун падидањои номатлуб ва њаросовар бисёр кишварњои љањонро фаро гирифтааст. Бархе аз афроди ноогоњу сустирода ва дорои љањонбинии мањдуд ба доми фиреби зархаридони хориљї афтода, озими кишварњои исломӣ мешаванд, ки дар он љо муњорибањои мусаллањона љараён доранд. Шигифтовар он аст, ки ќисми зиёди онњоро љавонон ташкил медињанд. Тавре маълум аст њадафи ифротгароёни динї, ки аз хориљ сарпарастї ва дастгирї меёбанд, бо роњи зўрї ѓасб намудани њокимияти давлатї ва сохти конститутсионї мебошад. Аз ин рў, онњо

мекўшанд ба сафњои худ љавонони аз љињати аќида ва мафкура ноустуворро љалб намоянд. Дар ин радиф бисёр аз љавонон аз кишварњои Осиёи Марказї, аз љумла бархе љавонписарони тољик фирефтаи ваъдаи дасисањои хољагони хориљї гашта, ба нуќтањои даргир рафта, бисёре аз онњо маљрўњу кушта шудаанд ва ё мавриди истифодаи ќуввањои ифротї ќарор доранд. Дар самти баргардонидани шањрвандони љумњурї аз нуќтањои даргири Шарќи Наздик сањми маќомоти њифзи њуќуќи кишвар назаррас аст.

Чунонки маълум аст, дар бисёр кишварњои мусулмонї њизбу љараёнњои гуногуни тундгаро ва ифротї ба амалњои мудњиш даст зада истодаанд ва ин дигар кишварњоро водор месозад, ки бо њар васила пеши роњи чунин аъмоли номатлуб гирифта шавад. Дар ин замина, дар бисёр давлатњо бо чунин гурўњњои ифротгаро мубориза бурда мешавад. Ба шумули он њизбу њаракатњое, ки фаъолияташон дар Љумњурии Тољикистон ва бисёр кишварњо мамнуъ ва ѓайриќонунї дониста шудааст, инњо дохил мешаванд: ТЭТ ҲНИ («Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломиї»), ДИИШ («Давлати исломии Ироқу Шом»), ҲИТШ («Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ»), «Ҳизбу-т-таҳрир», «Алқоида», ҲИТ ё ҲИӮ («Ҳизби исломии Туркистон» ё «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»), «Ҳаракати толибон», «Ихвон-ул-муслимин», «Лашкари тайиба», ҶИП («Ҷамоъати исломии Покистон»), «Ҷамъияти таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Созмони таблиғот» («Даъват ба Ислом»), «Тоҷикистони озод», «Гурӯҳи 24», «Салафия», «Ҷабҳату-н-нусра» ва амсоли онњо. Бо маќсади пешгирии амалњои тахрибкорона ва мубориза бо чунин унсурњои ба љомеа хатарнок дар Љумњурии Тољикистон санадњо ва ќонунњо ќабул гардидаанд. Аз љумла, тибќи моддаи 3-и Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгарої)» бармеояд, ки фаъолияти ифротии чунин созмонњо ба даъвати ноором, дигаркунии сохти конститутсионї дар давлат, ѓасби њокимият ва тасарруфи салоњияти он, ангезонидани нажодпарастї, миллатгарої, бадбинии иљтимої, мазњабї нигаронида шудааст ва њамзамон барои чунин кирдорњо тибќи ќонунгузорї љавобгарї пешбинї гардидааст.

Бо изњори нигаронї аз вазъи имрўзаи сиёсии минтаќа Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон дар Паёми солонаашон ба Маљлиси Олии кишвар изњори нигаронї намуда, таъкид сохтанд, ки: ***«Дар шароити љаҳони***

***пурњаводиси муосир бисёр муњим аст, ки љавонони мо мисли солњои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиѓоти нерўњои ифротгарои динї ва бадхоњони миллати тољик нагарданд, њамеша зираку њушёр ва барои њимояи манфиатњои халќи тољик ва давлати тољикон омода бошанд»***.

Бояд ќайд намуд, ки Тољикистон аз нуќтаи назари муносибатњои дунявию динї нисбат ба дигар кишварњои собиќ Иттињоди шўравї ба куллї фарќ мекунад. Баъди фурўпошии ИЉШС дар ибтидои солњои 90-уми ќарни гузашта, љумњурии тозаистиќлоли мо ба гирдоби љанги шањрвандї кашида шуд. Хусусияти љумњурии мо нисбат ба дигар кишварњои Осиёи Марказї ва умуман кишварњои мусулмони пасошўравї дар солњои баъди истиќрори сулњ ва ризоияти миллї дар он буд, ки дар он њизби динї –њизби нањзати исломї амал мекард, дар маќомоти намояндагї аз сатњи поён то олитарин вакилони худро дошт, намояндагони он дар тамоми маќомотњо ифои вазифа менамуданд. Вале њодисаи моњи сентябри соли 2015 бори дигар собит сохт, ки аъзои ин њизб на ба хотири ифоќа дар љомеа, балки ба хотири ѓасби њокимият, табаддулоти давлатї ва дигаргун сохтани сохти давлатдорї аз њељ гуна амали муѓризонаи худ даст намекашанд. Дар арсаи байналмилалї чењраи воќеии ин њизби ба ном динї, вале дар асл тахрибкор њувайдо шуда, љомеаи љањонї аъмоли онњоро мањкум намудаанд.

Дар вазъияти кунунї ифротгарої ва терроризм натанњо ба амнияти миллии кишвари мо, балки ба бисёр кишварњои олам тањдид менамояд. Ин падидаи нињоят хавфнок буда, метавонад њаёти њама гуна љомеаи орому осудароро халалдор ва нобуд созад. Ифротгарої, бахусус ифротгароии динї, ки солњои охир чунин ифодаи сиёсї маъмул гаштааст, маънои даст задан ба њама амалњо ва андешањои нињої ва тундгароро дорад. Ифротгарої на танњо инкори поянњо ва тартибу ќоидањои амалкунандаи љомеаи осоишта, балки саъю кўшиши бешууронаи як тоифа бањри таѓйирдињии сохти давлатдорї, сиёсати кишварњо ва тањмили аќидаю мавќеи иѓвогарона ва ихтилофангез мањсуб меёбад. Сарфи назар аз он ки маќсаду наќшањои ифротгароён чи гуна аст, њадафи нињоии онњо аз байн бурдани суботу оромї ва вазъи муътадили сиёсию иљтимої, ба миён овардани њолатњои низоангез мебошад, ки дар натиља аксаран мардуми осоишта мавриди азият ќарор мегирад. Ифротгароён вобаста ба шароит ва замон усулњои гуногуни муборизаро бар зидди

сохти конститутсионии давлатдорї истифода мебаранд. Дар љомеаи имрўза гурўњњои ифротї ва онњое, ки иродаи суст ва мавќеи ноустувор доранд, ба њар гуна ќуввањои ифротї моиланд, худро дар ин ва ё он амал њаќ мешуморанд. Ба њамагон маълум аст, ки ба чунин гурўњњо асосан онњое шомиланд, ки дар љомеа мавќеи худро пайдо накардаанд, яъсу ноумедї онњоро пахш намуда, зери таъсири унсурњои љиноятпешаи ифротгаро мондаанд.

Дар бисёр кишварњои дунё омилњои гуногун мављуд њастанд, ки ба њаёти шањрвандон бевосита таъсири худро мегузоранд, масалан: таѓйирёбии вазъи иљтимої, буњронњои молиявию иќтисодї, афзоиши падидањои номатлуб, эњсоси табъиз ва пайдо накардани мавќеи иљтимої дар љомеа ва амсоли он.

Яке аз омилњои дигаре, ки эњтимолияти рў овардани љавононро ба ин зуњуроти номатлуб зиёд мегардонад, сатњи пасти маърифат, бархурдор набудан аз арзишњои фарњанги миллї, паст будани эњсоси худшиносї ва худогоњии миллї мањсуб меёбад. Тамошои њар гуна филмњо ва наворњои хусусияти зўроварї ва берањмї дошта дар тафаккури иддае аз љавонон таъсири манфии худро мерасонад. Воситаи асосии мубориза бо падидањои номатлуби ифротгарої ва тундгарої бурдани корњои фањмондадињи ва пешгирикунанда дар байни љавонону наврасони осебпазир ба њисоб меравад. Дар ин раванд, дар баробари тадбирњои маќомоти њифзи њуќуќ, андешидани чорањо аз љониби маќомоти иљроияи њокимияти давлатии шањру ноњияњо ва љамоатњои шањраку дењот бо љалби фаъолони љомеа хеле зарур аст.

Тавре маълум аст, баъзе аз гурўњњои љавонон бинобар хусусиятњои ба худ хос ва дарки пурэњсоси муњити онњоро ињотакунанда, ќисми осебпазири љомеа њисобида мешавад. Дар чунин муњит нуфузи њар гуна андешањои носолими гуногуни эътирозовар ва манфї ба миён меояд ва аксаран боис мегардад, ки љавонон аз ноустувории мавќеъ ва эњсосоти нозук ба њаракатњои ифротгароён майл кунанд. Аксаран чунин моилшавињо бо таассуб ва пайравї аз ин ё он андешаи носолим боис мегардад. Аз ин рў, вазифаи асосии њар як фарди масъулиятшинос ва солимфикри љомеа пешгирии zaњролудшавии шуури чунин љавонон ва бурдани корњои ташвиќотию таблиѓотї бањри аз байн бурдани омилњои номатлуб мебошад.

Дар яке аз суханронињои худ Пешвои миллат Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон бисёр бамаврид таъкид намуда буданд, ки: ***«Арзишњои умумимиллии Тољикистони озоду соњибистиќлол ва њифзи манфиатњои кишвар бояд аз њамаи манфиатњои дигар боло ва пойдевори тарбияи ватандўстии љавонон бошанд».***

Имрўз ба масъалаи љавонон нисбат ба давраи пештар таваљљуњ ва ањамияти хоса дода мешавад. Ин пеш аз ҳама бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалї Раҳмон ба ин ќишри љомеа сурат гирифта истодааст. Эътимоду такя ба љавонони даврони соњибистиќлол рўњия ва эњсоси худшиносию худогоњии эшонро баланд бардошта, дар навбати худ онҳоро водор месозад, ки њамчун неруи созандаи кишвари тозаистиќлол масъулият бештар зоњир намоянд.

Шароит ва имкониятњое, ки барои љавонони имрўза дар давраи истиќлолият фароњам оварда шудаанд, беназир аст. Масалан, айни замон дар кишварњои хориљї дањњо њазор љавонписарон ва љавондухтарони тољикистонї ба донишандўзї машѓуланд. Онњо дар оянда њамчун мутахассисони соњибкасб ба Ватан омада, сањми муносиби худро дар рушду нумуи кишварамон хоњанд гузошт. Таваљљуњи Сарвари давлат ба њалли проблемањои љавонон ва насли наврас, махсусан ба масъалаи таълиму тарбия ба вазифањои умда ва рўзмарра табдил ёфтааст. Таъсиси донишкадаю донишгоњњо, бунёди мактабњои тањсилоти њамагонї, кўдакистону марказњои љавонон ва наврасон ба тариќи замонавї ва мутобиќ ба меъёрњои байналмилалї аз иќдомњои пайвастаи Њукумати Љумхурии Тољикистон мањсуб шаванд. Рўй овардан ба ин масъалаи мубрами рўз барои ташаккули маънавии љавонон, ба тарзи њаёти солим талќин намудани онњо ва баланд намудани њисси масъулиятшиносї нисбат баояндаи кишвар ва љомеа заминаи боэътимод ба шумор меравад.

Љавонону наврасони Тољикистон зодаи даврони истиќлоланд ва шоњиди дигаргунињои куллие, ки дар ватанамон рух додаанд, мебошанд. Даврони соњибистиќлолї ба мардуми куњанбунёди тољик умри дубора бахшид ва давлатдории воќеан миллї ба миён омад. Њар як шахси ватандўсту худшинос бояд ба ќадри соњибистиќлолї расад ва бањри њифзи арзишњо, муќаддасоти миллї саъю талош варзад ва ворису идомадињандаи сиёсати оќилонаю дурандешонаи Пешвои миллатамон бошад. Мусаллам аст, ки бањри ободонї ва шукуфоии кишвари мањбубамон Тољикистон чи ќадар заҳмату мушкилињо

паси сар шудаанд, абармардони Ватан љонбозињо намудаанд. Истиќлолият беназиртарин дастоварди миллати тољик дар марњалаи душвори таърихи охири асри бист мебошад. Дар яке аз суханронињои худ Сарвари давлат чунин ишора намуданд: ***«Љавонон бояд сабаќњои истиқлолиятро њаматарафа омўзанд, аз сиёсати имрўз огоњ бошанд, таърихи гузаштаву њозираи халќи худро гаштаву баргашта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарњанги худ ифтихор намоянд».***

Яке аз дастовардњои дигари муњими даврони соњибихтиёрї истиќрори сулњ ва ваҳдати миллї мебошад. Њар яки мо тољикистониён ифтихорманд аз он њастем, ки дар фазои озод ва сулњу оромї, суботи сиёсї, ваҳдату ягонагии миллї кору зиндагї менамоем. Мо бояд аз њар як неъмати давронамон, аз љумла аз соњибистиќлол будани давлати хеш шукргузорї намоем. Дар шароити кунунї мо бояд манфиати миллию ватанхоњонаи худро боло гузошта, барои шукуфоии ин Ватану давлат, ки чунин шароити муносиб ва озодро бароямон фароњам овардааст, азму талош намоем.

Дини мубини ислом, ки саршор аз андарз ва ғояњои панду ахлоќист, љавононро ба анҷоми амалҳои нек њидоят менамояд. Албатта, љавонї бењтарин лањзањои њаёти инсонї мебошад, ки бояд њар як фард аз он самарабахш истифода барад. Дар яке аз њадисњои худ Паёмбар мефармояд, ки: ***«Панљ чизро пеш аз панљ чиз ѓанимат бишуморед ва яке аз он љавониро кабл аз пирї»***. Дини мубини ислом дини парњезгорию нексириштї аст ва талќин намудани љавонон ба аъмоли поку накў бар он низ асос мегирад.

Имрўзњо мо мушоњида менамоем, ки иддае аз љавонон бинобар сабаби ноогоњї, сустиродагї ва тањти таъсири њар гуна ќуввањои носолими љомеа ќарор гирифта, ба њар гуна амалњои нораво даст мезананд ва пайрави гурўњњои тундраву иртиљої мегарданд. Шояд аз тарбияи нокифоя, шояд аз беназоратии волидайн ё атрофиён бошад, ки чунин падидањо солњои охир бештар ба мушоњида мерасад ва њатто баъзе љавонони тољикистонї ба хориља мераванд ва роњи нодурустро интихоб мекунанд. Дар иртибот ба ин, вазифаи масъулонаи њар фарди худогоњи Ватан аст, ки шомилшавии љавононро ба њама гуна њизбу њаракатњои тундрав ва ғайриќонунї пешгирї намоем. Ҳар фарди љомеа дар кори тарбияи насли наврас ва љавон дар рўњияи мењандўстї, садоќат ба Ватан, арљгузорї ба арзишњои волои инсонї ва дигар аъмоли нек њиссагузор бошад. Мо

бояд ба њар як љавон дуруст фањмонем, ки Ватанамонро ба љуз худи онњо, ки њамчун фарди худогоњу мењандўст ва фарзандони замони истиќлол мебошанд, касе обод намесозад.

## ОИД БА РОҲУ УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БО ХУРОФОТУ ИФРОТГАРОӢ, ПЕШГИРИИ ГИРОИШИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ҲАРАКАТУ РАВИЯҲОИ ТЕРРОРИСТӢ, ТУНДРАВУ БЕГОНА ВА ДИГАР ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

**Суханронии Сафолзода М.К.** Коршиноси сатҳи байналмилалӣ, доктори илмҳои таърих, профессор аз 22.05.2024, ш.Конибодом

**Муҳтарам иштирокчиён,**

Мавзуе, ки имрӯз мавриди матраҳ қарор гирифта истодааст, яке аз масъалаҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, муҳокимаи он бисёр саривақтӣ ва хело муҳим буда, аз аҳамият холӣ нест.

Гарчанде ки баҳсу мунозираҳо оид ба мавзуи мазкур солҳо боз ҷараён дорад, амалӣ гаштан ва ҷавобгӯ будани онҳо ба манфиатҳои умумимиллӣ, давлат, ҷомеа ва ҳар як инсону шаҳрванд алоқамандии зич дорад. Зеро масъалаи иттилоту амнияти иттилоотонӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ риштаи ногусастанӣ дошта, қонунгузории кишвар зери мафҳуми иттилоот - маълумот дар бораи шахсҳо, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳоро арзёбӣ намудааст.

Аз гузашти давраҳои таърихӣ бармеояд, ки иттилооти саҳеҳ, пурра ва эътимодноки давлатдорӣ ҳамеша қадр шуда, чун «гавҳараки чашм» ҳифз мегардид. Дар замони мо, ки ҳаҷм, сифат, шумора ва шаклҳои гуногуни маълумот дастраси ҷомеа аст, бе таҳриф ва мувофиқи муқаррарот ба макон ва соҳиби аслиаш рафта расидани он яке аз масъалаҳои муҳими иттилоотонӣ ва амнияти иттилоотӣ дониста мешавад.

Дар санадҳои қонунгузории кишвар амнияти иттилоотӣ маҷмуи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотонии ҷомеа ва шахсони алоҳида ба ҳисоб рафта, раванди дурусту қонунии бо он таъмин кардани аҳолӣ ба бехатарии фаъолияти компютер, телефон, планшет ва дигар воситаҳои техникӣ вобастагӣ дорад.

Ба ақидаи коршиносон, мафҳуми амнияти иттилоотӣ ин пешгирӣ аз паҳншавии ҳаргуна иттилоъ, ҳифзу нигаҳдории он ба манфиати ҳукумат ва гурӯҳи ҳукмрон, манфиатҳои бонкҳо, вазорату идораҳо,

корхонаву ширкатҳои хусусию давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва ғайра дар назар дошта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чораҳои қонунгузорӣ оид ба такмили амнияти иттилоотӣ, дастрасӣ ба иттилоот ва ҳифзу таъмини он ба амал бароварда шудаанд. Дар ин самт заминаи ҳуқуқии таъмини амнияти иттилотӣ инкишоф ва пайваста такмил меёбад.

Андешаву тафаккур, ақлу заковатӣ чунин шахсон, шахшуда мебошад. Дигар кардан, фаҳмонидан, таълиму тарбия додан барои ин қабил нафарони гумроҳгардида мушкилиҳои зиёдро эҷод менамояд. Ба андешаи олимон «то вақте ки инсон ба ақидаи шахшудамондааш эътиқод дорад, дар ниҳодаш бо ҳамон афкори фарсуда мемонад. Ислоҳнопазирии эшон моҳиятан ногузир хоҳад буд".

Мутаассифона,ин қабил ашхос аз чорчубаи нақшаҳои геополитикӣ, ислом ва ё дин истифода бурда, ба сифати воситаҳои манфиатҳои манфии ғаразҷӯёна, ноором сохтан ва ғайраҳо баромад менамояд. Хадамоти махсуси кишварҳои мавриди назар аз имконоти худи мусулмонон истифода мекунанд. Барои ҳар кишвар аз дохили мардумони он кишвар шахсони гумроҳу бетафакурро дармеёбанд. Ба хун оғушта кардан, бехонумон, сарсону саргардон намудани миллионҳо одамони бегуноҳ барои ин бозингарон касб, кори ҳаррӯза, чизи оддӣ ва маъмулист. Аз ҳамин лиҳоз, гоҳо бояд ба инобат гирифт, ки "Рафтори ғулом на ҳама вақт рафтори худи ғулом аст" (Г.Лихтенберг). Маҷаллаи "Шпигел"-и Олмон дар як таҳлили воқеъбинона вобаста ба ҷавонони мусулмон менависад: "Аҷаб қавмеанд монанд ба соат. Онҳоро пур мекунанд. Рафтан мегиранд. Ва намедонанд: барои чӣ?".

Мо бояд хуб донем, ки бо ташаббус, роҳбарӣ ва ҳидоятҳои ҳамарӯзаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи сиёсии мамлакат муътадил, иқтисодиёти кишвар дар ҳолати рушд ва тараққӣ қарор дорад. Амнияти шаҳрвандон ва ниёзҳои онҳо бобати таъмини шароити хуби зиндагонӣ амалӣ шуда истодааст.

Албатта, таъмини сулҳу субот ва рушду нумуи манотиқи гуногуни кишвар ба осонӣ ба даст наомад. Он натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ ва ҷонфидоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарафманди Тоҷикистон мебошад.

Ин шахсияти дар таърихи миллати тоҷик бесобиқа маҳз тавассути меҳнат, заҳмат, ҷонфидоиҳо, аз худ гузаштанҳо ва каҳрамониҳо ба миллат сулҳ овард, кишвари дар оташи сӯзон хокистаршуда ва ноумедгаштаро аз ноумедиҳо раҳонид, рушди онро таъмин кард, ба он сарсабзӣ бахшид.

Зикр бояд кард, ки меъмори ҳаёти инсон худи инсон аст, яъне тарбияи фарзандон, насли наврас, созандагию бунёдкорӣ, таъмини амнияти кишвар ва пешравиҳои бемислу беназири он дар дасти ҳар яки мову шумо мебошад. Танҳо худамон метавонем, дониш, дараҷаи шахсият, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти худро баланд созем, фарзандону пайвандонро аз ҳамагуна роҳу хатарҳои номатлуб бозгардонем.

Мо бояд хуб донем, ки сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти миллӣ неъмати бузург ва шарти аввалиндараҷаи зиндагии ҳар инсон ва пойдории ҳар давлат ба ҳисоб меравад. Зеро зиндагии осуда, созандагиву ободӣ, умуман амалӣ шудани ҳама ҳадафҳои нек ба ҳамин неъмат, яъне таъмини амнияти миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Имрӯз бо иқтибос аз суханҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии ҷумҳуриамон тадбирҳои иловагӣ андешем».

Чунин хатарҳои муосир имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон дар умум ва амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар алоҳидагӣ таҳдид менамоянд. Яъне, маҷмуи шароит, раванд ва омилҳое аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё барои онҳо хатар ба вуҷуд меоранд, мушоҳида мегарданд.

Бояд гуфт, ки раванди ҷалби шаҳрвандони камтаҷрибаву ноогоҳ, дорои сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ дар сафи (қатори) гурӯҳҳои

террористиву экстремистӣ барои давлат нигаронкунанда мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти гурӯҳҳо ва ташкилоти террористиву экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Ӯзбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тайиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат ан Нусра», «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», «Паймони миллии Тоҷикистон ва «Памир дейли нюс» («Pamir Daily News») манъ шудаанд.

Имрӯзҳо аксарияти онҳо фаъолияти худро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ошкоро ва дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пинҳонӣ давом медиҳанд, ки хавфи ҷалби шаҳрвандон, бахусус шахсони камтаҷрибаву ноогоҳ дар сафи ин гурӯҳҳо ва ташкилот баланд боқӣ мемонад. Ғояҳои ин ташкилот комилан бар хилофи муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлати соҳибистиқлолу мустақили Тоҷикистон хавфи ҷиддӣ дорад.

Дар ҷаҳони имрӯза таҳдидҳои киберӣ торафт муҳимтар мегарданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари мамлакатҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шуданд. Баъзе ҷанбаҳоро мисол овардан мумкин аст, ки ҷиноятҳои киберӣ метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид намоянд.

Пеш аз ҳама таъсир ба амнияти равонии шахс. Амнияти равонӣ чунин маъно дорад, ки овоза, дурӯғ, сухани даҳшатовар, ақидаҳои иртиҷоӣ, бегонапарастӣ набояд дар майнаи (мағзи сар) шахс паҳн шаванду ҷой гиранд. Дар фазои маҷозӣ ҳар рӯз як бор, гоҳе ҳар чанд соат як овоза, дурӯғ, тухмат, иғво ва ҳарфе аз ҷониби як нафари шинос ё ношинос, террористу экстремист нашр мешавад, мардумро нигарон менамояд, зеҳни мардумро хароб ва тафаккури баъзе нафаронро дигар месозад, ки сабаби пайдоиши ноамнии ақлонӣ (равонӣ) дар ҷомеа мегардад.

Ҷиноятҳои иттилоотӣ, махсусан киберҷиноятҳо дар самти амнияти давлатӣ солҳои охир рӯ ба инкишоф доранд. Пешгирии онҳо дониши махсус ва чораҳои фаврӣ талаб менамояд. Дар бистсолаҳои

охир рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд овардааст (ҳам мусбат ва ҳам манфӣ) ва таъсири он рӯз то рӯз меафзояд. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоии муосир дар айни замон ҳамчун пояи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ташаккули ин раванди нав ва пайдоиши фазои нави иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амниятӣ нақши муҳим доранд. Масъалаи нақши фазои маҷозӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ) дар таҳдиди амнияти давлатӣ мояи нигаронии ҷиддии аксари мамлакатҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон шудааст. Шабакаҳои иҷтимоии маҷозӣ (facebook, Ok, YouTube, Telegramm, WhatsApp ва дигарҳо) шабеҳи шамшери дудама (дутарафа) ҳастанд, ки метавонанд дар фазои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила амалҳои мусбат ва манфӣ эҷод намоянд.

Тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилоти байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилот тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон омили асосии таҳдид ба амнияти давлатӣ мебошад.

Аз дигар тараф киберҷинояткорон аксар вақт ҳамлаҳои худро ба системаҳои молиявӣ, ширкатҳо ва бонкҳо равона менамоянд. Дуздии маълумоти молиявӣ, амалиёти қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ метавонад боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ гардад ва ба суботи мамлакат таъсир расонад.

Ё ин ки ҳамлаҳо объектҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили системаҳои энергетикӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори коммуникатсионӣ метавонанд дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ зери хатар қарор гиранд. Ҳамла ба ин системаҳо метавонад боиси ба муҳлати дароз аз кор мондан, садамаҳои ҷиддӣ гардад ва ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир расонад.

Ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии мамлакатро, аз ҷумла коҳиш додани имконияти алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор созанд ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон намоянд.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон шумораи умумии муштариёни пайвастшуда ба шабакаҳои алоқаи барқӣ баъди дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи

алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он" 7,8 миллион нафарро ташкил дода 4,8 миллион адади он муштариёни фаъол мебошанд. Шумораи истифодабарандагони Интернет дар якҷоягӣ бо истифодабарандагони интернети мобилӣ ва собит 4,18 млн. нафарро дар бар гирифтааст. Ин омор аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад.

Дар ин самт, раванди инкишофи босуръати технологияи муосир дар баробари пешравиҳо як қатор мушкилотро ба бор овардааст, ки сабаби ташвиши ҷомеа мебошад. Баъзе дастовардҳои ҷадиди илмиву техникии инсоният имрӯзҳо ба таҳдиду хатар барои суботу амнияти худи инсонҳо ва ҷомеаи онҳо табдил ёфта истодаанд.

Ҷиноятҳои киберӣ яке аз падидаҳои нави замони муосир ба шумор рафта, таҳдиди он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пеш аз ҳама, ба амнияти миллии ҳар як кишвар ба назар мерасад. Асосан зери мафҳуми ҷиноятҳои киберӣ ҷиноятҳое фаҳмида мешавад, ки тавассути технологияи компютерӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Қаллобии молиявӣ, ҳуҷум ба системаҳои компютерӣ, тасарруфи (дуздидан) маълумоти шахсӣ, паҳн кардани маълумоти ғайриқонунӣ ва бардурӯғ, кибертерроризм ва ғайра ба сифати ҷиноятҳои киберӣ фаҳмида мешаванд, ки мушкилоти гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиро дар пай доранд.

Дар замони муосир ягон кишваре, созмоне ва махсусан истифодабарандагони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз таҳдиду хатари ҷиноятҳои киберӣ дар канор монда наметавонанд. Имрӯзҳо инкишофи ҷиноятҳои киберӣ бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телефонҳои мобилӣ зиёдтар ба чашм мерасанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе кишварҳо 4/10 истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет қурбони ҷиноятҳои киберӣ мегарданд.

Бинобар ин, раванди зиёд шудани таҳдидҳои киберӣ давлатҳоро вазифадор месозад, ки ба амнияти иттилоотии кишвари худ диққати махсус дода, аз уҳдаи таъмини он баромада тавонанд, зеро дар асри XXI амнияти миллии ҳар як кишвар пурра аз амнияти иттилоотӣ вобастагӣ дорад.

Бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои нави ҷиноятҳои киберӣ, кишварҳои пешрафта стратегияи махсус оид ба амнияти кибериро

амалӣ менамоянд, ки аз хавфи он ҳимояшаванд. Аз ҳама кишвари пешсаф Малайзия мебошад, ки 74% метавонад худро аз ҷиноятҳои киберӣ ҳифз намояд. Инчунин, Япония- 72%, Индонезия - 70%, ИМА - 60%, Русия -60%, Фаронса - 51%, Олмон - 45% метавонанд худро аз ҷиноятҳои киберӣ муҳофизат намоянд. Аз ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки ягон давлате наметавонад ба пуррагӣ, яъне 100% худро ҳимоя намояд.

Яке аз навъҳои ҷиноятҳои киберӣ – кибертерроризм мебошад, ки хавфу хатари он хосияти фаромиллӣ дошта, ба кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба кишварҳо дар алоҳидагӣ таҳдид эҷод мекунад. Ҳадафи кибертерроризм низ чун терроризми анъанавӣ таҳдид ба инсоният ва ноороомкардани суботу амният мебошад.

Ғайр аз ин, киберҷинояткорон метавонанд бо истифода аз технология барои ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои террористӣ, паҳн намудани таблиғот ё ҳамла ба инфрасохтори муҳим бо созмонҳои террористӣ робита дошта бошанд.

Фарқияти кибертеррористҳо аз террористҳои дигар дар он аст, ки кибертеррористҳо бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва ба воситаи интернет ба ҳадафҳои худ ноил мегарданд. Аз ин рӯ, бо раванди рушди технологияи комуникатсионӣ хатарҳои кибертерроризм низ зиёд шудан мегирад.

Бояд гуфт, ки гурӯҳҳои террористию экстремистӣ аз Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода карда, садҳо сомонаҳои расмиро таъсис додаанд, ки бо даҳҳо ҳазор маводу маълумоти хусусияти ифротию террористидошта дар пайи гумроҳ сохтани афроди ноогоҳ ва ҷалби аъзоёни нав фаъолият менамояд. Онҳо ақидаҳои ифротию зиддиинсонии хешро бо мақсади барангехтани тарсу ваҳм миёни мардум паҳн мекунанд. Ба намоиш гузоштани аксҳо ва наворҳои видеоӣ, ки дар он куштори ваҳшиёнаи одамон, зинда ба зиндасӯзондани одамон дида мешавад, мисоли рӯшанест, ки таъсири ниҳоят манфии равонӣ ба аҳолии осоишта мерасонад.

Инчунин, тавассути Интернет барангехтани бадбинии динӣ, миллӣ ва нажодӣ дар миёни аҳолии ин ё он кишвар ҳадафи асосии кибертеррористон ба шумор меравад. Маҳз тарғибу ташвиқот тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки аъзоёни навро аз ҳисоби одамони ноогоҳ ба гурӯҳҳои террористии худ ҷалб намоянд. Шуморае аз шаҳрвандони Тоҷикистон низ, ки ба ҳаракату гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ пайвастаанд, тибқи таҳлилу

тадқиқот аксари онҳо тавассути Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба доми фиреб афтидаанд.

Дар мавриди таҳдиду хатарҳои кибертерроризм набояд фаромӯш кард, ки аз имконият ва зарфиятҳои технологияҳои инкишофёфта, на танҳо ташкилотҳои террористӣ бар зидди инсонҳо, балки давлатҳои абарқудрат низ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва манфиатҳои геополитикӣ бар муқобили кишварҳои дигар низ аз онҳо истифода мекунанд. Воридшудан ба системаи компютерии объекти стратегии як кишвар, паҳн кардани вирусҳо, гӯш кардани суҳбати телефонии сарони давлатҳо, вайрон кардани барномаҳои муҳими вазорату корхонаҳои як кишвар тавассути системаи компютерӣ, аз ҷумлаи киберҷиноятҳое мебошанд, ки аз ҷониби хадамоти махсуси як давлат дар муносибат ба давлати дигар амалӣ карда мешаванд.

Бинобар ин, зарур аст, ки мо бояд ба таъмини амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем, то тавассути он тавонем истиқлолияти давлатӣ ва амнияти миллии худро таъмин намоем.

Дар ин самт, мо бояд дониста бошем, ки таъмини амнияти миллӣ пеш аз ҳама қатъиян ба дониши илмӣ ниёз дорад, на ба назария ва хаёлоти дигар. Зеро бе дониши илмӣ таъмини амнияти миллӣ ғайриимкон аст. Донишҳои илмӣ дар ин роҳ, тавони сифат ва самараи корро мушаххас ва муайян мекунанд. Ғайр аз ин, ҷавҳари аслии қудрати таъмини амнияти давлати миллӣ мансуб ба фаҳм, дониш ва масъулияти бузурги мардуми сарзамини обод, осуда ва биҳиштосо мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «ҳифзи озодиву истиқлолият ва манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад.».

Хуб дар ёд дорем, ки миллат тоҷик фоҷиаи ниҳоят мудҳиши ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, бенизомӣ ва бедодгариҳои силоҳбадастони ғайриқонуниро бо чашми худ дид ва онро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунад. Бовар дорам ба фарзандон, наберагон он ҳодисаҳои мудҳишро ёдовар шудаанд ва аз он нафрат доранд. Бинобар ин, мо бояд дар тарбияи фарзандон ва аҳли ҷомеа ҳиссагузор бошем. Ба хабарҳои итилоотии иртиҷоӣ, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд, дода нашавем.

Дар ин робита, чунин пешниҳодҳо ҷиҳати тақвияти таъмини амнияти иттилоотӣ ироа мегардад:

1. Дар замони ҳозира яке аз мушкилотҳои фазои иттилоотӣ шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Хусусан шабакаҳои тикток, инстаграм ва мисли онҳо сарчашмаҳое, ки дар онҳо наворҳои бидуни ягон маҳдудият гузошта шудааст ва мутаассифона ба он кӯдакон низ дастрасӣ доранд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе давлатҳо масъалаи дастрасӣ ба чунин сарчашмаҳоро маҳдуд ва манъ кардаанд. Аз ҳамин хотир хуб мешавад, ки агар дар назди АМИТ ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи корӣ ҷиҳати омӯзиши ҳамин масъала аз ҳисоби олимон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, журналистон, блогерон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ таъсис дода шавад, то ин ки вазъи мавҷуда таҳлил ва чораҳои пешгирии ҳуқуқӣ коркард карда шавад ва дар заминаи он қонунгузории соҳаи иттилоот такмил дода шавад.

2. Таълими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иттилоотӣ ҳам дар мактаби миёна ва ҳам дар мактаби олӣ ба назар намерасад. Дар замони ҳозира таълими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иттилоотӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ҳамин лиҳоз хуб мешавад, ки агар дар таркиби фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ дар мактаби миёна ва дар таркиби фанни ҳуқуқ аз рӯйи ихтисос дар мактабҳои олӣ як мавзуи алоҳида «Таъмини амнияти иттилоотӣ» илова карда шавад.

3. То имрӯз доир ба ҳуқуқи иттилоотӣ ягон таҳқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм анҷом дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки муассисаҳое, ки ба омода кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ машғул мебошанд, ба ин масъала аҳамият дода, дар оянда чунин кадрҳоро омода намоянд.

4. Дар ВАО, хусусан телевизион барномаи махсус доир ба «бехатарии иттилоотӣ» ташкил карда шавад ва ба аҳолӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иттилоотӣ шарҳу тавзеҳ дода шавад. Зеро ба аҳолӣ чунин маълумотҳо дастрас нест.

5. Муассиса ва мақомоте, ки дар интернет сайт доранд бояд сайти худро дар серверҳои ватанӣ ҷойгир кунанд. Агар сайтҳои онҳо дар сервери хориҷӣ бошад ин ба амнияти иттилоотии мо халал ворид месозад.

6. Тамоми кормандони давлатӣ почтаҳои электронии худро дар почтаҳои ватанӣ кушоянд ва аз почтаҳои электронии дигар давлатҳо (mail.ru, gmail.com ва ғайра) даст кашанд.

7. Дар муассисаҳои томактабӣ, миёна ва таҳсилоти олии касбӣ бояд ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус бошад, то ки оқибати нохӯш ба миён наояд.

Муҳтарам иштирокчиёни конфронс!

Масъалае, ки имрӯз мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дорад, чунин як масъалае нест, ки дар як ё ду ҷаласаю конфронс ҳалли пурраи худро ёбад ва мо ба мақсадҳои ниҳоии худ расем. Дар ин самт ҳамарӯза сари ин масъала заҳматҳо кашида фикру мулоҳиза ронда пеш аз ҳама фикри таъмини амнияти кишвар ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ба назар гирифта бо такя ба он фарзандон ва ҷомеаро ба роҳи худшиносию худогоҳии миллӣ ва ватандустию ватанпарварӣ ҳидоят намоем.

Ҳамаи ин ташаббусҳо роҳи хубе дарояндаи наздик ва дури мо баҳри расидан ба ҳадафҳои дар пеш гузошташуда мебошад.

**Ташаккур ба диққаттатон!**

## ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Суханронии Азиззода Ш.Н. М**шовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 25.06.2024, н.Балҷувон

**Муҳтарам аъзои Шурои ҷамъиятї,**

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз масъалањои асосии сиёсати ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба ин раванд таваҷҷуҳи махсус равона шуда, дар ин њошия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд.

Ҳанӯз соли 2009 ПЉТ, Пешвои миллат муњтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буданд, ки «Эҳтиром, риоя ва иҷрои

Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳам аз шахсони мансабдор ва ҳам шаҳрвандон доштани дониши баланди касбӣ ва маърифати ҳуқуқиро тақозо мекунад.»

«Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад ва воқеан, ҷомеае, ки ба инсонҳои бомаърифат ва тарбиятдида такя мекунад, аз шикасти ирода ва нестшавӣ эмин буда, ба рушду пешрафти сартосарӣ ноил мегардад. Зеро шуурнокии ҳуқуқии миллат аз бисёр ҷиҳат муайянкунандаи дараҷаи рушди давлат ва таъмингари эътибор ва нуфузи он дар миқёси ҷаҳони муосир маҳсуб дониста мешавад”.

Аз ин ҷост, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон ва мубориза бо њама гуна зуҳуроти номатлуб Сарвари давлат 28 декабри соли 2023 зимни ироаи Паёми навбатии худ соли 2024-ро дар мамлакат ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд, ки он ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсия рост меояд.

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккул додани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муњим мебозад. Алҳол дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030 амалӣ шуда истодааст ва таъмини волоияти қонун ҳамчун масъалаи муҳим дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад.

Маврид ба зикр аст, ки ташакулли як шахсияти комили аз љиҳати ҳуқуқӣ бомаърифат зина ба зина сурат мегирад. Хишти аввалро дар ин раванд муҳити оила мегузорад. Чигунагии сатҳи тарбия дар оила пеш аз ҳама аз дараҷаи камолоти маънавии волидайн ва роҳу усулҳои тарбияи оилавӣ вобастагӣ дорад.

Мутаассифона, аксари шаҳрвандон бо паст будани донишҳои ҳуқуқӣ, ба назорат кардани рушди қонунгузорӣ таваҷҷӯҳ ё имконият надоранд, ки дар натиҷа аксарияти онњо фаҳмиши ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии худ ва фарзандони худро дуруст ташаккул намедиҳанд. Дар натиҷа, сатҳи ҷинояткорӣ аз ҷониби шахсони синну соли гуногун ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ зиёд мегардад. Ќисме шаҳрвандон рафтори қонуниро аз ҷиноят фарқ карда наметавонад ва танҳо пас аз содир кардани он огоҳ мешаванд.

Њозирини гиромї,

Шумо ҳамчун намояндагони фаъоли ҳокимияти давлатию ҷомеаи шаҳрвандӣ дар боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ

нақши муҳим доред ва сабаби ин ҳамоиш низ маҳз ба ҳамин хотир аст.

Бинобар ин, мебояд дар соҳибмаърифат гардонидани аҳолӣ аз рӯи масъулият муносибат намуда, дар шаҳру ноҳияҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд ба аҳолӣ чорабиниҳои тарғиботӣ барои аз байн бурдани ҷинояту ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ баргузор карда шаванд. Муњтавои мавзуи суҳбатҳо ва маърӯзаҳо низ бояд ба инобат гирифта шавад, то ба ҳама гурӯҳҳои аҳолӣ якранг набошад. Масалан, дар миёни гурӯҳи аҳолие, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ майл доранд, проблемаҳои қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати ба қайдгирӣ дар давлати иқомат ва дигар ҳуҷҷатгузориҳо бо роҳи қонунӣ ба муносибатҳои меҳнати машғул шудан. Дар миёни гурӯҳи осебпазири аҳолӣ, яъне наврасону ҷавонон, ки на он қадар таҷрибаи хуби ҳаёти доранд, дар мавзуъҳои пешгирии содиршавии ҳуқуқвайронкуниву ҷинояткорӣ, аз ќабили авбошӣ, расонидани зарари ҷисмонӣ, дуздӣ, экстремизм, бегонапарастӣ, терроризм ва дигар мавзуъҳои доғи рӯз дар деҳаҳо ва муассисаҳои ҳама зинаҳои таҳсилот гузаронида шавад. Хуб мебуд, агар дар чорабиниҳо ва вохӯриҳо бо аҳолӣ кормандони собиқадори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳокимияти давлатӣ ва шахсони обрӯманди ҷамъиятӣ фаъолона иштирок ва суҳбатҳо намоянд.

Маърифати ҳуқуқиро, дар баробари мақомоти давлатӣ, бешубҳа, бояд аз ҷониби волидайн дар муҳити оилавӣ мураббиён бо роҳу усулҳои махсуси психологӣ ба кӯдакони синни томактабӣ дар кӯдакистонҳо, омӯзгорони ҳама зинаҳои таҳсилот ва роҳбарони корхонаву идораҳо ба кормандон, васоити ахбори омавии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо чопи мақолаҳои оммавӣ, барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ ва видеороликҳо кутоҳмуддати диққатҷалб-кунанда, махсусан барои наврасону ҷавонон ба роҳ монда шавад.

Дар маљмуъ, баланд бардоштани сатҳи тарбия ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон кори ҳамоҳангии тамоми сохторҳои давлатӣ ва дигар бахшҳои ҷомеаро тақозо дорад.

Ҳамин аст, ки ҲЉТ аз оғози соҳибистиқлолӣ барои тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ тадбирандешӣ намуда, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандонро дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор додааст. Њамин тавр, имрўз масъалаи баланд бардоштани маърифати њуќуќии шањрвандон ба яке аз масъалањои мубрам ва асосии љомеа табдил ёфтааст. Дар робита бо ин, шањрвандонро зарур аст, ки аз

санадњои меъёрии њуќуќии ба самти кору фаъолияти онњо дахлдошта, хусусан аз меъёрњои Конститутсия, ќонунгузории ЉТ дар бораи танзими љашну маросим, дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кўдак огањї дошта бошанд, арзишњои асили фарњанги миллиро њифз намуда, хурофоту таасубро пешгирї карда, фарзандонро дар руњияи инсондўстї, ифтихори ватандорї, эњтиром ба арзишњои миллї, умумибашарї ва фарњангї таълиму тарбия намоянд.

Тамоми ниҳоду сохторҳои давлатӣ вазифадоранд, ки њамчун ҳомию муҳофизи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон фаъолияташонро пеш бурда, дар баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа саҳми назарраси худро гузоранд.

**Ташаккур ба диќќататон!**

## ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Суханронии Њакимзода А.Қ.** **М**уовини вазири адлияи Љумњурии Тољикистон аз 25.06.2024, н.Балҷувон

**Њозирини гиромї,**

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз масъалаи асосии сиёсати ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба ин раванд таваҷҷуҳи махсус равона шудааст ва дар ин њошия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд.

Сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла фармони Президент аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 22-юми августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019 тасдиқ гардидааст, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2023 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» амалӣ карда мешавад.

Мақсади асосии ин санадњо таъмини риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқї, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тарғиби арзишҳои демократӣ, дарки ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимої, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он, баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайра мебошад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба њадафњои зикршуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур диниста мешавад.

Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо маводди иттилоотӣ - ҳуқуқӣ, ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида, такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимми баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии роҳбарони ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани

таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакону наврасон, ҷавонону донишҷӯён, хизматчиёни давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон.

Президенти мамлакат, Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон пайваста ба масъалаи маърифати њуќуќии аҳолӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, зикр менамоянд, ки «Инсони дорои маърифати ҳуқуқӣ қодир аст, ки бо дарки моҳият ва аз худ намудани қонунҳои амалкунанда ҳуқуқ ва манфиатҳои худро пуштибонӣ намояд ва ин ҳолат хоси давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд мебошад».

Маърифати ҳуқуқӣ на танҳо шахсро ба анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ ва худдорӣ намудан аз амалҳои манъннамудаи қонунгузорӣ водор менамояд, балки инсонро аз содир намудани кирдорҳое, ки хилофи ахлоқу арзишњои фарњангї мебошанд, бартараф менамояд.

Вобаста ба аҳаммияти маърифати ҳуқуқӣ дар банди 5-и Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 муқаррар гардидааст, ки "сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода бурда, масъулият њис намоянд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд".

Рушди давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими Ваҳдати миллӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат фарҳанги баланди ҳуқуқиро талаб мекунад, ки бе он арзишҳо ва принсипҳои асосии ҳаёти ҷомеа, аз қабили волоияти қонун, арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, таъмини ҳифзи боэътимоди манфиатҳои ҷамъиятӣ пурра амалӣ намегарданд.

Маърифати ҳуқуқӣ ба шахс имкон медиҳад, ки аз ҳуқуқҳои худ истифода карда, уҳдадориҳои худро иҷро намояд, маҳдудиятҳои дар қонунгузорӣ муайяншударо риоя кунад, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои худро дарк намояд.

Қобилияти шаҳрвандон оид ба истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва ба қонун итоат намудан мусоидат менамояд.

Чунин шуури ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки арзиши бунёдии қонун ҳамчун падидаи зарурӣ ва самараноки иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Дар воқеъ, масъалаҳое, ки барои давлати пешрафта калидӣ мебошанд, аз ќабили ахлоќ дар оила ва ҷомеа, тартиботи њуќуќї, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқҳои кӯдак ба сатҳи донистани ҳуқуќу уҳдадориҳо вобаста мебошад.

Танҳо маърифати ҳуқуқӣ ба инсон имкон медиҳад, ки дар раванди амалисозии ҳуқуқҳои худ ба ҳуқуқҳои дигарон таъсири манфї нарасонад.

Масалан, дар қонунгузории мадаӣ принсипи амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои мадаӣ мустаҳкам гардида, инчунин ҳадди амалисозии ин ҳуқуқҳо муайян шудаст.

Риояи чунин маҳдудияти амалисозии ҳуқуқҳои мадаӣ танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки агар шахс дорои маърифати ҳуқуқии комил бошад.

Президенти Љумњурии Тољикистон, Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон бо мақсади амалӣ шудани меъёрҳои Конститутсия, гиромидошти 30-юмин солгарди ин санади тақдирсоз соли 2024-ро "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон намуданд.

Ин иќдом аз он шаҳодат медиҳад, ки давлату ҳукумати мамлакат ба масъалаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва тарғибу ташвиқи рафтори ҳуқуқӣ таваљљуњи хоса медиҳанд.

Бесабаб нест, ки таваљљуњи тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони ҳуқуқӣ ва дигар қишрҳои ҷомеа ба анҷом додани чорабиниҳои самаранок дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ даъват карда шудаанд.

Мақсад аз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ин расидан ба ҳадафу мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, амалї намудани ҳама арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, ба монанди волоияти қонун, иҷрои масъулияти ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадории эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои дигарон мебошад.

Вазорати адлия њамчун маќоми њамоњангсоз оид ба иљрои нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024, ки бо амри Президенти Љумњурии Тољикистон аз 18-уми марти соли 2024-ум тасдиќ гардидааст, бо фармоиши

вазири адлия 9-уми апрели соли 2024-ум вобаста ба нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 гурӯҳи кории доимоамалкунанда ҷиҳати пешбурди фаъолияти мунтазам дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ таъсис дод.

Дар ин замина кормадони Вазорат дар мавзуъњои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, танзими анъана ва ҷашну маросим, масъулият дар таълиму тарбияи кўдак, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон дар ҳифзи муҳити зист, муқовимат ба коррупсия, савдои одамон, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва риояи ќатъии одоби касбию маданияти баланди муошират хизматчиёни давлатї корҳои тарѓиботию ташвиќотиро дар байни ањолї, тавассути воситањои ахбори омма, шабакањои иљтимої, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ба роњ монданд.

Њозирини гиромї,

Тавре медонед, 9-уми марти моли 2024-ум мулоќоти Президенти Љумњурии Тољикистон, Пешвои миллат, муњтарам Эмомалї Рањмон бо фаъолон, намояндагони љомеа ва ходимони дини кишвар баргузор шуд.

Дар ин мулоќот Сарвари давлат муњтарам Эмомалї Рањмон ба вазорату идорањо супориш доданд, ки ќонунњои Љумњурии Тољикистон "Дар бораи танзими анъана ва љашну маросим дар Љумњурии Тољикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" дар тањрири нав пешнињод гарданд.

Гурўњи кории байниидоравии назди Дастгоњи иљроияи Президенти Љумњурии Тољикистон ин ќонунњоро тањия кард, ки онњо бо тартиби муќарраргардида ќабул карда шуданд.

Дар баробари ин ќонунњо ба Кодекси љиноятии Љумњурии Тољикистон ва Кодекси њуќуќвайронкунии маъмурии Љумњурии Тољикистон таѓйиру иловањо ворид карда мешаванд.

Муњтавои навгонињо дар ќонунњои Љумњурии Тољикистон: "Дар бораи танзими љашну маросим дар Љумњурии Тољикистон" ва "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кўдак" аз пурзўр намудани назорат дар ин самт, баланд бардоштани масъулият, дар сатњи зарурї ба роњ мондани њамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи

кишвар ва танзими рӯзгори мардум, аз байн бурдани хурофотпарастӣ, расму ойинҳои сунъӣ ва серхарҷ иборат мебошад.

**Ташаккур ба таваљљуњатон!**

## ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Суханронии Саидзода И.Ҳ.** Директори Маркази миллии ќонунгузории назди Президенти Љумњурии Тољикистон аз 25.06.2024, н.Балҷувон

Баланд бардоштани маърифати њуќуќии субъектони муносибатњои љамъиятї барои рафъи инкори ќонун, ташаккули фарњанги њуќуќї, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин васила мустањкам намудани асосњои давлати њуќуќбунёд ва демократї ањамияти муњим дорад.

Имрӯз бо назардошти љањонишавї ва ба миён омадани муносибатњои нави љамъиятї мавзуи маърифати њуќуќї на тањњо рӯзмарра, балки мазмуну моњияти нав пайдо намуда, он метавонад ба рушди Тољикистон њамчун давлати њуќуќбунёд ба сифати омили мусоидаткунанда баромад намояд.

Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

Дар њамин замина, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 ба имзо расид.

Зери мафњуми маърифати ҳуқуқӣ раванди иттилоотонии њуќуќї доир ба ќоидањои умумии њатмии рафтори (меъёри) муќаррарнамуддаи ќонунгузорї фањмида мешавад, ки маќсади он ба баланд бардоштани шуурнокии субъектони муносибатњои љамъиятї, амалишавї ва риояи қонунҳо, инчунин пешгирии ҳуқуқвайронкунї равона шудааст.

Омўзиши санадњои меъёрии њуќуќї собит менамояд, ки соли 2024 љињати ноил шудан ба њадафњои зерин «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидааст:

1. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии субъектњои муносибатњои љамъиятї;

2. Тарғиби арзишҳои демократӣ;

3. Мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона бо он;

4. Боз њам баланд бардоштани наќши қонун;

5. Тарбияи субъектњои муносибатњои љамъиятї дар руҳияи эҳтиром нисбат ба ќонун ва бартараф намудани инкори он;

6. Таъмини волоияти қонун;

7. Ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ;

8. Оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ;

9. Њамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

10. Ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектњои муносибатњои љамъиятї.

Анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат хоњад кард.

Дар робита ба фаъолияти њуќуќэљодкунї Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон дар паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 зикр намуданд, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад.

Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад.

Аз ин рӯ, Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон љињати боз њам љоннок намудани кор дар ин самт мурољаиат карданд.

Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва дигар субъектњои муносибатњои љамъиятї дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои ноил шудан ба ин вазифаи гузошташуда - такмили ќонунгузорї ба манфиати кор аст.

Ќобили зикри хос аст, ки барои баланд бардоштани маърифати њуќуќии шањрвандон заминањои конститутсионї-њуќуќї фароњам аст.

Чунончи, мувофиќи моддаи 1 Конститутсия Тољикистон давлати демократї ва њуќуќбунёд мебошад.

Дар моддаи 5 Конститутсияи Љумњурии Тољикистон инсон, њуќуќ ва озодињои ӯ арзиши олї эътироф гардидааст.

Њуќуќу озодињои инсон ва шањрвандро давлат эътироф, риоя ва њифз менамояд.

Дар моддаи 92 Конститутсия бошад, меъёр пешбинї шудааст, ки шаклњои ёрии њуќуќиро ќонун муайян менамояд.

Њамин тариќ, аксари меъёрњои Конститутсия бевосита ё бавосита ба падидаи маърифати њуќуќї алоќамандии зич доранд.

Ин заминањои конститутсионї-њуќуќї имконият медињанд, ки дигар санадњои меъёрии њуќуќї дар шаклњои гуногун ќабул гарданд ва вазифањои онњо бевосита ба баланд бардоштани маърифати њуќуќии субъектони муносибатњои љамъиятї нигаронида шаванд.

Ќабул гардидани Консепсияи сиёсати њуќуќии Љумњурии Тољикистон барои солњои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Љумњурии Тољикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиќ шудааст; Барномаи таълим ва тарбияи њуќуќии шањрвандони Љумњурии Тољикистон барои солњои 2020-2030, ки бо ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиќ шудааст; Барномаи таълим дар соњаи њуќуќи инсон барои солњои 2022-2026, ки бо ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 30 декабри соли 2021, №565 тасдиќ шудааст, мисоли гуфтањои болост.

Бањри пурра расидан ба њадаф - баланд бардоштани маърифати њуќуќии субъектони муносибатњои љамъиятї дар заминаи санадњои меъёрии њуќуќии зерќонунии болозикр тањия ва ќабули Ќонуни

Љумњурии Тољикистон «Дар бораи маърифати њуќуќии субъектњои муносибатњои љамъиятї» мувофиќи маќсад мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 низоми қонунгузории кишвар мунтазам ташаккул ёфта, имрӯз, тибқи феҳристе, ки дар Маркази миллии ќонунгузорї пеш бурда мешавад, нишондоди санадҳои ќонунгузорї дар шаклњои гуногун 401 ададро ташкил менамояд. Айни замон, низоми қонунгузории Тоҷикистон аз Конститутсия, 17 қонунҳои конститутсионӣ, 22 кодекс ва 361 қонун, инчунин санадҳои меъёрии њуќуќии зерқонунӣ, санадњои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Низоми санадњои меъёрии њуќуќии дар даврони соњибистиќлолї ташаккул ёфт, барои аз љињати њуќуќї маърифатнок намудани субъектони муносибатњои љамъиятї наќши назаррас дорад.

Дар баробари ин, мувофиќи талаботи санадњои меъёрии њуќуќї вазорату идорањо, шахсони мансабдори он вазифадор мебошанд, ки барои баланд бардоштани маърифати њуќуќии шањрвандон ва дигар субъектони муносибатњои љамъиятї чорањои дахлдор, ба монанди фањмондадињии муќаррароти санадњои меъёрии њуќуќї, иттилоотонии њуќуќї, ќабули бевоситаи шањрвандон, нашри маќолањои илмї-оммавї дар маљаллаву рӯзномањо ва дигар корњои пешбининамудаи ќонунгузориро роњандозӣ намоянд.

Њамин тариќ, эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муњтарам Эмомалї Рањмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеояд, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии субъектони муносибатњои љамъиятї, таҳкими мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, таъмини волоияти қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардидааст.

# ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Суханронии Насуриён П.А. С**ардори Академияи Вазорати корњои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.њ, полковники милитсия
аз 25.06.2024, н.Балҷувон

Қаблан миннатдории хешро ба кумитаи тадорукот, барои баргузории мизи мудаввар ва даъват намудан, ҷињати иштирок ва маърӯза дар кори ин чорабинии муњим изњор менамоям.

Баргузории мизи мудаввар, ки ба муњимтарин масоили њалталаби ҷомеаи Тоҷикистон-эълон гардидани соли 2024 њамчун "Соли маърифати њуқуқӣ" бахшида шудааст, ба арафаи таҷлили 27-умин согарди Рӯзи Вањдати миллӣ рост омадааст. Бо ин мақсад Шумо њозирини арҷманд ва кулли мардуми кишварро ба ин санаи тақдирсози миллат табрик менамоям.

Маърӯзае, ки аз ҷониби мо пешнињод мегардад, ба муњимтарин масоили раванди ташаккули маърифати њуқуқии шањрвандон, мавзуи "Тақвияти маърифати њуқуқии ноболиғон ва ҷавонон дар шароити муосири Тоҷикистон: тањлил ва дурнамо", бахшида шудааст.

Таҷрибаи рӯзгори инсонӣ собит сохтааст, ки риояи қонун ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар њама давру замон асоси пешрафти ҷомеаи мутамаддин гардидааст. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ тақвияти маърифати њуқуқӣ ва шуури њуқуқии ҷомеа, бахусус ноболиғону ҷавонон зарурати амиқ дошта, бе дарназардошти таъмини њолати мазкур, риояи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини волоияти қонун имконнопазир мебошад.

Бо дарки амиқи чунин зарурат, Асосгузори сулњу вањдати миллї – Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон санаи 28 декабри соли 2023 дар Паёми навбатии худ ба Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон «Дар бораи самтњои асосии сиёсати дохилию хориљии Љумњурии Тољикистон» пешнињод намудаанд, ки соли 2024 њамчун «Соли маърифати њуќуќї» эълон карда шавад.

Бо маќсади иљрои дастуру супоришњое, ки аз паёми Президенти Љумњурии Тољикистон бар меоянд, фармони Президенти Љумњурии Тољикистон дар бораи «Соли маърифати њуќуќї эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, ќабул гардид. Маќсад аз ќабули фармони мазкур баланд бардоштани сатњи маърифати њуќуќии шањрвандон ва тарѓиби арзишњои волои фарогири масоили мазкур, бахусус баланд бардоштани маќоми ќонун, тарбияи шањрвандон дар рўњияи эњтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти ќонун мебошад [1].

Бо мақсади таҷассум намудани мазмуну моњият ва њадафњои амиқу созандаи ин арзиши маънавии инсоният, яъне “Маърифати њуқуқӣ”, “Рамзи Соли маърифати њуќуќї» дар кишвар тасдиқ гардидааст, ки ифодакунандаи арзиши баланди маънавӣ ва ањаммияти муњимми иҷтимоии маърифати њуқуқӣ дар ҷомеа мебошад.

Дар замони муосир масъалаи баланд бардоштани маърифати њуќуќї, ташаккули шуури њуќуќї ва фарњанги њуќуќии шањрвандон, аз ҷумла ноболиғону ҷавонон, ањаммияти бештар касб намудааст. Падидањои болозикр заминаи боэътимоди рушди ҷомеаи шањрвандї, давлати њуќуќбунёд, тањкими ќонуният, тартиботи њуќуќї, усутувории риояи њуќуќу озодињои инсон ва шањрванд, коњиш додани нигилизми њуќуќї, василаи паст кардани сатњи содиршавии њуќуќвайронкунї мебошад.

Бешубња, маърифати њуќуќии ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон аз омўзиш, мутолиаи китоб, таълиму тарбияи манфиатпазир дар муассисањои таълимї маншаъ гирифта, дарки воќеии талаботи Конститутсия ва ќонунњо танњо дар доираи љањонбинии комил имконпазир мегардад.

Њуќуќшиноси маъруфи тољик, академик Ф.Т. Тоҳиров комилан дуруст таъкид намудаанд, ки: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан бузургтарин ҳуҷҷати миллӣ ва давлатии кишварамон буда, дорои аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ мебошад. Аз ин рў, дарк намудани меъёрњои Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои наврасону ҷавонон, ки ояндаи пойдорию пешрафти миллату давлат мебошанд, ҳам фарзу ҳам суннат аст. Бояд, ки наврасону ҷавонон усулҳову ғояҳои дар Конститутсия

сабтгардидаро хуб дарк карда, дар раванди ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро татбиқ карда тавонанд».[30]

Маърифати њуќуќии ноболиѓону љавонон – ин фаъолияти мақсадноки аъзои оила, омӯзгорони муассисањои таълимӣ (мактабҳо, коллеҷҳо, литсейҳо, омӯзишгоњњо, донишкада ва донишгоњњо ва ѓ.), кормандони маќомоти њифзи њуќуќ ва љомеаи шањрвандї, ки бо фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии хонандагон дар асоси арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ, санадњои меъёрии њуќуќї љињати расонидани кӯмак ба кӯдакон дар худмуайянкунии ҳаёт, рушди шаҳрвандӣ ва касбӣ, муњайё кардани шароит барои худшиносии шахсї нигаронида шудааст.

Мақсади маърифати ҳуқуқӣ, аз ҷумла тарбияи ҳуқуқии ноболиғону ҷавонон, дар замири онҳо ташаккул додани шуури њуќуќї, фарҳанги ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла эътимод ва арзишҳои мусбати ҳуқуқӣ мебошад.

Имрӯз Тољикистон аз назари демографї дар њоли рушди доимї карор дорад ва шумораи ноболиғон **3** млн **567** њазору **97** нафар ва шумораи ҷавонон бошанд, **2** млн **737** њазору **127** нафар, яъне аз нисф зиёди ањолии мамлакатамонро ноболиғону љавонон ташкил медињанд.

Дар кишвари азизамон Тољикистон, масъалаи тарбияи њамаљонибаи наврасону љавонон, шахсан дар маркази диќќати Асосгузори сулњу Вањдати миллї - Пешвои муаззами миллат муњтарам Эмомалї Рањмон қарор дорад.

Дар ин замина, њанӯз аз оѓози истиќлоли давлатї, маќоми олии ќонунгузори кишвар, Ќонун “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии љавонон”-ро ба тасвиб расонид, ки санади мазкур заминањои ташкиливу њуќуќии сиёсати давлатии љавононро муњайё намуд.

Сипас, дар марњилањои минбаъда аз ҷониби Ҷумњурии Тоҷикистон Конвенсияи байналмилалӣ “Дар бораи њуқуқи кӯдак” эътироф гардида, як зумра санадњои дахлдори сатњи миллӣ, аз љумла «Стратегияи сиёсати давлатии љавонон дар Љумњурии Тољикистон то соли 2020», «Консепсияи миллии сиёсати љавонон дар Љумњурии Тољикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии

---

[30] Ф.Т. Тоњиров. Ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон. // Маводҳои конфронси умумиҷумҳуриявӣ илмию амалӣ. Душанбе, 2005.- С.29.

ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумњурии Тоҷикистон, амалӣ гардида истодани барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030, ќабул гардиданд, ки онњо асосњои њуќуќї ва самтњои фаъолияти имрўзу ояндаи ноболиғону љавононро дар Љумњурии Тољикистон муайян менамоянд.

Таъсиси маќоми ваколатдор дар соњаи кор бо љавонон ва варзиш, таъсиси Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси Ваколатдор оид ба њуқуқњои кӯдак, љоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ, таъсис додани стипендияињо, алалхусус стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон», таъсиси квотаҳои Президентӣ, ҷудо намудани грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон ва дигар чунин дастгирињо, далели эњтироми ин ќишри созандаи кишвар дар сатњи милливу давлатї мебошад.

Аммо, сарфи назар аз њама дастоварду комёбињои давлату миллат дар замони истиқлолият, ки бо талошњои сариваќтии фарзанди љонсупурдаи миллат Асосгузори сулњу Вањдати миллї-Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон насиби мо гардидаанд, инчунин баъзан мушкилот низ миёни ин ќишри љомеа, яъне наврасону љавонон вуљуд доранд.

Махсусан њолатњои даст задани ноболиғону љавонон ба њар гуна кирдору амалњои номатлуб, аз љумлаи љалби онњо ба њар гуна њизбу њаракатњои дорои хусусиятњои экстримистӣ, пањншавии баъзе кирдорњои зараровар, бахусус нашъамандї, майзадагӣ, тамокукашї, оворагардї, қатлу куштор, ки дар байни наврасону љавонон рў ба афзоиш доранд, аз маърифати пасти њуқуқӣ ва сатњи тарбияи ахлоқии онњо дар оила, мактаб ва ҷомеа мебошад.

Бинобар ин дар шароити муосир яке аз роњњои асосии баланд бардоштани маърифати њуқуқии наврасону ҷавонон ва эмин нигоњ доштани онњо аз таъсири њар гуна омилњои номатлуб ба тањсил, касбу кор ва варзиш љалб намудани онњо мебошад.

Аз ин ру, масъалаи баланд бардоштани сатњи маърифати њуқуқї ва худшиносиву худогоњии наврасону љавонони кишвар бояд ба яке аз самтњои асосии касбу кори мо табдил ёбанд.

Аз тањлили маълумотњои омори расмї бар меояд, ки содир шудани љиноятњо аз љониби ноболиғон ё бо иштироки ноболиғон дар њудуди Љумњурии Тољикистон, соли 2022 -**737** њолат, дар муқоиса ба соли 2023 -**555** њолат ва дар 5 моњи аввали соли 2024 бошад 295 њолатро ташкил медињанд.

Мавриди муќоиса ќарор додани вазъи љинояткорї дар байни ноболиғон дар њамин давраи соли 2023 нисбат ба 5 моњи соли 2024 маълум мегардад, ки дар њудуди љумњурї **221** њолат ё **+33,4%** зиёдшавии ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Аксарияти љиноятњое, ки аз тарафи ноболиғон дар муњлати муќоисашаванда содир гардидаанд, љинояти дуздӣ, авбошӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, одамкушӣ, таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятњо ташкил намудааст.

Аз тањлили вазъи љинояткории љавонон дар Љумњурии Тољикистон бармеояд, ки аз љониби онњо ё бо иштироки онњо дар соли 2022 -**3572** њолат ва соли 2023 -**3020** њолати љиноят ба ќайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса ба соли 2022 -552 њолати ҷиноят ё 18,2% камшавӣ ба қайд гирифта шудааст.

Чунин тањлилњо дар 5 моњи аввали соли 2024 низ нишон медињанд, ки аз љониби љавонон дар кишвар **1615** њолати љиноят ба ќайд гирифта шудааст, ки нисбат ба њамин давраи соли гузашта 36 њолат ё 2,2% кам мебошанд.

Масоили дигари ташвишовар, ки аз сатњи пасти маърифати њуқуқии баъзан аз шањрвандон гувоњӣ медињад, ин монеагӣ эҷод намудани волидон ба таълими фарзандон, инчунин сафарбар намудани онњо ба таълими ғайрирасмии динӣ мебошад.

Вобаста ба масъалаи мазкур Пешвои муаззами миллат муњтарам Эмомалӣ Рањмон дар суханронии хеш бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин чунин иброз намуданд, ки “Дар давраи аз соли 2020 то соли 2023 дар кишвар 680 ҳолати ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифтани 5000 нафар таълимгиранда ошкор карда шудааст. Танҳо соли 2023-юм 300 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор ва ҷалби беш аз 4100 нафар пешгирӣ карда шудааст, ки аз вусъати раванди мағзшуйии кӯдакону наврасон ва ҷавонон дарак медиҳад.

Ин дар ҳолест, ки дар 10 соли охир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 1320 ҷинояти монеъ шудани волидайн ба гирифтани таҳсилоти миёнаи асосии фарзандон ошкор гардидааст”[31].

Татбиқи меъёрњои Ќонуни Љумњурии Тољикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ки айни њол дар раванди ворид намудани тағйиру иловањо қарор дорад, дар ин ҷода нақши арзишманд дорад.

Қонунгузории Љумњурии Тољикистон вобаста ба огоњонидан ва пешгирии љиноят ва дигар њуќуќвайронкунињо аз љониби ноболиғон ва љавонон субъектњои дахлдорро муайян намудааст. Як ќатор вазорату идорањо мушкилотњоро вобаста ба огоњонии њуќуќвайронкунињо байни ноболиғону љавонон бар уњда доранд ва дар ин самт фаъолияти назаррасро, низ ба анљом мерасонанд.

Оид ба талаботи Ќонуни Љумњурии Тољикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” дар 5 моњи аввали соли 2024 бо моддаи 90 Кодекси њуқуқвайронкунии маъмурӣ 23 њазору 143 адад протоколњо тартиб дода шуда, ба мақомоти судии шањру нохияњо ҷињати баррасӣ ирсол карда шудааст.

Дар миёни маќомоте, ки бевосита ба огоњонии њуќуќвайронкунињо миёни ноболиғону љавонон машғул мебошанд, бартарият ба маќомоти корњои дохилї дода шудааст. Дар сохтори маќомоти корњои дохилї сохтори алоњида - Раёсати огоњонӣ ва пешгирии њуќуќвайронкунї байни ноболиғон ва љавонон фаъолият менамояд.

Аз таълим ва тарбия дур мондани ин гуна ноболиғону ҷавонон боиси он мегардад, ки тафаккур ва маърифати њуқуқии онњо паст гардида, хубро аз бад фарќ карда наметавонанд ва дар натиља зуд гирифтори ғоя ва аќидањои ифротї мегарданд.

Аз тањлили њолати љинояткории муќоисашаванда ва пешнињоди омории шумораи љиноятњои ноболиғону љавонон, инчунин ҷой доштани кирдорњои њуќуќвайронкунии маъмурї ва

---

[31] Ниг.: Суханронии Президенти Ҷумњурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муњтарам Эмомалӣ Рањмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 09.03.2024, шаҳри Душанбе.

дигар њуќуќвайронкунињо дар байни онњо метавон зарурати саривақтии тақвияти маърифати њуқуқиро дар миёни ин қишри муњимми ҷомеа хулоса намуд.

Бањри пешгирии љиноят ва дигар њуќуќвайронкунињо дар байни ноболиѓону љавонон пеш аз њама бояд сабабу шароитњои мусоидаткунандаи он  муайян карда шаванд. Вобаста ба тањлили фаъолияти амалии маќомоти њифзи њуќуќ ва дигар субъектони пешгирикунандаи њуќуќвайронкунии ноболиѓон, инчунин омилњои объективии љойдошта, сабаб ва шароити мусоидаткунандаи љиноят ва њуќуќвайронкунии ноболиѓону љавонон љой доранд, ки пешгирии саривақтии онњо дар ҷодаи баланд бардоштани маърифати њуқуқии ноболиғону ҷавонон мусоидат менамояд.

Барои баланд бардоштани маърифати њуќуќии ноболиғону ҷавонон дар кишвар, рољандозии чунин раванди бонизом ва пайвастаро мувофиќи маќсад медонем:

1. Тањия ва қабули "Консепсияи ташаккули маърифати њуќуќї дар самти ноболиѓону љавонон бо дарназардошти мушаххас намудани мафњуми маърифати њуқуқӣ, шуури њуқуқӣ, фарњанги њуқуқӣ ва дар ин замина муайян намудани субъектони бевосита ва умумии раванди баланд бардоштани маърифати њуқуқӣ ва њамоњангсозии фаъолияти онњо;

2. Ҷоннок намудани корњои таблиғотиву ташвиқотӣ оид ба пешгирии содиршавии њуќуќвайронкунї, сатњи содиршавии њуќуќвайронкунї, оќибатњои содир намудани њуќуќвайронкунї ва содир намудани ҷиноят аз ҷониби ноболиғону ҷавонон;

3.  Танзими раванди муњоҷирати ноболиғону ҷавонон (фарогирӣ ба тањсил, мењнат ва ё дур мондани онњо аз тањсилоти њатмии миёнаи умумӣ)  ва ҷоннок намудани корњои таблиғотиву ташвиқотӣ оид ба баланд бардоштани сатњи маърифати њуқуқӣ дар миёни муњоҷирони мењнатӣ;

4. Тавассути Васоити ахбори омма ва сомонањои иљтимої, њарчи бештар тарғиб намудани роликњо вобаста ба њолатњои содир намудани њуќуќвайронкунињо дар миёни ноболиғону ҷавонон ва инъикоси оқибатњои номатлуби онњо.

# ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Суханронии Собирзода И.С.** Ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 25.06.2024, н.Балҷувон

**Ҳозирини гиромӣ,**

Сароғоз мехостам суханро аз нуктаҳои асосии паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28-уми декабри соли 2024 ироа доштанд, ибтидо бахшам. Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Дар ҳақиқат, маърифати баланди ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон имкон фароҳам меорад, ки бо рафтори қонунии худ ба ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва адолатпеша саҳме дошта бошанд. Барои ба ин мақсад ноил гардиданд, Пешвои муазами миллат таъкид намуданд, ки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикргардида барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд. Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Воқеан, Конститутсия ҳуҷҷати сиёсӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки мазмуну мӯҳтавои он чи қадар афкори ҷамъиятро дар бар гирад, ҳамон қадар барои инкишофи ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд. Ин хулосабарорӣ ҳоло эътирофи умумро соҳиб гаштааст ва дастоварди бузурги ҳуқуқӣ ва давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ба ифтихори

ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

Эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” иқдоми саривақтӣ мебошад, зеро давлат ҳамон вақт пеш меъравад, ки мардумаш соҳибмаърифат бошад аз ҷумла маърифати ҳуқуқӣ дошта бошад ва дар ҳамон вақт сатҳи содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа коҳиш меёбад.

Ҷомеаи шаҳрвандии муосир натиҷаи ташаккули тӯлонии таърихӣ мебошад. Дар ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёфта шарафи инсон, этиром ба шахсият ва оила ба сифати пояи асосии сохтори ҷамъиятиву сиёсӣ ва давлатӣ эътироф карда мешавад. Воқеан, ҷомеаи шаҳрвандӣ унсури муҳим буда барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд шароити зарурӣ фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз маърифати ҳуқуқӣ асоси ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Барои ташаккул ва фаъолияти озодӣ ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси Констиутсия имрӯз дар кишвар тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, эътирофи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар шахс ҷузъӣ таркибии сиёсати пешгирифтаи давлат мебошад ва онҳо пайваста такмил дода мешаванд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ зодаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ мебошад ва дар навбати худ ҳар қадаре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад, маърифати ҳуқуқии он боло меравад, давлати демократӣ ҳам ҳамон андоза пеш меравад.

Дар ин росто, ҳаминро бояд қайд кард, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз масъалаи асосии сиёсати ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба ин раванд таваҷҷуҳи махсус равона шудааст ва дар ин ҳошия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд.

Сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019 тасдиқ гардидааст, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2023 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» амалӣ карда мешавад.

Мақсади асосии ин санадҳо таъмини риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тарғиби арзишҳои демократӣ, дарки ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он, баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва монанди инҳо мебошад.

Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба масъалаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, зикр менамоянд, ки «Инсони дорои маърифати ҳуқуқӣ қодир аст, ки бо дарки моҳият ва аз худ намудани қонунҳои амалкунанда ҳуқуқ ва манфиатҳои худро пуштибонӣ намояд ва ин ҳолат хоси давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд мебошад».

Маърифати ҳуқуқӣ на танҳо шахсро ба анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ ва худдорӣ намудан аз амалҳои манъннамудаи қонунгузорӣ водор менамояд, балки инсонро аз содир намудани кирдорҳое, ки хилофи ахлоқу арзишҳои фарҳангӣ мебошанд, бартараф менамояд.

Рушди давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими Ваҳдати миллӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат фарҳанги баланди ҳуқуқиро талаб мекунад, ки бе он арзишҳо ва принсипҳои асосии ҳаёти ҷомеа, аз қабили волоияти қонун, арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, таъмини ҳифзи боэътимоди манфиатҳои ҷамъиятӣ пурра амалӣ намегарданд.

Маърифати ҳуқуқӣ ба шахс имкон медиҳад, ки аз ҳуқуқҳои худ истифода карда, уҳдадориҳои худро иҷро намояд, маҳдудиятҳои дар

қонунгузорӣ муайяншударо риоя кунад, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои худро дарк намояд.

Қобилияти шаҳрвандон оид ба истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва ба қонун итоат намудан мусоидат менамояд.

Чунин шуури ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки арзиши бунёдии қонун ҳамчун падидаи зарурӣ ва самараноки иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Дар воқеъ, масъалаҳое, ки барои давлати пешрафта калидӣ мебошанд, аз қабили ахлоқ дар оила ва ҷомеа, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқҳои кӯдак ба сатҳи донистани ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста мебошад.

Танҳо маърифати ҳуқуқӣ ба инсон имкон медиҳад, ки дар раванди амалисозии ҳуқуқҳои худ ба ҳуқуқҳои дигарон таъсири манфӣ нарасонад.

Мақсад аз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ин расидан ба ҳадафу мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, амалӣ намудани ҳама арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, ба монанди волоияти қонун, иҷрои масъулияти ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадории эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои дигарон мебошад.

Вазорати адлия ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз оид ба иҷрои нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми марти соли 2024-ум тасдиқ гардидааст, бо фармоиши вазири адлия 9-уми апрели соли 2024-ум вобаста ба нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 гурӯҳи кории доимоамалкунанда ҷиҳати пешбурди фаъолияти мунтазам дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ таъсис дод.

Дар ин замина кормадони Вазорат дар мавзуъҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, танзими анъана ва ҷашну маросим, масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон дар ҳифзи муҳити зист, муқовимат ба коррупсия, савдои одамон, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва риояи қатъии одоби касбию маданияти баланди муоширати хизматчиёни давлатӣ корҳои тарѓиботию ташвиқотиро дар байни

аҳолӣ, тавассути воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ба роҳ монданд.

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои зикршуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад.

Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо маводди иттилоотӣ - ҳуқуқӣ, ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида, такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимми баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии роҳбарони ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакону наврасон, ҷавонону донишҷӯён, хизматчиёни давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон.

**Ташаккур ба таваҷҷуҳатон!**

## ОИД БА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ПАРТАВИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ 2024 СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Суханронии Шодиён И.Р. К**отиб-њамоњангсози Шурои љамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2024, н.Балҷувон

Ба ақидаи А.А. Тилле “фарзияи қабули қонун ба ҳама маълум аст ва аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани он бояд аз ҷониби ҳама риоя карда шавад. Надонистани қонун баҳона нест”.

Фарзияи “надонистани қонун баҳона нест” (ба забони лотинӣ: ignorantia legis non excusat) як принсипи ҳуқуқӣ мебошад, ки таърихи хеле қадимӣ дорад.

Андешаи “надонистани қонун, агар сабаби вайрон кардани он гардад, касеро аз ҷавобгарӣ озод намекунад” дар замонҳои хеле қадим солҳои 1792 то 1750 то милод дар Бобулистони Қадим дар давраи ҳукмронии шоҳ Хаммурапӣ пайдо шудааст. Ин ғоя дар асри I то милод дар илми ҳуқуқи Рими Қадим ба таври возеҳ ташаккул ёфта, баъдан ба низоми ҳуқуқии аврупоӣ ва байналмилалӣ ворид шудааст.

Айни замон бошад, ин андеша ба меъёри сатҳи конститутсионӣ табдил ёфта, дар конститутсияҳои кишварҳои мутамаддин аз ҷумла, дар қ.2. мод. 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни “надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад” дарҷ гардидааст.

Яъне, дар қ.1 мод.42 омадааст, ки риояи Конститутсия ва қонунҳо дар Тоҷикистон вазифаи ҳар як шахс мебошад. Донистани қонун аз дастрасии он ба аҳолӣ низ вобастагӣ дорад. Дар замони муосир дастрас намудани санадҳои меъёрӣ дар шароити рушди босуръати воситаҳои иттилоотию иртиботӣ бениҳоят қуллай ва осон аст. Ба ғайр аз интишори қонунҳо дар манбаъҳои расмии рӯзномаи “Садои мардум” ва “Ахбори Маҷлиси Олӣ” даҳҳо сомонаҳои расмии интернетӣ ба монанди, сомонаи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузорӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ фаъолият мекунанд.

Ҳамин тавр, аз мазмуни ёдгориҳои таърихӣ, андешаҳои мутафаккирон, конститутсия ва санадҳои байнамилалӣ бармеояд, ки ҳама бояд қонунро донад. Донистани қонун омили асосии риояи он ва муҳофизати манфиатҳои қонунии ҳар як инсон мегардад. Яъне, барои риоя намудан ва вайрон накардани қонун донистани он шарти муҳим аст.

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) калимаи “маърифат” ба маъноҳои гуногун омадааст, яъне илму дониш, шинохтан, донистан, биниш, тамиз, фаҳм, шиносоӣ, ошноӣ, маълумот доир ба тасаввуф, ҷаҳоншиносӣ, яке аз чор дараҷаи ирфонӣ сӯфия: шариат, тариқат, маърифат, ҳақиқат.

Дар адабиётҳои илмӣ бошад, мафҳуми “маърифат” ҳамчун “интиқол, паҳн кардани дониш ва фарҳанг”, инчунин “ҳамчун низоми чорабиниҳои тарбиявию таълимӣ дар давлат” шарҳ дода мешавад.

Тавре маълум гардид “маърифат” нафақат маънои доштани илму дониш ва дарки воқеият, балки паҳну интиқоли дастовардҳои илмиро (маърифатпарвар) ба дигаронро дорад. Нафаре маърифатпарвар шуда метавонад, ки худ дорои маҳорат, қобилият, истеъдод, ҷаҳонбинӣ, фаҳмиш ва фарҳанги воло ҳаст. Талаби илму дониш сину сол ва вақти муайян надорад. Омӯзиши илму дониш раванди мураккаб ва инкишофёбандае ҳаст, ки бо суръати баланд пеш рафта, зудтағйирёбанда аст ва пайваста аз тағйиротҳо огоҳ шуданро тақозо менамояд. Бинобар ин, дар Ҳадисҳои Паёмбари Ислом омадааст, ки “Шумо илмро аз гавҳора то лаҳад биомӯзед”. Яъне, аз мазмуни ин ҳадис бармеояд, ки омӯзиши илму дониш барои инсон мунтазам ва пайваста аст. Ҳатто оғози омӯзишро аз лаҳзаи тифлӣ ва охири онро то марг таъкид мекунад. Яъне, то лаҳзаи ҷон дар бадан будан одам бояд омӯзиши илму донишро ҳеҷ вақт тарк накунад.

Ба ҳамин мазмун Е.Е. Андреева ва Г.Б. Морозов қайд менамоянд, ки “маърифат - раванди мураккаб ва тӯлонӣ буда, чорабиниҳои иттилоотӣ-таълимӣ оид ба тарғибот ва паҳнкунии мақсадноки маълумоти илмӣ ва дигар маълумоти иҷтимоии муҳим, ки дар маҷмуъ фарҳанг, ҷаҳонбинӣ, қобилияти зеҳнии инсонро барои амалҳои масъулиятнок, аз айёми кӯдакӣ то лаҳзаи охири ҳаёт ташаккул медиҳад”.

Ташаккул ва инкишофи маърифат, илм ва дониш барои ҳар як фарди ҷомеа дар ҳама давру замон новобаста сину сол муҳим аст. Яъне, инсон метавонад, ки ҳар лаҳза, имрӯзи худро беҳтар аз дирӯз гардонад. Самарабахшии ҳар инсон ба оила, ҷомеа, давлат, аҳли башар ва наслҳои оянда аз сатҳи дониш, фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва натиҷаи амалӣ ӯ дар ҳама сину сол вобаста аст.

Маърифат ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсонӣ таъсир мерасонад ва бевосита ба низоми ниҳодҳои иҷтимоӣ такя мекунад. Васоити ахбори омма, муассисаҳои тарбиявию таълимӣ, ташкилотҳои махсуси ҷамъиятӣ, аз ҷумла мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, инфрасохторе мебошанд, ки бе онҳо маърифат сояи гузашта буда, нусхаи аслӣ надорад.

Илова бар ин, маърифатпарварї ташаккули шахсияти инсони нав, баланд бардоштани сатњи шуури љамъиятї (ахлоќї, њуќуќї, илмї ва

ѓайра), омода намудани аъзои љомеа, пеш аз њама, насли наврасро ба дигаргунињои куллии њаёти љомеа, ширкати фаъолонаро дар ислоњоти љомеа ва рушди устувори он дар назар дорад.

Маърифат дар навбати худ ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад, ба монанди, маърифати ватандӯстӣ, молиявӣ, сиёсӣ, экологӣ, динӣ, ахлоқӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраҳо. Дарки мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо мафҳумҳои дигари маърифат осон мегардад. Ҳама намудҳои маърифат мақсади ягона доранд, яъне бошуурона зиндагӣ кардан ба хотири таъмини ҳаёти хушбахтонаи инсонӣ.

Аз мавқеи дини Ислом, агар таҳлил намоем, роҳи расидан аз маърифат (шинохт) то ҳақиқат (воқеият ва ҳақиқати комил) як раванди маънавии амиқ аст. Ин раванд муҳлати зиёдеро дар бар мегирад ва вобаста ба ихлос, ирода ва тавфиқ фарқ мекунад. Барои фаҳмиши беҳтар, ин роҳро метавон ба чунин марҳилаҳои асосӣ тақсим кард: зоҳир ва ибодат, ки ин марҳила оғози роҳ аст ва ба қабули зоҳирии дини Ислом (этиқод ба калимаи шаҳодат, намоз, рӯза, закот ва ҳаҷ) алоқаманд аст, яъне шинохти Худо, Паёмбар, Қуръон ва аҳком; бовару эҳсоси Худованд ботинан (имон), ки дар ин зина шахс аз зоҳир ба ботин ҳаракат мекунад, яъне дар ин ҷо маърифат амиқтар мешавад, зеро шахс Худоро на танҳо медонад, балки мехоҳад ва эҳсос мекунад; ваҳдати комил бо ҳақиқат (иҳсон ва ҳақиқат) ин марҳила зинаи олии гузариш аз хештаншиносӣ ба ҳақшиносӣ аст, яъне ин ҷо маърифат ба ҳақиқат табдил мешавад: шинохти ҳақиқии Худо ва мақоми инсони комил. Воқеан, аз назари ҳамаи динҳо аз ҷумла, дини Ислом зинаи аз ҳама баланди ташаккули маънавии инсонӣ ин ба дараҷаи комилӣ расидан, ки дар натиҷаи соҳибмаърифатӣ ва парастиши ҳақиқат муяссари кас мегардад.

Маърифати ҳуқуқӣ дар баробари дигар намудҳои маърифат унсури хеле муҳими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Он ба ташаккули нафақат шуури ҳуқуқии шахс, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии тамоми ҷомеа, балки ба рушди маънавии шахс, эҳсоси баланди худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ мусоидат мекунад. Нақши маърифтаи ҳуқуқиро дар ҷомеа чунин фаҳмидан мумкин аст, ки бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои махсуси таъсири ҳуқуқӣ фаҳмиши он таъмин карда мешавад ва доираи амали қонун меафзояд.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ И.В.  Кочеткова қайд менамояд, ки “ташаккули маънавии шахс - маќсади маърифати њуќуќї” эътироф мешавад.

Самаранокии амали намудани ќонунњо ва дигар санадњои меъёрии њуќуќї, барои таъмини волоияти ќонун дар давлати њуќуќбунёд аз сатњи баланди донишҳои њуќуќии ањолї вобаста аст.

Ҳамин тавр, фаҳмиши дуруст ва шарҳи маърифати ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани шуур, фарҳанг ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ аз аҳаммият холӣ нест. Барои дуруст фаҳмидани ин истилоҳ зарур аст, ки  сараввал мафҳуми “маърифати ҳуқуқӣ”-ро таҳқиқ намоем. Нисбат ба мафҳуми  “маърифати ҳуқуқӣ” дар адабиётҳои илмӣ таваҷҷуҳ ва андешаҳо хело зиёданд, ки ин андешаҳои илмӣ якдигариро пурра менамоянд. Ба мавзуи баррасишаванда наздик, яъне дар алоқаманди бо нигилизми ҳуқуқӣ  чунин мафҳумҳо аз ҷониби муҳаққиқон дар адабиёти илмӣ пешниҳод шудаанд:

– «фаъолияти мақсаднок ва мунтазами давлат ва љомеа оид ба ташаккули баланд бардоштани сатњи шуури њуќуќї ва фарњанги њуќуќї бо маќсади муќовимат ба нигилизми њуќуќї ва таъмини ташаккули маънавии шахс» ;

– «фаъолияти давлат, маќомоти он, шахсони мансабдор, субъектони дигар, ки ба бартараф намудани камбудї дар фањмиши њуќуќии шањрвандон, баланд бароштани фарњанги њуќуќї, пешгирии нигилизми њуќуќї равона шудааст» .

Н.И. Матузов ва А.В. Малько зикр менамоянд, ки “ин падидаро ҳамчун муносибати беэҳтиромӣ ба ҳуқуқ, қонунҳо, танзими меъерӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва сабабҳои пайдоиши он ба тарбияи нодурусти ҳуқуқии қисми муайяни аҳолӣ вобаста аст” . Барои бартараф ё паст кардани зуҳури ин падидаи манфӣ, бояд чунин чораҳои муассир андешид, яъне боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон.

Дар баробари ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, падидаи дигари манфӣ “нигилизми ҳуқуқӣ” дар ҷомеа инкишоф меёбад, ки субъектҳои фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бо он мубориза мебаранд. Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа мушкилоти нигилизми ҳуқуқӣ хеле шадид сурат мегирад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили мафҳум ва намудҳои маърифат маълум гардид, ки маърифати њуќуќї намуд, самт ва љузъи таркибии маърифат буда, њамчун падидаи њаёти њуќуќї дарку омўхта мешавад,

дар натиљаи фаъолияти муташаккилонаи маќомоти давлатї, ташкилоту муассисањо, љомеаи шањрвандї тавассути консепсияњо, стратегияҳо ва барномањои давлатї ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат бо нигилизми њуќуќї ташаккул меёбад.

«Нигилизм» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш «инкор намудан» аст.

Нигилизм мафҳуми мураккаб аст. Бе шарҳу тафсир мо намефаҳмем, ки чаро одамон ба нигилизм рӯй меоранд. Нигилизм таъсири манфӣ ба шахс ва ҷомеа дошта, мисли ноумедӣ, бетарафӣ, ё рад кардани арзишҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Донистани маънои он кӯмак мекунад, ки оқибатҳои он дарк ва пешгирӣ карда шаванд. Барои посух додан ба нигилизм ва пешгирии паҳншавии фикрҳои зараррасон, зарур аст, ки мо амиқ дар бораи он маълумот дошта бошем ва маънои онро хуб фаҳмем. Шарҳу тафсир ба мо имкон медиҳад, ки нигилизмро дар доираи илмҳои таърихӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ омӯзем ва дарк кунем, ки он чӣ гуна ба фарҳанг ва андешаҳои муосир таъсир мерасонад.

Дарки нигилизм ва таҳлили он ба рушди фикри танқидӣ, баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва арзишҳои ҷомеа кӯмак мерасонад.

Ҳамин тавр, тафсир ва шарҳи маънову муҳтавои нигилизм барои дарки воқеаҳои фалсафӣ ва иҷтимоии ҷаҳони муосир ва ҳамчунин роҳ ёфтан ба ҳаллу фаслҳои муфид ва оқилона дар ҳаёт хеле муҳим аст.

Нигилизм - ин мафҳумест, ки ба радкунии арзишҳо, маъноҳо, боварҳо ва қоидаҳои қаблан қабулшуда дахл дорад. Яъне, нигилизм ба маънои умуман рад кардани маънои зиндагӣ, арзишҳои ахлоқӣ, ё ҳатто ҳақиқати объективӣ мебошад.

Барои фаҳмидани намудҳои нигилизм дар назария ва амалия, бояд ду ҷанба - андешаи фалсафӣ (назария) ва рафтори воқеӣ (амалия) - ро ҷудо кунем. Зеро дар илм ва ҷомеа, нигилизм метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад. Масалан:

- нигилизми шахсӣ (амалӣ) ин инъикоси нигилизм дар ҳаёти инфиродӣ: шахс ба ҳеҷ чиз бовар надорад, бетараф аст, ҳатто нисбат ба худ. Масалан, афроди майлдошта ба депрессия, худкушӣ, ё нашъамандӣ дучор шудааст, ки зиндагиро бемаънӣ медонанд. Ӯ худсарона амал мекунад: масалан, андоз намесупорад, ҳуқуқи дигаронро поймол мекунад, қонуншиканӣ мекунад;

- нигилизми маърифатӣ (гносеологӣ) бар он назар аст, ки «ҳақиқат вуҷуд надорад» ё «шумо ҳеҷ чизро бо боварӣ намедонед»;
- нигилизми мавҷудӣ (экзистенсиалӣ) пешниҳод менамояд, ки «зиндагӣ маъное надорад» ва ғайра.

Нигилизми ҳуқуқӣ - ин як навъи нигилизм аст, ки ба рад кардан, дурӯғ донистан, ё беарзиш шуморидани қонун, низоми ҳуқуқӣ ва адолати ҳуқуқӣ дахл дорад. Ба иборaи дигар, шахс ё гурӯҳе ба қонун ва ҳуқуқ ҳамчун арзиши воқеӣ бовар намекунад ва онҳоро нодаркор, сохтакорона ё ҳатто зарарнок мешуморад. Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчунин муносибати манфиро ба давлат, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, сохторҳои қудратӣ ифода мекунад ва дар шакли нигилизми давлатӣ зоҳир мешавад. Масалан, шаҳрвандон фикр мекунанд, ки суд ва мақомоти қудратӣ беадолатанд, танҳо ба нафъи худ амал мекунанд. Аз ин сабаб, онҳо қонунро дурурст баҳо намедиҳанд ва онро пайравӣ намекунанд.

Нигилизми ҳуқуқӣ чунин оқибатҳои хатарнок дорад:

- Рушди беқонунӣ (анархия);
- Бовар накардан ба адолат ва давлат;
- Кам шудани масъулияти шаҳрвандӣ;
- Паст шудани эҳтиром ба ҳуқуқи инсон;

Роҳҳову усулҳои зиёди муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ дар адабиёти илмӣ аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод шудааст. Дар баробари пешниҳодҳои дар адабиёти илмӣ мавҷуд буда, дар натиҷаи таҳлили андешаҳо, меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ, таърихӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарғиби маърифати ҳуқуқӣ ба хотири эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон, риоя ва иҷроиши қонун дар оила, кӯча, деҳа, бозор, масҷид, даруни нақлиёти мусофирбар, маъракаҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ калонсолон нисбати хешу табор, наврасон, ҷавонон, ҳамсоягон, аҳли деҳа ва умуман нисбати нафароне, ки ба қонун назари манфӣ доранд ва ин гуна афрод дигар касонро низ бо фаҳмиши пасти худ ба гумроҳӣ мебаранд, бетараф набошанд; ходимони дин ҳангоми амри маъруф ба мардум такрор ба такрор фаҳмонанд, ки мақсади меъёрҳои динӣ, аҳлоқӣ, одату анъанаҳо, меъёрҳои ҳуқуқ ва сиёсати ҳокимияти давлатӣ ягона аст, яъне тарбияи мардум, ба роҳи росту бехато раҳнамоӣ, дар маҷмуъ ҳимояи манфиати умум – ҷамъият, ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани зиндагии арзанда аст; аз ҷониби аҳли дин бартарияти меъёрҳои динӣ аз ҳуқуқӣ ба мардум бояд тарғиб нагардад, баръакс

фаҳмонида шавад, ки ин меъёрҳо дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ аҳолӣ якдигариро пурра менамоянд; ҳангоми таҳияи қонунҳои нав, муҳокимаи оммавӣ ё назарсанҷии мардум ва тарғиби он ба воситаи васоити ахбори омма ба роҳ монда шавад; ба воситаи ҳуқуқшиносони собиқадор ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ бо забони фаҳмо шарҳ додани қонунҳои қабулшуда ва намоиши онҳо дар шакли барномаҳои гуногуни телевизионӣ, радиоӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ; таблиғоти ҳуқуқӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ. Таблиғоти ҳуқуқӣ унсури асосии низоми шаклҳои амалисозии маърифати ҳуқуқӣ мебошад, дар шакли дастраситарин барои шаҳрвандон паҳн кардани муқарраароти аз ҷониби субъектон муқарраршударо таъмин менамояд, ки дар байни ҳама шаклҳои амалисозии маърифати ҳуқуқӣ самараноктар аст ва имкон медиҳад, ки дар ҷомеа моделҳои рафтори қонунӣ, муносибатҳои ба ҳуқуқ ташаккул дода шаванд.

В.С. Основин ва С.М. Ходыревский, роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиро тавассути таблиғоти ҳуқуқӣ омӯхта, қайд карданд, ки “мақомоти судӣ ва прокурорӣ, мақомоти ВКД, адвокатҳо ва ғайра бояд бо баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ шаҳрвандон машғул шаванд”. Дар давраи пасошуравӣ истилоҳи “таблиғот” хусусияти  манфӣ мегирад, ки ба афзоиши нигилизм дар солҳои 1990 ва 2000-ум оварда расонд. Албатта, ин ягона сабаб набуд, аммо ба таври бояду шояд амали накардани таблиғоти маърифати ҳуқуқӣ ба беқурбшавии ҳуқуқ оварда расонд ва ба паст шудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва инчунин, ба паҳншавии ғояҳои ғайриқонунӣ дар ҷомеа таъсир расонд.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ инкишофи дарки худшиносии кӯдак, наврас, ҷавон ва дар маҷмуъ ҳамаи шаҳрвандон, муносибат ба худ ва ҷомеа, азхудкунӣ меъерҳои умумиқабулшуда, таҳияи самтҳои арзиши шахсӣ, қоидаҳои ба манфиати умум ва меъёрҳои рафтор, тарзи амал дар ҷомеа, яъне гузариши одамро аз вуҷуди биологӣ ба вуҷуди иҷтимоӣ (сотсиологӣ) таъмин мекунад. Инчунин, ба рушди тафаккур ва суханронӣ мусоидат мекунад. Д.С. Яковлева чунин мешуморид, ки “бояд шаҳрвандони итоаткунандаи қонунро аз мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ тарбия кард, ки дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи сотсиалистӣ фаъолона иштирок кунанд ва барои  риояи қонунияти сотсиалистӣ мубориза баранд”. Мақсади барномавии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи «Соли

маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 низ давоми мантиқии андешаҳои дар боло зикргардида аст, яъне шаҳрвандон ҳамчун итоаткунандаи фаъоли қонун, аввал бояд аз мазмуну муҳтаво ва тағйироту иловаҳо дар қонун иттилооъ дошта бошанд, дарк намоянд ва барои боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ, риояи тартибот ва қонунияти ҳуқуқӣ ба хотири пойдории сулҳу субот ва муттаҳидию ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа мубориза баранд ва дар пешгирӣ ва азбайнбурдани нигилизми ҳуқуқӣ мавқеъгирона муносибат намоянд. Дар Тоҷикистони муосир масъалаҳои зиеде мавҷуданд, ки ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

## ОИД БА ХУРОФОТПАРАСТӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Давлатов Р. С**ардори Хадамоти матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.07.2024, н.Нуробод

Хурофот падидаи табиии хос ба як ҷомеаи мушаххас нест, балки шароитҳои муайян барои зуҳури он замина ба вуҷуд меоранд ва афроди ҳавсалаи тафаккури амиқ нисбати дарки равандҳои муайян надоштаро ба оғӯши он меафкананд.

Аз ин рӯ, хурофоту таассуб ҳамчун падидаи номатлуби суботзудоянда дар ҷомеаи ҷаҳонӣ хатарҳои зиёде эҷод карда истодааст ва метавонад на танҳо ба як миллату халқият, балки ба аксари миллатҳову давлатҳо зиёни ҷуброннопазиреро дар пай дошта, ҳатто,онҳоро ба завол оварда расонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон таассубу хурофот мебошад, ки сарчашмаи аксари омилҳои қафомондагӣ ва бадбахтиҳост. Бинобар ин, қабл аз он ки мо дар хусуси хурофот ва таассуб ҳарф бизанем, бояд чӣ маъно доштани ин мафҳумҳоро донем. Дар китоби дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «хурофот» – ақида ва фикрҳои пучу беасос, вожаи «хурофотпарастӣ»- пайравӣ ва боварӣ ба ақидаҳои хурофӣ ва мавҳумот маънидод шудаанд. «Таассуб» бошад, бо се маънӣ тавзеҳ дода шудааст: 1. Тарафдорӣ ё

душмании бисёр нисбат ба шахс; 2.Ҳимоят ва ҷонибдорӣ, орият; 3.Тарафдорӣ аз ақоиди динӣ ва маросими кӯҳнаи миллӣ, фанатизм, кинаҷӯӣ…(ФЗТ. Ҷ.2, саҳ.283-284).

Маҳз хурофоту таассуб аст, ки ба пешрафти ҷомеаҳо халал мерасонад.Чунончи мушоҳидаҳо нишон медиҳанд,ки он ба амнияти ҷаҳону башарият ва сокинони сайёра хатари ҷиддӣ дорад. Рӯ овардан ба фарҳанги бегона, таассуби кӯр-кӯрона, тақлиди бебунёд, дар аксар вақт занону ҷавонон ба он гирифтор мешаванд, ба ин зуҳуроти номатлуб нигаронкунанда аст. Лев Толстой нависандаи бузурги рус сабаби ба хурофот рӯ овардани мардумро ба ду омил рабт додааст: “Сарчашмаи ҳама айбҳои одамӣ ду чиз аст: яке бекорӣ ва дигаре эътиқод ба хурофот”. Мутаассифона, ҳоло ҳам бархе аз занону ҷавонони мо бинобар надоштани дониши мукаммали диниву дунявӣ, паст будани маърифати ҳуқуқӣ, зиракии сиёсӣ ва ҷаҳонбинии васеъ ба хурофоту таассуб дода шуда, ба равияҳои гуногуни ифротӣ пайваст гардида, ҷони ҷавони хешро дар роҳгумӣ қурбон месозанд.

Таҷриба исбот намудааст, ки занону ҷавонони бехираду ноогоҳ зери таъсири хурофотпарастон монда, зуд ва ба осонӣ ба фикру ақидаҳои равияҳои гуногуни динӣ, яъне таассубу ифротгароӣ бовар намуда, ба иҷрои мақсадҳои нопок камар мебанданд. Афсӯс, ки ин ҳамаро ба дини мубини Ислом нисбат медиҳанд, то мардум бовар кунанд. Ва мардуми соддаву ноогоҳ бовар мекунанд. Ҳол он ки Ислом зидди ҳама гуна хурофоту таассуб, зидди исрофкорӣ, дурӯғу газзоф, бадкирдорӣ, мардумозорӣ, одамкушӣ ва харобкорист. Тавре маорифпарвари машҳур Ҷамолиддини Афғонӣ  фармудааст:

**Ислом ба зоти худ надорад айбе,**
**Ҳар айб, ки ҳаст дар мусалмонии мост.**

Ҳанӯз Абӯрайҳони Берунӣ, яке аз бузургтарин алломаҳои Машриқзамин, риёзидон, файласуф, табиатшинос, табиб, мунаҷҷим, муаррих ва ҷомеашиноси тоҷику форс дар асри X (асараш «Мо ли-л-Ҳинд»)  гуфта буд: “Таассубу хурофот чашмҳои биноро кӯр мекунад ва гӯшҳои шунаворо кар месозад”. Боиси афсӯс аст, ки қисме аз гурӯҳои нобихраду ноогоҳ аз ҷавҳари ноби дини ислом мекӯшанд суннатҳои волои моро  ба таассубу хурофот олуда кунанд. Ба ҳамон дараҷае, ки ойину суннатҳои мо сатҳи баланди инсониву ҷаҳонӣ

доранд, қариб ба ҳамон дараҷа таассуб ва хурофоти бемаънӣ, ки аксар аҷнабӣ ҳастанд, онҳоро ба поён мекашанд. Ва ин дард, ин гирифторӣ хеле кӯҳна буда, бо ҳамин сабаб аз беху бун кандани решаҳои ҳазорсолаи он кори осон нест. Дар ин мавзуъ аз ҷониби донишмандони соҳа, олимони дин, коршиносону мутахассисон борҳо изҳори назар карда шудааст. Албатта, сабаби асосӣ- қафомонии фарҳангии як гурӯҳи одамон аст. То ҳанӯз мо мардуме дорем, ки назди чашмбанду фолбинҳо мераванд, ба мазорҳо муроҷиат мекунанд, азбаски худ саводи комил надоранд, ба пеши муллотарошони бе салоҳияту бесавод ва авомфиреб мераванд, ҳатто дар мавридҳое, ки касалманданд ва дахолати фаврии мутахассиси соҳаи тиб лозим аст,лекин аз ин андешаи пуч кор мегиранд.

Сабаби дигар ин аст, ки азбаски мардуми мо баимону эътиқодманди дини мубини ислом ҳастанд, авомфиребони зиёде бо истифода аз ин худро муллову табиб эълон намуда, онҳоро ба доми макру фиреби худ афтондаанд. Ва мардуми содаи мо кӯр-кӯрона ба онҳо эътимод баста, аз пасашон мераванд. Агарчи борҳо макру фиреби ин қаллобон фош шудааст, то ҷойе, ки баъзеи онҳо ҳатто оддитарин савод надоранд ва ҳатто хондану навишта наметавонанд. Ҳама амалиёти онҳо баръакс, ба муқобили дину шариати ислом аст, ки ислом фиреби мардум ва муфтхӯриву қаллобиро маҳкум мекунад. Беҳуда нест, ки дар осори классикони адабиёти тоҷик ин зумра мардуми гумроҳ ҳамеша мазаммат шудаанд.

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ сабаби зуҳури таассубу хурофотро дар ҷаҳолат мебинад ва дар муроҷиат ба мардум чунин гуфтааст:

**Эй гашта дили ту сияҳ аз гарди ҷаҳолат,**
**То ин дили чун қори ту пургарду виқор аст.**

Омили дигар ба хурофот мувоҷеҳ шудани баъзе нафарон дар лобалои мушкили рӯзгору зиндагӣ қарор гирифтанашон аст, ки ин оҷизӣ дар рӯ ба рӯи равандҳои нави ҷомеа, рӯ овардани мардуми моро ба сӯйи таассубу хурофот, ба доми фиребгарон, ба ҳалли осони масъала, ба умедҳои тиҳӣ ва бенатиҷа мебарад. Аммо мо, хушбахтона, мебинем, ки баъд аз расидан ба Истиқлолияти давлатӣ,

баъд аз амалӣ шудани сиёсати худшиносии миллӣ, афзудани шинохт ва ҳувияти худ  кам шудани гирифтории мардум  ба таассубу хурофот хеле назаррас аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои худ таъкид месозанд, ки бояд пайроҳаи аз  таассуб берун шудани мардумро нишон дода,хатарҳои дар пай доштаи онро омӯзонем.Насли ҷавон, ки ояндаи Ватан ва нерӯи мутаҳаррики Ватани маҳбубамон мебошанд, бояд роҳи дурустро дар зиндагӣ интихоб намоянд ва барои ободу шукуфо кардани он талош намоянд. Хусусан, таъкид менамоянд, ки «Мо бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафту нерӯманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем».

Аз ин рӯ, ҷавонони кишварро зарур аст, худогоҳ, хештаншинос, ватандӯст бошанду зиракии сиёсиро аз даст надода, махсусан, ҳангоми истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ фирефтаи ақидаҳои нопок ва таассубарангезу ифротгароёна нашуда,  барои ҳимояи Ватани хеш ҳамеша омода бошанд. Пайваста кӯшиш ба харҷ диҳем, ки моҳияти  ҳар як зуҳуроти номатлубро дарк намуда, дар ҳифзи ин сарзамини биҳиштосо ҷони худро нисор намоем. Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва пос доштани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ҳам ифтихор аз давлату миллати хеш ва ҳам талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои иҷтимоӣ ниҳоят бузург аст. Яке аз рисолатҳои аҳли зиёи кишвар ҳам аз ҳамин иборат аст,ки ҷавононро дар  рӯҳияи ватандӯстӣ хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва илму фарҳангомӯзӣ тарбия намоянд, роҳу василаҳои беҳтари мубориза бар

зидди зидди таассубу ифротгарой ва терроризмро ба ҷавонон пешниҳод созанд ва паёмадҳои фоҷиабору манфии қувваҳои ғаразнок ва моҷароҷӯро ба таври муассир фаҳмонанд.

Барои ба низом даровардани урфу одатҳои ҷойдошта миёни мардум, роҳ надодан ба таасубу хурофотзадагӣ ва зиёдаравии зиёд дар баргузории маросиму маъракаҳои бесарусомон "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" қабул гардид ва собит гардид , ки қонуни мазкур барои неку аҳволии ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар нигаронида шудааст. Сабаби зуҳури Қонуни танзим ва пайгирии пайвастаи он аз ҷониби Пешвои миллат ва Ҳукумати Тоҷикистон низ дар ҳамин аст: тозаву покиза кардани ойину суннатҳои некамон аз гарду ғубори хурофот.Аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур дар бисёр соҳаҳои зиндагии мардум натиҷаҳои назаррас ба чашм мерасад. Сатҳи таасуб ва хурофотпарастӣ коҳиш гардида истода, сокинони кишвар дарк намудаанд, ки қонуни амалкунанда ба нафъи ҷомеа аст. Метавон мисолҳои зиёдеро дар ин хусус баён намуд, ки аз аҳамият ва арзишмандии "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" далолат мекунанд.

Хурофотпарастӣ ягон заминаи таърихӣ ва илмию динӣ надорад. Дар ҷомеаи имрӯза гаравидани қисме аз ҷавонон ба ташкилоту ҳаракатҳои тундрав аз надонистани донишҳои диниву дунявӣ ва пастии маърифати динӣ ибтидо мегирад. Яъне наомӯхтан, огоҳ набудан аз асли дини мубини Ислом, бехабар будан аз осори гузаштагони пурифтихорамон, сарфаҳм нарафтан ба моҳияту маънои оятҳои раббонӣ, тассавуротҳои пучу бемақсад оид ба таасубу хурофотпарастӣ моро ба мушкилиҳои зиёде дар зиндагиамон мувоҷеҳ мегардонад. Аз ин рӯ омӯхтани осори ниёгонамон дар самти мукаммал гардидани донишҳои диниамон шарт ва зарур аст. Сарчашмаҳо ва осори зиёде таълиф гардидаанд, ки аз он истифода намудану аз онҳо баҳра бардоштан ба баланд бардоштани донишҳои дунявию диниамон аз манфиат холӣ нест.

Тавре аз гуфтаҳои боло ва маънии абёти бузургони адабиётамон бармеояд, тақдири миллат дар дасти худи ӯст, ба бегонагон умед бастан ва хиддматгузори дасти онон будан ғалати

маҳз аст, ки бояд ҳар нафари дар андеша ва аъмолу афъол ноустувор инро ба хубӣ донад.

Ободии кишвар ва осудагии ҷомеа аз некандешӣ, сулҳдӯстӣ, ёриву бародарӣ ва муҳаббату вафодорист, на аз хурофотпарастиву таассуб. Ин падидаҳои номатлуб миллату давлатро на ба инкишофи устувор, балки ба таназзулу инҳисор мувоҷеҳ мегардонанд.

## ОИД БА ХУРОФОТПАРАСТӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Вањобзода А. М**уовини директори Маркази исломшиносї дар назди Президенти Љумњурии Тољикистон аз 25.07.2024, н.Нуробод

**Њозирини гиромї**!

Масъалаи хурофотпарастї ва таќлидкорї дар мулоќоти Пешвои муаззами миллат бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки санаи 9-уми марти соли 2024 баргузор гашта буд, мавриди таваљљуњи хос ќарор гирифта, Роҳбари давлат аз зуњуроти нангини бегонапарастї, таќлиду таассуб ва зоњирпарастї изњори нигаронї намуданд ва таъкид доштанд, ки:

“Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад.

Дар робита ба ин, як андешаи худро, ки борҳо гуфтаам, бори дигар хотирнишон менамоям: хурофот хатарест, ки ба имрӯзу ояндаи Тоҷикистон ва минтақа таҳдиди ҷиддӣ дорад.

Борҳо гуфтаам, имрӯз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад”.

Њаќиќатан, хурофотпарастї ва љањолат заминаи мусоид барои ифротгарої аст. Бояд тазаккур дод, ки раванди ифротгароӣ танҳо мушкилоти пас аз истиқлолияти кишвар набуда, тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ бо чунин мушкилот рӯ ба рӯ шуда истодаанд. Вобаста ба имкониятҳо ва таҷрибаҳо ҳар як кишвар роҳҳои муқовимат бо ин падидаи номатлубро доранд ва амалӣ намуда истодаанд.

Таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки сатҳи ифротгароӣ дар кишварҳои ҳамсоя аз Тоҷикистон кам нестанд. Фаъолияти густурдаи ташкилоти террористии “Туркистони озод” дар Ӯзбекистон, зуҳури бесобиқаи ТТ “Ҳизби таҳрир” ва “Салафия” дар Қазоқистон ва Қирғизистон гувоҳи онанд. Аммо бо дарназардошти фаъолияти озодонаи аксар ташкилотҳои дар Љумњурии Тоҷикистон экстремистӣ эътирофшуда дар Ҷумҳурии Қирғизистон, илова бар ин фаъолияти озодонаи ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятии гуногун, ки пардапӯшона дар мафкураи мардум андешаҳои зиддимиллӣ ва зиддидавлатиро бедор месозанд, инчунин таъсири кишварҳои Туркия, Арабистони Саудӣ, Қатар ва дигарон дар шакли сохтани масҷидҳои зиёд, таъин намудани имомхатибҳои “худӣ” ва ба ин васила таблиғ намудани ғояҳои худ, сатҳи ифротгароиро дар Қирғизистон начандон боло бурдаанд.

Кишвари Қазоқистон, ки қаблан бо мақсади коҳиш додани таъсири русигароӣ ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ озодии мутлақ дода, имомхатибон аз ҳисоби шахсони тасодуфӣ ва бештар шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ интихоб мешуданд, ба кӯшиши табаддулоти давлатӣ мувоҷеҳ шуд, ки диндорон теъдоди зиёди эътирозгаронро ташкил медоданд.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, баъд аз маҳдудиятҳои шадид дар ибтидои соҳибистиқлолӣ, айни ҳол ба иттиҳодияҳои динӣ озодии нисбӣ дода, онҳоро таҳти назорат қарор додааст. Агар дар марҳилаи аввал теъдоди зиёди масҷидҳо, мадрасаҳо ва дигар иншооти динӣ ба қайд гирифта шуда бошад, айни ҳол давлат ба масъалаи арзишҳои миллӣ эътибор дода, пӯшидани либоси ба фарҳанги миллӣ бегона ва гузоштани ришро ба танзим даровардa истодааст.

Дар айни ҳол Ӯзбекистон бо мақсади пешгирии паҳншавии ақидаҳои бегонаи ифротӣ дар ҷомеа таҷрибаи таълими динирo дар чанд сатҳ ба роҳ мондааст - таъсиси коллеҷҳо, институтҳо ва Академияи исломӣ, ки мутахассисони касбии динӣ - мазҳабиро тайёр мекунанд.

Бояд ба инобат гирифт, ки дарояндаи наздик фазои динии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобастагӣ пайдо намуда, ин кишвар зимоми динро ба даст гирифта, нақши калидиро соҳиб хоҳад шуд.

Ҳарчанд ифротгароӣ хоси як давлат ё миллат нест, аммо дар ҷомеаи Тоҷикистон раванди афзоиш ва тамоюли шаҳрвандон ба ақидаҳои ифротӣ ба назар мерасад.

Ҳисси баланди дингароӣ ва пайравии бештар ба даъватҳои мубаллиғони ифротгаро дар Тоҷикистон дар он аст, ки ҳанӯз қабл аз зуҳури дини ислом тоҷикон таҷрибаи пайравӣ аз дин доштанд, мардуми соҳибтамаддун ва шаҳрнишин буданд ва баъд аз қабули дини ислом дар рушди фарҳанги исломӣ нақши калидӣ бозиданд ва роҳи ягонаи ҳифзи ҳувиятро маҳз дар рушди дин диданд. Тоҷикон мардуми ростқавл ва зудбовар буда, вақте сухан бо истифодаи аҳкоми динӣ тақвият дода мешавад, аз рӯи эҳсосот ва боварӣ муносибат мекунанд ва таҷрибаи таҳқиқ ва таҳлили хеле заиф доранд. Ҳатто масъалаҳое, ки уламои ҳанафимазҳаби кишварҳои дигар барои мутобиқ кардани арзишҳои динӣ ба низоми давлатдорӣ мавриди таҳдиди назар қарор медиҳанд, мардуми тоҷик ин амалро ба тарс ва эҳсоси заиф гардидани мақоми дин қабул мекунанд.

Бинобар ин, сатҳи дингароӣ ва таассуб дар байни тоҷикон нисбат ба миллатҳои ҳамсоя, ки қаблан кӯчманчӣ буда, шакли зиндагии қабилавӣ доштанд, бештар зоҳир мегардад.

Дар ин маврид омилҳои пайдоиш ва паҳншавии ифротгароиро дар кишвар ва роҳҳои пешгирии онро баррасӣ хоҳем кард:

А). Эҳёи арзишҳои динӣ баъди суқути занҷири давлати Шӯравӣ ва ворид гардидани таҷрибаи таъсис ва истифодаи ислом дар муноқишаҳои сиёсӣ ва табадуллотҳои давлатӣ;

Б). Ҷавобгӯ набудани таълимоти исломи анъанавӣ ва ҳавзаи илмии минтақа ба муқовимат бо исломи сиёсӣ ва ҷараёнҳои хусусияти ифротидошта;

В). Манфиати қудратҳои ҷаҳонӣ ва исломӣ дар сиёсисозии дин дар кишварҳои мусулмоннишини Осиёи Марказӣ ҳамчун як ҳолати кам кардани таъсири кишварҳои абарқудрат дар минтақа ва аз роҳи дин таъсир гузоштан дар раванди сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои минтақа;

Г). Дастрасӣ ба адабиёти ифротӣ дар шабакањои иҷтимоӣ ва набудани таҷрибаи тарғиботи ғояҳои мазҳабӣ ва барномаҳои комили ватанӣ ҷиҳати ҳифз намудани исломи анъанавӣ дар кишвар ҳамчун омили суботи ҷомеа. Имрӯзҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти динии худ шаҳрвандон ба шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ меоранд, ки дар натиҷа таҳти таблиғоти андешаҳои мубаллиғони ифротӣ қарор

мегиранд. Ҳарчанд на ҳамаи шаҳрвандон бо ин ҳадаф вориди шабакаҳои иҷтимоӣ мегарданд.

Д). Таъсири таблиғоти густурдаи мубаллиғони ифротгаро, хусусан даъватгарони афғонтабор, мубаллиғони тоҷики салафӣ дар шабакаи интернет;

Е). Таблиғоти ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ;

Ё). Таълимоти ғайриқонунии динӣ, таълими шаҳрвандон дар хориҷи кишвар, бозпас гаштани онҳо ба ватан ва таъсири онҳо ба фазои динӣ-мазҳабии кишвар - пайдоиши заминаи муноқишаҳои мазҳабӣ, ҳисси бадбинӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ;

Ж). Муқобилгузорӣи сунъии арзишҳои миллӣ ва динӣ. Таҳияи нодурусти барномаҳои идеологӣ дар айни замон бознигарӣ мехоҳад. Зеро ба таври сунъӣ муқобил гузоштани арзишҳои миллӣ бо динӣ дар кишвар бо аксарияти аҳолиаш мусулмон дар замони муосир ба манфиати поядагиии давлати миллӣ нахоҳад буд.

З). Давраи нави баъдисекулорӣ таҷрибаи нави ҳамгироӣ ва ҳамкории давлат ва динро рӯи кор овардааст. Зеро мақом ва нақши динро нодида гирифтан ба манфиати кор нест. Баръакс, дар айни замон давлатҳо имкониятҳои минбарҳои диниро мақсаднок барои таҳкими низоми давлатдорӣ истифода мебаранд.

И). Ба таври зиёд нишон додани ҳолатҳои гароиши шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ агар аз як тараф натиҷаи кори баъзе ниҳодҳои давлатӣ бошад, вале дар умум дар мақоми кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Аз ин рӯ, масъалаи мазкурро бояд таҳдиди назар кард;

К). Дар сатҳи зарурӣ татбиқ нагардидани дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар. Дар таҷрибаи кунунӣ бояд талаботи конститутсионӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асл қарор дода шуда, дар муқобили ҳамагуна ҷинояткорӣ бояд қонун татбиқ карда шавад ва ҷиноятро аз доираи муборизаи идеологӣ ҳамчун дин берун карда, таҳти назорат ва ҷазои қатъии қонун бояд гузошт[32];

Инчунин, ҷавонон дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ шомил мешаванд. Ҳарчанд намояндагони

[32] Холиқзода А.Ғ., Вањобзода А.В. ва дигарон. “Ифрот ва дин: зиддият ва ҳамоиш”, Эр-Граф, 2024.

вазорату идораҳо бо муҳоҷирони меҳнатӣ мулоқоту вохӯриҳо баргузор намоянд ҳам, чунин вохӯриҳо самараи дилхоҳ намедиҳанд. Бинобар ин, дар чунин чорабиниҳо ҷалб намудани мутахассисони касбӣ - исломшиносон, ходимони маъруфи мазҳабӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Дар аксар масҷидҳои Федератсияи Россия, ки бештари намозхононашон тоҷикон мебошанд, имомхатиб ва ноиби ӯ аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки идораҳои дахлдор бо имомхатибони масҷидҳои минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия робита барқарор намуда, мавъизаҳои намунавиро дастраси онҳо намоянд, то ин ки мазмуну муҳтавои мавъизаҳои фарогири масъалаҳои тарғибкунандаи ҳувияти миллӣ, таҳдиди гурӯҳҳои ифротӣ ба давлатдории миллӣ ва ғайра пайваста ба самъи намозгузорон расонида шавад.

Дар мулоқоту вохӯриҳое, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, бештар фаъолони ҷомеа иштирок намуда, гурӯҳҳои осебпазир фаро гирифта намешаванд. Вобаста ба имкониятҳои мавҷуда ба роҳ мондани мулоқоту вохӯриҳо бо аҳолӣ аз рӯи усули деҳа ба деҳа, маҳалла ба маҳалла самараи бештар хоҳад дод.

# ОИД БА ХУРОФОТПАРАСТӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Олимзода Ф.К**. Муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.07.2024, н.Нуробод

Тољикистони тозаистиќлол дар даврони соњибихтиёрї дар марњилаи бунёди давлатдории навин тањаввулоти зиёдеро аз сар гузаронд. Бояд тазаккур дод, ки ба туфайли сиёсати хирадмандона ва созандаи Асосгузори сулњу ваҳдати миллї-Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон имрўз кишвари мо на ин ки дар минтаќа, балки дар миќёси љањон мавќеи устувори худро пайдо намуд. Дар шароити љањонишавї, тезутундшавии вазъи сиёсї ва авзои ноороми минтаќаи Шарќи Наздик ва Афѓонистон масъалаи таъмини амнияти шањрвандон ва њифзи давлатдории кишварњо ањамияти хоса пайдо намуда истодааст. Бахусус ифротгарої, ки солњои охир доманаи худро васеъ намуда истодааст, мавриди ташвиши њамагон гардидааст.

Имрўз ифротгарої ва тундгарої њамчун падидањои номатлуб ва њаросовар бисёр кишварњои љањонро фаро гирифтааст. Бархе аз афроди ноогоњу сустирода ва дорои љањонбинии мањдуд ба доми фиреби зархаридони хориљї афтода, озими кишварњои исломӣ мешаванд, ки дар он љо муњорибањои мусаллањона љараён доранд. Шигифтовар он аст, ки ќисми зиёди онњоро љавонон ташкил медињанд. Тавре маълум аст њадафи ифротгароёни динї, ки аз хориљ сарпарастї ва дастгирї меёбанд, бо роњи зўрї ѓасб намудани њокимияти давлатї ва сохти конститутсионї мебошад. Аз ин рў, онњо мекўшанд ба сафњои худ љавонони аз љињати аќида ва мафкура ноустуворро љалб намоянд. Дар ин радиф бисёр аз љавонон аз кишварњои Осиёи Марказї, аз љумла бархе љавонписарони тољик фирефтаи ваъдаи дасисањои хољагони хориљї гашта, ба нуќтањои даргир рафта, бисёре аз онњо маљрўњу кушта шудаанд ва ё мавриди истифодаи ќуввањои ифротї ќарор доранд. Дар самти баргардонидани

шањрвандони љумњурї аз нуќтањои даргири Шарќи Наздик сањми маќомоти њифзи њуќуќи кишвар назаррас аст.

Чунонки маълум аст, дар бисёр кишварњои мусулмонї њизбу љараёнњои гуногуни тундгаро ва ифротї ба амалњои мудњиш даст зада истодаанд ва ин дигар кишварњоро водор месозад, ки бо њар васила пеши роњи чунин аъмоли номатлуб гирифта шавад. Дар ин замина, дар бисёр давлатњо бо чунин гурўњњои ифротгаро мубориза бурда мешавад. Ба шумули он њизбу њаракатњое, ки фаъолияташон дар Љумњурии Тољикистон ва бисёр кишварњо мамнуъ ва ѓайриќонунї дониста шудааст, инњо дохил мешаванд: ТЭТ ҲНИ («Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломиї»), ДИИШ («Давлати исломии Ироқу Шом»), ҲИТШ («Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ»), «Ҳизбу-т-таҳрир», «Алқоида», ҲИТ ё ҲИЎ («Ҳизби исломии Туркистон» ё «Ҳаракати исломии Ўзбекистон»), «Ҳаракати толибон», «Ихвон-ул-муслимин», «Лашкари тайиба», ҶИП («Ҷамоъати исломии Покистон»), «Ҷамъияти таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Созмони таблиғот» («Даъват ба Ислом»), «Тоҷикистони озод», «Гурўҳи 24», «Салафия», «Ҷабҳату-н-нусра» ва амсоли онњо. Бо маќсади пешгирии амалњои тахрибкорона ва мубориза бо чунин унсурњои ба љомеа хатарнок дар Љумњурии Тољикистон санадњо ва ќонунњо ќабул гардидаанд. Аз љумла, тибќи моддаи 3-и Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгарої)» бармеояд, ки фаъолияти ифротии чунин созмонњо ба даъвати нооромї, дигаркунии сохти конститутсионї дар давлат, ѓасби њокимият ва тасарруфи салоњияти он, ангезонидани нажодпарастї, миллатгарої, бадбинии иљтимої, мазњабї нигаронида шудааст ва њамзамон барои чунин кирдорњо тибќи ќонунгузорї љавобгарї пешбинї гардидааст.

Бо изњори нигаронї аз вазъи имрўзаи сиёсии минтаќа Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон дар Паёми солонаашон ба Маљлиси Олии кишвар изњори нигаронї намуда, таъкид сохтанд, ки: «Дар шароити љаҳони пурњаводиси муосир бисёр муњим аст, ки љавонони мо мисли солњои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиѓоти нерўњои ифротгарои динї ва бадхоњони миллати тољик нагарданд, њамеша зираку њушёр ва барои њимояи манфиатњои халќи тољик ва давлати тољикон омода бошанд».

Бояд ќайд намуд, ки Тољикистон аз нуќтаи назари муносибатњои дунявию динї нисбат ба дигар кишварњои собиќ Иттињоди шўравї ба куллї фарќ мекунад. Баъди фурўпошии ИЉШС дар ибтидои солњои 90-уми ќарни гузашта, љумњурии тозаистиќлоли мо ба гирдоби љанги шањрвандї кашида шуд. Хусусияти љумњурии мо нисбат ба дигар кишварњои Осиёи Марказї ва умуман кишварњои мусулмони пасошўравї дар солњои баъди истиќрори сулњ ва ризоияти миллї дар он буд, ки дар он њизби динї –њизби нањзати исломї амал мекард, дар маќомоти намояндагї аз сатњи поён то олитарин вакилони худро дошт, намояндагони он дар тамоми маќомотњо ифои вазифа менамуданд. Вале њодисаи моњи сентябри соли 2015 бори дигар собит сохт, ки аъзои ин њизб на ба хотири ифоќа дар љомеа, балки ба хотири ѓасби њокимият, табаддулоти давлатї ва дигаргун сохтани сохти давлатдорї аз њељ гуна амали муѓризонаи худ даст намекашанд. Дар арсаи байналмилалї чењраи воќеии ин њизби ба ном динї, вале дар асл тахрибкор њувайдо шуда, љомеаи љањонї аъмоли онњоро мањкум намудаанд.

Дар вазъияти кунунї ифротгарої ва терроризм натанњо ба амнияти миллии кишвари мо, балки ба бисёр кишварњои олам тањдид менамояд. Ин падидаи нињоят хавфнок буда, метавонад њаёти њама гуна љомеаи орому осудароро халалдор ва нобуд созад. Ифротгарої, бахусус ифротгароии динї, ки солњои охир чунин ифодаи сиёсї маъмул гаштааст, маънои даст задан ба њама амалњо ва андешањои нињої ва тундгароро дорад. Ифротгарої на танњо инкори поянњо ва тартибу ќоидањои амалкунандаи љомеаи осоишта, балки саъю кўшиши бешууронаи як тоифа бањри таѓйирдињии сохти давлатдорї, сиёсати кишварњо ва тањмили аќидаю мавќеи иѓвогарона ва ихтилофангез мањсуб меёбад.  Сарфи назар аз он ки маќсаду наќшањои ифротгароён чи гуна аст, њадафи нињоии онњо аз байн бурдани суботу оромї ва вазъи муътадили сиёсию иљтимої, ба миён овардани њолатњои низоангез мебошад, ки дар натиља аксаран мардуми осоишта мавриди азият ќарор мегирад.  Ифротгароён вобаста ба шароит ва замон усулњои гуногуни муборизаро бар зидди сохти конститутсионии давлатдорї истифода мебаранд. Дар љомеаи имрўза гурўњњои ифротї ва онњое, ки иродаи суст ва мавќеи ноустувор доранд, ба њар гуна ќуввањои ифротї моиланд, худро дар ин ва ё он амал њаќ мешуморанд. Ба њамагон маълум аст, ки ба чунин гурўњњо асосан онњое шомиланд, ки дар љомеа мавќеи худро пайдо

накардаанд, яъсу ноумедї онњоро пахш намуда, зери таъсири унсурњои љиноятпешаи ифротгаро мондаанд.

Дар бисёр кишварњои дунё омилњои гуногун мављуд њастанд, ки ба њаёти шањрвандон бевосита таъсири худро мегузоранд, масалан: таѓйирёбии вазъи иљтимої, буњронњои молиявию иќтисодї, афзоиши падидањои номатлуб, эњсоси табъиз ва пайдо накардани мавќеи иљтимої дар љомеа ва амсоли он.

Яке аз омилњои дигаре, ки эњтимолияти рў овардани љавононро ба ин зуњуроти номатлуб зиёд мегардонад, сатњи пасти маърифат, бархурдор набудан аз арзишњои фарњанги миллї, паст будани эњсоси худшиносї ва худогоњии миллї мањсуб меёбад. Тамошои њар гуна филмњо ва наворњои хусусияти зўроварї ва берањмї дошта дар тафаккури иддае аз љавонон таъсири манфии худро мерасонад. Воситаи асосии мубориза бо падидањои номатлуби ифротгарої ва тундгарої бурдани корњои фањмондадињи ва пешгирикунанда дар байни љавонону наврасони осебпазир ба њисоб меравад. Дар ин раванд, дар баробари тадбирњои маќомоти њифзи њуќуќ, андешидани чорањо аз љониби маќомоти иљроияи њокимияти давлатии шањру ноњияњо ва љамоатњои шањраку дењот бо љалби фаъолони љомеа хеле зарур аст.

Тавре маълум аст, баъзе аз гурўњњои љавонон бинобар хусусиятњои ба худ хос ва дарки пурэњсоси муњити онњоро ињотакунанда, ќисми осебпазири љомеа њисобида мешавад. Дар чунин муњит нуфузи њар гуна андешањои носолими гуногуни эътирозовар ва манфї ба миён меояд ва аксаран боис мегардад, ки љавонон аз ноустувории мавќеъ ва эњсосоти нозук ба њаракатњои ифротгароён майл кунанд. Аксаран чунин моилшавињо бо таассуб ва пайравї аз ин ё он андешаи носолим боис мегардад. Аз ин рў, вазифаи асосии њар як фарди масъулиятшинос ва солимфикри љомеа пешгирии зањролудшавии шуури чунин љавонон ва бурдани корњои ташвиќотию таблиѓотї бањри аз байн бурдани омилњои номатлуб мебошад.

Дар яке аз суханронињои худ Пешвои миллат Президенти Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон бисёр бамаврид таъкид намуда буданд, ки: «Арзишњои умумимиллии Тољикистони озоду соњибистиќлол ва њифзи манфиатњои кишвар бояд аз њамаи манфиатњои дигар боло ва пойдевори тарбияи ватандўстии љавонон бошанд».

Имрўз ба масъалаи љавонон нисбат ба давраи пештар таваљљуњ ва ањамияти хоса дода мешавад. Ин пеш аз ҳама бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалї Раҳмон ба ин ќишри љомеа сурат гирифта истодааст. Эътимоду такя ба љавонони даврони соњибистиќлол рўњия ва эњсоси худшиносию худогоњии эшонро баланд бардошта, дар навбати худ онҳоро водор месозад, ки њамчун неруи созандаи кишвари тозаистиќлол масъулият бештар зоњир намоянд.

Шароит ва имкониятњое, ки барои љавонони имрўза дар давраи истиќлолият фароњам оварда шудаанд, беназир аст. Масалан, айни замон дар кишварњои хориљї дањњо њазор љавонписарон ва љавондухтарони тољикистонї ба донишандўзї машѓуланд. Онњо дар оянда њамчун мутахассисони соњибкасб ба Ватан омада, сањми муносиби худро дар рушду нумуи кишварамон хоњанд гузошт. Таваљљуњи Сарвари давлат ба њалли проблемањои љавонон ва насли наврас, махсусан ба масъалаи таълиму тарбия ба вазифањои умда ва рўзмарра табдил ёфтааст. Таъсиси донишкадаю донишгоњњо, бунёди мактабњои тањсилоти њамагонї, кўдакистону марказњои љавонон ва наврасон ба тариќи замонавї ва мутобиќ ба меъёрњои байналмилалї аз иќдомњои пайвастаи Њукумати Љумхурии Тољикистон мањсуб шаванд. Рўй овардан ба ин масъалаи мубрами рўз барои ташаккули маънавии љавонон, ба тарзи њаёти солим талќин намудани онњо ва баланд намудани њисси масъулиятшиносї нисбат ба ояндаи кишвар ва љомеа заминаи боэътимод ба шумор меравад.

Љавонону наврасони Тољикистон зодаи даврони истиќлоланд ва шоњиди дигаргунињои куллие, ки дар ватанамон рух додаанд, мебошанд. Даврони соњибистиќлолї ба мардуми куњанбунёди тољик умри дубора бахшид ва давлатдории воќеан миллї ба миён омад. Хурсандибахш он аст, ки Сарвари давлати тољикон Ватанро аз вартаи нобудшавї наљот доданд ва бо тањкими поясњои давлатдории миллї ва вањдату ризоияти миллї ба он умри дубора бахшиданд, ки њофизаи таърихї гувоњи ин аст. Њар як шахси ватандўсту худшинос бояд ба ќадри соњибистиќлолї расад ва бањри њифзи арзишњо, муќаддасоти миллї саъю талош варзад ва ворису идомадињандаи сиёсати оќилонаю дурандешонаи Пешвои миллатамон бошад. Мусаллам аст, ки бањри ободонї ва шукуфоии кишвари мањбубамон Тољикистон чи ќадар заҳмату мушкилињо паси сар шудаанд, абармардони Ватан љонбозињо намудаанд. Истиќлолият беназиртарин дастоварди миллати тољик дар марњалаи душвори таърихи охири асри бист

мебошад. Дар яке аз суханронињои худ Сарвари давлат чунин ишора намуданд: «Љавонон бояд сабаќњои истиқлолиятро њаматарафа омўзанд, аз сиёсати имрўз огоњ бошанд, таърихи гузаштаву њозираи халќи худро гаштаву баргашта вараќ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарњанги худ ифтихор намоянд».

Яке аз дастовардњои дигари муњими даврони соњибихтиёрї истиќрори сулњ ва вањдати миллї мебошад. Њар яки мо тољикистониён ифтихорманд аз он њастем, ки дар фазои озод ва сулњу оромї, суботи сиёсї, вањдату ягонагии миллї кору зиндагї менамоем. Мо бояд аз њар як неъмати давронамон, аз љумла аз соњибистиќлол будани давлати хеш шукргузорї намоем.

Дини мубини ислом, ки саршор аз андарз ва ѓояњои панду ахлоќист, љавононро ба анҷоми амалҳои нек њидоят менамояд. Албатта, љавонї бењтарин лањзањои њаёти инсонї мебошад, ки бояд њар як фард аз он самарабахш истифода барад. Дар яке аз њадисњои худ Паёмбар мефармояд, ки: «Панљ чизро пеш аз панљ чиз ѓанимат бишуморед ва яке аз он љавониро кабл аз пирї». Дини мубини ислом дини парњезгорию нексиириштї аст ва талќин намудани љавонон ба аъмоли поку накў бар он низ асос мегирад.

Имрўзњо мо мушоњида менамоем, ки иддае аз љавонон бинобар сабаби ноогоњї, сустиродагї ва тањти таъсири њар гуна ќуввањои носолими љомеа ќарор гирифта, ба њар гуна амалњои нораво даст мезананд ва пайрави гурўњњои тундраву иртиљої мегарданд. Шояд аз тарбияи нокифоя, шояд аз беназоратии волидайн ё атрофиён бошад, ки чунин падидањо солњои охир бештар ба мушоњида мерасад ва њатто баъзе љавонони тољикистонї ба хориља мераванд ва роњи нодурустро интихоб мекунанд. Дар иртибот ба ин, вазифаи масъулонаи њар фарди худогоњи Ватан аст, ки шомилшавии љавононро ба њама гуна њизбу њаракатњои тундрав ва ғайриќонунї пешгирї намоем. Ҳар фарди љомеа дар кори тарбияи насли наврас ва љавон дар рўњияи мењандўстї, садоќат ба Ватан, арљгузорї ба арзишњои волои инсонї ва дигар аъмоли нек њиссагузор бошад. Мо бояд ба њар як љавон дуруст фањмонем, ки Ватанамонро ба љуз худи онњо, ки њамчун фарди худогоњу мењандўст ва фарзандони замони истиќлол мебошанд, касе обод намесозад.

# ОИД БА ХУРОФОТПАРАСТӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Сафарзода Ҳ.** Муовини раиси Шурои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикисон, сархатиби шаҳри Бохтар аз 25.07.2024, н.Нуробод

Мулоқоти имрӯзаи мову шумо дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки мавзуъҳои рӯзро дар бар мегирифт, ба нақша гирифта шудааст.

Сароғоз ҳаминро гуфтаниям, ки мо миллати саодатманду хушбахт ҳастем, ки маҳз даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон дар партави сиёсат ва дастуру маслиҳатҳои хирадмандонаву дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиндагии хушу осуда дошта, ватанамон тинҷу ором аст. Ду неъмати бузургест, яке саломатӣ дигаре амну субот. Шукр, ки бо талошу заҳматҳои Пешвои муаззами миллат аз ин неъматҳо бархӯрдорем. Ва дар як маврид моро лозим аст, ки бо истифода аз дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат дар равандаи умури давлатдорию шукуфоии ин Ватани аҷдодиамон таъсиргузор бошем.

Бо назардошти ин матлаб мехоҳам аз Паёми ҳикматборашон ёдовар шавам, ки санаи 28-уми декабри соли 2023-юм таъкид дошта буданд: **“Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем”.**

Ин муроҷиати падаронаи Пешвои муаззами миллат ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки бо вусъат бахшидани корҳои ободониву созандагӣ аз рисолати Ватандории хеш дарак диҳем.

Дар алоқамандӣ ба мавзуи некию накукорӣ ва дасти ниёзмандонро гирифтан, ки Пешвои муаззами миллат зимни суханрониҳояшон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар рӯзи 9 марти соли равон моро дастур дода буданд, ки аз ҷониби

ходимони дини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар ин самт як қатор корҳо ба сомон расонида шуд. Дар умум табақаҳои ниёзмандӣ ҷомеа, пирони барҷомондаву ашхоси яккаву танҳо, парасторони хонаи солмандону ятимхонаҳо, оилаҳои камбизоату нафарони имконияти маҳдуддошта мавриди дастгирӣ қарор гирифта, барояшон кӯмакҳои моддиву молиявӣ расонида шудааст ва ин иқдом ҳоло ҳам идома дорад. Пешвои миллат дар ин вохӯриашон бо изҳори фараҳмандӣ аз мавқеи башардӯстонаи соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва афроди бонангу номуси ҷомеа, чунин ёдрас шуда буданд: **“Онҳо то имрӯз ҳазорон мактабу кӯдакистон, беморхонаву бунгоҳҳои тиббӣ, роҳу пулҳо, коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва дигар иншооти таъиноти иқтисодиву иҷтимоӣ бунёд карда, садҳо ҳазор сокинони мамлакатро бо ҷойи корӣ таъмин намудаанд, ҳар сол чор-панҷ маротиба ба оилаҳои ниёзманд ва ятимону маъюбон кумак расонидаанд ва ҳоло боз бисёр корҳои хайру савобро анҷом дода истодаанд”.**

Дар тақвияти ин гуфтаҳо ёдрас мешавам, ки дар ояти 90-уми сураи Наҳл омадааст: **“Худованд ба адлу эҳсонкорӣ ва накукорӣ бандагонашро дастур медиҳад”.** Инчунин, дар ояти 195-уми сураи Бақара низ бо ин мазмун омдааст: **“Неки кунед, ҳамонон Худованд бандагони некукорашро дӯст медорад**”.

Аз ин ду оят мо ҳушдор мешавем, ки накукоронро ҳам Офардигор ва ҳам мардум дӯст медорад.

Аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят аст, ки шахсе назди Расули Акрам (с) омада, пурсидаанд, ки кадом мардум ва кадом амал назди Аллоҳ дӯстдоштатарин аст?

Паёмабари азизамон фармудаанд: **“Дӯстоштарини мардум ҳамон табақаест, ки нафъашон бештар ба мардум расад. Ва дӯстдоштарин амал назди Худо ҳамон аст, ки дар қалби як мусулмон шодию хурсандӣ ворид созӣ”**.

Ҷойи дигар дар ҳадисҳои ҳикматбор дар алоқамандӣ ба ин мавзуъ чунин омадааст: **“Ҳар касе дур месозад, сахтиеро аз болои бародараш, Худованд дар охират як мушкилии ӯро аз мушкилиҳои рӯзи қиёмат дур месозад. Ҳар касе нафареро аз тангдастӣ раҳоӣ мебахшад, Худованд дар ин дунёву охират ӯро аз мушкилию тангиҳо раҳо месозад. Худованд дар кумаки бандае қарор мегирад, ки он банда дар кумаки бародараш бошад”**.

Мехоҳам ёдрас шавам, ки дар мавриди анҷом додани амалҳои хайру савоб мо ходимони дин бояд пешсаф бошему намунаи ибрат. Боиси шукргузорист, ки дар ин самт аҳли ходимони кишвар саҳмгузор бошанд. Боварии комил аст, ки дар пайравӣ аз дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат минбаъд низ амалҳои хайру савобро дар вилоят вусъат мебахшем.

Хурофотпарастӣ аз амалҳоест, ки аслан аз мо нест, балки марҳила ба марҳила бо гузашти вақт бо сабабҳои гуногун ба зиндагии мо ворид шудааст. Пешвои миллат бо изҳори нигаронӣ дар пайвастагӣ ба ин мавзуъ ёдрас шуданд: **“Худованд бандаро ҳаст кардааст, ақл додааст, чашм додааст, обу хоку заминро дар ихтиёраш гузоштааст, ки зиндагӣ кун, аз ин дунё баҳра бар, ақлатро кор фармо, ба замона мутобиқ шав, пойбанди хурофот нашав, илм омӯз, касб омӯз, ҳунар омӯз ва зиндагиатро пеш бар”.**

Аз ин дастуру насиҳатҳои Пешвои миллат дарк кардем, ки авҷ гирифтани хурофотпарастӣ аз ҷоҳилӣ будааст, ки мо аз ҳадди худ гузаштаву зиёдаравӣ мекунем. Бо назардошти дар канор будан аз амалҳои хурофотӣ Пешвои миллат моро ба омӯзиши илму дониш ва аз худ кардани касбу ҳунар даъват намудаву таъкид доштаанд, ки аз неъматҳои илоҳӣ самаранок истифода барем.

Боиси нигаронӣ аст, ки дар як маврид ин мушкилот бо ном хурофотпарастӣ дар ҷомеаи мо аз ҷониби бархе ҳамватанонамон мушоҳида мегарадад. Маҳз дар мавриди баргузории маъракаҳо мутаасифона аз дарки фарҳанги сарфакорӣ дар канор мондаву ба зиёдаравӣ роҳ медиҳанд.

Илова бар ин дигар омилҳои хуруфотӣ дар ҷомеаи мо мушоҳида мегардад. Аз ҷумла фолбинию сеҳргарой авҷ гирфитаву ин табақаи кутоҳандеш мардуми зудбовару содалавҳро ба худ ҷалб намуда бо амалу кирдорҳои номатлубашон вазъиятро мураккаб мегардонанд. Дар сураи “Тоҳо” ояти 69 омадааст: “ Макри ҷодугар ҳиллаи ҷодугар ҳеҷ вақт инсонро ба комёбӣ бурда намерасонад. На ҷодугарро на пайравонашро”. Дар ҳадис омадааст: “Касе, ки аз ҷодугаре таълим мегирад, кам бошад ё бисёр охирон паймонаш бо Аллоҳ аст”.

Мо бояд аз рӯи гуфтаҳои дину мазҳабамон, ки мутобиқи расму оини аҷдододонамон амал намоем, ки дар пайравӣ ба ин мавзуъ Пешвои миллатамон зимни вохӯрии хеш дар ноҳияи Данғара рӯзи 25-уми майи соли равон низ дастуру маслиҳатҳои судманд дода, дар мавриди ба бар кардани сару либоси бароямон бегона, шомилшавии

ҷавонони ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва дигар паҳлуҳои ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда буданд.

-Дар Паём низ омадааст: **“Ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад” .**

Дар партави чунин сиёсати хирадандона ва дастуру ҳидоятҳои падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини сулҳу суботи кишвар ва пешгирии ҷомеа аз ҳаргуна амалҳои номатлуб, хосса ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ мо ходимони дин низ муваззаф ҳастем, ки дар амал тадбирҳои лозима андешем. Бахусус, дар мавриди тарбияи дурусти фарзандон таъсиргузор буда, кӯшиш намоем насли наврасу ҷавон дар руҳияи ватандорӣ ва дарки арзишу муқаддасоти миллӣ ҳамчун фарди худогоҳу хештаншинос ба камол расанд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба неруи созандаи бузурги ҷавонон, роҳбарону масъулони ниҳодҳои дахлдорро пайваста дастур медиҳанд, ки барои таҳсилу кори ин табақаи ҷомеа шароити мусоид фароҳам оваранд. Ҷавононро зарур аст бо аз худ кардани дониш ва касбу ҳунари замони хеш, ҳамчун фарди нафърасони миллату давлат дар ҷомеа мавқеъгирӣ намоянд. Ҳамин аст, ки Пешвои муаззами миллатамон зимни ироаи Паёми ҳикматборашон даъват ба амал оварданд, ки **ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшинсоии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.**

Ҳамин аст, ки бештари ҳолат мо ходимони дин зимни вохӯриву суҳбатҳои орифонаи хеш атрофи тарбияи маънавии фарзандон суҳбат намуда, ба аҳли намозгузорон, ки падарон ҳастанд дар алоқамандӣ ба ин мавзуъ дастуру маслиҳатҳо медиҳем. Умед аст, ки маҳз тавассути баргузории мулоқоти мақсаднок имкон аст, ҷомеаро аз ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ пешгирӣ намуда, фарзандонро дар руҳияи солим ба камол расонем.

Бо баррасии ин мавзуи рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳояшон пайваста дастуру маслиҳатҳои судманд дода, таъкид менамоянд, ки чунин зуҳуроти номатлуб, ки

хатари минтақавию байналмилалӣ дорад, терроризм ва экстремизм мебошад, ки одаму оламро таҳдид мекунад, набояд бетараф буд. Аслан дар мавриди ҳалли мушкилот бетараф будан хубӣ надорад. Ҳар як зуҳуроти номатлуб паёмадҳои нохуш дошта, аз ҷумла омилҳои таъсирасони экстремизм ва терроризм дар мавриди пайдо кардани мавқеи руҳониёни иртиҷоӣ ва зиёд шудани ақидаҳои хурофотӣ дар байни ҷавонон, шомил шудан ба ташкилотҳои террористӣ ва экстремистии «Давлати Исломӣ», «Ансоруллоҳ», «Салафия», «Ҳизби наҳзати ислом», «Гурӯҳи 24» ва дигар ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, инчунин, иштироки онҳо дар ҷангҳои мазҳабии кишварҳои хориҷа, таҳсили ғайрирасмии ҷавонону наврасон дар муассисаҳои динии кишварҳои исломӣ, муҳоҷирати меҳнатии сокинон ба хориҷи кишвар маҳсуб меёбад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳарчанд ҷавонон мехоҳанд фаъол бошанд, аммо дар як маврид ҳанӯз дар зиндагӣ чандон соҳибтаҷриба нестанд. Дар ҳоли ҷаҳонишавӣ, бархурди фарҳангу тамаддунҳои бегона мафкураашонро тағйир медиҳанд. Пушида нест, ки як гурӯҳ шахсон, ҳизбу ҳаракат ва созмонҳое ҳастанд, ки таҳти роҳбарии хоҷагони хориҷии худ, кӯшиш менамоянд, ки мақсаду маром ва нақшаҳои фалокатбору даҳшатангези худро бо ҳар роҳу восита амалӣ созанд. Новобаста аз он ки дини мубини ислом куштор, рехтани хуни бегуноҳ, ранҷ ва зулм кардани инсонҳоро маҳкум мекунад, вале мутаассифона таҳлилҳои коршиносони соҳа нишон медиҳанд, ки экстремизм ва терроризм бештар аз ҳама дар соҳаи дин дучор меояд. Гурӯҳҳои экстремистию террористӣ шахсонеро, ки бо асли дини мубини ислом, мазҳаб, таърих, фарҳанг, фалсафа ва ахлоқи он дуруст шинос нестанд ва ё саводи пурраи динию дунявӣ надоранд, истифода карда, онҳоро ба воситаи вайрон кардани ақидаашон ба худ шомил месозанд. Мафкураашонро дигар сохта, мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм, ки гӯё хоси дини ислом аст, амалӣ месозанд. Ин табақаи осебпазир баъди мағзшӯи шуданашон на фақат ҳувият ва асли худро инкор мекунад, балки ба як фарди шахшуда ё худ ҷисми фармонбардор табдил ёфта, нақшаву ҳадафҳои муғризонаи хоҷагони хориҷиро татбиқ мекунанд.

Таърихи инсонӣ исбот менамояд, ки илму дониш ҳеҷ вақт душмани дину имон набуд. Шахси босаводу донишманд дар ягон давру замон бар зидди дин набаромадааст, балки хурофот, нодонӣ ва ҷаҳолатро зери танқид қарор додаст. Бинобар роҳ надодан ба бесаводӣ,

хурофоту ҷаҳолат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар вобаста ба ин мавзуъ низ дастуру маслиҳатҳои судманд доданд. Бо назардошти бартараф сохтани чунин мавзуъҳои рӯз дар партави ҳидоятҳои Пешвои миллат моро зарур аст дар як маврид ба масъалаи тарбияи маънавии фарзандон, ки ояндаи дурахшони миллату давлатро таъмин менамоянд, рӯ оварда, дастҷамъона саҳмгузор бошем. Сабабҳои ворид шудани ақида ва ғояҳои ифротӣ ва дар умум омилҳои шомилшавии ҷавононро ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ-экстремистӣ муайян намуда, дар амал чораҳои лозима андешем. Баҳри ҳифзи Ватан аз ин гуна хатарҳо тадбирҳои мушаххас андешида, баҳри пойдории сулҳу субот ва амнияти миллӣ содиқона хизмат намоем. Хусусан, ҷавонони меҳанро мебояд зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ нашаванд. Балки бо сайқал додани сатҳи маърифатнокии хеш, баҳри ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамеша кӯшиш намоянду дӯстдору вафодори Тоҷикистони маҳбубу биҳиштосои хеш бошанд, ки гуфтаанд: “Ватандорӣ аз гӯшаи имондорӣ аст”. Бо назардошти бартарф намудани мушкилоҳои маънавии ҳаёти насли наврасу ҷавон мо тасмим дорем минбаъд низ бо мақсади дар руҳияи солими ватндорӣ ба камол расидану тарбият ёфтани ин табақаи ояндасозӣ ҷомеа дар якҷояги бо намояндагони ташкилоту муассисаҳо корҳои фаҳмондадиҳиро вӯсъат бахшем.

Бо баррасии як савол мехоҳам суҳбатаморо идома диҳам.Чи бояд кард, ки насли ояндасозӣ миллат ба бегонапарстӣ майл накунанд?

Қаблан аз суханони таъсиргузору ҳикматбори Пешвои муаззами миллат инҷо низ ёдовар мешавам, ки дар Паём омадааст: **“Дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем”.**

Бисёр дарднок аст, вақте ки бархе аз фарзандони мо, ки ба ҳайси ояндасозони ин давлату миллати кӯҳанбунёд муаррифӣ мешаванд, ба бегонапаарстӣ дода шудаву ҳуввияту арзишҳо ва ҳатто расму оинҳои миллиро аз даст медиҳанд. Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта дар радифи дигар сохтору мақомот, ташкилоту муассисаҳои дахлдор мо

намояндагони Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикситон аз ҷониби роҳбари Олии мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифадор гаштаем, ҷиҳати пешгирии ифротагрой, бегонапарстӣ, хурофотпарастӣ ва дигар масъалаҳои ҳалталаби ҷомеа талош варзем.

Дар ҳама давру замон ҷавонон бояд донанд, ки гароидан ба гурӯҳҳои тундрав, ҳамроҳ шудан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, дода шудан ба бегонапарстӣ оқибати хуб надорад.

Ватандорӣ аз гӯшаи имон ва беҳтарин хислати инсони комил ҳаст, ки бо ин васила аз рушанфикрию ақидаи солимаш дарак медиҳад. Шукри ана ҳамин Ватани бамерос мондаи аҷдодонамро бояд кунем ва ин неъматро солиму устувор ва бо амну субот бояд ба ояндагони ин миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддун боқӣ гузошт. Боиси фарҳаманди аст, ки тавассути ободкориҳову созандагӣ мо ҳама сарҷамъ дар рушди давлатдории миллии хеш садоқат нишон медиҳем.

Бузурге гуфтааст: **“Касе, ки ватанашро дӯст надорад, чизи дигареро дӯст дошта наметавонад”**. Бале оғӯши гарми Ватан моро ба фатҳи қуллаҳои орзӯҳои наҷиб мерасонад. Ватандор будан худ нишони саодатмандию бузургии инсон аст.

Бо дастуру маслиҳатҳои судманди Пешвои миллат мехоҳам маърузаи хешро ҳусни анҷом бахшам.

**“Дар хотир дошта бошед, ки касе дар фикри обод кардани Ватани мову шумо, хонаву дару кошонаи мову шумо нест. Мо худамон бояд бунёд кунем, Ватани аҷдодиамонро обод созем ва барои наслҳои оянда як давлати мутаммадину пешрафта ба мерос гузорем!”**

## ОИД БА НАҚШ ВА МАВҚЕИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ: ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2025 ҲАМЧУН СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2018-2028 СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР”

**Суханронии Азиззода Ш.Н.** Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 22.08.2024, н.Ванҷ

**Муҳтарам раиси ҷаласа, аъзоёни Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Мухтурои Кӯҳистони Бадахшон, ҳозирини гиромї,**

Тағйирёбии глобалии иқлим ва сол то сол гармшавии ҳаво аз мушкилоти экологӣ буда, тайи чанд даҳсолаи охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиши ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардааст ва оқибати ин тағйирёбӣ ба захираҳои оби Осиёи Марказӣ аллакай аз худ дарак дода истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряххо ва захираҳои об бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҷойгоҳи калидиро дар меҳвари сиёсати умумиҷаҳонӣ касб намудааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории Саммити оби Будапештро воситаи муҳими ҳамоҳангсозии талошҳои муштараки байналмилалӣ дар солҳои об арзёбӣ намуда, аз нақш ва мақоми устувори Тоҷикистон дар ҳалли масоили марбут ба об дар минтақа ва ҷаҳон ёдоварӣ карда иброз намуданд, ки барои расидан ба ҳадафҳои Ҳазорсолаи рушди устувор оид ба об фароҳам овардани заминаи мусоид ва имконоти мусоидро дар ин самт зарур шуморида, ҷонибдории пешниҳодро доир ба эълон намудани Даҳсолаи байналмилалӣ таҳти унвони “Об барои рушди устувор, солҳои 2018- 2028” амали муҳими башардӯстона арзёбӣ карданд. Аз нигоҳи Сарвари давлати Тоҷикистон ин ташаббус заминаи мусоиди таҳкими нақши об дар раванди ноил гаштан ба дигар ҳадафу мақсадҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқ шударо фароҳам оварда, ба ҳамкории бештару зичтари давлатҳо дар соҳаи об мусоидат менамояд.

Хушбахтона ин пешниҳод санаи 22 - декабри соли 2016 аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфт. Ин ташаббус дар давоми даҳ соли оянда давлатҳои ҷаҳонро вазифадор мекунад, ки ҳадафҳои рушди устуворро дар сатҳи дастҷамъӣ дар доираи талаботи замони муосир пиёда гардонанд.

Дар ҳошияи иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз рӯи ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, мақолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷаллаи “Нигориши СММ” таҳти унвони “Об барои рушди устувор” ба табъ расида, пешкаши доираи васеи хонандагон гардид.

Дар ин мақола Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳадафҳо ва зарурати пешниҳоди Даҳсолаи нави байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, таҳияи тадбирҳо ва натиҷаҳои ташаббусҳои қаблии ҷониби Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба оби ошомиданӣ бар нафъи аҳли башар, маълумоти дақиқу пурмуҳтаво ва таклифу пешниҳодҳои асосноку созандаро ба миён гузоштаанд. Пешвои миллат изҳор намуданд, ки дар СММ «гурӯҳи «Дӯстони об», ки бо ташаббуси Тоҷикистон таъсис ёфтааст, имрӯз 51 кишвари аъзоро муттаҳид кардааст, ки зимни муҳокимаи масъалаҳои об ва қабули қарорҳои дахлдор дар доираи Ассамблеяи Генералии СММ саҳми назаррас мегузорад».

Пешвои миллат дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ итминони комил изҳор намуда, фармуданд: «Мо боварӣ дорем, ки ҷомеаи байналхалқӣ аз Даҳсолаи нав, имкониятҳо ва афзалиятҳои он ҷиҳати ҳалли масъалаҳои об дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла, барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, ки ба об алоқаманданд, ба таври зарурӣ истифода мебаранд».

Дар Паёми имсолаашон Пешвои миллат ба парлумони кишвар аз силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Раванди оби Душанбе» пазируфта шудааст, ёдовар шуданд. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки ҳоло иқдоми чоруми Тоҷикистон-Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028» дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар ин замина Президенти мамлакат кӯшишҳои Тољикистонро дар бобати соли 2025 эълон намудани «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», мушаххас намудани Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо ва таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххоро якҷо бо шарикони байналмилалии худ баланд арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки ҳамаи ин ташаббусҳои созанда ба нафъи аҳли башар ва ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва беҳдошт дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ равон гардидаанд. Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал

"Об барои рушди устувор" (2018-2028) аз 10 то 13 июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе, Тоҷикистон баргузор шуд. Конференсия ба пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об тавассути пайгирӣ аз уҳдадориҳои Конфронси обии СММ дар соли 2023 равона шуда буд. Ин чорабинӣ барои ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор майдон фароҳам овард, то стратегияҳои идоракунии устувори обро муҳокима ва татбиқ намоянд.

Натиҷаҳои асосии ин конференсия дар бар мегирифтанд: пешбурди Рӯзномаи амалиёти об ва талошҳо барои таҳкими ҳамкорӣ дар идоракунии захираҳои об дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ. Дар ин замина, таваҷҷӯҳи хосса ба масъалаҳои об ва тағйирёбии иқлим равона шуда буд, махсусан тавассути Форуми баландмазмуни Осиёи Марказӣ оид ба "Об ва тағйирёбии иқлим", ки аз ҷониби Барномаи рушди СММ ва Иттиҳоди Аврупо ҳамкорӣ карда шуд. Ҳадафи ин форум беҳтар намудани ҳамкориҳои минтақавӣ ва таҳкими устуворӣ дар муқобили таъсири тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ буд.

Ҳамзамон, Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар якҷоягӣ бо ЮНЕСКО ва Созмони умумиҷаҳонии Обуҳавошиносӣ Форуми пиряххо”-ро ташкил ва баргузор намуданд, ки мақсад ва натиҷаи он барои Конференсияи байналмилалии соли 2025 - ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” замина мегардад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи обшавии пиряхҳо изҳори нигаронӣ карда, қайд намуданд, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ маҳз аз пиряхҳои Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Натиҷаи кӯшишҳои пайвастаи Роҳбари давлат буд, ки 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77 Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи онро қабул кард. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 давлати аъзои СММ пазируфта шуд.

Дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Президенти

Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои аъзои СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

– эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо;

– эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо;

– дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо;

– дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе.

Ҷиҳати таҳқиқ ва нигоҳдории пиряххо, омӯхтани вазъи пиряххо ва нигоҳдории онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030 Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряххои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 тасдиқ шудааст, ки дар он ҳадафҳои созанда барои муайян намудани санаи Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряххои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030 як қадами муҳим дар самти ҳифзи пиряххо ва таҳқиқи таъсири тағйирёбии иқлим ба ин захираҳои муҳими табиӣ мебошад. Ин барнома бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 тасдиқ шудааст.

Ҳадафҳои барнома:

- таҳқиқи муфассали ҳолати пиряххо, ҷараёни обшавии онҳо ва таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххои Тоҷикистон;

- татбиқи чораҳои амалии ҳифзи пиряххо, ки метавонад ба коҳиш додани суръати обшавӣ ва нигаҳдории захираҳои обӣ мусоидат кунад;

- омӯзиши кадрҳо ва таҳкими иқтидори илмӣ барои анҷом додани таҳқиқот ва идоракунии пиряххо;

- ҳифзи пиряххо ҳамчун манбаи асосии оби ширин барои ҷумҳурӣ ва минтақа.

Муҳимияти барнома:

Барнома дар шароити афзоиши суръати обшавии пиряххо дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва аҳамияти бузурги пиряххои

Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии оби тоза барои минтақаи Осиёи Марказӣ татбиқ мешавад. Пиряхҳои Помир ва Фон яке аз бузургтарин захираҳои оби ширин дар ҷаҳон мебошанд ва нигоҳдории онҳо ба амнияти обии Тоҷикистон ва ҳамсоякишварҳо аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Барномаи мазкур, бо назардошти тамоми паҳлӯҳои асосии омӯзиш, ҳифз ва истифодаи оқилонаи пиряхҳо, як қадами муҳим дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини рушди устувор барои Тоҷикистон мебошад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010 Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030 тасдиқ карда шудааст .

Вобаста ба татбиқи ҳадафҳои Барнома дар асоси иҷроиши нақша – чорабиниҳо бо дастуру супоришҳо ва иқдомҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 23 апрели соли 2018 Муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон” ташкил гардид, ки тадқиқотҳои бунёдӣ бо усулҳои муосири инноватсионӣ мегузаронад.

Ҳозирини гиромӣ аз Шумо ҳамчун намояндагони фаъоли ҳокимияти давлатию ҷомеаи шаҳрвандӣ хоҳиш карда мешавад, ки:

- тавассути маъракаҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ, кӯшиш намудан зарур аст, ки сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба аҳамияти ҳифзи пиряхҳо ва таъсири тағйирёбии иқлимро баланд бардошта шавад;

- раисон ва аъзоёни шурои ҷамъиятии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба Шумо тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати иҷроиши банди 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030 ва нақша чорабиниҳои вилоят ва шаҳру ноҳия ҳамкории худро бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Барномаи муҳити зисти СММ ва дигар шарикон тақвият дода, барои ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии техникӣ дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо фаъол бошед;

- зарурат пеш омадааст, ки дар баробари механизмҳои расмӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ, ҳамчунин бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳамкориро вусъат дода, бо ба инбат гирифтани фишангҳои илмии мавҷуда, дар мавриди рафъи оқибатҳои ногувори ҳодисаҳои табиӣ

пешниҳодҳои илман асоснокшуда манзур намоянд. Зеро ин раванд ба сифати кафолати дурнамову асосноки самти мазкур ҷиҳати нигоҳдории захираҳои табиии дорои зарурати аввалиндараҷа (ба монанди об, ҳаво ва ғайра) барои наслҳои имрӯза ва ояндаи давлат ва минтақаву ҷаҳони муосир метавонад шароити мусоид фароҳам созад.

**Њозирини арљманд,**

Дар фарљоми маърӯза ба њамаи иштирокдорони мизи мудаввар табодули назари судманд ва муваффаќиятро орзумандам.

**Ташаккур ба диқататон!**

## ОИД БА НАҚШ ВА МАВҚЕИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ: ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2025 ҲАМЧУН СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2018-2028 СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР”

**Суханронии Шерализода Б. Р**аиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.08.2024, н.Ванҷ

**Муҳтарам аъзои Шуро, ҳозирини гиромӣ,**

Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ дар тамоми соҳаҳои мухталиф ба пешравиҳои назаррас ноил шуда, дар радифи кишварҳои пешрафтаи олам мақоми шоистаро касб намудааст. Ҳамаи пешравию муваффақиятҳо маҳз бо ибтикор ва заҳмату талошҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омаданд.

Тайи ду даҳсолаи охир дар иртибот ба коҳиш ёфтани захираҳои обӣ, таъсири номатлуби тағйирёбии иқлим ва обшавии босуръати пиряхҳо дар фаъолияти байналмилалии Тоҷикистон рӯйдодҳои муҳими ҷаҳонӣ дар низоми иқдомҳои глобалии Роҳбари давлат ба вуқӯъ пайвастанд, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карданд ва мавриди баррасии давлатҳои мухталиф, ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ қарор гирифтанд.

Пуштибонии ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти обу иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути 10 қатъномаи Маҷмаи Умумии

Созмони Милали Муттаҳид таҷассумгари нақши фаъол ва калидии кишвари мо дар пешбурди рӯзномаи обу иқлим дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор мегиранд, ки ин амр дар болоравӣ ва вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Тавассути сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари соҳибистиқлоли моро дар арсаи олам ба хубӣ мешиносанд ва эътироф менамоянд.

Сардари давлат пиряхҳоро захираи асосии оби тоза арзёбӣ намуда, таъкид менамоянд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад.

Аз ҷумла, обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ - пиряхи Ванҷях (Федченко), ки зиёда аз 75 километр дарозӣ дорад, намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад. Мушоҳидаҳои бисёрсола нишон медиҳанд, ки фақат дар тӯли 70-80 соли охир пиряхи мазкур зиёда аз 1 километр коҳиш ёфта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст. Зиёда аз ин, ҳаҷми он дар ин давра 15 километри мукааб ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии нӯги (забони) пирях дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад.

Аз ин лиҳоз, ташаббуси навбатии Тоҷикистон  оид ба эълон намудани соли 2025, ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» саривақтӣ буда, он бо қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ба расмият даровarda шуд.

Мояи ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

- ✓ Эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- ✓ Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- ✓ Дар назди СММ таъсис додани Фонди байналмилалии мақсаднок оид ба ҳифзи пиряхҳо;

- ✓ Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.

Боиси зикр аст, ки тибқи қатъномаи мазкур аз соли оянда 21 март ҳамасола, ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» ҷашн гирифта мешавад. Инчунин, дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз аввалинҳо шуда, ҷиҳати фаъолсозии Фонди байналмилалии мақсаднок оид ба ҳифзи пиряхҳо саҳми молиявии худро гузошт.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қатъномаи мазкур бо пешниҳоди Кумита қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амалигардонии қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» бо замимаи ҳайати Кумитаи тадорукот ва Нақшаи чорабиниҳо аз 31 августи соли 2023, №407 тасдиқ гашт.

Бо мақсади амалигардонии Нақшаи чорабиниҳои мазкур Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст, ҳамзамон аз ҷониби Гурӯҳи кории техникии Кумита дар ҳамкорӣ бо Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносии СММ ва ЮНЕСКО лоиҳаи Консепсияи «Харитаи роҳ» доир ба татбиқи қатъномаи мазкур таҳия карда шуд. Тибқи қатъномаи мазкур аз ҷониби Созмони Ҷаҳонии Обуҳавошиносӣ (WMO) ва ЮНЕСКО Кумитаи ҳидояткунандаи байналмилалӣ таъсис дода шуд, ки раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист, ҳамчун намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он шомил мебошад. Ҳамаи чорабиниҳои сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо дар доираи ҷаласаи Кумитаи мазкур баррасӣ шуда, қарорҳои дахлдор қабул мегарданд.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Дар доираи ташаббусҳои қабулгардида, Кумита амалишавии як қатор иқдомҳоро ба нақша гирифтааст, аз ҷумла:

Таъсиси Маркази Ҳамоҳангсозии Минтақавӣ оид ба яхшиносӣ дар шаҳри Душанбе. Мубодилаи таҷриба ва маълумоти натиҷаи фаъолиятҳои идораҳои обуҳавошиносии Осиёи Марказӣ дар самти глятсиология (яхшиносӣ), мониторинг пиряхҳо, метеорология, гидрология барои идоракунии захираҳои оби минтақа мусоидат менамояд.

Бо роҳандозӣ гардидани фаъоляти маркази мазкур маълумоти дақиқ ва саривақтӣ дастрас гардида, кишварҳо метавонанд захираҳои обии худро беҳтар идора кунанд. Ин махсусан барои минтақаҳое, ки бо мушкилоти норасоии об рӯбарӯ ҳастанд, аҳаммияти бузург дорад.

Таъсиси Маркази мазкур имконият фароҳам меоварад, ки кишвар ба маблағҳои сармоягузорӣ дар самти пиряххо дастрасии бештар пайдо намуда, дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мустақиман иштирок намояд. Инчунин, таъсиси Маркази Ҳамоҳангсозии Минтақавӣ оид ба яхшиносӣ дар шаҳри Душанбе қадами муҳим дар роҳи ҳамкории минтақавӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ин ташаббус метавонад ба рушди устувор ва таъмини амнияти захираҳои обӣ дар минтақа саҳми арзанда гузорад.

Ба таваҷҷуҳи Шумо мерасонем, ки Стансияи ба номи Академик Горбунов, ки дар пиряхи Ванҷях (Федченко) ҷойгир аст, ҳамчун "Стансияи глятсиологии илмӣ-тадқиқотии байналмилалии баландкӯҳ" бояд эътироф карда шавад. Стансияи мазкур соли 1933 таъсис ёфтааст, ки он майдони беназири илмӣ-тадқиқотӣダониста мешавад ва дар тӯли даҳсолаҳо дар омӯзиши пиряххои Помир нақши муҳим бозидааст.

Боварӣ дорем, ки бо эълон кардани Стансияи ба номи Ак. Горбунова ҳамчун "Статсионари байналмилалии баландкӯҳии глятсиологӣ" дар роҳи омӯзиши дақиқ ва ҳифзи пиряххои баландкуҳҳои Осиёи Марказӣ қадами муҳим гузошта мешавад ва ҷараёни рушди устувори минтақаро таъмин мекунад.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ин ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад, зеро он шарт ва заминаи асосии таъминкунандаи ҳаёти наслҳои ояндаи инсониятро ташкил медиҳад. Миёни мушкилот ва муаммоҳои экологии замони муосир масъалаи обшавии пиряххо, ки ҳамчун захираи бунёдии оби ошомидании тоза баромад менамояд, ба мушкилоти рақами якуми ҷомеаи башарӣ табдил ёфтааст.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ собит намуданд, ки дар ҷараёни ҳалли проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба мақсади устувории экологии танҳо як кишвари алоҳида ноил шудан имконнопазир аст. Дар ҳамин ҳол, барои ҷилавгирӣ аз мушкилоти экологӣ зарурат ба миён омад, ки якҷоя бо тамоми кишварҳои минтақа ва тамоми ҷаҳон корҳои ташаббускор анҷом дода шаванд. Мо ин вазъиятро дар ҳалли масъалаи обшавии пиряххои калонтарини минтақа ва ҷаҳон равшан мушоҳида мекунем.

Боварии комил дорам, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дахлдори он баҳри татбиқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” дигар иқдомоти ҷаҳонӣ оид ба обу иқлим тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

## ОИД БА НАҚШ ВА МАВҚЕИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ: ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2025 ҲАМЧУН СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2018-2028 СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР”

**Суханронии Муртазозода О. М**уовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.08.2024, н.Ванҷ

Аҳолии ҷаҳон беш аз пеш зиёд гардида, имрӯз зиёда аз 8 миллиард нафарро ташкил менамояд, ки дар натиҷа ба зиёд гардидани истеъмолот ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва рӯз то рӯз ба бештар истифода гардидани сарватҳои зеризаминӣ оварда мерасонад. Имрӯзҳо дар баробари мушкилоти ҷаҳонӣ масъалаи иқтисод, иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз мавзуи рузмара ва калидӣ ба ҳисоб меравад. Зеро барои ҷаҳон тавассути истифодаи самараноки захираҳои табиӣ соҳаи иқтисод ҳамчун воситаи асосии таъмин ва зиндагии осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад, аммо боиси нигаронист, ки дар баробари афзоиши истеҳсолот ва истеъмолоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳифзи муҳити зист чандон аҳаммияти зарурӣ дода намешавад. Дар натиҷа, бо пайдо гардидани партовгоҳҳои нав ва паст гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум оварда мерасонад, ки баробари рушди иқтисоди сабз ва тағйирёбии иқлим ҷонибдорони он низ беш аз пеш афзоиш ёфта истодааст.

Боиси ифтихор ва хушнудӣ аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зарфи беш аз 32 сол дар тамоми соҳаҳои давлатдорӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, дар миёни кишварҳои мутараққии олам

маҷоми шоистаро касб намуд ва феълан ҳамчун як кишвари ташаббускор дониста мешавад.

Мусаллам аст, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи захираҳои обии сайёра ва ҳамчун омили коҳиш додани хатарҳои экологӣ беназир буда, ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин амр дар болоравӣ ва афзудани обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст. Албатта, ки ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон пеш аз ҳама, таҳкими ҳамкорӣ ва танзими муносибатҳоро дар соҳаи об дар бар гирифта, дар самти истифодаи захираҳои об дар минтақа ва ҷаҳон назари навро талқин менамояд ва барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор заминаи пойдор мегузорад.

Ҳанӯз чандсолаҳо муқаддам набзи ҷаҳони муосирро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб дарк намуда, аз сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ аввалин шуда доир ба масъалаҳои истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обии сайёра эътибори ҷаҳониёнро ҷиҳати ҳаллу фасли фаврии он аз минбари Созмони Милали Муттаҳид - сохтори бонуфузи ҷаҳонӣ иброз намуда буданд. Изҳор карданд, ки “Агар мо имрӯз муносибати худро ба захираҳои табиӣ, аз он ҷумла оби тоза дигаргун нанамоем, моро дар оянда фарзандонамон намебахшанд”.

Бо шарофати сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Сарвари давлат ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар ин соҳаи ҳаётан муҳим мавриди қабули ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, нуфузу мартаба ва обрӯву эътибори давлат рӯз аз рӯз дар сатҳи байналмилалӣ боло рафта, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба давлати мо бештар мегардад.

Зеро об – манбаи ҳаёти тамоми мавҷудоти руи замин ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки дар замони қадим файласуфи юнонӣ Фалес обро манбаи табиии тамоми ҳастӣ ҳисоб мекард. Бо дарназардошти ин, барои эмин нигоҳ доштани табиат аз таъсироти манфии инсон ва ҷомеа, махсусан, захираҳои обӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зисти кишвар, минтақа ва ҷаҳон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда истодааст. Бахусус, вобаста ба муҳиммияти масъалаҳои экологӣ бо тақозои замон тайи

солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ тағйироту иловаҳо ба аксари қонунгузориҳои ҳифзи табиат ворид гардида, беш аз 40 қонун дар бораи экология ва сарватҳои табиӣ қабул гардидааст. Воқеан ҳам, имрӯзҳо дар раванди тағйирёбии иқлим ҳифзи захираҳои обӣ - пешгирии обшавии пиряххо ва таъмини амнияти экологии минтақа ва ҷаҳон яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва ҳалталаб мебошад.

Муҳимтар аз ҳама, ташаббусҳои Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ба монанди: С***оли байналмилалии Оби тоза, 2003; Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, 2005-2015; соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013; Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028*** метавонанд, ки далели ин гуфтаҳо бошанд. Ҳамзамон, аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2022 дар иҷлосияи 77-ум қабул гардидани қатънома дар бораи Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон кардани 21 март ва Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон намудани соли 2025, ки тибқи он Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххо таъсис дода шуда, соли 2025 дар Душанбе Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряххо доир мегардад, боиси ифтихор ва сарфарозӣ мебошад.

Албатта, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон дар масъалаи об хусусияти дурбинона дошта, ҷиҳати ҳалли мушкилоти обу иқлим саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки ҳануз 1-уми октябри соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид иброз доштанд: "…бояд таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масоили оби тоза ҷиддӣ гардад".

Оре, омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар рушди бемайлони иқтисодиёт беш аз пеш аҳамияти хоссаро пайдо намуда, аз ибтидои инқилоби саноатӣ дар ҷаҳон инсоният ба онҳо кам таваҷҷуҳ менамояд. Дар натиҷа, инқилоби саноатӣ боиси рӯз то рӯз пайдо гардидани мушкилоти муайяну дар навбати аввал ба муҳити зист хатарзо гашта истодааст. Ҳоло вақти он расидааст, ки ояндаи беҳтареро созем. Тибқи мушоҳидаҳо, дар ҷаҳон ҳар рӯз ҳазорон кӯдак аз бемориҳое, ки ба об вобастагӣ доранд, мефавтанд. Миллионҳо нафар оби ифлосро истеъмол менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бо аҳолии 80 миллионааш яке аз минтақаҳои сернуфуси қораи Осиё ба ҳисоб рафта, ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллатро барои ҳаёти башарият

омили саривақтӣ медонанд. Чунки, аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ маҳз аз Тоҷикистон ва хусусан аз пиряхҳои баландкӯҳи ин сарзамин ташаккул ёфта, обшавии 1000 адад пирях аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, боиси нигаронии на танҳо кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки ҷаҳон мебошад. Бо туфайли ташаббусҳои стратегӣ ва иқдоми худ дар мавриди истифодаи оқилонаи захираҳои об ва рафъи оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим, ки таҳти роҳбарии Президенти мамлакат  муҳтарам Эмомали Раҳмон амалӣ мегарданд, Тоҷикистон дар самти пешбурди барномаҳои глобалии вобаста ба об ва иқлим мавқеи пешсафиро соҳиб шудааст. Масалан, бо ҳамраисии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд ҳанӯз моҳи марти соли 2023 ҷомеаи ҷаҳонӣ дар баргузории Конфронси таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба об шоҳид гардид, ки маҳз он дар рӯзномаи ҷаҳонии об саҳифаи навро боз намуд. Чуноне, ки Сарвари давлат таъкид намуданд: "…Маҳз конфронси мазкур барои дарки моҳият ва муҳиммияти об дар рушди устувор ва зарурати амалҳои муассиру таъхирнопазир дар ин соҳаи ҳаётан муҳим таҳаввулоти ҷиддӣ ба бор овард. — Яъне, мо ҳама якҷо тавонистем, ки обро дар меҳвари гуфтушунидҳои глобалӣ оид ба рушд қарор дода, ҷомеаи ҷаҳониро атрофи ин мавзуи бағоят муҳим муттаҳид созем». Ҳамзамон, Сарвари давлат хотирнишон намуданд, ки "…амалу иқдоми имрӯзаи мо барои расидан ба ҳадафҳои дар ин самт муайянгардида ҳоло ҳам кофӣ нест, зеро хавфу таҳдидҳои муосир нисбатан босуръат ва пуртаъсир гардидаанд".

Таърих гувоҳ аст, ки ҳазорҳо рӯзномаву маҷалла, радиову телевизион, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ иқдомҳои башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ситоиш намуданд. Ҳамин тавр, рақаму далелҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда, роҳҳои асосии пешгирӣ ва ё лоаққал паст намудани сатҳи тағйирёбии иқлимро пешниҳод намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, вусъат бахшидани чунин корҳоро зарур мешуморем:

- самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ;
- татбиқи бештари барномаҳои ҳифзи муҳити зист бо шарикони рушд дар минтақа ва ҷумҳурӣ;
- коҳиш додани таъсири харобиовари инсон ба муҳити зист;

- ҷалби бештари сармояи сабз ба тағйирёбии иқлим, зеро «иқтисоди сабз» боз ҳам ҷалби сармоягузории зиёдро тақозо менамояд;

- татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар ҳифзи муҳити зист ва экология;

- тақвияти ҳамкориҳои судманд кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар масъалаи коҳиш додани хатарҳои экологӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар саросари ҷаҳон бо об таъмин намудани аҳолӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ва мушкилоти хеле ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, ташвишовар боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, тамоми чорабиниҳои глобалие, ки барои ҳалли мушкилоти вобаста ба об доир мегарданд, дар татбиқи  ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат ҷиҳати коҳиш додани хатарҳои экологӣ заминагузор мебошанд. Дарвоқеъ, тамоми аҳли башар бо татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар масъалаи истифодаи самараноку оқилонаи обу ҳифзи муҳити зист, коҳиши обшавии пиряххо, беҳдошти вазъи экологӣ ва дар мубориза алайҳи биёбоншавӣ метавонанд ҳиссагузор бошанд.

# ОИД БА НАҚШ ВА МАВҚЕИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ: ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2025 ҲАМЧУН СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2018-2028 СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР”

**Суханронии Шерализода Н.Ш.** Директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз 22.08.2024, н.Ванҷ

**Муњтарам аъзоёни Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**Раёсат, хозирини гироми!**

Мехостам пеш аз ҳама салому дуруди раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро унвонии ҳозирини муҳтарам, шогирдону ихлосмандони мактаби давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасонам.

Ва чун мо дар арафаи ҷашни муқаддаси миллати тамадунофарамон, Истиқлолияти давлатии кишвар қарор дорем ман шумоён ва дар симои шумоён сокинони арҷманди ватандусту мехнаткаши ВМКБ-ро самимона шодбош гуфта, дар иҷрои рисолатҳои ватандориву ватансозӣ барору комёбиҳо таманно дорам.

Агар мо ба чорабинии имрӯза ва маърузахои ироагардидаро аз дараҷаи илмӣ назар афканем онро метавонем ба ду боби асосӣ чудо намоем.

Дастовардҳои милӣ ва байналмилалии кишвар.

Беҳтарин дастоварди милии кишвари азизамон дар даврони соҳибистиқлолӣ ин хотимаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва барқарор гардидани сулҳу осоиштагии сартосарӣ маҳсуб мегардад, ки маҳз бо талошу аз худгузаштанҳои Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад.

**1. Месазад, ки накши Асосгузори сулху вахдати милли Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон Ҷаноби Оли муҳтарам Эмомали Раҳмон дар таҳкими Истиклолияти давлати дар стротегияи омузишҳои илмӣ ва дасии кишвар ворид карда**

**шуда, пурра баррасӣ ва таҳқиқ гардад ва хулосаҳои илман асосноки он барои омӯзиши насли наврас ва миллатсозии минбаъда истифода гардад.**

Бо барқарор гардидани сулҳу осоиштагӣ кишвари маҳбубамон бо суръат ба ҳадафҳои стротегии ояндасозаш  ноил гардид, истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз сарбастагии коммуникатсионӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

Оғози сохтомон ва дар кӯтоҳмуддат  ба истифода додани қитъаи роҳи Дарвоз-Ванҷ сарҳади ноҳияи Рӯшон намунаи барҷастаи ободкориҳои пешвои муаззами миллат мебошад.

Тағйири симои шаҳру ноҳияҳои вилоят ки зимни сафарҳои корӣ мушоҳида намудем ба шароити қаблӣ қиёснашаванда мебошанд. Аз ҷумла маркази ноҳияҳои Дарво, Ванҷ, Рӯшон, Мурғоби дурдаст ва шаҳри Хоруғ давоми 4 соли хеле тағйир ёфта, бунёди роҳу нақбҳо, неругоҳҳои хурду бузург ва ғайра дар тамоми гӯшаву канори кишвари азизамон аз рушди босуботи кишвар далолт мекунанд.

Барои тавсифи муффасали дастовардҳои кишвар дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ин фурсат хеле маҳдуд аст.

Истиклолият дар вокеъ миллат ва кишвари моро дар сатх ва сифати дигар муаррифи намуд.

**2. Месазад, ки мо дар ин санаи мубораку фархунда ба хотири ташвиқи Истиқлолияти давлатӣ, муқаддасу азиз нигоҳ доштани он, Рӯзи истиқлолиро ба ҳамдир табрик гӯем, фарзандону наберагон, кудакони боӯчаҳо идона дихем. Воқеъан идгардаки миллӣ кунем, ки дар мағз мағзи ҷони ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ ин сана барои тамоми умр меҳвари зиндагӣ бошад.**

Бемуҳобот агар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Рахмон бо хиради азали сиёсати миллатсози ва хирадмехвариро дар кишвар татбик наменамуданд хамин дастовардхои имрузаи кишварро  мо орзу  карданаро тасаввур намекардем. Хотима бахшидани чанги тахмилии шахрванди дар кишвар сарогози хама бунёдкорихо ва хушбахтии хар як шахрванд дар кишвар аст. Ин мавзуъест, ки гайр аз бадхохони миллат ва давлати мо дигар хама эътироф менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвари азизамон дастовардҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ аз дастовардҳои миллӣ камтар набуданд.

Агар мо тавсиф ва хулосаҳои илмии ҷаҳони муосирро баррасӣ намоем асри XX1 дар маҷмуъ ҳамчун асри шиддатёбии чараёни чаҳонишави ва бархурди тамаддунҳо тавсиф менамояд.

Мусалам аст,ӣ ки дар чунин раванди муракаб ҷомеъаи ҷаҳонӣ ба як қатор муамоҳои глобалӣ рӯбарӯ гардидистодааст, ки ба ҳастии миллатхо ва давлатхо таҳдид менамоянд мо низ истисно нестем.

Дар чунин як давраи мушкили таърихӣ анҷоми рисолатҳои байналмиалӣ барои кишваре чун Тоҷикистон, ки нав аз гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ раҳидабуд кори осону саҳл набуд.

Ҳанӯз аз оғози солҳои 2000-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулху вахдати милли Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон Ҷаноби Оли муҳтарам Эмомали Раҳмон МУ СММ бо катъномахои махсус ва пуштибонии кишвархои аъзои СММ соли 2003 «Соли оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», соли 2013 «Соли хамкории байналмилаи дар сохаи об», солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ва соли 2025 “Соли хифзи пирияххо” эълон намуд.

Санаи 13 августи соли чори ташаббуси нави Точикистон ва кишвари Фаронса дар бораи Дањсолаи амал барои илмхои криосфера солхои 2025-2034 кабул гарлил.

Пешвои миллат Президенти махбубамон мухтарам Эмомали Рахмон омузиши илмӣ ва тахкики бунёдии пиряххоро мухим шуморида хануз соли 2018 Муассисаи давлатии илмии Маркази омузиши пиряххои АМИТро таъсис доданд.

Таъсиси маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ, таъсиси Фонди боварии байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар назди СММ, Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо аз ташаббусҳоеанд, ки махсус аз ҷониби Пешвои миллат Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Ҷаноби Оли муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа гардидаанд ва мақсади ниҳоии онҳо дар меҳвари таваҷӯҳи ҷомеъаи ҷаҳонӣ қарор додани масъалаҳои об ва иқлим мебошад.

Азбаски маърузаи имрўзаи ман дар доираи ќатъномаи дањсолаи амал бароиилмҳои криосфера 2025-2034 сурат мегирад, нахуст иброз менамоям, ки амалигардонии он синтези илмњои муосирро аз дидгоњњои гуногуни илмї талаб менамояд.

Шояд дар зехн суоле ба миён ояд, ки ќабули ин ќатънома ба мо чї медињад?

Дарвоќеъ ба таври яклухт посух додан ба ин суол мушкил аст, аммо муњтавои он моро водор менамояд, ки бо далелњои мушаххаси илмї вазъи кунуни пирияхњои кишварамонро мавриди омўзиш ќарор дињем. Зеро далелњои илмї бозгуйи онанд, ки давоми се – чор дањсолаи охир бештар аз њазор пирияххи Тољикистон аз байн рафтааст.

Аз ин лихоз олимон Тољикистонро лабараторияи табии ташбењ дода, глиясиологњо дар муќоиса онњоро мавриди тањлилу тањќиќ карор дода истодаанд. Зуњуроти ин масоилро бори дигар моро водор менамояд, ки пирияхњои кишварамонро аз дидгоњњо гуногун мавриди омўзиш ќарор дињем.

Тибқи натиҷаи таҳқиқотҳо пиряххҳои Тоҷикистон аз меъёри муқаррай дида бо суръат таназул меёбанд.

Аз ҷумла Пирияхи Зарафшон бан андозаи 2 км таназул ёфтааст.

Таназулёбии пиряххои хавзаи дарёи Ванчоб низ тибки тахлилҳои мавҷудаи Маркази омӯзиши пиряххо давоми 40 соли охир ба андозаи аз 20то 28% вобаста аз самти ҷойгиршавияшон танназул ёфтаанд.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон давоми моҳи июли соли 2024 муайян кард, ки Ванчях бо суръати 16-18 м/ сол таназул меёбад.

Пиряхи Гармо бошад бо суръати 210м/ сол таназул меёбад.

Тавозуни ҳаҷмӣ ё баланс масса, ки нишон медиҳад, ки ҳаҷми пиряхо ба андозаи 0,25 то 0,30м паст шудаистодаанд.

Натичаи тахлилхои илмии мавчуда нишон медихад, ки дар давоми солњои 1956 то 1990 захираи пирияхњои минтакаи Осиёи Марказї се маротиба коњиш ёфта, ин тамоюл то њол бо шиддати 0,6-0,8% дар як сол идома дорад.

Сабаби асосии таназулёбии пиряхҳо дар курраи замин баландшавии ҳарорати ҳаво мебошад.

Тибқи таҳлилҳои олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва институтҳои байналмилалӣ аз рӯи маълумотҳои мавҷудаи гидрометеорологӣ аз соли 1940 то соли 2024 ҳарорати курраи замин аз 0,9 то 1,2ºC зиёд шудааст.

Кишвари мо дар доираи созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ баконвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ ҷиҳати танзими ҳарорати ҳаво ва беҳдошти ҳифзи муҳити зист шомил ва онҳоро тба тасвиб расонида, қонунҳои миллӣ ба стандартҳои ҷаҳони мутобиқ ё дар таҳрири нав қабул шудаанд.

Барномаҳои давлатӣ ва стротегияҳои милӣ дар самти омӯзиш ва ҳифзи пиряххо, мутобиқшавӣ батағйирёбии иқлим ва беҳдошти муҳити зист қабул шуда, бо маром татбиқ мегарданд.

Ҷомеъаи ҷаҳонӣ Асосгузори сулху вахдати милли Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон Ҷаноби Оли муҳтарам Эмомали Раҳмонро ҳамчун шахсияти барҷаста, оқилу дурандеш эътироф менамоянд. Пешвои муаззами миллати азизамонро сиёсатмадори пешгоми сиёсати обуиқлими сайёра эҳтиром менамоянд.

Ин моро водор менамояд, ки ҳамчун пайравони Пешвои миллат дарҳамовозӣ бо ҷомеъаи ҷаҳонӣ дар татбиқи амалии пешниҳодҳояшон барои амалӣ намудани нақшаву барномаҳои кишвар мутаҳидона амал намоем.

Роҳи ягонаи пешгирии грамшавӣ ҳарорат зиёд кардани ҷангалзорҳо мебошад. зиёд кардани боғу токзор метавонад суръати таназулёбии пиряххоро паст намояд. пешниҳод менамоям, ки:

**3. Барои инъикоси ҳамовозӣ ба Ташаббусҳои ҷаҳонии Асосгузори сулху вахдати милли Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон Ҷаноби Оли муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди тамоми шаҳру ноҳияҳои ВМКБ дар доираи имкониятҳои мавҷуда дар минтақаҳои наздипиряхӣ боғу ҷангалзорҳо бунёд карда шаванд. Ин иқдом барои ташвиқи аҳолии кишвар ба бунёди боғу ҷангалзорҳо, ҳифзи муҳити зист ва ташвиқи аҳолии дигар шаҳру ноҳияҳо, инчунин ҷалби маблағгузориҳо мусоидат хоҳад кард.**

**4. Ташаббуси Ҷаноби Олӣ дар бораи ба кишвари сабз табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар кутоҳмуддат амалӣ карда шавад.**

**5. Аз чаронидани чорво дар минтақаҳои наздипиряхӣ барои барои пешгирии нобудшавии гуногуни биологӣ, экосистемаҳо ва пешгирии эрозияи замин худдори карда шавад.**

**6. Истифодабарии сарфакоронаи неруи барқ байни аҳолӣ тарғиб кардашуда, заруияти он, аз ҷумла таъсир ба пиряххо фаҳмонида шавад.**

**7. Омӯзиш ва таҳқиқи пиряххо дар кишвар ба таври густурда роҳандозӣ гардида, натиҷаҳои он дар сатҳи байналмилалӣ бо воситаи ВАО тарғиб карда шаванд.**

**8. Ҷалби сармоя барои барқарор кардани ҷангалзорҳо ва боғҳо ҳисоби воқеъӣ ва пешгирӣ аз изофанависиҳое, ки дар раванди корҳои илмӣ ва амалӣ иштибоҳҳоро ба бор меорад.**

**9. Роҳу пулҳое, ки дар хасайри сайёҳон валангор гардидаанд барои ҷалби бештари сайёҳон, тарғиби зарурати Ташаббусҳои Пешвои миллат дар самти обу иқлим, аз ҷумла пиряххо барқарор карда шаванд. Дар мисоли пули роҳи ба самти пиряхи Хиросон дар ноҳияи Ванҷ.**

**10. Таъсиси базаи омӯзиши илмии пиряххо дар ҳудуди вилоят дар ҳамкории АМИТ, Ҳокимяти иҷроияи маҳаллӣ ва шариконии рушд.**

Бо умеди ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва даъват ба садоқати холисона ба заҳматҳои милатсозии Асосгузори сулху вахдати милли Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон Ҷаноби Оли муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маърӯзаамро ба итмом мераснам.аз таввачуҳатон сипосгузорам.

## ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Азиззода Ш.Н. М**ушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 26.09.2024, ш.Панҷакент

**Муњтарам аъзои Шурои љамъиятї!**

**Њозирини гиромї!**

Имрўз беш аз пеш маълум мегардад, ки таъсири Интернет ва шабакањои иљтимої ба шуури љамъият рўз аз рўз пурзўр гардида, наќши он дар њаёти љомеаи муосир чи гуна муњим аст. Њоло дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз техно-логияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ яке аз ќисмҳои ҷудонопазири рўзгори мо мебошад.

Тавре Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон иброз доштанд: “Њоло иттилоот ба яке аз воситаҳои муҳимтарини ташаккули ояндаи инсоният табдил меёбад. Фардо чи гуна арзи ҳастӣ кардани ҷаҳон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки васоити ахбори омма воқеаҳои имрӯзаро чи гуна инъикос мекунанд”.

Шабакаҳои иҷтимоӣ дар замони муосир заминаи афзоиши иттилоот дар ҷаҳон гардида, иттилоотикунонии ҷомеа бо суръати хеле баланд идома дорад ва дар баробари манфиатоварӣ, инчунин сарчашмаи ҷинояту ҷинояткорӣ ва таҳдидҳои фаромиллӣ гаштааст.

Воќеият аз он шањодат медињад, ки дар тӯли ду даҳсолаи охир шумораи истифодабарандагони интернет босуръат зиёд мешавад. Ҳоло шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишварамон зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Дар шароити муосир технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва шабакаи интернет ба равандҳои сиёсии ҷомеа таъсири амиқ расонида истодаанд. Чунин тамоюлот дар навбати аввал боиси ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, баъдан сабаби пайдоиши ҷангҳои иттилоотӣ ва ниҳоятан рӯ овардан ба зарурати таъмини амнияти иттилоотӣ оварда мерасонад.

Бояд ёдовар шуд, ки амнияти иттилоотӣ ҷузъи таркибии амнияти миллии кишвар мебошад. Махсусан, солҳои охир омилҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти сиёсии давлат мустақиман таъсиргузорӣ намуда истодаанд, ки чунин ҳолат бори дигар вобастагии сулҳу суботро аз амнияти иттилоотӣ нишон медиҳад.

Тамоюли фаъолона љорї намудани технологияњои иттилоотї, дар њамаи сохањои њаёт ва фаъолияти инсон бо назардошти дастовардњои бузурги иттилоотию технологї, љомеаи љањониро бо проблемаҳои таҳдид ба амнияти миллӣ рӯ ба рӯ намудааст.

Барои мубориза бар зидди хатарњое, ки бевосита ба амнияти иттилоотии кишвари мо тањдид мекунанд, заминаи устувори њуќуќї бо тасвиби як ќатор санадњои меъёрї-њуќуќї созмон дода шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ барои пешбурди манфиатҳои худ ва фишор овардан ба манфиатњои кишварњои дигар, ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро торафт вусъат медиҳанд.

Ин љараён бо роњи пахши маълумоти бардурўѓ, сиёњкунии раќибон ва тафсири њодисањои гуногун ба манфиат ва нафъи худ, љалб намудани афкори омма барои пуштибонии хеш сурат мегирад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар замони имрӯза технологияҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ василаи паҳн гардидани фарҳанги бегона низ мебошанд. Мутаассифона, иттилооте, ки айни замон дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегардад, дар аксар маврид бо синну соли корбарон мувофиқат намекунад, ки дар натиҷа психологияи наврасон ва ҷавонон метавонад осеб бинад. Масалан, паҳн гардидани иттилоот ва маводҳои гуногун дар бораи хушунат, зӯроварӣ, ҷинояту ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои киберӣ ва терроризми киберӣ ва ғайраҳо. Тавре Пешвои миллат, ПЉТ муњтарам Эмомалї Рањмон қайд намуданд, мушкилоти ҷиноятҳои киберӣ ва терроризми киберӣ ҳамчун таҳдидҳои нав, ба таъмини амнияти байналмилалӣ таъсири манфии ҷиддӣ ворид кардаанд.

Дар чунин шароит зарур аст, ки мақомоти амният беш аз ҳар вақти дигар ҳушёр бошанд, раванду ҳодисаҳои минтақа ва ҷаҳонро мунтазам омӯзанд, таҳлил кунанд ва барои пешгирӣ кардани нақшаҳое, ки ба халалдор сохтани амнияти давлату ҷомеа ва ҳаёти осоиштаи мардум равона шудаанд, тадбирҳои қонунӣ, зарурӣ ва фаврӣ андешанд. Дастрасии ғайриқонунӣ ба захираҳои иттилоотие, ки дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешаванд, як таҳдиди воқеӣ ба амнияти шахс, ҷомеа, давлат ва манфиатҳои қонунии онҳо, ифода мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки 4 июли соли 2023 Сарвари давлатамон дар ҷаласаи навбатии Созмони ҳамкории Шанхай аз таҳдидҳои афзояндаи киберљиноятњо ёдовар шуданд ва дар чаҳорчӯби ин ҷаласа ба таври умум 11 қарору санад қабул шуд, ки муҳимтарини онҳо ҳамкорӣ дар соҳаи таҳаввулоти рақамї ифода мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки созмонњои байналмилалї таҳдиди хатари шабакаҳои иҷтимоиро ба амнияти миллӣ ва хусусиятњои фаромарзии

он ва зарурати њамкории мутаќобиларо дар андешидани чорањои зарурии техникї ва тањияи ќонунгузории байналмилалї дар сатњи миллї, минтаќавї ва байналмилалї эътироф мекунанд.

Асосан тавассути шабакањои иљтимої ба амнияти миллии давлат чунин тањдидњо ба амал баровarда мешаванд:

- паст намудани симои байналмилалии давлат ва вайрон намудани муносибати он бо давлатҳои дигар;
- мушкилӣ эҷод намудан дар раванди қабули қарорҳои ҳаётан муҳими сиёсӣ;
- ташкил намудани фазои ноором ва ноустувор гардонидани ҷомеа;
- бадном намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- дар байни оммаи мардум ташкил намудани эътирози иқтисодӣ (корпартоӣ, коршиканӣ);
- вайрон намудани фаъолияти муназзами низоми идоракунии қувваҳои мусаллаҳ, объектҳои ҳарбӣ ва дорои аҳамияти стратегӣ;
- коњиш додани шаклњои шуури ҷомеа ва ба муқобили фарҳанги худӣ равона намудани онҳо.

Ба ибораи дигар, чи қадаре ки технологияҳои иттилоотию компютерӣ рушд намоянд ва миқёси истифодабарии интернет васеъ гардад, ҳамон қадар тањдидњо ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ меафзоянд.

Њамин тавр, тањаввулоти таҳдиди шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти сиёсӣ то он даврае, ки IT технологияҳо рушд мекунанд, идома хоҳанд ёфт, аз ин рӯ зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, коршиносон, мутахассисони соҳаи амнияти компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, муносибатҳои нав ва ғайрианъанавӣ оид ба чунин таҳдиди ба амал омадаро тањлил намуда, тадбирњои илмї, техникї, молиявї, иќтисодї, тањияи стандартњои умумии њатмии байналмилалї ва њуќуќї дар сохаи бехатарии иттилоотро таҳия намоянд.

Аз ин хотир, таъмин ва њимояи амнияти миллии Љумњурии Тољикистон вазифаи њаётан муњимми давлат ва њар як нафар шаҳрванди бонангу номуси љумњурї мањсуб меёбад.

Мо имрӯз набояд бетараф ва бепарво бошем. Мо бояд дарк намоем, ки хатарҳо ва душманиҳое, ки зидди осудагии миллат тарҳрезӣ мешаванд, зуҳуроти тасодуфӣ нестанд. Аз ин рӯ амнияти

кишвар, сулҳу субот, ҳамфикрї ва дастгирии сиёсати давлату Њукумат бояд аз муҳимтарин дороиҳои ҷомеаи муосир бошад.

Итминони комил дорам, ки натиҷаҳои љаласаи имрӯзаи мо ҷиҳати вусъати тоза бахшидан ба ҳамкориҳо дар самти мубориза бо тањдидњои муосир ба амнияти миллии Тољикистон мусоидат мекунанд.

**Ташаккур ба диќќататон!**

## ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Саидзода Р.Ҳ.** Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2024, ш.Панҷакент

Қаблан иҷозат фармоед ҳамаи Шуморо ба муносибати гиромидошти Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (30 сентябр), Рӯзи забони давлатии Љумњурии Тољикистон (5 октябр) ва Рӯзи омӯзгорон, ки мо дар арафаи таҷлили онҳо қарор дорем, аз номи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм, шахсан аз номи худ таҳният гуфта, ба созмондиҳандагон ва ташкилкунадагони ҷаласаи

навбатии сайёри Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «**Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» арзи сипос гӯем.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар ҷаҳони муосир, ки бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳамроҳ аст, шабакаҳои иҷтимоӣ ба як ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҳаррӯзаи мо табдил ёфтаанд. Платформаҳои маъруф, аз қабили:

- Facebook;
- Instagram;
- Twitter;

TikTok ба мардум имкон медиҳанд, ки дар саросари ҷаҳон бо ҳамдигар:

- иртибот барқарор кунанд;
- иттилооти навро дар як лаҳза паҳн намоянд;
- дар муҳокимаву баҳсҳои муҳим ширкат варзанд.

**Таъкид**. Ҳарчанд шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои навро барои иртибот ва табодули дониш фароҳам меоранд, дар баробари ин, онҳо ба як воситаи паҳн кардани хатарҳои гуногун табдил ёфтаанд. Аз ҷумла:

- ба хатар гузоштани суботи дохилӣ ва амнияти миллӣ;
- паҳн шудани маълумоти ғалат (фейк);
- таблиғоти ақидаҳои ифротгароёна;
- таъсири манфии фарҳангҳои бегона ва ҳамчунин хатарҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ ва киберӣ.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи омори расмӣ, зиёда аз 70%-и аҳолии кишварро наврасону ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳад ва бештари онҳо корбарони фаъол ва мунтазами шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Ин вазъияти демографӣ Тоҷикистонро дар гурӯҳи кишварҳое мегузорад, ки таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷомеа, хусусан, ба насли ҷавон, ҷиддитар аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи амнияти миллӣ ва таъмини устувории иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои калидӣ маҳсуб ёфта, дар ин бобат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паём ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид намуданд, ки

**«Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд».**

**Муҳтарам аҳли нишаст!**

Дар Тоҷикистон рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф яке аз афзалиятҳои асосӣ ба шумор меравад.

Дар ин давра бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 (аз 31 августи соли 2022, №439);
- Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 (аз 20 марти соли 2024, №154) қабул карда шуданд.

**Ҳадафи** қабули консепсия ва барномаи мазкур:

- баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ;
- ташкили махзани рақамии ягонаи маводи таълимии электронӣ;
- таъмини муассисаҳои таълимӣ бо техникаву технологияҳои ҳозиразамон;
- ташкили торнамои (портали) ягонаи иттилоотии соҳаи маориф;
- тағйир додани шакл ва усулҳои таълим;
- сайёр будани хизматрасониҳои таълимӣ;
- баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф.

**Муҳтарам аҳли толор!**

Бо мақсади бунёди низоми ягонаи иттилоотии соҳаи маориф сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарҳи нав бо нишонаи www.maorif.tj сознон дода шудааст, ки маълумотҳои расмии соҳа дар он ҷойгир карда шудааст.

Дар ин баробар, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» барномаи билингиро роҳандозӣ намуд, ки тавассути он пардохти маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ ва аттестат амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, бо мақсади ғанӣ гардонидани шабакаи интернет бо маводи таълимӣ бо забони давлатӣ ва фароҳам овардани дастрасии озод ба онҳо 3000 дарсҳои видеоӣ аз таҷрибаи пешқадами омӯзгорони соҳибтаҷриба ва пешқадам аз ҳама фанҳои таълимӣ ҳамчун маводҳои иловагӣ омода гардида, дар сомонаи расмии вазорат ҷойгир шудааст, ки 80% нақшаи таълимиро ташкил медиҳад.

Маврид ба тазаккур аст, ки бо мақсади мусоидат ба омодашавии довталабон ба озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – фурӯғи маърифат» дар сомонаи вазорат китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва илмиву методӣ ба пуррагӣ ҷойгир карда шудаанд, ки кулли хоҳишмандон ба он дастрасии озод доранд.

Инчунин, аз ҷониби вазорат дар ин самт корҳои зерин ба анҷом расонида шуданд:

- паҳни варақаҳои иттилоотӣ дар мавзуи «Амният, муҳофизат ва бехатарии маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ва «Паёмади сиёсатгузорӣ оид ба амният, муҳофизат ва бехатарии маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси таҷрибаҳои ҷаҳонӣ»;

- тасдиқ ва таҳияи барномаҳои таълимӣ вобаста ба омӯзиши технологияи иттилоотӣ барои тамоми зинаҳои таҳсил;

оғоз гардидани таҷрибаҳои аввалин оид ба омӯзиши фосилавӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- омода кардани мутахассисон аз рӯйи ихтисоси «Амнияти миллӣ» дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- таъсис ва фаъол кардани сомонаҳои муассисаҳои таълимӣ дар шабакаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

**Пешниҳод.** Ҷиҳати пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои шабакаҳои иҷтимоӣ тадбирҳои зеринро мувофиқи мақсад меҳисобем:

**1. Баланд бардоштани саводнокии рақамӣ.** Яке аз роҳҳои асосии муқобилият ба таҳдидҳои шабакаҳои иҷтимоӣ баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, махсусан наврасону ҷавонон мебошад.

**2.Таҳкими корҳои фаҳмондадиҳӣ ва маърифатӣ** Баргузории вохӯриҳо, семинарҳо, тренингҳо ва машғулиятҳои тарбиявӣ яке аз василаҳои муассири пешгирӣ аз паҳншавии ақидаҳои ифротгароӣ ва терроризм мебошад.

**3. Мониторинги доимии шабакаҳои иҷтимоӣ.** Мониторинги доимии шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет барои пешгирии паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ ва экстремистӣ аҳамияти калидӣ дорад ва барои пешгирӣ аз ин раванд, зарур аст, ки гурӯҳҳои махсус таъсис дода шаванд, то шабакаҳои иҷтимоиро пайваста назорат ва таҳлил намоянд.

**4. Таъсиси платформаҳои иттилоотии зидди ифротгароӣ.** Барои муқобилият бо ғояҳои ифротӣ, бояд саҳифаҳо, блогҳо ва гурӯҳҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ таъсис дода шаванд, ки ба тавri сода ва фаҳмо паёмҳои зидди ифротгароиро шарҳ диҳанд.

**5. Омӯзиши ахлоқ ва истифодаи масъулиятноки шабакаҳои иҷтимоӣ.** Дар баробари таълими саводнокии рақамӣ, ахлоқи (этикаи) истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ низ омӯзонида шавад. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дар асоси арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии миллӣ сурат гирад.

**Хулоса,** нақши соҳаи маориф ва илм дар пешгирии хатарҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст.

Бо нарзардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо, моро зарур аст, ки баҳри таълими саводнокии рақамӣ ва иттилоотӣ, омӯзиши ахлоқи рақамӣ, ҳифзи асолати миллӣ дар шароити рақамикунонӣ дар ҳамбастагӣ фаъолият карда, ҷомеа, алалхусус наврасону ҷавононро аз хатарҳои рақамӣ ҳифз намоем.

Итминон дорам, ки ҷаласаи имрӯзаи Шурои ҷамъиятӣ барои баррасии амиқ ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти таҳдиди шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ заминаи муносиб хоҳад гузошт.

Дар охир ба Шумо сарбаландию саодати рӯзгор ва беҳтарин хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Давлатзода С.Х. Р**аиси Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26.09.2024, ш.Панҷакент

Ҳозирини гиромӣ,

Мавзуе, ки имрӯз мавриди матраҳ қарор гирифта истодааст, яке аз масъалаҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, муҳокимаи он бисёр саривақтӣ ва хело муҳим буда, аз аҳамият холӣ нест.

Гарчанде ки баҳсу мунозираҳо оид ба мавзуи мазкур солҳо боз ҷараён дорад, амалӣ гаштан ва ҷавобгӯ будани онҳо ба манфиатҳои умумимиллӣ, давлат, ҷомеа ва ҳар як инсону шаҳрванд алоқамандии зич дорад. Зеро масъалаи иттилоту амнияти иттилоотонӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ риштаи ногусастанӣ дошта, қонунгузории кишвар зери мафҳуми иттилоот - маълумот дар бораи шахсҳо, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳоро арзёбӣ намудааст.

Аз гузашти давраҳои таърихӣ бармеояд, ки иттилооти саҳеҳ, пурра ва эътимодноки давлатдорӣ ҳамеша қадр шуда, чун «гавҳараки чашм» ҳифз мегардид. Дар замони мо, ки ҳаҷм, сифат, шумора ва

шаклҳои гуногуни маълумот дастраси ҷомеа аст, бе таҳриф ва мувофиқи муқаррарот ба макон ва соҳиби аслиаш рафта расидани он яке аз масъалаҳои муҳими иттилоотонӣ ва амнияти иттилоотӣ дониста мешавад.

Дар санадҳои қонунгузории кишвар амнияти иттилоотӣ маҷмуи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотонии ҷомеа ва шахсони алоҳида ба ҳисоб рафта, раванди дурусту қонунии бо он таъмин кардани аҳолӣ ба бехатарии фаъолияти компютер, телефон, планшет ва дигар воситаҳои техникӣ вобастагӣ дорад.

Ба ақидаи коршиносон, мафҳуми амнияти иттилоотӣ ин пешгирӣ аз паҳншавии ҳаргуна иттилоъ, ҳифзу нигаҳдории он ба манфиати ҳукумат ва гурӯҳи ҳукмрон, манфиатҳои бонкҳо, вазорату идораҳо, корхонаву ширкатҳои хусусию давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва ғайра дар назар дошта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чораҳои қонунгузорӣ оид ба такмили амнияти иттилоотӣ, дастрасӣ ба иттилоот ва ҳифзу таъмини он ба амал баровarda шудаанд. Дар ин самт заминаи ҳуқуқии таъмини амнияти иттилотӣ инкишоф ва пайваста такмил меёбад.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» «Дар бораи ҳифзи итилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи таъбу нашр», «Дар бораи алоқа», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иттилоот ва амнияти иттилоотонӣ нигаронида шуда, масъулияти субъектон ва дигар шахсони истифодабарандаро баланд мебардорад.

Ҳамзамон, бо мақсади тақвият бахшидан ва пурзӯр намудани иҷрои чорабиниҳои амалишаванда, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 инҷониб қабул гардида, дар ин самт Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва амалӣ карда шудааст.

Аз ҳамин лиҳоз, ба ҳар як шаҳрванд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, озодона

дастрас намудани иттилоот, ки шахсан ба ӯ дахл дорад, таъмин карда мешавад. Дар навбати худ, субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ ва ҳар як шаҳрванд бояд, дар таъмини ҳифзи иттилоот ҳиссагузор бошад.

Бинобар ин, меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои миллии кишварро ҳифз намуда, намегузорад, ки талаботи он халалдор карда шавад. Аз лиҳоз, манфиатҳои миллиро бо се хусусияти хоси худ ҷудо намуда, онҳоро ба манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат табақабандӣ кардааст.

Чунончӣ манфиатҳо шахсият дар соҳаи иттилоот аз татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, дастрасӣ ба иттилоот, барои истифодаи итилоот ба манфиати амали шудани фаъолияти ба қонун манъ нашуда, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ, инчунин ҳимояи иттилооте, ки амнияти шахсиро таъмин менамояд, иборат мебошад.

Манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот аз таъмини манфиати шахсият дар ин соҳа, пойдории демократия, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, комёбӣ ва пуштибонии ризояти ҷамъиятӣ, тозагии маънавии Тоҷикистон иборатанд.

Манфиати давлат дар соҳаи иттилоот аз ташкили шароитҳо барои инкишофи мутаносиби инфраструктураҳои иттилоотӣ, барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, дар соҳаи гирифтан ва истифодаи иттилоот бо мақсади таъмини мустаҳкамии сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, уствории сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини қатъии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, инкишофи ҳамкориҳои баробарҳуқуқӣ ва муфиди байналмилалӣ иборат мебошад.

Бояд гуфт, ки давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иттилоотии оммаро таъмин менамояд. Дастгирии давлатӣ дар ин самт мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои дар боло зикр гардида, ҳангоми истифода ва муносибатҳои иттилоотӣ ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва манфиати қонунии ташкилотҳо бояд, эҳтиром карда шавад.

Маълум аст, ки тавассути интернет мукотибот, суҳбатҳои телефонӣ, дидорбинии онлайн ва ғайра сурат мегирад. Мақомоти дахлдори давлатӣ чунин алоқаву робитаҳоро танҳо дар ҳолатҳои

пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорат қарор медиҳад.

Гуш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва муоширати дигар танҳо нисбат ба шахсоне раво дида мешавад, ки барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин гумонбар ё айбдор шудаанд, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки дар бораи ҷиноятҳои мазкур метавонанд маълумот дошта бошанд.

Таҳлилҳои коршиносон ва натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нишон медиҳад, ки солҳои охир дар баробари таъсир ба амнияти иттилоотӣ, таъсир ба амнияти миллӣ низ зиёд гардидааст. Дар ин замина гурӯҳҳои алоҳидаи хиёнаткор ва манфиатҷӯ ба ҳар роҳу восита шахсони аз нигоҳи донишу ақлу фаросат, бахусус донишҳои сиёсиву динӣ дур бударо ба роҳи гумроҳӣ ба доми худ меафтонанд.

Ин қабил ашхос таввасути шабакаҳои иттилоотӣ ба осонӣ мафтуну пойбанди овозаҳо, суханҳои бофта, беасос, ғаразнок, айбҷӯии бедалели хатарнок ва хурофот мегарданд. Онҳо дар асоси нақшаҳои коркардшудаи гурӯҳҳои алоҳида, ки аз тарафи давлатҳои манфиатҷӯ сарпарастӣ меёбанд, даст ба амалҳои номатлуби тахрибкорӣ, нооором сохтани як давлат, бесаранҷому бесарусомон кардани як миллат ва дигар кирдорҳои террористию экстремистӣ мезананд.

Андешаву тафаккур, ақлу заковатӣ чунин шахсон, шахшуда мебошад. Дигар кардан, фаҳмонидан, таълиму тарбия додан барои ин қабил нафарони гумроҳгардида мушкилиҳои зиёдро эҷод менамояд. Ба андешаи олимон «то вақте ки инсон ба ақидаи шахшудамондааш эътиқод дорад, дар ниҳодаш бо ҳамон афкори фарсуда мемонад. Ислоҳнопазирии эшон моҳиятан ногузир хоҳад буд".

Мутаассифона,ин қабил ашхос аз чорчубаи нақшаҳои геополитикӣ, ислом ва ё дин истифода бурда, ба сифати воситаҳои манфиатҳои манфии ғаразҷӯёна, нооором сохтан ва ғайраҳо баромад менамояд. Хадамоти махсуси кишварҳои мавриди назар аз имконоти худи мусулмонон истифода мекунанд. Барои ҳар кишвар аз дохили мардумони он кишвар шахсони гумроҳу бетафакурро дармеёбанд. Ба хун оғушта кардан, бехонумон, сарсону саргардон намудани миллионҳо одамони бегуноҳ барои ин бозингарон касб, кори ҳаррӯза, чизи оддӣ ва маъмулист. Аз ҳамин лиҳоз, гоҳо бояд ба инобат гирифт, ки "Рафтори ғулом на ҳама вақт рафтори худи ғулом аст"

(Г.Лихтенберг). Маҷаллаи "Шпигел"-и Олмон дар як таҳлили воқеъбинона вобаста ба ҷавонони мусулмон менависад: "Аҷаб қавмеанд монанд ба соат. Онҳоро пур мекунанд. Рафтан мегиранд. Ва намедонанд: барои чӣ?".

Мо бояд хуб донем, ки бо ташаббус, роҳбарӣ ва ҳидоятҳои ҳамарӯзаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи сиёсии мамлакат муътадил, иқтисодиёти кишвар дар ҳолати рушд ва тараққӣ қарор дорад. Амнияти шаҳрвандон ва ниёзҳои онҳо бобати таъмини шароити хуби зиндагонӣ амалӣ шуда истодааст.

Албатта, таъмини сулҳу субот ва рушду нумуи манотиқи гуногуни кишвар ба осонӣ ба даст наомад. Он натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ ва ҷонфидоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарафманди Тоҷикистон мебошад.

Ин шахсияти дар таърихи миллати тоҷик бесобиқа маҳз тавассути меҳнат, заҳмат, ҷонфидоиҳо, аз худ гузаштанҳо ва қаҳрамониҳо ба миллат сулҳ овард, кишвари дар оташи сӯзон хокистаршуда ва ноумедгаштаро аз ноумедиҳо раҳонид, рушди онро таъмин кард, ба он сарсабзӣ бахшид.

Зикр бояд кард, ки меъмори ҳаёти инсон худи инсон аст, яъне тарбияи фарзандон, насли наврас, созандагию бунёдкорӣ, таъмини амнияти кишвар ва пешравиҳои бемислу беназири он дар дасти ҳар яки мову шумо мебошад. Танҳо худамон метавонем, дониш, дараҷаи шахсият, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти худро баланд созем, фарзандону пайвандонро аз ҳамагуна роҳу хатарҳои номатлуб бозгардонем.

Мо бояд хуб донем, ки сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти миллӣ неъмати бузург ва шарти аввалиндараҷаи зиндагии ҳар инсон ва пойдории ҳар давлат ба ҳисоб меравад. Зеро зиндагии осуда, созандагиву ободӣ, умуман амалӣ шудани ҳама ҳадафҳои нек ба ҳамин неъмат, яъне таъмини амнияти миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Имрӯз бо иқтибос аз суханҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир –

терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии ҷумҳуриамон тадбирҳои иловагӣ андешем».

Чунин хатарҳои муосир имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон дар умум ва амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар алоҳидагӣ таҳдид менамоянд. Яъне, маҷмуи шароит, раванд ва омилҳое аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё барои онҳо хатар ба вуҷуд меоранд, мушоҳида мегарданд.

Бояд гуфт, ки раванди ҷалби шаҳрвандони камтаҷрибаву ноогоҳ, дорои сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ дар сафи (қатори) гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои давлат нигаронкунанда мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти гурӯҳҳо ва ташкилоти террористиву экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Ӯзбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тайиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат ан Нусра», «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», «Паймони миллии Тоҷикистон ва «Памир дейли нюс» («Pamir Daily News») манъ шудаанд.

Имрӯзҳо аксарияти онҳо фаъолияти худро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ошкоро ва дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пинҳонӣ давом медиҳанд, ки хавфи ҷалби шаҳрвандон, бахусус шахсони камтаҷрибаву ноогоҳ дар сафи ин гурӯҳҳо ва ташкилот баланд боқӣ мемонад. Ғояҳои ин ташкилот комилан бар хилофи муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлати соҳибистиқлолу мустақили Тоҷикистон хавфи ҷиддӣ дорад.

Дар ҷаҳони имрӯза таҳдидҳои киберӣ торафт муҳимтар мегарданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари мамлакатҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар

ва маъмултар шуданд. Баъзе ҷанбаҳоро мисол овардан мумкин аст, ки ҷиноятҳои киберӣ метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид намоянд.

Пеш аз ҳама таъсир ба амнияти равонии шахс. Амнияти равонӣ чунин маъно дорад, ки овоза, дурӯғ, сухани даҳшатовар, ақидаҳои иртиҷоӣ, бегонапарастӣ набояд дар майнаи (мағзи сар) шахс паҳн шаванду ҷой гиранд. Дар фазои маҷозӣ ҳар рӯз як бор, гоҳе ҳар чанд соат як овоза, дурӯғ, туҳмат, иғво ва ҳарфе аз ҷониби як нафари шинос ё ношинос, террористу экстремист нашр мешавад, мардумро нигарон менамояд, зеҳни мардумро хароб ва тафаккури баъзе нафаронро дигар месозад, ки сабаби пайдоиши ноамнии ақлонӣ (равонӣ) дар ҷомеа мегардад.

Ҷиноятҳои иттилоотӣ, махсусан киберҷиноятҳо дар самти амнияти давлатӣ солҳои охир рӯ ба инкишоф доранд. Пешгирии онҳо дониши махсус ва чораҳои фаврӣ талаб менамояд. Дар бистсолаҳои охир рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд овардааст (ҳам мусбат ва ҳам манфӣ) ва таъсири он рӯз то рӯз меафзояд. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоии муосир дар айни замон ҳамчун пояи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ташаккули ин раванди нав ва пайдоиши фазои нави иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амниятӣ нақши муҳим доранд. Масъалаи нақши фазои маҷозӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ) дар таҳдиди амнияти давлатӣ мояи нигаронии ҷиддии аксари мамлакатҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон шудааст. Шабакаҳои иҷтимоии маҷозӣ (facebook, Ok, YouTube, Telegramm, WhatsApp ва дигарҳо) шабеҳи шамшери дудама (дутарафа) ҳастанд, ки метавонанд дар фазои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила амалҳои мусбат ва манфӣ эҷод намоянд.

Тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилоти байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилот тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон омили асосии таҳдид ба амнияти давлатӣ мебошад.

Аз дигар тараф киберҷинояткорон аксар вақт ҳамлаҳои худро ба системаҳои молиявӣ, ширкатҳо ва бонкҳо равона менамоянд. Дуздии маълумоти молиявӣ, амалиёти қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ метавонад боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ гардад ва ба суботи мамлакат таъсир расонад.

Ё ин ки ҳамлаҳо объектҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили

системаҳои энергетикӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори коммуникатсионӣ метавонанд дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ зери хатар қарор гиранд. Ҳамла ба ин системаҳо метавонад боиси ба муҳлати дароз аз кор мондан, садамаҳои ҷиддӣ гардад ва ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир расонад.

Ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии мамлакатро, аз ҷумла коҳиш додани имконияти алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор созанд ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон намоянд.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон шумораи умумии муштариёни пайвастшуда ба шабакаҳои алоқаи барқӣ баъди дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он" 7,8 миллион нафарро ташкил дода 4,8 миллион адади он муштариёни фаъол мебошанд. Шумораи истифодабарандагони Интернет дар якҷоягӣ бо истифодабарандагони интернети мобилӣ ва собит 4,18 млн. нафарро дар бар гирифтааст. Ин омор аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад.

Дар ин самт, раванди инкишофи босуръати технологияи муосир дар баробари пешравиҳо як қатор мушкилотро ба бор овардааст, ки сабаби ташвиши ҷомеа мебошад. Баъзе дастовардҳои ҷадиди илмиву техникии инсоният имрӯзҳо ба таҳдиду хатар барои суботу амнияти худи инсонҳо ва ҷомеаи онҳо табдил ёфта истодаанд.

Ҷиноятҳои киберӣ яке аз падидаҳои нави замони муосир ба шумор рафта, таҳдиди он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пеш аз ҳама, ба амнияти миллии ҳар як кишвар ба назар мерасад. Асосан зери мафҳуми ҷиноятҳои киберӣ ҷиноятҳое фаҳмида мешавад, ки тавассути технологияи компютерӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Қаллобии молиявӣ, ҳуҷум ба системаҳои компютерӣ, тасарруфи (дуздидан) маълумоти шахсӣ, паҳн кардани маълумоти ғайриқонунӣ ва бардурӯғ, кибертерроризм ва ғайра ба сифати ҷиноятҳои киберӣ фаҳмида мешаванд, ки мушкилоти гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиро дар пай доранд.

Дар замони муосир ягон кишваре, созмоне ва махсусан

истифодабарандагони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз таҳдиду хатари ҷиноятҳои киберӣ дар канор монда наметавонанд. Имрӯзҳо инкишофи ҷиноятҳои киберӣ бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телефонҳои мобилӣ зиёдтар ба чашм мерасанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе кишварҳо 4/10 истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет қурбони ҷиноятҳои киберӣ мегарданд.

Бинобар ин, раванди зиёд шудани таҳдидҳои киберӣ давлатҳоро вазифадор месозад, ки ба амнияти иттилоотии кишвари худ диққати махсус дода, аз уҳдаи таъмини он баромада тавонанд, зеро дар асри XXI амнияти миллии ҳар як кишвар пурра аз амнияти иттилоотӣ вобастагӣ дорад.

Бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои нави ҷиноятҳои киберӣ, кишварҳои пешрафта стратегияи махсус оид ба амнияти кибериро амалӣ менамоянд, ки аз хавфи он ҳимояшаванд. Аз ҳама кишвари пешсаф Малайзия мебошад, ки 74% метавонад худро аз ҷиноятҳои киберӣ ҳифз намояд. Инчунин, Япония- 72%, Индонезия - 70%, ИМА - 60%, Русия -60%, Фаронса - 51%, Олмон - 45% метавонанд худро аз ҷиноятҳои киберӣ муҳофизат намоянд. Аз ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки ягон давлате наметавонад ба пуррагӣ, яъне 100% худро ҳимоя намояд.

Яке аз навъҳои ҷиноятҳои киберӣ – кибертерроризм мебошад, ки хавфу хатари он хосияти фаромиллӣ дошта, ба кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба кишварҳо дар алоҳидагӣ таҳдид эҷод мекунад. Ҳадафи кибертерроризм низ чун терроризми анъанавӣ таҳдид ба инсоният ва ноором кардани суботу амният мебошад.

Ғайр аз ин, киберҷинояткорон метавонанд бо истифода аз технология барои ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои террористӣ, паҳн намудани таблиғот ё ҳамла ба инфрасохтори муҳим бо созмонҳои террористӣ робита дошта бошанд.

Фарқияти кибертеррористҳо аз террористҳои дигар дар он аст, ки кибертеррористҳо бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва ба воситаи интернет ба ҳадафҳои худ ноил мегарданд. Аз ин рӯ, бо раванди рушди технологияи комуникатсионӣ хатарҳои кибертерроризм низ зиёд шудан мегирад.

Бояд гуфт, ки гурӯҳҳои террористию экстремистӣ аз Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода карда, садҳо сомонаҳои расмиро таъсис додаанд, ки бо даҳҳо ҳазор маводу маълумоти хусусияти

ифротию террористидошта дар пайи гумроҳ сохтани афроди ноогоҳ ва ҷалби аъзоёни нав фаъолият менамояд. Онҳо ақидаҳои ифротию зиддиинсонии хешро бо мақсади барангехтани тарсу ваҳм миёни мардум паҳн мекунанд. Ба намоиш гузоштани аксҳо ва наворҳои видеоӣ, ки дар он куштори ваҳшиёнаи одамон, зинда ба зиндасӯзондани одамон дида мешавад, мисоли рӯшанест, ки таъсири ниҳоят манфии равонӣ ба аҳолии осоишта мерасонад.

Инчунин, тавассути Интернет барангехтани бадбинии динӣ, миллӣ ва нажодӣ дар миёни аҳолии ин ё он кишвар ҳадафи асосии кибертеррористон ба шумор меравад. Маҳз тарғибу ташвиқот тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки аъзоёни навро аз ҳисоби одамони ноогоҳ ба гурӯҳҳои террористии худ ҷалб намоянд. Шуморае аз шаҳрвандони Тоҷикистон низ, ки ба ҳаракату гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ пайвастаанд, тибқи таҳлилу тадқиқот аксари онҳо тавассути Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба доми фиреб афтидаанд.

Дар мавриди таҳдиду хатарҳои кибертерроризм набояд фаромӯш кард, ки аз имконият ва зарфиятҳои технологияҳои инкишофёфта, на танҳо ташкилотҳои террористӣ бар зидди инсонҳо, балки давлатҳои абарқудрат низ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва манфиатҳои геополитикӣ бар муқобили кишварҳои дигар низ аз онҳо истифода мекунанд. Воридшудан ба системаи компютерии объекти стратегии як кишвар, паҳн кардани вирусҳо, гӯш кардани суҳбати телефонии сарони давлатҳо, вайрон кардани барномаҳои муҳими вазорату корхонаҳои як кишвар тавассути системаи компютерӣ, аз ҷумлаи киберҷиноятҳое мебошанд, ки аз ҷониби хадамоти махсуси як давлат дар муносибат ба давлати дигар амалӣ карда мешаванд.

Бинобар ин, зарур аст, ки мо бояд ба таъмини амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем, то тавассути он тавонем истиқлолияти давлатӣ ва амнияти миллии худро таъмин намоем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «ҳифзи озодиву истиқлолият ва манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад.».

Хуб дар ёд дорем, ки миллат тоҷик фоҷиаи ниҳоят мудҳиши ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, бенизомӣ ва бедодгариҳои силоҳбадастони ғайриқонуниро бо чашми худ дид ва онро ҳеҷ вақт

фаромӯш намекунад. Бовар дорам ба фарзандон, наберагон он ҳодисаҳои мудҳишро ёдовар шудаанд ва аз он нафрат доранд. Бинобар ин, мо бояд дар тарбияи фарзандон ва аҳли ҷомеа ҳиссагузор бошем. Ба хабарҳои итилоотии иртиҷоӣ, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд, дода нашавем.

Аз худмон сар карда тибқи салоҳияти касбӣ ва вазифаи функсионалӣ дар ҳамбастагӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ ба муқобили ҷинояту ҷинояткорӣ, дурӯягӣ, бесалоҳиятӣ муқовимат нишон диҳем. Дар ин кор зиёиён ва падару модарон бояд нақши аввалиндараҷа дошта бошанд.

Дар ин робита, чунин пешниҳодҳо ҷиҳати тақвияти таъмини амнияти иттилоотӣ ироа мегардад:

1. Дар замони ҳозира яке аз мушкилотҳои фазои иттилоотӣ шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Хусусан шабакаҳои тикток, инстаграм ва мисли онҳо сарчашмаҳое, ки дар онҳо наворҳои бидуни ягон маҳдудият гузошта шудааст ва мутаассифона ба он кӯдакон низ дастрасӣ доранд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе давлатҳо масъалаи дастрасӣ ба чунин сарчашмаҳоро маҳдуд ва манъ кардаанд. Аз ҳамин хотир хуб мешавад, ки агар дар назди АМИТ ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи корӣ ҷиҳати омӯзиши ҳамин масъала аз ҳисоби олимон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, журналистон, блогерон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ таъсис дода шавад, то ин ки вазъи мавҷуда таҳлил ва чораҳои пешгирии ҳуқуқӣ коркард карда шавад ва дар заминаи он қонунгузории соҳаи иттилоот такмил дода шавад.

2. Таълими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иттилоотӣ ҳам дар мактаби миёна ва ҳам дар мактаби олӣ ба назар намерасад. Дар замони ҳозира таълими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иттилоотӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ҳамин лиҳоз хуб мешавад, ки агар дар таркиби фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ дар мактаби миёна ва дар таркиби фанни ҳуқуқ аз рӯйи ихтисос дар мактабҳои олӣ як мавзуи алоҳида «Таъмини амнияти иттилоотӣ» илова карда шавад.

3. То имрӯз доир ба ҳуқуқи иттилоотӣ ягон таҳқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм анҷом дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки муассисаҳое, ки ба омода кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ машғул

мебошанд, ба ин масъала аҳамият дода, дар оянда чунин кадрҳоро омода намоянд.

4. Дар ВАО, хусусан телевизион барномаи махсус доир ба «бехатарии иттилоотӣ» ташкил карда шавад ва ба аҳолӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иттилоотӣ шарҳу тавзеҳ дода шавад. Зеро ба аҳолӣ чунин маълумотҳо дастрас нест.

5. Муассиса ва мақомоте, ки дар интернет сайт доранд бояд сайти худро дар серверҳои ватанӣ ҷойгир кунанд. Агар сайтҳои онҳо дар сервери хориҷӣ бошад ин ба амнияти иттилоотии мо халал ворид месозад.

6. Тамоми кормандони давлатӣ почтаҳои электронии худро дар почтаҳои ватанӣ кушоянд ва аз почтаҳои электронии дигар давлатҳо (mail.ru, gmail.com ва ғайра) даст кашанд.

7. Дар муассисаҳои томактабӣ, миёна ва таҳсилоти олии касбӣ бояд ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус бошад, то ки оқибати нохӯш ба миён наояд.

Муҳтарам иштирокчиёни конфронс!

Масъалае, ки имрӯз мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дорад, чунин як масъалае нест, ки дар як ё ду ҷаласаю конфронс ҳалли пурраи худро ёбад ва мо ба мақсадҳои ниҳоии худ расем. Дар ин самт ҳамарӯза сари ин масъала заҳматҳо кашида фикру мулоҳиза ронда пеш аз ҳама фикри таъмини амнияти кишвар ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ба назар гирифта бо такя ба он фарзандон ва ҷомеаро ба роҳи худшиносию худогоҳии миллӣ ва ватандустию ватанпарварӣ ҳидоят намоем.

Ҳамаи ин ташаббусҳо роҳи хубе дарояндаи наздик ва дури мо баҳри расидан ба ҳадафҳои дар пеш гузошташуда мебошад.

## ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Шодиён И.Р.** Котиб-њамоњангсози Шурои љамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2024, ш. Панҷакент

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX ) калимаи “таҳдид” ба маъноҳои “тарсонидан, пӯписа кардан, ҳаросонидан, дуғу пӯписа” омадааст. Дар алоқаманди ба мавзуи мазкур “таҳдид” ба маънои “ҳаросонидан” фаҳмидан мумкин аст. Шарҳи мафҳуми “таҳдид” бо назардошти мундариҷаи мафҳуми амнияти миллӣ бошад, яъне “омодагии як субъект барои расонидани зарар ба манфиатҳои ҳаётан муҳими субъектони дигар ба хотири ба даст овардани фоидаи якҷониба амалӣ карда мешавад”.

Таҳдидҳоро ба намудҳои дохилӣ ва берунӣ (хориҷӣ) ҷудо кардан мумкин аст. Мубoризаҳои ноодилонаи сиёсии гурӯҳӣ ва шахсӣ ба хотири ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ сарчашмаи асосии таҳдидҳои дохилӣ мегардад. Ҳадафи асосии таҳдидҳои хориҷӣ амали намудани ҳадафҳои нопокӣ геосиёсии давлатҳои абарқудрат мебошад. Мутаассифона, дар замони муосир шумораи таҳдидҳои сиёсии беруна ба амнияти миллии давлатҳо дар муқоиса бо таҳдидҳои дохила зиёд шуда истодаанд. Дахолат ба амнияти миллии давлатҳо гуфтан мумкин аст, ки пурра ба таҳдидҳои беруна алоқаманд аст.

Таҳдидҳои сиёсии дохилӣ бо унсурҳои идеологӣ ва иттилоотӣ робитаи зич доранд. Бинобар ин, идораи иродаи аҳолӣ ба воситаи шабаҳои иҷтимоӣ яке аз омилҳои таҳдид ба амнияти миллӣ мебошад. Идораи иродаи аҳолӣ ва ё шахс мазмуни амалӣ намудани ҳокимият аст. Маънои ирода “майлу хоҳиш, ихлос, эътиқод”-ро дорад. Ҳар нафаре мехоҳад, ки аз болои нафаре ё ба гурӯҳи нафарон ҳукмронӣ намояд аввал майлу хоҳиши онҳоро ба ҳар роҳу восита ба худ ҷалб намуда, баъдан онҳоро пурра тобеъи худ мекунад ва ҳамчун олот барои пиёда намудани мақсадҳои нопок истифода менамояд. Яъне, давлат ба воситаи амалӣ намудани функсияи идеологии худ иродаи аҳолиро идора мекунад, ки барои амнияти миллӣ бисёр муҳим аст. Таҳдид ба амнияти миллӣ бошад, маънои таҳдид ба соҳибихтиёрии давлат мебошад, ки истиқлолияти давлатиро халалдор мекунад.

Таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳими амнияти миллӣ ва давлатдорӣ гардидааст. Аз ин рӯ, барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва безарар гардонидани таҳдидҳои иттилоотӣ мо бояд сараввал ба таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир маълумоти дақиқ дошта бошем, сарфаҳм равем ва онро муайян намуда, дуруст баҳогузорӣ намоем. Агар мо таҳдидҳоро ба амнияти миллӣ дуруст дарк карда, нисбати

онҳо чорандешии саривақтӣ намуда, хавфу хатари онро пешгирӣ намоем, зарару зиён ба ҷамъияту давлат намерасад. Инчунин, қайд намудан ба маврид аст, ки шинохти унсурҳои таҳдид шарти аввали таъмини амнияти миллӣ мебошад. Дуруст баҳогузории таҳдидҳо дар безарар гардонидани оқибатҳои он нақши муҳим дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои шинохти унсурҳои таҳдид ва баҳогузории он, пеш аз ҳама, таҷриба, ҷаҳонбинӣ, донишҳои илмию назариявӣ лозим мебошанд ва аз ҳама муҳим бо ин масъала аз мавқеи манфиатҳои миллӣ бархӯрд намудан хеле зарур аст.

Амнияти миллиро таҳкими истиқлолияти давлатӣ, таъмини суботи сиёсии ҷомеа, рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҷомеа, муттаҳид намудани мардум ва дигар омилҳо ташкил медиҳанд. Барои муттаҳид намудани мардум идеологияи мукаммал ва мувофиқ зарур аст. Бояд қайд намуд, ки идеология асоси ҳама гуна давлатдорӣ мебошад. Махсусан, вазъи сиёсии ҷаҳони муосир ва бархӯрди манфиатҳои геосиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои абарқудрат нишон медиҳад, ки бе истифодаи яроқи ҳастаӣ давлатҳои манфиатгаро ва ё душманони миллат ба хотири амалишавии ҳадафҳои нопоки худ ба воситаи иттилооти иғвогарона метавонанд вазъи дохилии дилхоҳ кишварро бо дастони худи мардуми онҳо ноором сохта, мадумро гумроҳ намуда, аҳолии камтаҷрибаро муқобили сохтори конститутсионии давлат намоянд. Омили асосии нооромии вазъи сиёсии давлатҳои ҷаҳон вақтҳои охир ба хотири аз худ кардани боигариҳои табиии онҳо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии паҳн намудани хабарҳои бардурӯғи иғвогарона ва аз маърифати сиёсии пасти аҳолӣ истифода намуда, мардумро ба доми ҷанг кашида истодаанд. Инчунин, шабакаҳои иҷтимоӣ фазое фароҳам меоранд, ки дар он гурӯҳҳои ҷиноӣ метавонанд бо осонӣ бо ҳам муоширот карда, фаъолияти худро амалӣ намоянд. Аз ҷумла, ин имконот муоширати махфиро дар байни фурӯшандагон ва харидорони маводи мухаддир осон мекунад ва ё ба ин васила аз ҷониби гурӯҳҳои тундгаро гироиши ҷавонону наврасон ба ифротгароӣ, экстремизму терроризм мушоҳида мешавад. Терроризм ва ифротгароӣ дар фазои тарсу ҳарос, нобоварӣ ва таҳаммулнопазирӣ, ки аксар вақт аз хурофот бармеангезад, инкишоф мeёбанд.

Фаромӯш набояд кард, ки амнияти миллӣ заминаи амнияти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аст. Амнияти соҳаҳои гуногуни давлат ба монанди, амнияти молиявӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ,

сиёсӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра дар маҷмуъ амнияти миллиро ташкил медиҳанд.

Имрӯз рушди ҳама соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва иҷтимоӣ аз ҷумла, маориф, илм, саноат, кишоварзӣ, иқтисодиёт, молия, мудофиа, низоми бонкӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуќ, идоракунии давлатӣ ва тиҷоратиро бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тасаввур кардан, ғайримикон аст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсадҳои гуногун дар ҷаҳони муосир истифода мешаванд. Дар пешбурди ҳама самтҳои ҳаёти инсонӣ шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолона истифода мегардад. Ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба дилхоҳ мавзуи лозимӣ дар муҳлати кӯтоҳтарин маълумот пайдо кардан мумкин аст. Бо пайвандону наздикон, ҳамкорон ва дигарон дар масъалаҳои гуногун ҳамсӯҳбат шудан беҳад осон аст. Имконияти бениҳоят дастрас, қуллай, осон ва бо сарфаи хароҷоти вақт, маблағ ва энергия барои рекламаи гардиши молу маҳсулот ва хизматрасонӣ мебошад. Дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарин аз навовариҳо ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар дилхоҳ самти ҳаёти иҷтимоӣ огоҳ шудан мумкин аст. Ба тариқи маҷозӣ баргузории дарсҳои назариявӣ, ҷаласаҳо, сӯҳбатҳо, вохӯриҳо, иштирок дар конфронсҳои байналмилалӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дигар масъалаҳои муҳим бисёр муфид аст. Барои тадқиқоти корҳои босифати илмӣ, дастрас намудани осорҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ хароҷоти вақт, маблағ ва энергияи зиёдро талаб намекунад.

Бояд қайд намуд, ки самаранокии фаъолият ва имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир аз зиёд будани маълумот вобастагӣ дорад. Маълумотҳои зиёд бошад, ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои махзани иттилоотии зеҳни сунъӣ ҷамъоварию коркард шуда, баъдан ба фурӯш бароварда мешаванд. Аз ин бармеояд, ки заминаи асосии пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ характери тиҷоратӣ дорад. Фаъол будани шабакаҳои иҷтимоӣ заминаи асосии рушди зеҳни сунъӣ буда метавонад.

Инчунин, бояд зикр намуд, ки воситаи асосии ҷамъоварии маълумот ба хотири ғани гардонидани бойгониҳои азими иттилоотии ширкатҳои тавлидкунандаи маълумот ба монанди, ChatGPT, Facebook, Instagram, Twiter, YouTube ва технологияҳои ҷадид Apple, Google, Microsoft ва ғайраҳо гаштааст. Ғайр аз ин, ширкатҳои технологӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷамъоварии иттилоот ва

таъсис додани махзани бузурги маълумот машғуланд, то ки дар оянда истифодаи зеҳни сунъиро боз ҳам фаъолтар гардонанд. Мувофиқи оморе, ки дар оғози соли 2023 нашр гардид, аз 8,04 миллиард аҳолии ҷаҳон, 5,44 миллиард нафар аз Интернет истифода мебаранд, ки 64,4%-и аҳолии дунёро ташкил медиҳад. Мувофиқи оморҳо дар ҷаҳон аввали соли 2023, истифодабарандаи сомонаҳои иҷтимоӣ ба 4,76 миллиард расид, ки 60%-и аҳолии сайёраро ташкил медиҳад. Дар ин миён истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ, Facebook 2,9 млрд, Youtube ва WhatsApp 2,5 млрд, Instagram 1,4 млрд ва WeChat 1,3 млрд нафарро ташкил медиҳад. Агар шумораи истифодабарандагони ин шабакаҳои иҷтимоиро аз нигоҳи хароҷоти молиявӣ барои хизматрасонӣ тахминан ба 1 доллари америкоӣ дар як моҳ баробар намоем, маълум мегардад, ки ба суратҳисоби шабакаҳои иҷтимоӣ фоидаи бузурги молиявӣ ворид мешаванд. Хотирнишон бояд намуд, ки хароҷоти маблағҳои хусусию давлатӣ аз сабади истеъмолӣ дар самти истифодаи интернет дар баробари дигар хароҷотҳои зарурии аввалиндарҷаи замони муосир муҳим гаштааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи омори соли 2022 шумораи истифодабарандагони Интернет ба 4,2 миллион нафар расидааст, ки ин 42% аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, рушди технологияи иртиботию иттилоотӣ дар замони муосир дастоварди бузург дар таърихи тамаддуни инсонӣ эътироф карда мешавад.

Ин омилҳо метавонад ба амнияти миллии кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам манфӣ расонида бошад. Чунки аксарияти иттилооти тарғиботие, ки дар фазои интернетӣ паҳн мешаванд, маҳз ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ интиқол меёбанд.

Яке аз мақсадҳои таъсиси шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир ба хотири ба даст овардани фоида буда, инчунин, ҷамъоварии маълумот дар махзанҳои муайян ба хотири амали намудани ҳадафҳои сиёсӣ ва геосиёсӣ шуда метавонад, ки на танҳо воситаи иртиботии байни одамон, балки платформае барои паҳн кардани маълумот, муайян намудани вазъи афкори ҷамъиятӣ ва таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷамъиятӣ мебошанд.

Аз як тараф, шабакаҳои иҷтимоӣ дар асри иттилоот воситаи дастраси иртибот бо аҳолӣ ва чи хеле дар боло қайд кардем, василаи паҳн кардани таҷрибаи пешқадам дар ҳама самтҳо дар ҷомеа буда

метавонад. Давлатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд онҳоро барои беҳтар кардани огоҳии мардум ва расонидани маълумоти муҳим истифода кунанд. Вале аз тарафи дигар, бо мақсадҳои ҷинояткорӣ ба даст овардани даромади муфт, сиёсӣ ва геосиёсӣ шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ба як манбаи иттилооти бардурӯғу бесифат, дур шудани ҷавонон аз донишҳои аслӣ, тарғиб кардани фарҳанги бегона, фаҳшу фоҳишагӣ, мағшӯии ҷавонон ва ё сарчашмаи таҳдид табдил ёбанд, ки аз ҷониби гурӯҳҳои мухолифи дохилӣ ва хориҷии ҳукумат ё шахсони алоҳида барои паҳн кардани иттилооти бардурӯғ, тарғиботи радикалӣ ва паҳн кардани андешаҳои экстремистӣ истифода шаванд. Яъне, ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҷангҳои иттилоотию идеологӣ ба амал баровmasдаarda мешаванд, ки дар баробари манфиат, инчунин метавонад бар зарари одамон, давлатҳо ва миллатҳо низ истифода бурда шавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллии давлатҳои абарқудрат таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Чунки таъсисдиҳандаи (муассис) ин шабакаҳои иҷтимоӣ худи ин давлатҳо ба воситаи гумоштаҳои (агентҳо) молиявӣ мебошанд. Ин гумоштаҳои молиявӣ дар бозори савдои иттилоот ба сифати соҳибкорони муваффақ баромад мекунанд. Дар воқеъ ин лоиҳаҳо аз ҷониби давлатҳои абарқудрат маблағгузори шуда, гумоштаҳои молиявӣ ин лоиҳаҳои иттилоотиро аз номи худ идора ва амалӣ менамоянд.

Бинобар ин, бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва таъмини амнияти иттилоотӣ баъзе аз давлатҳо ба монанди, Россия истифодаи саҳифаҳои иҷтимоии “Facebook, Instagram”-ро дар ҳудуди худ манъ намудааст. Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар давлатҳо бошанд, фаъолияти ҳама шабакаҳои иҷтимоиро дар фазои ҳудудии худ пурра қатъ намуда, шабакаҳои иҷтимоии худро дар фазои иттилоотии кишвар мавриди истифодабарии аҳолӣ қарор додаанд. Амалӣ намудани ин иқдом тамоюли рушд кардан дар дигар давлатҳои ҷаҳонро дорад ва дар шароити мубориза ҳои шадиди сиёсӣ бисёр мубрам мебошад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, ба монанди, бисёр кишварҳои дигар, ҳамчун имконият ва ҳам таҳдид ба амнияти миллӣ арзёбӣ мешаванд. Истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба паҳншавии иттилоот ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа мусоидат кунад, аммо дар баробари ин, хатари паҳн шудани

иттилооти нодуруст, андешаҳои ифротгароёна ва нооромиҳои иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Таҳдидҳо, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ маншаъ мегиранд, дар чанд самт дида мешаванд:

- шабакаҳои иҷтимоӣ мундариҷаҳои гуногуни фарҳангӣ ва иҷтимоиро пешниҳод мекунанд, ки на ҳама вақт бо арзишҳои фарҳангӣ ва таълимии миллӣ мувофиқат мекунанд. Ин метавонад боиси таҳрифи ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ҷавонон гардад. Мундариҷаҳои зараровар, ки аз берун меоянд, метавонанд боиси коҳиши эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангии Тоҷикистон шаванд, ки дар натиҷа боиси ихтилофот дар низоми таълиму тарбия ва маданият мегардад;

- пайваста истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва муоширати бепарво дар он метавонад ба паст шудани сатҳи ахлоқии ҷавонон ва наврасон мусоидат кунад. Онҳо метавонанд бо муҳитҳои номатлуб ва муҳтавои ғайримақбул дучор шаванд, ки ба таълим ва тарбия таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд паҳнкунандаи фарҳанги интернетӣ бошанд, ки на ҳамеша ба арзишҳои ахлоқии Тоҷикистон мувофиқ аст;

- истифодаи аз ҳад зиёди шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба саломатии равонӣ ва иҷтимоии аҳолӣ таъсири манфӣ расонад. Онҳо метавонанд ба мушкилоти вобастагӣ аз интернет дучор шаванд, ки ин ба муносибатҳои шахсӣ ва омӯзиш таъсир мерасонад. Аз ҷумла, ҷавононе, ки вақтҳои зиёдеро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, метавонанд бо мушкилоти худбаҳодиҳӣ, изтироб ва пастшавии сифатҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шаванд;

- кибербуллинг ё таҳқир тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни ҷавонон метавонад ба мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ оварда расонад. Ин намуди таҳқир ва зӯроварӣ, ки тавассути интернет анҷом дода мешавад, метавонад боиси паст шудани сатҳи худбаҳодиҳӣ ва шармгинии ҷавонон гардад, ки дар натиҷа ба фаъолияти таълимии онҳо таъсири манфӣ мерасонад;

- шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ҳамчун платформа барои ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои хурофотӣ, экстремистию террористӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир истифода шаванд. Ин гуна гурӯҳҳо метавонанд аз имкониятҳои шабакаҳо барои паҳн кардани паёмҳои радикалӣ истифода баранд, ки ба нооромӣ ва беэътимодӣ дар дохили кишвар оварда мерасонад. Майдони бисёр мувофиқест барои паҳн намудани экстремизми иттилоотӣ;

- маълумоти ғалат ва иғвоангез дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба бухрони дохилӣ ва ноороми сиёсӣ ё иҷтимоӣ мусоидат кунад. Ҳангоми паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, ки бо мақсади таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ анҷом дода мешавад, метавонад боварии мардумро ба ҳукумат заиф кунад;

- бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ё технологияи киберӣ, ҳамлаҳои иттилоотӣ метавонанд ташкил карда шаванд, ки ба инфрасохтори иттилоотӣ ва иқтисоди миллӣ зарар расонанд;

- дар баъзе ҳолатҳо, давлатҳои хориҷӣ метавонанд аз шабакаҳои иҷтимоӣ барои мудохила ба сиёсат ва равандҳои интихоботӣ истифода баранд. Ин метавонад тавассути паҳн кардани хабарҳои бардурӯғ ва ё таъсиррасонӣ ба ҷомеа анҷом дода шавад;

- дастрасии осон ба шабакаҳои иҷтимоӣ маънои онро дорад, ки ҳатто ашхос ва гуруҳҳои ғайриқонунӣ метавонанд маълумоти хусусӣ ва давлатӣ ҷамъоварӣ кунанд. Ин метавонад ба иктишофи хориҷӣ ё киберҷосусӣ хизмат кунад;

- ҳамлаҳои киберӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд сабаби рахна шудани маълумоти шахсӣ ва ҳассос бошанд, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунад. Киберҷинояткорон метавонанд шабакаҳои иҷтимоиро барои ҳамла ба сохторҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ истифода баранд;

- шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд аз тарафи гурӯҳҳои мухолиф ё кишварҳои хориҷӣ барои ташвиқ ва тақвияти фаъолияти зиддидавлатӣ истифода шаванд. Онҳо метавонанд воситаи ташкили намоишҳои эътирозӣ ва тақвияти андешаҳои мухолифат ба сиёсати ҳукумат гарданд;

- шабакаҳои иҷтимоӣ воситаҳои таъсиррасонии мустақим ва ғайримустақим ба иқтисодиёт мебошанд. Кишварҳо ё ширкатҳои хориҷӣ метавонанд тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бар истеъмолгарон таъсир расонида, талаботи мардумро ба молҳо ва хизматрасониҳои хориҷӣ зиёд кунанд. Ин ба камшавии истеҳсоли дохилӣ ва зиёдшавии вобастагӣ аз молу маҳсулоти хориҷӣ оварда мерасонад;

- шабакаҳои иҷтимоӣ майдони густарда барои киберҷинояткорон ва қаллобон ҳастанд, ки метавонанд фаъолияти ширкатҳо ва шахсони инфиродиро зери хатар гузоранд. Ин ҳамлаҳо метавонанд боиси дуздии маълумоти молиявӣ, рақамҳои кортҳои бонкӣ, ё маълумоти шахсӣ шаванд, ки ба иқтисодиёти миллӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд. Илова бар ин, истифодаи фиребгарона ва

қаллобии онлайнӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад эътимод ба системаи молиявӣ ва тиҷоратиро заиф гардонад;

- шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ ҳамчун воситаи таблиғоти тиҷоратӣ ва иртибот бо мизоҷон истифода мешаванд. Аммо, онҳо инчунин метавонанд таҳдид кунанд, ки тиҷорати хурд ва миёнаро дар мавриди рақобат бо ширкатҳои бузург ё бозингарони хориҷӣ заиф гардонанд. Тиҷоратҳои дохилӣ, ки ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолият мекунанд, метавонанд таҳти таъсири ширкатҳои хориҷӣ қарор гиранд, ки дар натиҷа, захираҳои иқтисодӣ ва пули миллӣ ба хориҷа мебароянд;

- паҳншавии хабарҳои бардурӯғ ё нодуруст дар бораи ширкатҳо ё сохторҳои иқтисодӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба обрӯ ва эътибори ширкатҳои ватанӣ зарари ҷиддӣ расонад. Масалан, хабарҳои нодуруст дар бораи маҳсулот ё хизматрасониҳои як ширкат метавонанд боиси коҳиши эътимоди истеъмолгарон шаванд, ки оқибат ба талафоти молиявӣ меорад;

- шабакаҳои иҷтимоӣ дар худ платформаҳое барои эҷоди ҷойҳои корӣ ва таблиғи имкониятҳои нави корӣ мебошанд, аммо онҳо инчунин метавонанд таъсири манфӣ дошта бошанд. Масалан, ба воситаи онҳо метавонанд одамонро ба корҳои ғайриқонунӣ ҷалб намоянд, ки иқтисодиёти миллиро заиф мекунад. Илова бар ин, муҳоҷирати мутахассисон ва истеъдодҳои ҷавон ба хориҷа тавассути платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад боиси камбуди кадрҳои баландихтисос дар бозори дохилӣ гардад;

- баъзан шахсони қаллоб ё гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сармоягузоронро ба сармоягузории бардурӯғ ҷалб кунанд. Ин метавонад боиси ба маблағҳои зиёди мардум ва ширкатҳо дар тиҷоратҳои ғайриқонунӣ ва фиребгарона зарар расонад, ки дар натиҷа амнияти иқтисодии кишвар коҳиш меёбад;

- баъзе гурӯҳҳо ё афрод метавонанд норозигии худро аз фаъолияти ширкатҳои хусусӣ ё давлатӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда, ба фазои тиҷорат таъсири манфӣ расонанд, ки ин боиси паст шудани сармоягузориҳо мегардад;

- рақобати шадид дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба тиҷоратҳои хурд ва маҳаллӣ таъсири манфӣ расонад, хусусан агар онҳо барои рақобат бо ширкатҳои калон қудрати кофӣ надошта

бошанд. Ин ба пастшавии даромад ва тавсеаи тиҷоратҳои хурд оварда мерасонад, ки боиси осеб дидани иқтисоди маҳаллӣ мегардад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ воқеан метавонанд ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо баррасӣ шаванд. Ин шабакаҳо метавонанд ба паҳн кардани маълумоти носаҳеҳ, таблиғоти хатарнок, идеологияҳои ифротгаро, хариду фурӯши маводи мухаддир ва ба таври умум ба таъсиррасонии ҷомеа бо мақсадҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ истифода шаванд. Дар ҳолатҳои муайян, онҳо метавонанд василаи ташвиқ ва ташкил кардани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла, ифротгароӣ, террористӣ ва норозигии оммавӣ бошанд.

Бо вуҷуди ин, набояд фаромӯш кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчунин метавонанд фишангҳои муҳими рушди иҷтимоӣ, маърифатӣ ва иқтисодӣ бошанд, агар истифодаи онҳо бо сиёсати оқилона ва танзимоти қонунӣ ҳамроҳ гардад.

Дар ин шароит, ҳукуматҳо, аз ҷумла Ҳукумати Тоҷикистон, чораҳои гуногунро андешидаанд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро назорат кунанд ва ин таҳдидҳоро коҳиш диҳанд. Бо ин мақсад Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди технологияи рақамӣ ва инноватсия дар кишвар,  таъсис ёфтааст. Он дар такмили иқтидор ва ҳалли мушкилот дар соҳаи технологияи иттилоотӣ кӯмак мекунад, то Тоҷикистон ба як кишваре табдил ёбад, ки дар соҳаи технологияҳои муосир ва рақамӣ пешсаф бошад. Ин муассиса кӯшиш мекунад, ки кишварро бо технологияи муосир, дастгоҳҳои иттилоотӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ таъмин намояд. Ҳамзамон, бо маќсади огоҳонидан ва пешгирии киберљиноятњо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази ягонаи коммуникатсионии алоқаи барқии Хадамоти алоќаи назди Њукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корњои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил шудааст.

Барои пешгирӣ аз ин таҳдидҳо, давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, бояд чораҳои амниятӣ ва иттилоотӣ пурзӯр намоянд, ки дарбаргирандаи назорати шабакаҳои иҷтимоӣ, пешгирии тарғиботи экстремистӣ ва баланд бардоштани огоҳии мардум дар бораи хатари маълумоти бардурӯғ бошанд.

Барои ҳалли ин мушкилот, давлатҳо бояд қонунгузории мувофиқро, таҳия кунанд, воситаҳои киберҳимояро тақвият диҳанд

ва мардумро оид ба хатарҳои имконпазир дар ин муҳит огоҳ намоянд. Дар ҳақиқат хизматрасонӣ дар самти технологияи иттилоотию иртиботӣ лаҳза ба лаҳза доман паҳн намуда, бо як суръати кайҳонӣ рушд намуда, ҳама соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта истодааст.

Аз ин рӯ, зарурат ба миён омадааст, ки заминаи санадҳои меъёрӣ ба тариқи фаврӣ (оперативӣ) дар шакли тағйиру иловаҳо ва таҳрири нав таҷдиди назар гардида, муносибатҳо ва проблемаҳои нави пайдошударо дар самти технологияи иртиботию иттилоотӣ давра ба давра танзим намояд. Инчунин, консепсияву стратегия ва барномаҳои давлатии кибер-бехатариро, ки чандин сол қабл қабул шудаанд, тақвият диҳанд ва ҳамкорӣ бо платформаҳои шабакаҳои иҷтимоиро ба роҳ монанд.

Таваҷҷуҳ ба мониторинг ва назорат кардани муҳтавои интернетӣ ва ҷустуҷӯи нишонаҳои фаъолияти ғайриқонунӣ метавонад кӯмак кунад. Истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ (AI) ва системаҳои худомӯз (machine learning) барои дарёфти шабакаҳои ҷиноӣ низ метавонад як воситаи муҳим бошад. Барои муҳофизати амнияти иқтисодӣ аз таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳим аст, ки ҳукуматҳо ва ширкатҳои тиҷоратӣ чораҳои муҳофизатии кибериро тақвият диҳанд, инчунин сатҳи огоҳии аҳолиро дар бораи хавфҳои онлайнӣ баланд бардоранд.

Инчунин, назорати доимӣ ва баланд бардоштани маданияти истифодабарии технологияи иттилоотӣ ва иртиботии корбарон ва аҳолӣ дар бораи истифодаи босамари шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад кӯмак кунад, ки таъсири манфии он ба иқтисодиёти миллӣ камтар гардад.

# ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Ибодуллозода А.** Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 26.09.2024, ш. Панҷакент

Аҳаммияти ҳар конфронс ё мизи мудавварро, пеш аз ҳама, мавзуи он муайян мекунад. Бинобар ин бо таваҷҷуҳ ба мавзуе, ки имрӯз дар ин мизи мудаввар баррасӣ мешавад, метавон гуфт, ки чорабинии имрӯза як нишасти муҳим барои саҳми муносиб дар таҳкими амнияту суботи давлат хоҳад буд.

Боиси ифтихор ва сарбаландист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз марказҳои баргузории чорабиниҳои сатҳи баланд табдил ёфта, дар мамлакат якчанд маъракаҳои муҳимми илмӣ, сиёсӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир мегарданд, ки ҳар кадом аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво аҳамияти глобалӣ барои минтақа ва ҷаҳон доранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шурои роҳбарони мақомоти амният ва хадамоти махсуси давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, аз афзоиши амалҳои тахрибкоронаи гурӯҳҳои террористию экстремистӣ **бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ,** ҷиноятҳои киберӣ ва афзоиши хатари гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз манбаҳои асосии маблағгузории терроризм ба ҳисоб меравад, изҳори нигаронӣ намуда,

барои тавсеаи ҳамкорӣ ва тақвияти муборизаи беамон дар ин самт даъват ба амал оварданд.

Амният яке аз муҳимтарин ҳадафҳо ва ниёзҳои ҷомеа ва давлат ба шумор меравад. Рушди тамаддуни инсонӣ ҳамеша бо рафъи таҳдидҳои гуногуни табиӣ, иҷтимоию сиёсӣ, технологӣ ва ғайраҳо алоқаманд аст.

Дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити имрӯза дар мадди аввал қарор дорад. Рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлат, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини сулҳу субот аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии давлат вобаста мебошад. Чунин вазъ тақозои онро менамояд, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа рушду такмил дода шуда, бо дигаргуниҳои замони муосир мутобиқ сохта шаванд.

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз омилҳои иттилоотӣ вобастагии зиёд пайдо намудааст. Аз ин рӯ, бо дарназардошти тавсеаи иттилоотонии ҷомеа амнияти миллиро унсури таркибӣ ва ҷузъи муҳимтарини инзоми амнияти миллӣ тасаввур намудан зарур аст. Бо ин мақсад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқие қабул гардидаанд, ки барои таъмини амнияти иттилоотии кишвар нигаронида шудаанд. Қонунгузории соҳаи иттилоот, ки барои танзими муносибатҳои иттилоотӣ ва фаъолияти иттилоотии субъектҳои гуногун равона шудаанд, воситаҳои муҳимтарини танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои соҳаи иттилоот ба шумор рафта, ҳамзамон заминаи асосии рушду инкишофи сиёсати давлатии иттилоотӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон яке аз роҳҳои паҳн намудани иттилоот **шабакаҳои иҷтимоӣ** мебошад, хусусан Facebook, YouTube, WhatsApp, Instagram, Tik Tok ва ғайраҳо истифодабарандагони хеле зиёд доранд. Масалан, тибқи омори соли 2024[33] шабакаи иҷтимоии Facebook – 3 млрд, YouTube – 2,5 млрд, WhatsApp – 2 млрд, Instagram – 2 млрд истифодабаранда дорад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир муҳимтарин воситаи

---

[33] Самые популярные социальные сети в мире (апрель 2024) [манбаи электронӣ] https://inclient.ru/how-many-users-social-network/ (санаи истифодабарӣ: 23.09.2024).

муоширати байни одамон мебошанд, ки онҳоро инсоният дар ибтидои асри XXI соҳиб шуд. Ҳамзамон, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми иттилоотӣ мебошанд. Оморҳо нишон медиҳанд, ки на танҳо шабакаҳои иҷтимоӣ, балки сомонаҳои интернетии дар шакли «интернет-блог» сохташуда мавқеи агентиҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои соҳавиро маҳдуд намудаанд.

Аксари одамон шабакаҳои иҷтимоиро бо ҳадафҳои сулҳҷуёна истифода менамоянд. Масалан, огоҳ намудани одамон аз хабарҳои навин, реклама, маркетинг, паҳн намудани ғояҳои башардустона, тарғиби арзишҳои аз ҷониби ҳамагон эътирофшуда, маҳкум намудани амалҳои номатлуб ва ғайраҳо. Аммо дар баробари ин, шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди дигар дастовардҳои инсоният инчунин бо мақсадҳои ғаразнок низ истифода бурда мешаванд. Дар ҳолати тавсеаи интернет ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ҷинояткорон ва террористон барои амалӣ намудани мақсадҳои худ имкониятҳои нав пайдо намудаанд. Дар ин маврид, таҳдиду хатари шабакаҳои иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки онҳоро метавонанд ҳамчун воситаи таъсиррасонии иттилоотию психологӣ истифода намоянд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи шахсияти истифодабаранда маълумоти хеле зиёд пешниҳод менамояд: аз ҷумла, ҷинс, синну сол, ҷои зист, муассисаи таҳсилот, мавқеи сиёсӣ, мансубияти динию мазҳабӣ ва ғ. Чунин иттилоот барои ташкилотҳои террористӣ имконияти иловагӣ медиҳад. Ғайр аз ин, дар шабакаҳои иҷтимоӣ иттилоот дар аксар маврид бе нишон додани сарчашмаи он ҷойгир карда мешавад, ки онҳо дар аксар маврид носаҳеҳ, номукаммал ва ғайрирасмӣ мебошанд. Дар чунин вазъият хатари ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ 26 январи соли 2021 таъкид намуда, иброз дошт, ки «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. … Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу

воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро нооором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд».

Ҳамзамон, яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгарой ва терроризм ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани **технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет** бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои харобкоронаи онҳо маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла мубодилаи иттилоот дар бораи тарзу усулҳои муассири пайгирӣ намудани чунин сомонаҳо, аз шабакаи интернет хориҷ намудани онҳо ва расонидани кумаки байниҳамдигарӣ дар ин самт шарти муҳимми комёбӣ дар мубориза бо кибертерроризм мебошад.

**Таъмини амнияти иттилоотӣ** имрӯз ба масъалаи муҳимми давлатдорӣ табдил шуда, суботу устувории давлат ва амнияти миллии он ба амнияти иттилоотӣ вобастагии зич пайдо кардааст. Технологияҳои муосири иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки афкори мардум ба шакли дилхоҳ ташаккул дода шуда, ба тарафи дилхоҳ майл дода шавад.

Омӯзишу таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки фазои иттилоотии аксарияти кишварҳои ҷаҳон имрӯз аз бисёр ҷиҳат осебпазир буда, **имкони васеи таъсиргузории хориҷӣ бар афкори умумии мардум вуҷуд дорад.** Табиист, ки чунин вазъияти муоширатӣ ва иттилоотии ҷомеа худ яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти миллии давлат мебошад.

Ҳодисаҳои солҳои охир дар баъзе кишварҳои шарқӣ нишон доданд, ки доираҳои дохилию хориҷӣ маҳз бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ афкори умумии ҷавононро ба тарзи сунъӣ ба муқобили роҳбарияти ин давлатҳо ташаккул доданд. Ин буд, ки чунин «инқилобҳо» аввал дар фазои интернетӣ амалӣ шуда, сипас ба воқеияти сиёсӣ табдил шуданд.

Бояд гуфт, ки яке аз муҳимтарин воситаҳои таъсиргузорӣ дар фазои иттилоотӣ ва дар ташаккули афкори умумӣ фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Мавҷудияти сомонаҳои интернетӣ имкон медиҳад, ки бо истифодабарандагони он **новобаста аз фосилаҳо ва монеаҳо** робита барқарор карда, дар ташаккули афкори онҳо таъсири зарурӣ гузошта шавад.

Тарафи дигари маъсала, баланд бардоштани саводи техникӣ дар таъмини аминияти иттилоотӣ нақши муҳим дошта, дар ин самт **амалӣ шудани барномаи давлатии бо компютерҳо таъмин намудани мактабҳо яке аз қадамҳои муҳимми давлат ба ҳисоб меравад**. Вале солҳои охир раванди ба кишвар ворид шудани компютерҳо ва барномаҳои насли гузашта низ мушоҳида мешавад.

Ҳамчунин, дар шароити имрӯза фақат доштани маълумоти ибтидоии компютерӣ кофӣ набуда, бояд насли нав истифодаи соҳавии компютерҳо дар илм, фарҳанг, маориф, сиёсат, иқтисодиёт, тибб, саноат ва ғайраро амиқтар омӯзад, то ҷомеаи мо аз равандҳои босуръати ҷаҳонӣ қафо намонад. Ҳамзамон дар МТМУ хусусан дар синфҳои 10-11 ҷорӣ кардани фанҳои таълимӣ вобаста ба **амнияти иттилоотӣ** мувофиқи мақсад мебошад.

Технологияи иттилоотӣ ва иртиботие, ки ба Тоҷикистон ворид мешаванд, ба забони давлатӣ танзим нашуда, на дар сатҳи истифодабарӣ ва на дар сатҳи барномаҳо **бо забони давлатӣ** корбурд надоранд. Аз ҷумла, дар миллионҳо телефонҳои мобилие, ки ворид мешаванд, сервиси техникӣ ба забони давлатӣ мавҷуд набуда, ҳатто саҳифаи онҳо ҳуруфи тоҷикӣ надорад. Технологияи копмютерии воридшаванда низ сервиси дохилии тоҷикӣ надошта, бидуни донистани забонҳои хориҷӣ истифодаи онҳо номумкин мебошад. Ҳатто дар мактабҳои миёна тамоми компютерҳо «русизабон» ва ё «англисизабон» (баъзан «арабизабон» ва «хитоизабон») буда, хонандаи маҳаллӣ наметавонад бо дастгоҳи компютер робита барқарор намояд. *(Масалан, агар компютер хабар диҳад, ки «Дар принтер коғаз тамом шуд», талабаи мактаб бе донистани забони русӣ ё англисӣ онро сарфаҳм намеравад.)* Дар ин раванд муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатӣ» низ вайрон шуда, забони давлатӣ аз як соҳаи асосии рушди худ берун мемонад.

Бинобар ин, **мувофиқи мақсад аст,** ки тарҷумаи барномаҳо ва маводи компютерӣ махсусан маблағгузорӣ шуда, ҳамчунин, ба ширкатҳои истеҳсолкунандаи телефонҳои мобилӣ ва компютерҳо дар сурати дар маҳсулоташон насб шудани барномаҳои тоҷикӣ баъзе имтиёзҳои гумрукӣ ва тиҷорӣ дар бозори Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

# ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Сафарзода Д.Ҷ.** Ректори академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2024, ш.Панҷакент

Дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ унсури таркибии ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои имрӯзаро ташкил медиҳад. Мушоҳидаҳо ва оморҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки сол то сол сафи истифодабарандагони ин гуна шабакаҳо рӯ ба афзоиш аст.

Дар баробари тавсеаи миқёси истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ шиддати ҷангҳои иттилоотию идеологӣ низ бештар гардида истодаанд. Айни замон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гардидани ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ, таҳмил шудани фарҳанги бегона, паҳн шудани иттилооти носаҳеҳ ва иғвоангез, мағзшӯии ҷавонону наврасон ва аз ҳама бадтар кӯшиши ташкил намудани бетартибиҳои сиёсӣ ва инқилобҳои ранга ба мушоҳида мерасанд.

Ҳама гуна дастоварди инсоният дар баробари манфиат, инчунин, метавонад бар зарари одамон, давлатҳо ва миллатҳо низ истифода бурда шавад. Барои оне, ки ин воқеият эътироф гардад, бояд ба инобат гирифт, ки ин ё он дастовард аз ҷониби кӣ ва бо кадом мақсад истифода шуда истодааст.

Дар чунин қолаб таҳлилу баррасӣ намудани дастовардҳои чанд даҳсолаи охир имкон медиҳад, ки ба манфиати киҳо ва бар зарари киҳо истифода шудани дастовардҳои мазкур муайян карда шавад. Шабакаҳои иҷтимоии фазои интернет низ ҳамчун дастоварди навбатии инсоният аз як ҷониб, агар барои беҳтар намудани робита бо ҷомеа, ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ ва хубтару беҳтар намудани усулҳои иттилоърасонӣ хизмат намоянд, аз ҷониби дигар, як қатор хавфу хатарҳоро ба вуҷуд оварда истодаанд.

**Шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти кишвар ва вахдати миллӣ хатару таҳдидҳои зерин эҷод мекунанд:**

1. Бардуруғ паҳн намудани маълумот беасос, ки боиси норозигии мардум аз сиёсати пешгирифтаи давлат мегардад;

2. Бе маълумоти дуруст сиёҳ намудани фаъолити сиёсии ҳукумати кишвар

3. Бо маълумоти беасос паст задани шаъну шарафи фаъолияти сиёсии Ҳукумат;

4. Таъсири манфӣ расонидан ба шуури сиёсии ҷавонон бо пахш намудани дигар маълумоти бардурӯғ;

5. Бо роҳи маблағгузорӣ ба воситаи ин шабакаҳо таъсиси гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ дар дохили кишвар ва берун аз он.

Дар замони муосир, ки онро асри иттилоот унвон кардаанд, таъсири иттилоот ва расонаҳои иттилоърасон бисёр амиқ ва нишонрас гардидааст. Зеро, имрӯз бо рушди фаъоли Интернет шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири худро дар тафаккури аҳли ҷомеа хеле амиқ мегузоранд. Дар баробари ин, расонаҳои иттилоърасон ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ низ табдил ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба унсури асосии таъмини амнияти миллӣ мубаддал гаштааст.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ 26 январи соли 2021 таъкид намуда, иброз дошт: “Пайравони созмонҳои террористию экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд… Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд”.

Дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли чанд соли охир аст, ки созмонҳои экстремистию террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароии хешро тарғиб менамоянд. Дар натиҷаи чунин фаъолияти таблиғотӣ, қисме аз ҷавонони кишвар, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯйӣ гардида, ба доми созмонҳои фаъолияташон мамнуъ афтодаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор

созмонҳо бо мақсади ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун василаи пешбурди фаъолияти таблиғотӣ истифода мебаранд. Аз ҷониби дигар, боз созмонҳое низ ҳастанд, ки ба иғвоангезию паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ машғул гардида, қасд доранд, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон бетартибиҳои сиёсӣ ташкил намоянд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор созмонҳо бо мақсади ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун василаи пешбурди фаъолияти таблиғотӣ истифода мебаранд. Аз ҷониби дигар, боз созмонҳое низ ҳастанд, ки ба иғвоангезию паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ машғул гардида, қасд доранд, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон бетартибиҳои сиёсӣ ташкил намоянд.

Дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуҷумҳои иттилоотиро, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, дар фаъолияти ташкилоти экстремистию террористии «Ҳизби Наҳзати Исломӣ», созмони экстремистии «Гурӯҳи 24» ва ташкилоти экстремистию террористии «Паймони миллии Тоҷикистон» мушоҳида намудан мумкин аст.

**Бояд гуфт, ки хатару таҳдидҳои зерин дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавҷуданд, ки онҳро ба таври зайл арзёбӣ менамоем:**

Аз ҷумла;

- ба воситаи ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ ташкил намудани инқилобҳои гуногун;
- бо суръати баланд паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва бардурӯғ;
- экстремизми иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ;
- мағзшӯӣ намудани ҷавонон;
- назарфиребӣ ва таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ;

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ омили асосии пайвастани гурӯҳҳои гуногун, хусусан, ҷавонон ба сафи ташкилотҳои манъшудаи экстремистиву террористӣ гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки сомонаҳои интернетӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон мебошанд, ки онро наметавон бо чизи дигар муқоиса кард. Дар шароити имрӯзаи ҷанги иттилоотӣ, ки дар як вақт ҳам хабари воқеӣ ва ҳам хабари дурӯғ аз ҷониби сомонаҳои интернетӣ, алалхусус шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешавад, амнияти ҷомеаро зери хатар қарор медиҳад.

Имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ воситае гардидааст, ки гурӯҳҳои манфиатҷӯ онро майдони иғвоангезии хеш қарор додаанд. Онро барои ҳимояи манфиатҳои худ мавриди истифода қарор медиҳанд. Инчунин, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ одамонро ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ҷалб менамоянд, ки ин низ як таҳдиди ҷиддӣ барои ҳар як давлат, махсусан Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Воқеияти ин гуфтаҳоро мо солҳои гузашта ҳангоми шомил шудани як қатор ҷавонони гумроҳи тоҷик ба гурӯҳҳои экстремистию террористии ба ном «Давлати исломӣ» мушоҳида намуда будем.

Таъмини амнияти миллӣ, зери таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар шароити таҳдидҳоии замони муосир– ҳифзи низоми маорифу таълимӣ ва амнияти иттилоотӣ ба ҷанбаҳои муҳимми амнияти миллӣ табдил ёфтаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти таълими шаҳрвандон, саводнокии рақамии онҳо ва муҳофизат аз таҳдидҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд карданд, ки “... рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад”.

Дар ҳақиқат маориф дар таъмини амнияти миллӣ мақоми аввалин дараҷаро дорад.

Барои таҳкими низоми маорифи кишвар минбаъд ҳам баланд бардоштани сифати таълим, омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳавии ба талаботи замон ҷавобгӯ (дорои баланди салоҳияти забондонӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва монанди инҳо) дар соҳаи маориф зарур мебошад.

Дар шароити рушди ҷомеа ва таҳкими давлат моро зарур аст, ки дар ҳифз ва таъмини манфитаҳои миллӣ, бахусус, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, тақвияти истиқлоли давлатӣ иҷрои бечуночарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси принсипи ҳамшарикӣ саҳмгузор бошем.

Таъмини амнияти миллӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо, рушди захираҳои дохилӣ ва татбиқи сиёсатҳо ва технологияҳои муассирро талаб мекунад. Мо бояд дар рӯ ба рӯи ин омилҳо зиракии сиёсӣ нишон диҳем, бо онҳо фаъолона мубориза барем, муқовимат нишон диҳем. Ҳар як шаҳрванд бояд умед ба фардои боз ҳам нек ва зиндагии шоиста, ба сулҳу ваҳдат ва бунёдкориву созандагӣ, умед ба зинадагии осоиштаи насли оянда Тоҷикистони азизро дошта бошад.

# ОИД БА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Ҷурахонзода Р.Ҷ.** Муовини аввали ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз 26.09.2024, ш.Панҷакент

Бе истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ – коммуникатсионӣ рушди ҳамаи бахшҳои кору рӯзгор, махсусан соҳаи маорифро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Интернет дар баробари он ҳама хислатҳои мусбӣ ва чандин маротиб содда намудани мушкили ҷомеаи башарӣ, ҳамзамон ба унсури таблиғи назарот ва ақоиди вабои замон терроризму экстремизми динӣ ва дигар проблемаҳои инсонӣ гаштааст.

Дар асри 21, шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо як воситаи муошират ва иртибот байни мардум, балки як муҳити фарогири паҳн кардани иттилоот ва таъсиррасонӣ ба ҷомеа гардида, дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсири бузург мегузоранд. Бо вуҷуди манфиатҳои равшан, ин платформаҳо метавонанд ҳамчун манбаи таҳдидоти амнияти миллӣ низ баромад кунанд.

Паҳн кардани иттилооти бардурӯғ ва дезинформатсия, радикализатсия ва ифротгароӣ, таҳдидоти киберӣ ва амнияти иттилоотӣ, паҳн кардани идеологияҳои мухолиф, ташкили нооромиҳо ва эътирозҳои оммавӣ аз ҷанбаҳои муҳими таҳдидоти шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Яке аз таҳдидҳои бузург дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин паҳн кардани маълумоти бардурӯғ мебошад, ки гурӯҳҳои манфиатдор метавонанд ахбори носаҳеҳро барои эҷоди норозигӣ байни мардум, коҳиш додани эътимоди мардум ва баланд кардани танишҳои сиёсӣ истифода баранд. Ин ҳолат метавонад суботи сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро зери хатар гузорад. Шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро ба таври васеъ истифода шуда, онҳо тавассути ин платформаҳо ҷавононро бо идеологияи радикалӣ шинос ва ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб мекунанд.

Инчунин, ҳакерҳо ва гурӯҳҳои киберҷиноӣ метавонанд аз номукаммалии амниятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода бурда, ба

системаи давлативу хусусӣ ҳуҷум кунанд. Ин гуна ҳуҷумҳо метавонанд ба дуздии маълумоти ҳассос, ҳамлаҳои киберӣ ба инфрасохторҳои муҳими давлатӣ ва паҳн кардани барномаҳои зараровар боис шаванд. Гурӯҳҳои мухолиф ё манфиатдор аз хориҷ метавонанд тавассути ин платформаҳо маъракаҳои зидди давлатро ташкил кунанд, ки ин метавонад ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳдид кунад.

Тавассути платформаҳо, монанди Facebook, Instagram ва WhatsApp, эътирозгарон метавонанд шумораи зиёди мардумро ба ҳаракат оварда, дар кӯтоҳтарин фурсат эътирозҳои васеъ ташкил кунанд, ки ин метавонад ба суботи кишвар халал расонад. Маҳз надоштани саводи кофии диниву дунявӣ ва набудани ҷаҳонбинии сиёсӣ дар зеҳнияти баъзе аз нафарон боис гаштааст, ки ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистии зиёде ба вуҷуд оянд ва ба тира гардидани фазои сиёсии аксар кишварҳои сайёра замина гузоранд.

Мониторинг ва назорат, ташвиқи саводи расонаӣ ва иттилоотӣ дар соҳаи киберамният, таъмини ҳамкории байналмилалӣ аз чорабиниҳои лозима барои коҳиш додани чунин таҳдидҳо шуда метавонад. Хизматрасониҳои амниятӣ бояд доимо шабакаҳои иҷтимоиро таҳти назорат гирифта, бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, паҳн шудани иттилооти бардурӯғ ва муҳтавои ифротгаро бояд фавран ошкор ва маҳдуд карда шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки сатҳи саводи расонаии аҳолӣ баланд бардошта, шаҳрвандон бояд омӯзонида шаванд, ки чӣ тавр маълумотро дуруст санҷанд ва танҳо ба манбаъҳои боэътимод такя кунанд. Азбаски таҳдидоти шабакаҳои иҷтимоӣ аксар вақт аз хориҷ назорат мешаванд, Тоҷикистон бояд бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо радикализатсия ва экстремизм ҳамкориҳоро густариш дода, таъсиси шабакаҳои ҳамкории амниятӣ байни кишварҳои ҳамсоя ва созмонҳои байналмилалиро дар мубориза бо таҳдидҳо пурзур намояд.

Барои ҳифзи суботи кишвар, лозим аст, ки ҳукумат ва ҷомеа ба таври ҳамоҳанг ва мунтазам чораҳои муҳофизатӣ андешанд. Мубориза бо дезинформатсия, ифротгароӣ ва таҳдидоти киберӣ танҳо бо ҳамкории мутақобила байни давлат ва мардум мумкин аст. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем амнияти миллиро дар шароити рӯзафзуни рақамӣ таъмин намоем. Бояд таъкид намуд, ки дар баланд

бардоштани сатҳи саводи расонаии аҳолӣ ва бархурдор шудан аз ҷабҳаҳои мусбии интернет саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аввалиндараҷа мебошад. Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ҳамчун донишгоҳи базавии соҳаи таҳсилоти техникӣ дар давоми фаъолияташ бо муассисаҳои олии хориҷи кишвар, бахусус кишварҳои ИДМ, Ассотсиатсияи донишгоҳҳои техникӣ ва дигар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии байналмилалӣ ҳамкориҳои муфидро ба роҳ монда, дар пешбурди ҳадафҳои стратегӣ бо нерӯи пуриқтидори кадрӣ ва илмию техникии ҷавобгӯ ба талаботи муосир вобаста ба рушди соҳаҳои муҳими ҷомеа, махсусан технологияи иттилоотӣ, ҳифзи маълумот ва шабакаҳои алоқа мутахассисонро омода менамояд. Вобаста ба системаҳои муҳофизати иттилоот дар факултети технологияи рақамӣ, системаҳо ва ҳифзи иттилооти донишгоҳ мутахассисон (бакалавр, магистр) аз рӯйи ихтисосҳои 1-400301-02 – “Технологияҳои зеҳнии компютерии ҳифзи иттилоот”, 1-980101-0103 – “Системаҳои муҳофизати иттилоот”, 1-980101-0105 – “Амнияти автоматонии системаҳои коркарди иттилоот ва идоракунӣ (ҳифзи маълумот)” омода мегарданд. Маҳз мутахассисони барҷаста бо истифодаи маллаки касбии худ метавонад муқобили падидаҳои номатлуб тариқи технологияи иттилоотӣ мубориза бурда, системаҳои муҳофизати иттилоотро таъмин ва мавқеи ҷомеаро муқобили амалҳои номатлуби найрангҳои замона ва таҳдиду хатари дигаргунсозии зеҳният дар шабакаи ҷаҳонии интернет ҳифз намоянд.

**Пешниҳодҳо:**

Дар шароити Тоҷикистон мубориза бо терроризм ва идеологияи ифротгароӣ ба эътибор гирифтани вижагиҳои минтақа, вижагиҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онро тақозо мекунад.

1. Назорати маърифати динӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ: Омода намудани ходимони динии босавод (огоҳ аз илми дунявӣ, арзишҳои миллӣ ва диннӣ) ва ҳамкорӣ кардан бо ходими дин ва ҷамоатҳои маҳаллӣ барои муқобила бо тафсири таҳрифи дин, ки аксаран ифротгароён истифода мебаранд, муҳим аст. Ҷалби олимон, ки огоҳ аз илми дунявӣ, арзишҳои миллӣ ва диннӣ мебошанд ва бо мардум ҳамчун ходими дин кор мекунанд, ки сулҳу ваҳдатро тарғиб мекунад, метавонад василаи муассири мубориза бо ақидаҳои радикалӣ бошад.

2. Рушди иқтисод ва дастгирии ҷавонон: Ҷавонон дар Тоҷикистон аксар вақт бо нарасидани ҷойи кор ва худшиносӣ рӯбарӯ

мешаванд, ки ин онҳоро дар зери таъсири гурӯҳҳои ифротӣ осебпазир месозад. Таъсиси ҷойҳои корӣ, омӯзиши ҷойҳои корӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, бахусус дар манотиқи деҳот ва наздисарҳадӣ, метавонад ифротгароӣ дар байни ҷавононро коҳиш медиҳад.

3. Маърифат ва пешгирии ифротгароӣ тавассути ВАО ва Интернет: Василаи муҳими мубориза бо ифротгароӣ таълим тавассути ВАО ва Интернет мебошад. Таҳияи барномаҳои саводнокии рақамӣ, барномаҳои таълимӣ маҷозӣ, ки паёмҳои осоишта ва фарогирро таблиғ мекунанд, метавонад ба пешгирии радикализатсия, махсусан дар байни ҷавононе, ки корбарони фаъоли онлайн ҳастанд, кӯмак мерасонад.

**БАХШИДА БА 30 – СОЛАГИИ ҚАБУЛИ**

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН”

**Суханронии Азиззода Ш.Н.** Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 28.10.2024, ш.Истаравшан

**Муҳтарам аъзои Шурои ҷамъияті,**
**Њозирини гиромї!**

Љаласаи мо замоне баргузор шуда истодааст, ки мардуми сарбаланди кишварамон дар арафаи љашни яке аз санаҳои воқеан таърихӣ – 30 солагии қабули нахустин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, муттаҳидкунандаи мардум ва таъминкунандаи рушди босуботи давлатамон - Конститутсияи ЉТ қарор дорад. Аз фурсати муносиб истифода намуда, њамаи шуморо бо ин санаи фархунда табрику муборакбод гуфта, бароятон тансињатї ва рўзгори осуда таманно дорам.

Пешвои миллат, ПЉТ  муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2023 дар Паёми навбатии худ ба  Маҷлиси Олии ЉТ қайд намуданд, ки “Соли 2024 аз қабули Конститутсия сӣ сол пур мешавад ва амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем”. Дар робита бо ин, пешниҳод намуданд, ки ба ифтихори ин санаи муҳимми таърихӣ соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон карда шавад ва баргузории ин нишаст давоми таҷлили чорабиниҳо бахшида ба ин санади тақдирсоз мебошад.

Њарчанд ин санади олии ҳуқуқӣ дар шароити мушкили сиёсӣ, дар ҳоле ки дар кишвар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ идома дошт, қабул гардида бошад ҳам, коршиносони байналмилалӣ онро ба қатори  5 конститусияи беҳтарини давлатҳои ҷаҳон шомил намудаанд, ки он аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эътироф шудааст.

Конститутсия истиќлолияти давлатро ба расмият даровардa, роњи минбаъдаи инкишофи љомеаи навинро муайян кард. Бояд ќайд кард, ки соњибистиќлол гаштани Тољикистон ва аз байн рафтани

Иттињоди Шўравї љомеаро ба як номуайянї гирифтор карда буд. Маълум набуд, ки мо кадом роњи инкишофи љомеа ва кадом шакли идораи давлатро интихоб менамоем. Тибќи ќонуни асосї эъмори давлати демократї, њуќуќбунёд, дунявї ва иљтимої маќсади Љумњурии Тољикистон муайян гардид, ки ин шакли давлатдории эътирофшуда ва мутамаддини љањонї мебошад. Чунин интихоб ба њамроњшавии мамлакат ба љомеаи љањонї мусоидат намуда, эътирофи Тољикистонро дар арсаи байналмилалї таъмин намуд.

Бояд ќайд кард, ки Конститутсияи нави мо нахустин санади конститутсионӣ дар таърихи тоҷикон мебошад, ки аз ҷониби худи халқ, бевосита дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Онро халқи Тоҷикистон бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи кишвар, дарку эҳсоси таъмину ҳимояи соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду тањкими он қабул намудааст. Ин меъёри воқеан таърихӣ дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардида, моњияти бузург ва аҳамияти дар воқеъ калони таърихӣ дорад.

Бо ќабули Конститутсияи Тољикистони соњибистиќлол инсон, њуќуќу озодињои он ба сифати арзиши олї эътироф шуда, онњо муайянкунандаи маќсад, мазмун ва татбиќи ќонунњо, фаъолияти њокимияти ќонунгузор ва иљроия гардида, ба воситаи њокимияти судї таъмин гардиданд. Давлат њуќуќ ба озодї ва дахлнопазирии шахс, озодии сухан, нашр, њуќуќи истифодаи воситањои ахбор, њуќуќи муттањид шудан дар иттињодияњои љамъиятї, њизбњои сиёсї ва иттифоќњои касаба, њуќуќ ба тањсил, њуќуќ ба манзил, њуќуќ ба њифзи иљтимої ва дигарњоро кафолат додааст.

Конститутсия љумњурии президентиро муќаррар намуда, бо ин роњ имкон дод, ки низоми ягона ва сариштаёфтаи њокимияти иљроия созмон дода шуда, сулњу салоњ, вањдату оромї ва ќонунияту тартибот дар љомеа таъмин гардида, ба инкишофи сиёсї, иќтисодї ва иљтимоии он мусоидат карда шавад.

Конститутсия заминањои њуќуќии соњањои иќтисодї ва иљтимоиро фароњам оварда, бањри инкишофи минбаъдаи онњо мусоидат намуд.

Хушбахтона ин санади сарнавиштсоз, меъёру арзишњои инсонпарварона, муттањидкунанда ва сулњпарваронаи он садди роњи бетартибию бенизомї ва бесарусомонї гардид. Шумо медонед, ки муќовимати бемаънии ќуввањои сиёсї ва баъдан низоъи дохилї

љомеаро ба буњрони сиёсї ва бунбаст гирифтор карданд, ки рoњи халосї аз он ноаён буд. Мањз тавассути Конститутсия ин роњ муайян ва устувор гардид ва он роње мебошад, ки халќи тољик, аљдодону бузургони гузаштаи мо онро орзу ва талќин мекарданд. Ин бешубња љомеаи озоди инсонпарвар, адолатхоњу бонизом ва рушду такмилёфта мебошад ва он дар замони муосир – эъмори давлати демократию њуќуќбунёд ва дунявию иљтимої мебошад.

Бо дарназардошти таъмини рушди бемайлон ва устувори љомеа, амалї намудани маќсадњои стратегии мо солњои 2003 ва 2016 низ ба Конститутсияи љумњурии соњибистиќлоламон таѓйиротњои зарурї ворид карда шуданд. Бо ворид гаштани ин таѓйиротњо ин санади сарнавиштсоз боз њам мукаммал гардид, хусусан рукнњои давлатдорї, ки заминањои зарурии њифзи истиќлолияти миллї, сулњу субот ва вањдати миллиро таъмин мекунанд, тањкиму такмил ёфтанд.

Натиљаи ин дастовардњои конститутсионї буд, ки имрўз дар мамлакат сулњу субот ва вањдати миллї пойдору тањким меёбад, халќи Тољикистон ба ободиву созандагї машѓул аст.

Итминони комил дорам, ки ҳамаи мо аз мазмуну муҳтавои ин санади таъминкунандаи рушди босуботи кишвар огоҳ ҳастем ва онро хуб дарк менамоем, зеро эҳтироми Конститутсия вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд буда, рӯҳияи худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва номуси ватанпарастии шаҳрванд нахуст дар эҳтироми ӯ ба Конститусия муайян карда мешавад.

Сї соли амали Конститутсияи Љумњурии Тољикистон гувоњи он аст, ки ин санади бунёдгузор ва таќдирсози миллат љавобгўи манфиатњои халќи кишвар буда, аз имтињони љиддии њаёт гузаштааст ва барои пешрафту шукуфоии ин сарзамину миллати куњанбунёд хизмат хоњад кард.

**Ташаккур ба диќќататон!**

## БАХШИДА БА 30 – СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН”

**Суханронии Саломиён М.Қ.** Ноиби Президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2024

**Муњтарам ањли раёсат!**
**Њозирини гиромї!**

Бо самимитарин паёми шодбошї ва бо як љањон таманниёти нек њамаи Шумо, инчунин, мардуми ќавииродаву хирадпешаи тољикро ба љашни пуршукуњи 30-юмин солгарди ќабули муќаддастарин ва арзишмандтарин њуљљати сиёсиву њуќуќии кишвар – Конститутсияи Љумњурии Тољикистон, ки дар роњи эъмори давлати демокративу њуќуќбунёд, тањкими давлатдории миллї, њифзи манфиатњои миллї, таъмини сулњу субот, вањдати комил ва њуќуќу озодињои инсон ва шањрванд сањми беназир дорад, табрику муборакбод мегўям.

Боиси ифтихор аст, ки дар даврони Истиќлоли давлатї, дар натиљаи ибтикороти пайвастаи Асосгузори сулњу вањдати миллї – Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон Эмомалї Рањмон дар кишвари мо дар роњи эъмори давлати демокративу њуќуќбунёд, тањкими давлатдории миллї, таъмини сулњу вањдати комил, боло бурдани сатњи некўањволии мардум, таъмини рушди устувори сохањои њаёти сиёсї, иќтисодиву иљтимої, амалишавии њадафњои стратегии кишвар, бунёди љомеаи адолатпарвар ва боло бурдани маќому манзалати Тољикистон дар арсаи байналмиллалї корњои бузург амалї шуда истодаанд.

Тавре ки таърихи пайдоиш ва рушди давлатњои мутамаддин ва таљрибаи конститутсионализми кишварњои љањон нишон медињанд, ќабули Конститутсия бо дарназардошти рушди бемайлони муносибатњои љамъиятї, таѓйирёби сохти давлатї, ба вуќуъ пайвастани тањаввулоти азим ва дигаргунињои куллї дар њаёти сиёсиву иљтимоии љомеа иттифоќ афтода ва дастоварду музаффариятњои давраи муайяни таърихии рушди љомеа ва давлатро дар худ инъикос карда, дурнамои пешрафти онро муайян менамояд.

Яке аз маќсадњои маркази конститутсия муттањидї ва васли устувори миллат ва љамъият атрофи арзишњо ва рамзњост. Арзишњои волои њуќуќу озодињои инсон, дахлнопазирии њаёт, соњибихтиёрии давлатї, рељаи демократї, дунявият, њаќќи моликият, забони давлатї, таќсимоти њокимияти давлатї, тартиботи љамъиятї, амнияти миллї, тањияи низоми адолатноки судї, интихоботи озод,

озодии сухан, виљдон, баробарї дар назди ќонун, гуногунандешї, рамзњои миллї, њифзи муќаддасоти миллї ва амсоли ин њама сазовори тањлил, тањсин ва ифтихори миллист. Онњо на танњо бардорандаи бори амонати арзишњои пешќадами башарї ва хостањои неку одилонаи инсониятанд, њамзамон ифодакунандаи омили муттањидии халќу миллат ва рушди устувори онњо мањсуб мегарданд.

Метавон, ки атрофи њар яке аз ин ѓояњо, арзишњои ёдрасшуда њамчун дастоварди миллати соњибдавлат аз пањлуњои мухталиф соатњо гуфту китобњо навишт. Соли равон, ки бо ташаббус ва дастгирии Президенти мамлакат Љаноби Олї муњтарам Эмомалї Рањмон 30-юмин солгарди ин санади таќдирсози миллат љашн гирифта мешавад ва соли 2024 ба ин муносибат њамчун соли «Маърифати њуќуќї» эълон шуд, таваљљўњ ба ин масъала мубрамияти хоса касб кард.

Пешвои муаззами миллат, воќеан наќши таърихии Конститутсияро дар ташаккул ва рушди далватдории нави миллии Тољикистон дуруст арзёбї намуда дар Паёми худ аз 28 декабри соли 2023 таъкид карданд: «Амалї намудани меъёрњои Конститутсия ба мо имкон дод, ки поянњои устувори љомеа ва давлатро созмон дињем, сулњу оромї, суботи сиёсї ва вањдати миллиро тањким бахшем, рушди устувори иќтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои њар як шањрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муњайё созем».

Рoњбари давлат дар арафаи сиюмин солгарди њуљљати бунёдии давлатдории миллат рў ба баланд бардоштани сатњи маърифтаи њуќуќии халќ намуданд. Пешвои миллат назаран ва амалан манбаи табдили љомеа ва рушди онро мутобиќ ба меъёрњои конститутсионї нињоят дуруст масъалагузорї намуда, љињати фаъол намудани шањрвандон соли баланд бардоштани донишу малакаи њуќуќиро эълон намуданд. Равшан аст, ки татбиќгару амаликунандаи меъёрњои Конститутсия худи шањрвнадон мебошанд. Аз ин рў, то сатњи саводи њуќуќии онњо боло набошад, меъёрњои констиутсионї иљро намегарданд. Восита ва муњаррики амалї шудани меъёрњои конститутсионї ќабл аз њам худи халќ аст. Аз ин хотир, соли 2024-ро соли маърифати хуќуќї эълон намудан ин иќдоми бузургу таърихї дар рoњи дарку фањми меъёрњои конститутсионї, таъмини волоияти

ќонун ва таъмиини адолати иљтимої аст, ки Конститутсияи халќии мо эълон ва кафолат додааст.

Чунонки маълум аст, яке аз вазифањои асосие, ки дар Иљлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Љумњурии Тољикистон муайян гардида буд, ин тањия, коркард ва ќабули Конститутсия ва дар ин асос фаъолияти ќонунгузории давраи навини Тољикистони соњибистиќлол ба њисоб мерафт. Возењу равшан буд, ки барои Тољикистон Конститутсияи нав зарур аст, аз ин рў кори Комиссияи омода намудани лоињаи нави Конститутсияро, ки пароканда њисоб меёфт, фаъол намудан лозим буд.

Дар натиљаи ин мардуми шарифи Тољикистон 6-ноябри соли 1994 аввалин маротиба аз тариќи раъйпурсии умумихалќї бо тарафдории аксарият Конститутсияи Тољикистони соњибистиќлолро ќабул намуданд. Яке аз дастовардњои бузург ва нодири Љумњурии Тољикистон дар солњои аввали соњибихтиёрии давлатї мањз ќабули њамин санад мањсуб меёбад, зеро ќабули Конститутсия воќеъан дар таърихи пешрафти њар як миллату давлат наќши созандаву калидиро дар рушди босубот иљро менамояд.

Истиќлолияти давлатии Тољикистон, ки дар натиљаи ќабули Конститутсия воќеї гардид, рўйдоди муњими таърихие аст, ки дар њаёти миллати куњанбунёди тољик гардиши кулливу сарнавиштсоз ба вуљуд овард ва мардуми мо бо шарофати ин падидаи зиндагисоз таќдири имрўзу ояндаи давлату миллатро ба дасти хеш гирифта, босубот, устуворона тибќи арзишњои конститусионї ба пеш меравад.

Имрўзњо кишвари мо баробари давлатњои пешќадами дунё рў ба инкишоф нињодааст, ки њамаи ин аз баракати Истиќлол ва Конститутсия мебошад. Мањз талошњо ва љонфидоињои шабонарўзии Пешвои миллат мебошад, ки мо бо хотири љамъу осуда ба фаъолият машѓул мебошем ва бањри пешравии миллати худ дар арсањои гуногун сањм мегузорем.

Бо ќабули Конститутсия мансаби Президенти Љумњурии Тољикистон таъсис дода шуда, муќаррар гардид, ки интихоби он дар асоси ќонуни махсуси конститутсионї ба роњ монда мешавад.

Ќабули Конститутсия, интихоби Президенти Љумњурии Тољикистон, муайян намудани салоњияти Президент, таљзияи њокимият; ќонунгузор, иљроия ва судї ва маљлисњои мањаллї дар асоси тасдиќу таъйини њамаи сохторњои давлатї моро ба сўйи

тањкими њокимият ва сохтмони љомеаи демократї ва њуќуќбунёду дунявї дар мамлакат ва рушди устувори он њидоят намуданд.

Наќши созандаи конститутсия дар он низ назаррас аст, ки бо пайдо шудани Ќонуни асосии бо воќеияти иљтимоию сиёсї мутобиќ ва таѓйироти онњоро ба њисобгиранда љамъият асоси бунёдии давлатию њуќуќиро соњиб гардид ва бо ќабули ин санад кишвари мо ба тарзи нави њаёти љамъиятию сиёсии худ оѓоз бахшид.

Њамчун њуљљати созанда, конститутсия ба њамаи ќуввањои љамъиятию сиёсии мамлакат тањкурсии давлати демократию њуќуќбунёдеро пешнињод намуд, ки барои таъмин намудани муттањидсозии љамъият, ризоияти миллї, истиќрори сулњ ва рушди бомаром ќобилият дорад.

Дар маљмуъ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили рушди босуботи кишвар дар тамоми самту соњањои њаёти љамъиятї ва шахсии шањрвандон ба шумор меравад.

Аввалан, ба андешаи мо, ин санади сарнавиштсоз ва шиносномаи миллат кафили рушди устувории сиёсии Тољикистон аст, зеро тибќи моддаи 8-уми он дар кишвари мо њаёти сиёсї дар асоси бисёрњизбї ба роњ монда шуда, мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ бошанд, танњо дар доираи Конститутсия ва қонунҳои љумњурї таъсис ёфта, дар њамин асос амал мекунанд. Аз љониби дигар, дар љумњурии мо тибќи Конститутсия «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст» (моддаи 8).

Дуюм, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба њайси кафили рушди устувори иқтисодии кишвар хизмат менамояд. Дар ин бора дар моддаи 12-уми ќонуни асосии мо таъкид ёфтааст, ки асоси иқтисодиёти кишварро шаклҳои гуногуни моликият ташкил дода, «фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро» давлат кафолат медиҳад. Дар баробари ин, дар љумњурии мо, замин, сарватҳои он, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарињои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, тибќи моддаи

13-уми Конститусия «давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад».

Сеюм, ќонуни асосии давлати мо кафили рушди устувори иљтимоии кишвар мебошад. Ин вобаста ба он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи худ давлати иҷтимоӣ эълон гардида, мањз давлат ва нињодњои он барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро кафолат медињанд (моддаи 1), њар як шањрванд ба ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад (моддаи 35), давлат ба шањрвандон дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст кафолати таъмини иҷтимоӣ медињад (моддаи 39).

Чорум, дар баробари кафили рушди устувори сиёсї, иќтисодї ва иљтимої будан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба њайси кафили рушди устувори фарњангии кишвар низ баромад менамояд. Дар ин самт, ба шањрвандони љумњурї фаъолияти озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ кафолат дода шуда, давлат кафили њимояи сарватҳои фарҳангӣ, маънавї ва моликияти зеҳнӣ мањсуб меёбад (моддаи 40). Њамзамон, намояндагони тамоми «миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд» (моддаи 2).

Умед дорем, ки соли равон, яъне соли 2024, ки бо нияти нек соли омӯзиш ва фањми хилъату рисолати њуќуќ дар љомеаи муосир эълон шудааст, ањли илми њуќуќшиносї ва умуман љомеаи фаъоли мо аз имкониятњои конститутсионии худ бештару хубтар истифода карда, дар ободии маънавию моддии кишвари азизамон Тољикистон ва рушди босуботи он сањми худро аз њарваќта дида бештар мегузоранд.

**Аз таваљљуњатон сипосгузорам!**

**Саломату сарбаланд бошед!**

## БАХШИДА БА 30 – СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН”

**Суханронии Мусаева Р.Г.** Раиси Ассатсиатсияи энергетикҳои Тоҷикистон, аъзои Шурои ҷамъиятӣ аз 28.10.2024, ш.Истаравшан

**Ҳозирини муҳтарам.**

Дар ибтидои (аввали) роҳи истиқлолият мардуми мо бо хатари марговари – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор шуд.

Кишвар дар ҳолати парокандагӣ ва аз даст додани давлатдорӣ қарор дошт.

Дар чунин шароит, ва баъд аз истеъфои маҷбурии Президенти қонунан интихобшуда, ягона мақомоти олии давлатии мамлакат, ки ба он мардуми кишвар боварӣ дошт ва қарорҳои он дар тамоми манотиқи кишвар қонунӣ буданд, ин Шурой Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12 буд. Аз ин хотир, масъалаи даъвати Иҷлосияи 16 – уми Шӯрои Олии ҶТ ба миён омад.

Яке аз масъалаи ҳаётан муҳими иҷлосия, ки тақдири миллату давлат аз он вобастагии зич дошт, ин интихоби роҳбари нави давлат буд.

Дар байни мо, вакилон, ин гуна шахс Эмомалӣ Раҳмон буд. Шахсе, ки аллакай хислатҳои пешвОиро дар худ дошт ва бо иродаю қави, ҷасорату матонати хос, муҲаббат ба Ватан ва садоқат ба давлату миллат дар дили мардум ҷо гирифта буд.

Бинобар ин, дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи Калидии ҳифзи давлатдорӣ ҳаллу фасл шуд ва мо, вакилон, Пешвои асил ЭмОмалӣ Раҳмоноро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвари давлат интихоб намудем.

Аз ҳамин лаҳза роҳи душвори мо ба сӯи сулҳу ваҳдат, истиқлолияти воқеӣ оғоз меёбад.

Сарвари давлати ҷавон дар нахустин суханронии худ дар ин иҷлосия консепсияи сохтори Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки баъдан пояи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ташкил дод, баён кард.

Аммо Конститутсияи он замон амалкунанда, ки дар Тоҷикистони Шӯравӣ қабул шуда буд ва аз соли 1990 инҷониб вориди тағйироту иловаҳои зиёд гардид, дигаргуниҳои муҳимтарини ҷомеаро инъикос карда наметавонист ва ба мо имкон намедод, ки вазифаҳои бунёди давлати сохибихтиёрро ба таври ҷиддӣ ҳал намоем.

Ин мушкилотро Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз хама бештар дарк кард. Ва дар баробари ҳалли дигар масъалаҳои муҳим вазифа гузошт, ки ислоҳоти конститутсионии кишвар фавран ба роҳ монда, лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиќлол - ҷузъи асосии ин ислоҳот, таҳия карда шавад.

Бархӯрди хоси Сарвари давлат ба ислоҳоти конститутсионӣ ин буд, ки дар баробари ҳалли муноқишаи мусаллаҳ, идомаи гуфтушуниди байни тоҷикон дар бораи сулҳ, баргардонидани ҳама гурезаҳо ба Ватан, хамзамон таҳия ва қабули Қонуни нави асосии кишвар, дар ин асос таъсиси давлатдории нав дар харобаҳои давлати кӯҳна, муттаҳид намудани миллати пароканда, ва дар натиҷа барпо намудани дар кишвар сулҳу оромӣ ва таҳким гардидани истиқлолияти давлат.

Моҳи июни соли 1993 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи навбатии 17-уми худ ҳайати Комиссия оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва раиси он Эмомалӣ Раҳмонро, тасдиқ кард. Комиссияи мазкур иборат аз 62 нафар буд

Дар идомаи тадбирҳои ташкилии омОдАсОзии лоиҳаи Конститутсия бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳури Тоҷикистон гурӯҳи корӣ низ барои бевосита таҳия намудани матни лоиҳаи Қонуни асоси таъсис дода шуд. Дар ин гурух мо 11 нафар будем.

Изҳороти сиёсии Сарвари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалахои ислохоти конституционӣ дар мамлакат, барои корӣ ояндаи мо роҳмано шуд.

Мехостам қайд намоям, ки ЭмОмалӣ Раҳмон бевосита ва шаҳсан бо матни Қонуни асосии мамлакат кор мекард.

Ҳамчунин, он чиз низ гуворо буд, ки дар давоми кори таҳияи лоиҳа, мо, аъзоёни гуруҳи кори, бо Сарвари давлат зуд-зуд вомехӯрдем. ЭмОмали Раҳмон дар ин воҳуриҳо афкору нигоҳи худашронро оид ба Конститутсияи нав баён месохтанд, дар ҳалли масъалаҳои баҳснок кӯмак мерасонданд ва баҳри ба фикри ягона омадан дар зикри ниҳоии баъзе моддаҳои лоиҳа таклифҳои худро пешниҳод мекарданд.

Эмомалӣ Раҳмон низ кушиш мекарданд, ки раванди қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон то хадди имкон бештар ошкоро ва демократи гардад.

Аз ҳамин лиғоз, бо дастури муҳтарам ЭмОмали Рахмон, дар давоми шаш моҳ, гуруҳи кори ду варианти лоиҳаи Конститутсия – яке «ҷумҳурии президентӣ» ва дигаре «ҷумҳурии парламентӣро» омОда кард.

Сабаб он буд, ки ҳам дар ҷомеа ва ҳам дар ҳайати Комиссияи конститусионӣ ҷонибдорони ҳар ду шакли идОракунӣ буданд.

Ҳарду лоиҳа ба Комиссия оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Зимни баррасии он, ЭмОмалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои Комиссия доимо суханронӣ карда, фикру ақидаҳои худро дар бораи зарурияти қабули меъёрҳои гуногуни конститутсионӣ асОснОк мекард.

Масъалан, дар баҳси аъзоёни Комиссия оиди муқаррар намудани забони давлатӣ, муҳтарам ЭмОмали Раҳмон пешниҳод намудан, ки дар Конститутсия навишта шавад "Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст", ки аз тарафи аксарияти аъзоёни Комиссия дастгири карда шуд.

Зимни баррасии ҳарду варианти лоиҳаи Конститутсия Сарвари давлат изҳор доштанд, ки ӯ ҷонибдОри ҷумҳурии президентӣ ва таклиф намуданд, ки аз руи ин вариАнти лоиҳа кори Комиссия давом дода шавад.

Лоиҳаи Конститутсия, бо назардошти иловаю тағйироте, ки азъоени Комиссия дар матни он доХил карданд, ба Раёати Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

13 апрели соли 1994 Раёсати Шурои Оли қарор «Дар бораи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуда ва бо таклифи Раиси Шӯрои Олӣ муҳтарам ЭмОмалӣ Раҳмон онро ба муҳокимаи умумиХалҚӣ пешниҳод кард.

Дар ин замина, бояд гуфт, ки аз рузҳои аввали фаъолият, Сарвари давлат масъалаҲои муҳимтаринро бо маслиҳати бевосита бо мардум ҳал мекард. Ин услуби кор бо халк будан, бо халк маслиҳат кардан, ба манфиати халк қарор қабул кардан то имруз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти худ нигоҳ медоран.

Барои муҳокимаи умумиХалҚӣ лоиҳаи Конститусия дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нОҲиявӣ чоп шуд. Ҳамчунин, ба миқдори зиёд матни лоиҳаро дар шакли китобча чоп намуда, ба маҳалҳои зисти гурезаҳои тоҷик аз ҷумла, ба Афғонистон ва ба воситаи сафОратхонаҳои Тоҷикистон ба Руссия, Ашқобод, Алмаато,

Тошкант, Бишкек, намояндАгиҳои Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид ва САҲА фиристода шуд.

Дар давоми ду моҳ мо, аъзоени комиссия ва гуруҳи корӣ ба тамоми гўшаю канори Ҷумҳурӣ сафар карда, дар вохўриҳои муҳокимаи лоиҳа иштирок намудем.

Бояд гуфт, ки муҳокимаҳо хеле пурҷушў хурўш буд, зеро шаҳрвандон хуб эҳсос мекарданд, ки давлати мо дар марҳилаи муҳим қарор дошта, ҳаёти ҳар яке мо аз қабули ҳалли дурусту оҚилона вобАста мебошад. Муҳимаш он буд, ки ҳама дарк мекарданд, ки Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд қабул карда шавад.

Дар муҳокимаи умумиХалҚи зиёда аз 1 миллион дусад ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ иштирок карда, зиеда аз 8 ҳазор таклифҳоро пешниҳод намуданд.

Бо дарназардошти пешниҳодҳое, ки дар рафти ин плебиссити васеъ ба миён гузОшта шудаанд, инчунин шарҳу таклифҳои, ки аз созмонҳои байналмилалӣ расидаанд, лоиҳаи Конститутсия таҳия ва ба Шурои Оли пешниҳод карда шуд.

Дар ин вақт, Сарвари давлат боз як таклифро пешниҳод намуданд. Он буд, ки Конститутсияи навро бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ (референдум) қабул намудан беҳтар аст, ки азму ирода ва хоҳишу омоли тамоми халқ комилан ифода мегардад.

Албатта, ин иқдоми Сарвари давлат хеле ҷасуронаи сиёсӣ буд, зеро дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил асосан Конститутсияро дар ҷаласаҳои мақомоти олии қонунгузории ин кишварҳо қабул карда буданд.

Ҳамин тавр, 20 июли соли 1994 дар иҷлосияи Х1Х Шўрои Оли Қонуни конституисионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул ва дар амал ҷорӣ намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар модаи якуми ин Қонун пешниҳоди Сарвари давлат оиди қабули Конституция дар райпурсии умумиХалҚи дастгири карда шуд.

Дар раъйпурсии умумихалқии лоиҳаи Конститутсия 6 ноябри соли 1994 87,7% интихобкунандагон ва аз ҷумла тоҷикистониёни берун аз кишвар буда, ба тарафдории қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоқикистон овоз доданд.

Дар ин замина барои Сарвари давлат муҳим буд, ки қадамҳо ба сӯи истиқлолият ва демократия бевосита аз ҷониби худи халқ гузошта шуд, ва дар ниҳояти кор маҳз халқ аз руи масъалаи муҳимтарин - қабули ҚонУни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби худро кард. Ин интихоби аксарияти мардуми кишварро ҳама, аз ҷумла мухолифон низ, қонунӣ (легитимный) эътироф карданд.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон карда шуд.

Дар Конститутсияи Тоҷикистон, бо дастгирии мардум, ҳокимияти пурқуввати президентӣ муқаррар карда шуд. Зеро дар шароити ташаккули давлатдорӣ, навсозии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳокимияти олӣ мебоист қавӣ бошад.

Минбаъд тамоми амалҳо, ташаббусҳо ва ислоҳоту дигаргуниҳо дар кишвар дар асоси қатъиян мутобиқи Конститутсияи қабулшудаи Тоҷикистони соҳибистиқлол сурат гирифт.

Аз ҷумла, интихоботи умумиХалҚии парлумони нави кишвар – Маҷлиси Олӣ даъвати якум, ташаккули сохтори мустақили судӣ, таъсиси мақомоти иҷроия пурқувват ва макқомоти ҳокимияти маҳаллии салоҳиятдор.

Сарвари давлат, муҳтарам ЭмОмалӣ Раҳмон, дар ин марҳилаи рушди Тоҷикистон тамоми андешаҳои худро оид ба модели ислоҳоти конститутсионии пешниҳодкардаи худ пурра амалӣ намуд.

Ба шарофати ташаббусҳои созанда ва сулҳҷуёнаи Сарвари давлат имруз мо дар фазои сулҳу оромӣ ва истиқлолият зиндагонӣ мекунем.

Таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон, мо, тоҷикистониҳо роҳи нав, роҳи воқеии истиклолияти давлатиро интихоб намудем ва ба тамоми ҷаҳониён исбот намудем, ки халки тоҷик арзандаи давлатдории бузург ҳаст ва тамоми имкониятҳои худро барои ҳифзу якпорчагии он равона месозад.

Ва ин аст рисолату нақши беназири таърихии Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, арбоби давлатӣ ва сиёсатмадори ҷаҳонӣ - дарвоқеъ, асосгузор ва сОзандаи давлати муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нахустин Конститутсияи он.

Сохтори давлати тоҷикон, ки дар Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, аз имтиҳони замон тоб оварда, қимати худро собит намуд.

30 сол муқаддам мо бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр заминаеро ба вучуд овардем, ки дар асоси он ояндаи тавонои Ватан, бунёд карда метавонем.

Ва ин вазифаро бояд насли нави сиёсатмадорони ҷавони кишварамон, намояндагони дурахшони мактаби давлатдории Пешвои миллат, муҳтарам ЭмОмалӣ Раҳмон, давом диҳанд.

Боварии комил дорам, ки Конститутсияи мо асрҳо пойдор монда, барои пешрафти Ватани азизамон ва рушди ҳар сокини Ҷумҳурӣ хизмат менамояд.

**Ташаккур.**

## БАХШИДА БА 30 – СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН”

**Суханронии** Собирзода И.С. Ректори донишкадаи такмили ихтисоси вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2024, ш.Истаравшан

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати

рӯзи қабули Конститутсия ба мардуми шарифи Тоҷикистон чунин ибрози ақида намуда буданд: «Қабули Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун рӯйдоди бузургу тақдирсоз барои гузариш ба марҳалаи нави рушди ҷомеаи кишвар, яъне ба сӯи бунёди давлати ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ заминаи боэътимод гузошта, дар давраи басо ҳассос ва мураккаби сиёсии мамлакат барои таҳкими пояҳои истиқлоли давлатӣ, пойдории сулҳу субот ва устувории ваҳдати миллӣ ҳамчун роҳнамо хизмат намуд».

Дар Конститутсия халқи Тоҷикистон баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардида, таъмини соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон чун вазифаи муҳими давлат сабт шуд ва кафолати ҳуқуқи шахс ба гуногунандешӣ, озодии сухан ва виҷдон муқаррар гардид.

Манфиатҳои миллии давлат дар меъёрҳои Конститутсия таҷассум ёфта, афзалияти онҳо бо дарназардошти эътирофи расмии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пурра ба инобат гирифта шуданд. Имрӯз ба таърихи начандон тӯлонии давлатдории навинамон назар андохта, нақши муҳими Конститутсияро, пеш аз ҳама, дар таъсиси заминаи ҳуқуқии ташкили низоми нави мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва пойдевори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон метавон таъкид кард.

Аз ин рӯ, Конститутсия ҳамчун санади олии сиёсӣ барои амалӣ гардидани ҳокимият аз ҷониби халқ ва иштироки ҳар як шаҳрванд дар идоракунии ҷамъиятиву давлатӣ замина гузошта, баробарии ҳамаро дар назди қонун, таҷзияи ҳокимият, гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ ва фаъолияти озоди соҳибкориро дар кишвар кафолат медиҳад. Дар заминаи Конститутсия бо дарназардошти талаботи замони муосир дар кишвар ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз гардид, ки ин раванд барои рушди бонизому пурсамари самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард.

Бо тақозои тағйиротҳои дар ҷамъият рухдода се маротиба, яъне 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, соли 1999 ба 22 модда, соли 2003 ба дебоча, 54 модда ва муқаррароти умумӣ, соли 2016 ба 36 модда ва матни болои он, номи боби 6-ум, муқаррароти интиқолӣ тағйиротҳои меъёрию имлоӣ ва ҷамъ 40 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки аксарияти тағйиру

иловаҳо хусусияти таҳририву имлоӣ дошта, дар баробари ин ба масоили ҳуқуқи шаҳрандон дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, таъсиси Маҷлиси Олии дупалатагӣ, салоҳият ва дахлнопазирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон таҳкими салоҳияти Маҷлси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя, муҳлати пай дар пай интихоб шудани як шахс ба мансаби Президент, тағйири муҳлати ваколати судяҳо аз 5 ба 10 сол, тағйири синну соли номзадҳо ба мансаби Президенти, ба узвияти Маҷлиси милӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ба судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, савганд ёд кардани Ҳукумат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакиллони Маҷлиси намояндагон, таъсису барҳамдиҳии Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйири номи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ба инҳо монанд масъалоҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи қабул гардидани он тағйиру иловаҳо бо тариқи райпурсии умумихалқӣ - ҳамчун ифодаи олии иродаи халқ ворид карда шудаааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи ормону ниятҳои ниёгон ва дастури кору зиндагии наслҳои имрузу фардои миллати мутамаддини тоҷик аст.

Конститутсия ба сифати қонуни асосӣ ва олии давлат масъалаҳои муҳимтарини сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиби таъсис, фаъолият ва салоҳияти мақомотҳои муҳимтарини давлатӣ аз ҷумла қонунбарор, иҷроия ва судиро муайян менамояд. Мутобиқи моддаи 6-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин меъёр бори дигар собит менамояд, ки манбаи ҳокимияти давлатиро халқи Тоҷикистон ташкил медиҳад ва Конститутсия аз они халқ буда, барои мардум хизмат мекунад. Ҳаминро зикр намудан ба маврид аст, ки сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ шинохта шудани халқ, яке аз нишонаҳои нави идоракунӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон буда, аз дигар усулҳое, ки дар гузашта истифода мегардиданд, ба куллӣ фарқият дорад. Аз ин рӯ тибқи ин усул тамоми шаҳрвандон бемамониат шахсан ва ё ба воситаи интихоби вакили хеш, дар идоракунии давлатӣ ширкат варзида, фикру ақидаҳои худро озодона баён карда метавонанд.

Ҳамчунин мавҷудияти асосҳои давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фаъолияти озоди иқтисодӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, гуногунандешӣ, озодии сухан ва интихобот мазмуну мӯҳтавои Конститутсияро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда низоми демократиро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунад.

Яке аз хусусиятҳои Конститутсия дар он ифода мегардад, ки мутобиқи моддаи 5-уми он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад, ва ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд, ва давлат ӯҳдадор гаштааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд.

Ҳар як меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯи меъёру принсипҳои умумиэътирофшудаи байналмиллалӣ мебошанд, зеро асоси он бевосита аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сарчашма мегирад. Тибқи моддаи 1-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд.

Дар ин самт Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмиллалиро, ки эътироф менамояд, ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар эълон намудааст.

Конститутсияе, ки 6-уми ноябри соли 1994 қабул гардид, дар ҳақиқат бахтномаи миллат, гувоҳномаи давлати соҳибистиқлол ва рисолаи тақдири кишвар буда, ба шарофатии он ҷаҳониён Тоҷикистонро чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмиллалӣ, кишвари татбиқкунандаи сиёсати дарҳои кушода ва халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтаанд. Аз ҷониби мутахассисон ва коршиносони Амрико ва Россия Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои мусбӣ гирифта, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо бошад Конститутсияи давлати моро дар қатори панҷ конститутсияи беҳтарини давлатҳои аъзои ин ташкилот ҷой додааст.

Дар асоси меъёрҳои Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як шаҳрванд шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меоварад. Аз ин сабаб, тақвият бахшидан ба таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, маориф, илм ва фарҳанг яке аз ҳадафҳои асосии давлату ҳукумат ба шумор меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 30 соли мавҷудияти

худ дар ташаккули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, аз ҷумла барои устувории ҳокимияти давлатӣ, қонуният, волоияти қонун ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд замина гузошт ва симои сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

Конститутсия барои таъсис ва рушди низоми ҳуқуқии мамлакат, сохтору мақомоти давлатӣ ва дар меҳвари фаъолияти онҳо қарор додани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон, инчунин, бунёди ҷомеаи адолатпарвар асос гузошта, кафолати таъмини озодӣ, адолати иҷтомоӣ ва баробарҳуқуқии ҷомеаи навини Тоҷикистон гардид.

## БАХШИДА БА 30 – СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН”

**Суханронии Шодиён И.Р. К**отиб-њамоњангсози Шурои љамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2024, ш.Истаравшан

30 соли рушди босуботи ҳамаи самтҳои ҳаёти иҷтимоии кишвар дар заминаи амали Конститутсияе, ки 6 ноябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, ба вуҷуд омадааст. Чунки ин санади муҳими сарнавиштсоз тавонист, ки марудми парокандаву роҳгумзадаи тоҷикро дар вазъияти мураккаби буҳрони ҷанги шаҳрвандӣ  сарҷамъ ва муттаҳид кунад. Мутафаккирони барҷастаи қавму миллатҳои гуногун ҳанӯз дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна, аз ҷумла Арасту, Ситсерон,  Насириддини Тӯсӣ ва дигарон таъкид намудаанд, ки «Агар иттињоди одамон дар асоси адолат ташкил шуда

бошад, маълум мешавад, ки ин давлати боадолатона мебошад». Яъне, фаҳмиши давлатро ба шакли олитарини муттаҳидии одамон алоқаманд медонанд. Қабули ин ҳуҷҷати бақои миллат қадами нахустин ва сабаби бо ҳам омадани мардум ва ваҳдати миллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол эътироф гаштааст.

Давраҳо ва ҳолатҳои таҳияи ин санади сарнавиштсоз махсусиятҳои худро дорад, ки бисёр ҷолиби диққат аст. Аввалин маротиба 23 августи соли 1990 бо қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон Комиссияи конститутсионӣ оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи (Қонуни Асосии) нави Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бо сардории Раиси Совети Олии РСС Тоҷикистон, котиби якуми КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон муҳтарам Қаҳор Маҳкамов дар ҳайати 53 нафар ташкил ёфт. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти роҳи инкишофи сотсиалистии ҷумҳурӣ таҳия кард, вале бо сабабҳои азбайнравии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ (СССР), соҳибихтиёр гаштани Тоҷикистон ибтидои нооромиҳои сиёсӣ (ҳодисаҳои моҳи августи соли 1991) фаъолияти комиссия мавқуф гузошта шуд.

Маротибаи дуюм, ба ҳайати ин комиссия бо қарори Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 1992, №493 тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, роҳбари комиссия Раҳмон Набиев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 55 нафар иборат буд, интихоб шуд. Дар ин замина бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 1992 гурӯҳи корӣ иборат аз 9 нафар зери роҳбарии Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев таъсис дода шуд.

Мутаассифона, соли 1992 ҷумҳуриро, ки алангаи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд Комиссияи конститутсионӣ фаъолият карда натавонист ва роҳбари гурӯҳи корӣ Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев аз ҷониби ҷинояткорон ба қатл расонида шуд.

Маротибаи сеюм, 26 июни соли 1993, №836 ҳайати нави Комиссияи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раисии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт. Дар ин замина бо қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1993 гурӯҳи кории Комиссия оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав иборат аз 62 нафар вакилони Шурои Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумат, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, олимони варзидаи ҳамаи соҳаҳои илм, аҳли санъат, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ва ғайра.

Аз таҳлили лаҳзаҳои гуногуни муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия мушоҳида мешавад, ки дар мавридҳои муҳим талошҳо ва пешниҳодҳои раиси комиссия муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун идеяи меҳварии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз тарҳрезӣ шудааст. Масалан, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки "Заминаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав кардан, онро мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил додан ва барои таъсиси давлати нав давлати демократӣ, ки ба волоияти қонун асос ёфтааст, замина гузоштан зарур аст" (Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ҷойи дигар оид ба эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иштироки бевоситаи халқ ба тариқи ошкоро ва озод дар муҳокимаи лоиҳа ва қабули ин ҳуҷҷати сарнавитсоз сарвари давлат баён менамоянд, ки "Имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин ... бояд Шурои Олӣ лоиҳаи Қонуни асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима таҳрири ниҳоии лоиҳаи Сарқонун ва гузаронидани раъйпурсии умумии он қабул шавад" (Иҷлосияи таърихии XVIII-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993). Ин пешниҳоди сарвари давлат низ аз ҷониби аҳолии ҷумҳурии бисёр хуб пазироӣ мегардад ва лоиҳаи Конститутсия дар матбуоти даврӣ интишорӣ расмӣ гардида, зиёда аз 8,5 ҳазор таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати такмили додани лоиҳаи Конститутсия ба Комиссия ирсол мегардад.

Яъне, дар асоси гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такя ба мардум намуда, бори нахуст дар таърихи ҳуқуқэҷодкунии кишвар тартиби муҳокимаи озоду ошкоро ва бо қабули райъпурсии умумихалқӣ (референдум) Консититутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд. Дар сохтори ин санади муҳими ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ҳолатҳо ва меъёрҳое буданд, ки дарҷ намудани ин ҳолатҳо ва меъёрҳо дар шароити алангаи оташи ҷанги хонумонсӯз ва хотима бахшидани ин ҷанги бародаркӯши шаҳрвандӣ аз аъзоёни комиссия масъулияти баланди худшиносии миллӣ, ҳисси волои Ватандӯстӣ ва зиракии сиёсии ояндабинонаро тақозо мекард.

Яке аз ин ҳолатҳо ва падидаи навине, ки баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд оварда буд интихоби шакли идоракунии давлат буд. Бояд қайд намуд, ки ҳам дар байни аҳолӣ ва ҳам дар миёни гурӯҳҳои кории комиссия муҳокимаронииҳои зиёд сурат мегирад ва дар натиҷа аз ҷониби гурӯҳи корӣ ду лоиҳаи Конститутсия омода мегардад, Лекин муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеъгирона бо тарафдори аз шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ иброз менамоянд, ки "Пӯшида нест, ки имрӯзҳо дар атрофи масъалаҳои шаклҳои идораи давлатӣ, қабули Конститутсия ва интихоби Парлумон баҳсу мунозираҳо ниҳонию ошкоро сурат мегирад, мехостам назари шахсии хешро ба масоили мазкур баён созам. Ҳоло бештар сухан дар бораи идораи президентӣ ва парлумонӣ меравад, боварӣ дорам, ки тарафдорони ҳар ду навъи идораи давлатӣ бурҳону андешаҳои раднопазир оварда метавонанд... Шахсан ман ҷонибдори идораи мустақили президентӣ ҳастам. Танҳо як ҷиҳаташро таъкид мекунам, ки дар шароити давраи гузариш идораи мустаҳками президентӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳои умда имконият медиҳад. Табиист, ки Раиси ҷумҳур низ бояд ба тарзи умумихалқӣ интихоб гардад. Ман ҳамеша мегуфтам ва ҳозир ҳам таъкид мекунам, ки ҳеҷ гоҳ аз масъалаи интихоботи умумихалқӣ рӯ нагардондаам ва барои он омода ҳастам" (Иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ё ҳангоми муҳокимаи лоиҳаҳои Конститутсия дар ҷаласаҳои комиссияи конститутсионӣ низ ёдовар мешаванд, ки «Бо назардошти тамоми хусусиятҳои ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногуни кишвар, ба мақсади муташаккилона гузаронидани ислоҳот ва таҷрибаи талхи давлатдории собиқи худ аъзои Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омаданд, ки шакли мувофиқ ва боэътимоде, ки имрӯз ба шароити муайяни Тоҷикистон ҷавоб медиҳад, ҷумҳурии президентӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси Тоҷикистон мебошад. Илова ба ин, аксарияти кулли шахсоне, ки дар муҳокима иштирок доштанд, ҷумҳурии президентиро ҳамчун шакли идоракунии давлати Тоҷикистон тарафдорӣ карданд».

Дар ҳақиқат вақт довар аст ва исбот кард, ки иқдоми воқеъбинона дар таҳияи ин ҳуҷҷати тақдирсоз пешниҳод ва қабул шудааст. Чунки ин санади муҳими ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба андешаи мо дар шароите таҳия мегардид, ки ҳатто муовини раис ва баъзе аз аъзоени ҳайати Комиссия аз ҳар лаҳзаи муносиб истифода намуда, талош аз манфиатҳои худ мекарданд ва лоиҳаи Конститутсияро дар шакли идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ омода намуда, дар

муҳокимарониҳо аз ин лоиҳа тарғибу ташвиқ менамуданд. Масалан, Р. Ҳоҷиев дар мусоҳибааш дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» аз 12-уми ноябри соли 1992, №163 қайд менамояд, ки он ҳолате, ки мо дар 2 сол ду президентро иваз кардем, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мо ҳоло ба чунин сохтори давлат тайёр нестем. Барои мо парламенти қудратманди обрӯманд, ки мақоми олии давлатӣ мебошад, зарур аст, баъдан бояд аз рӯи вазъияти бавуҷудомада амал намоем....” ва дигар далелҳоро пешниҳод менамояд.

Лекин ташаббусҳои аъзоёни гурӯҳи кории комиссия, ки моломоли манфиатҳои шахсӣ буд, ҷиҳати пешниҳоди лоиҳаи шакли идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ, аз ҷониби ҳайати комиссия дастгирӣ наёфт.

Хушбахтона, орзӯҳои неки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастгирии 87,59% иштирокдорони раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 амалӣ гардид.

Ба андешаи мо дар он лаҳзаҳои бисёр ҳасос қабули Конститутсия бо шакли идораи парлумонӣ ғайриимкон буд, чунки низоми бисёрҳизбӣ, ки яке аз нишонаҳои ҷумҳурии парлумонӣ мебошад, арзи вуҷуд надошт. Илова бар ин бояд қайд намуд, ки Конститутсияи Тоҷикистон бо шакли идораи президентӣ вазифаи таърихии худро дар рушди босуботи Тоҷикистон иҷро кард. Ин пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки Конститутсияи Тоҷикистон бо шакли идораи президентӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошт, барои ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон заминаи устувор гузошт.

Дар ҳақиқат дар вазъияти ноороми ҷанги шаҳрвандӣ зери тобеияти Президент қарор доштани сарварии ҳукумат ва қувваҳои мусаллаҳ ва қабули қарорҳои фаврӣ амри воқеӣ ва ба манфиати кор буд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол шакли интихобшудаи идоракунии давлат заминаи таъмини муттаҳидии иҷтимоии аҳолӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад.

# ОИД БА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕА (ДАР ПАРТАВИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ, ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР ВА Ғ.)

**Суханронии Гулаҳмадзода З.** Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2024, ш.Турсунзода

**Муҳтарам аъзоёни Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**Дӯстони азиз!**

**Муҳтарам ҳозирин!**

Дар асл, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маънои томаш ватандӯст ва фидоии миллат мебошанд.

Дар баробари вазифаи пурмасъули давлатдорӣ офаридани асарҳои гаронбаҳо аз қабили “Тоҷикон дар оинаи таърих”, “Чеҳраҳои мондагор”, “Уфуққҳои истиқлол” ва ғайра аз ҷониби Пешвои миллат барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ташаккули худшиносии миллии онҳо ва боло бурдани маърифати ҳуқуқию сиёсӣ ва фарҳангии мардум, хоса насли ҷавони кишвар мусоидат намуда истодаанд.

Асарҳои Пешвои миллат инъикосгари таърихи гузаштаву имрӯз ва махсусан дастовардҳои замони истиқлол буда, мутолиаи онҳо

барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ ва таҳкими ваҳдату ягонагии миллии тоҷик аҳамияти хос дорад.

Мазмуну муҳтавои асарҳои Пешвои миллат хотирнишон аз он мекунанд, ки ҳар насл ва ҳар фарди алоҳида занҷирае дар таърихи башарият аст, ки тавассути мавҷудияти хеш гузаштаро бо оянда мепайвандад. Асарҳои Пешвои миллат дурнамоест, ки роҳи ояндаи давлат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои тақвияти ватанпарастиву кишвардорӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда равона гардидааст. Илова бар ин, асарҳои Пешвои миллат дар раванди устувор намудани рукнҳои давлатдории тоҷикон дар шароити навин муҳим мебошанд. Пешвои миллат бо мақсади баҳо додан ва огоҳ намудани насли наврасу ҷавон ба гузаштаи худ ба навиштани як зумра асарҳои таърихӣ даст задаанд, ки онҳо арзиши баланди таърихӣ дошта, саҳифаи навро дар илми тоҷик кушодааст.

Мақоми асарҳои Пешвои миллат дар ҷодаи тарбияи ҷавонон дар натиҷаи мутолиаи асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Ҷавонон ояндаи миллат», «Истиқлолият неъмати бебаҳост», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Чеҳраҳои мондагор» ва “Уфуқҳои истиқлол” таъсири хуб дорад.

Ҳар як хонанда кӯшиш менамояд, амалеро иҷро намояд, ки ба нафъи миллату давлат ва ояндаи дурахшони Ватани азизамон бошад, зеро Пешвои маҳбуби миллат дар асарҳои хеш хислатҳои ҳамидаи инсониро тараннум намуда, ҳамеша манфиати ҷомеа ва давлатро аз манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ боло гузоштаанд. Дар силсилаи асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён» Ҷаноби Олӣ таърихи миллати куҳанбунёди тоҷикро гирд оварда, доир ба ҳаёт ва фаъолияти онҳо аз замони қадим то ташаккулёбии халқи тоҷик маълумоти пурарзише додаанд. Аҳамияти асар дар ҷодаи баланд бардоштани шинохти миллӣ ва бедор намудани ҳисси масъулиятшиносӣ дар назди Ватан бисёр калон мебошад. Омӯзиши асарҳо хусусан ба насли наврасу ҷавон, ки бунёдгарони имрӯзу фардои давлат ва миллат ҳастанд, таъсири мусбӣ мегузорад, зеро дар асар корномаи қаҳрамононаи Шерак, малика Томирис, сарлашкар Спитамен, хиради Бузургмеҳр, неҳзати Абӯмуслим, Асосгузори давлати миллии тоҷикон шоҳ Исмоили Сомонӣ ва дигар саҳифаҳои таъсирбахш инъикос ёфтаанд, ки дар натиҷаи мутолиаи асар ва шиносоӣ бо он дар ниҳоди хонанда хислатҳои неки ҳар як қаҳрамон

пайдо мегардад ва ба нафъи ҷомеа хидмат менамояд. Тавре медонем ҷамъият аз одамон иборат аст, дар ҷамъият чи қадаре, ки одамони нек, масъулиятшинос, худшинос, меҳанпараст зиёд шавад, он ҳамон андоза солим шуда, рушдаш суръат мегирад.

Асари ҷадиди Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Чеҳраҳои мондагор» доир ба ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамононаи бисту панҷ нафар чеҳраи намоёни таърихи Ватан маълумоти хуб медиҳад. Хонанда ҳангоми мутолиаи асари мазкур имкон пайдо месозад, ки доир ба шахсиятҳои варзида ва нобиғаи давр, ба монанди Куруши Кабир, Зардушт, Муҳаммад (с), Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Мир Сайид Алии ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бобоҷон Ғафуров, Сотим Улуғзода ва дигарон маълумот пайдо намуда, аз хислатҳои ҳамидаи онҳо ибрат гирифта, зиндагии шоиста намояд. Инсоне, ки аз таърихи ниёгони худ бохабар аст, метавонад вазъияти зуд тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯзаро дарк намояд, ояндаро тасаввур созад. Мақсади сарвари хирадманди мо низ ҳамин аст, ки ҷавонон бояд худогоҳ бошанд, дар ҷаҳони пурталотум мавқеи устувори шаҳрвандии худро нигоҳ дошта, дар пешрафт, ободӣ ва суботи мамлакат саҳмгузор бошанд. Зеро тадқиқот муайян намудааст, ки бештари шомилшудагон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва ҷудоихоҳӣ аз паст будани маърифат мебошад.

Дар асл, ҷавононро ҳамчун ояндасозони давлату миллат, қувваи пешбаранда ва нерӯи ҳаракатдиҳандаи ҷомеа эътироф кардани Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси болидаруҳӣ ва ифтихори миллии ин қишри ояндасоз гардида, эътимоди онҳоро ба фардои дурахшон қавӣ ва масъулияташонро баҳри ҳифзи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ дучанд менамояд.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба дастовардҳои муҳим дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангии ҷавонон нақши босазо гузошта, ба ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ва тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушду такомули ҷавонон дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Маҳз дар ҳамин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон қабул гардида, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии Ҷавонони Тоҷикистон барои

солҳои 2023 – 2027», ҷоизаи бо номи Исмоили Сомонӣ, барои олимон ва муҳаққиқони ҷавон, Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омода кардани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ ва грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар соҳаи ватанпарастӣ таъсис ёфтаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҷавонон ва ҳавасманд гардондани онҳо ба илму техника шароити хуби зиндагӣ ва таҳсилро роҳандозӣ намуда, барномаҳои зиёдро барои омӯзиши илму дониш ва интихоби касбу ҳунарҳои замонавӣ коркард ва қабул намудааст. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷӯҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст”.

Чӣ тавре, ки Пешвои муаззами миллат дар асари худ “Чеҳраҳои мондагор” чунин қайд кардаанд: “ Муҳаббат ба Ватан ва таърихи пурифтихори он набояд чашми моро аз пешрафту дастовардҳои ҷаҳони муосир, вусъати ақли башарият ва тараққиёти рӯзафзуни давлатҳои мутамаддини олам бубандад. Баръакс, мо ҳар қадар Ватанамонро бештар дӯст дорем, бояд ҳамон андоза кӯшиш намоем, ки арзишҳои илмиву фарҳангии умумибашарӣ, дастовардҳои техникаву технологияи замонавӣ ва кашфиёту бозёфтҳои навтарини ҷаҳониро омӯзем ва дар ҳаёт татбиқ намоем. Бинобар ин, дар баробари дигар иқдомҳои шоистаи давлатсозию давлатдорӣ мо бояд наслҳои имрӯзу фардои миллатро аз мероси бузургу пурғановатӣ аҷдодӣ, ки аз сарчашмаи тамаддуни ориёӣ ва тамаддуни ислом бархурдор шудааст, огоҳ созем, дар замири онҳо эҳсоси ифтихор аз давлатдорӣ, қадру қимати давлати мустақили миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, шинохтани қадри гузаштагони хирадманди худро тарбия намоем.”

**Муҳтарам ҳозирин**!

Тарбияи ватандӯстӣ аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо кабул гардидани Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон аркон ва

арзишҳои тарбияи ватандӯстӣ: ҳифзи ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, тамомияти арзии давлат дар он таҷассуми худро ёфтаанд. Ва хамчун рукни асосии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати тақвияти ҳимоя ва ҳифзи Ватан, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлату ҷомеа муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Маҳз бо таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти сиёсии мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ, дар ин самт як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ қабул ва мавриди амал карор дода шудааст.

Бояд гуфт, ки 24 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» имзо гузоштанд. Қонуни мазкур барои тарбияи шаҳрвандон дар роҳи хизмати софдилонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон арҷгузорӣ ба рамзҳои миллӣ ва ҷаҳду талошҳо баҳри фардои боз ҳам ободу дурахшони ҷумхурӣ ва некуаҳволии рӯзафзуни халқ таҳия ва қабул шудааст.

Роҳбари давлат дар асари гаронарзиши худ “Уфуққҳои истиқлол” чунин таъкид намудаанд: «Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ ахамияти хос касб карда, ҳар як ҷавони бонангу номуси кишварро зарур аст, ки ба омӯхтани илму дониш, касбу хунар машғул шавад, таърихи халки худро азбар намояд, Ватанашро чун ҷон дӯст дорад, арзишу суннатҳои милливу фарҳангиро эҳтиром кунад ва худогоху худшинос бошад».

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон созмону ташкилотҳои гуногуни ҷавонон фаъолият менамоянд ва онҳо дар доираи шароиту имкониятҳои хеш дар баробари мақомоти давлатӣ дар ҳаллу фасли масоили рӯзмарраи ҷомеа корҳои неку шоистаеро амалӣ менамоянд.

Дар замони пешгӯинашавандаи вазъи ҷаҳони муосир насли наврасро бо суханон ва далелу бурҳони оддию фаҳмо ва ҳаётӣ аз боби Ватану ватанпарастӣ, қадру қимати Ватан, аҳамияту муҳиммияти он дар ҳаёти ҳар як шахс ва муқаддасоти он тарбия намудан мебояд, то ин ки шаҳрвандон ва ватанпарастони асил ба воя расанд. Ҳар як фаъолияте, ки имрӯз аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ мегардад, бояд ба хотири ҳифзи Ватану миллат, таъмину таҳкими суботу амният бошад.

Тарбияи ватандӯстии ҷавонон раванди ташаккули муҳаббат, эҳтиром ва садоқат ба Ватан, таърих, фарҳанг, анъана ва арзишҳои он

дар ҷавонон мебошад. Тарбияи ватандӯстӣ ба он нигаронида шудааст, ки насли наврас мансубияти миллати худро дарк намояд, барои некуаҳволии он масъулият ҳис кунад ва фаъолнокии шаҳрвандӣ дошта бошад.

Тарбияи ватандӯстӣ метавонад ҷанбаҳои гуногунро, аз қабили омӯхтани таъриху фарҳанги кишвари худ, иштирок дар чорабиниҳои ватандӯстӣ ва оид ба нигоҳдории мероси миллӣ, огоҳӣ аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ ҳамчун шаҳрванд, ташаккул додани ҳисси ифтихор ва эҳтиром ба дастовардҳои кишвар дар бар гирад.

Тавсифи Сарвари давлат ба ҷавонони давраи соҳибистиқлолии кишварамон ҳамчун нерӯи созанда мазмун ва мантиқи амиқи воқеӣ дорад. Зеро аз як нигоҳ фақат насле, ки дар давраи соҳибихтиёрии давлат тавлид ёфтаанд воқеан фарогирандаи қишри ҷавони аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз нигоҳи дигар фаҳмишу дарки илм ва технологияи замони муосир ба давраи инкишоф ва бакамолрасии чунин қишри ҷомеа рост меояд. Яъне, дар замони мазкур (солҳои соҳибихтиёрии давлат) дар муқоиса ба тамоми давраи давлатдории тоҷикон имкониятҳои омӯзишию таҳсилӣ бо дастгириҳою сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат дар сатҳи хеле баланд, таъмин карда шуд.

Ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва садоқат ба Ватан иборахое мебошанд, ки дарки маънии он барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифаи ҷонӣ ба ҳисоб рафта, бояд дар азму иродаи онҳо доим такомул дода шаванд.

Ҳақ бар ҷониби Президенти мамлакатамон, ки таъкид намудаанд: «Миллате, ки худро намешиносад, ба арзишҳои миллии худ эҳтиром намегузорад, он миллат соҳибдавлат буда наметавонад». Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ буд, ки миллати мо ба ҳеҷ як мушкилӣ нигоҳ накарда, ваҳдати миллиро дар кишвар пойдор намуд. Аз ин рӯ, тарғиби ҳамешагии ин мафҳумҳо барои насли ҷавони кишвар хеле зарур ва аҳамиятнок мебошад.

Дар ҳақиқат замони бархурди тамаддунҳо, манфиатҳои миллию байнидавлатӣ, замони ҷаҳонишавӣ ва ҷангу ҷидолҳои давлатҳои ба мо дуру наздик, зарурияти ҳарчи бештари таблиғи ҳисси ватандӯстиро муайян менамояд. Яъне, дар фазои ноамни сайёра зиндагӣ ба сар бурда, манфиатҳои миллии давлатдорӣ ва якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тамоми ҳастиаш дар замоне ҳифз карда метавонем, ки агар афроди айём ифтихори баланди ватандориро доро

буда, ба қадри оромӣ ва сулҳу суботи ҷомеа расида, онро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд.

Дар маҷмуъ, худоогоҳиву худшиносии миллӣ ҷавононро водор месозад, ки ба қадри Модар–Ватан, муқаддасоти миллӣ, рамзҳои давлатӣ, озодӣ, соҳибистиқлолӣ, инчунин, ба арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ, адабиёти оламшумул ва таъриху фарҳанги куҳани халқи худ расанд ва барои гузоштани мероси арзанда ба наслҳои оянда кӯшиш намоянд.

Дар баробари асарҳои гаронбаҳо аз ҷониби Пешвои миллат роҳандозӣ гардидани озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст,” “Тоҷикистон Ватани азизи ман”, “Илм фурӯғи маърифат”, “Тоҷикон оинаи таърихи миллат” баҳри боло бурдани маърифати маънавию сиёсӣ ва ҳуқуқию техникии насли наврасу ҷавонон дар маҷмуъ аҳли ҷомеа таъсири бағоят бузург гузошта истодаанд.

Дар маҷмуъ, бо боварӣ изҳор менамоем, ки ҷавонони имрӯзаи мо воқеан ҳам ҷавонони ватандӯст ва дорои афкори тоза буда, дар рушди давлатдории миллӣ ва сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати кишвар зери сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои маҳбуби миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар қишри фаъоли ҷомеа саҳми шоёни худро гузошта истодаанд, ба арзишҳои миллӣ ҳамеша арҷ мегузоранд, дар партави омӯзиши осори гаронбаҳои Пешвои маҳбуби миллат, ки воқеан ҳам мактаби бузургу созанда аст, сабақ мегиранд ва ба Пешвои маҳбуби миллат ҳамеша содиқ мемонанд.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.

## ОИД БА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕА (ДАР ПАРТАВИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ

# РАҲМОН: ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ, ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР ВА Ғ.)

**Суханронии Давлатов Р.** **С**ардори Хадамоти матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2024, ш.Турсунзода

Дар асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳо, аз ҷумла забон омилҳои рушди забони модарӣ, масъалаҳои таърих, сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва нақши онҳо дар хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва пешрафти ҷомеа, таъмини ваҳдат, амнияти миллӣ ва нақши фарзандони баору номуси миллат, ки ба ивази ҷони худ забон, фарҳанг, таърих, маданият ва анъанаҳои миллиро ҳифз кардаанд, мақоми хосса доранд ва мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки эҷод кардан ва ба аҳли башар пешниҳод намудани асарҳои илмӣ, илмиву таърихӣ ва бадеӣ воситаи аслии нишон додани қудрати маънавии халқ барои ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад.

Омӯзиши китобу мақолаҳои илмии Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳанд, ки зуҳуроти камназири таърихӣ – зинда мондани забони тоҷикӣ дар замони истилои араб ва ҳазорсолаи ҳукмронии бегонагон ҳамчун мавзӯъ ва ҳадафи илмӣ муайян шудаанд. Дар ин маврид ба ҳамаи саволҳо бо далелҳои эътимодбахш дар асари худ “Забони миллат, ҳастии миллат”(с.2016) Роҳбари давлат посух додаанд.

Роҳбари давлат ба қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик ҳамеша арҷгузорӣ мекунанд. Кӯшиш менамоянд, ки хотираи онҳоро ҷовидон гардонанд. Тавассути овардани далелҳои таърихӣ ба ҳамватанон, махсусан зиёиён − шоирон, нависандагон, олимон, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муаллимони мактабҳои оливу миёна, донишҷӯён, касоне, ки мансуб ба табақаи андешаву эҷод ҳастанд, маъниву мантиқи арзишҳои тоҷикиятро гаштаву баргашта ва возеҳу равшан фаҳмонанд ва бузургони гузаштаи миллатро ҳамчун намунаи пайравӣ муаррифӣ намоянд.

Ҳамасрони мо шоҳиданд, ки хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва дар ҳамин замина сохтани давлати миллӣ, ки ормони ҳазорсолаи мардуми тоҷик буд, аз мақсадҳои меҳварии Роҳбари давлат маҳсуб мегардад. Суханони дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон сабтшуда ва умедбахши Роҳбари нав интихобгардидаи миллати тоҷик

– «Ман ба шумо сулҳ меорам!» азми таърихӣ ва амалҳои ҷонфидоёнаи ӯ, навиди созандагӣ ба ҳар хонадони мамлакати ҷангзадаи дур аз Ватан ва мардуми хастаи ранҷур нур бахшид.

Роҳбари давлат дар асарҳояшон талқин ва таъкид менамоянд , ки ҳар фард аз калима ва ибораҳои «миллат», «таърихи ташаккул ва рушди миллӣ», «андешаи миллӣ», «асолати миллӣ», «ҳувияти миллӣ», «истиқлоли миллӣ», «ватандориву ватанпарастӣ», «ифтихори ватандорӣ», «арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ», «урфу одат ва анъанаҳои миллӣ», «тафаккури таърихии миллӣ», «дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ», «худогоҳӣ», «таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ», «бунёдкорӣ» ва монанди инҳо бояд баҳравар бошад. Онҳоро фаҳмад. Дарк намояд. Тафсир карда тавонад. Дар рафтори иҷтимоии худ амалӣ созад.

Сарвари кишвар бо истифода аз неруи тавонои забони модарӣ расидан ба умқи хештаншиносӣ ва худшиносиро ба хотири сохтани давлати миллӣ дар асоси арзишҳои волои тамаддуни башарӣ аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардои мамлакат меҳисобанд.

Дар таълифот ва асарҳои Пешвои миллат нақши сиёсатмадорон, олимон, шоирон, нависандагон, мутафаккирон ва умуман зиёиён дар ташаккули халқи тоҷик, ҳифзи арзишҳои миллӣ, мубориза барои истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлати тоҷикон дар тӯли таърих – аз давраҳои қадим, асрҳои миёна, замони нав ва муосир ба таври хосса таъкид мегардад

Дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» (Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 364 с.) ва дигар асарҳои таърихии Роҳбари давлат бузургтарин шахсиятҳои миллӣ бо таҳлил ва арзёбии хизматҳои онон барои миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон қадршиносӣ карда шудаанд.

Услуби нигориш ва хулосабарориҳои Пешвои миллат дар бораи шахсиятҳои барҷастаи миллӣ омӯзанда ва намунавӣ буда, аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва ҳидояткунанда доранд.

Роҳбари давлат симоҳои таърихии бузургони миллатро ҳамчун намояндаи фардии ҷомеаи замони худ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон бо ин, нобиғагӣ ва иродату садоқат ба халқ, мардонагӣ, ҷасурӣ, ташаббускорӣ дар роҳи амалӣ кардани идеалҳои пешқадами ҷомеа, истодагарӣ карда тавонистани онҳоро дар ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ махсус таъкид кардаанд.

Мантиқи бузурги таълимоти Пешвои миллат аз воқеияти «Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад» сарчашма мегирад. Сарвари давлат дар амри равшангарӣ ва маърифатнокии миллат ба масъулияти таърихии аҳли донишу маърифат – зиёиён такя мекунанд ва ин нукта дар асарҳояшон пайваста таъкид гардидаанд.

Тибқи таҷрибаи таърихӣ ва воқеияти зиндагӣ, на ҳар соҳибмаълумот мансуб ба табақаи зиёӣ (дурахшанда, нурбахшанда) аст.

Зиёӣ будан сифат ва хосияти ботинии инсон мебошад, ки ҳам дар сухан ва ҳам дар амал зуҳур меёбад. Зиёӣ шахсест, ки қобилияти баланди дарк намудан, андешаи баробар ба воқеият доштан, тавоноии аз моҳияти масъала огоҳ шудан, соҳибмаърифат будан, зуҳуроти мушкилро бо таҳаммул ва таҳлили илмӣ арзёбӣ намудан, тибқи фарҳанг ва манфиатҳои миллӣ ҷавонмардона рафтор карданро дорад. Зиёӣ масъулиятшинос ва ташаббускор аст. Аз худ дар ҷомеа қудрати таъсиррасонии ахлоқиву маънавии созгор нишон медиҳад. Ин андешаҳои мунаввару муҷалло пайваста дар суханрониҳои Пешвои миллат таъкид гардида, дар китоби “Уфуққҳои Истиқлол” возеҳу равшан дар рӯи коғаз таъкид гардидаанд.

Дар ин китоб Пешвои миллат ба  табақаи зиёии ҷоме,ки раҳнамою ояндасози ҷамъият мебошанд, баҳогузорӣ мекунанд ва дар назди онҳо вазифаҳои мушаххас мегузоранд: «Зиёӣ, ки шахси таҳсилдидаву равшанфикр аст, нуру рӯшноии ҷомеа маҳсуб мешавад ва бояд аҳли ҷомеаро ба сӯйи созандагӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят созад, ҳамеша дар фикри пешрафту такомули илму фарҳанг, рушди забон ва ҳифзи тозагии он ва гузашта аз ин, дар андешаи таҳкими суботу оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва дифоъ аз манфиатҳои миллат ва давлат бошад» .

Дар китоби «Чеҳраҳои мондагор», Пешвои миллат ба мавзӯи адабиёти бадеӣ, мундариҷа, моҳият ва забону услуби шоирону нависандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Маҳз тавассути нишон додани амалҳои ҷонфидоёнаи бузургони миллат мехоҳанд, симои ҳақиқии қаҳрамонони худро ба хонанда муаррифӣ намоянд. Онҳоро дар муқоиса бо дигарон гузоранд. Афзалияти воқеии шахсияти мавриди таҳқиқ қарордодаашро ба оммаи мардум фаҳмонанд. Ӯро ҳамчун намунаи олии ватандорӣ, ҷавонмардӣ, муҷассамаи меҳру садоқат ба ормонҳои миллӣ дар муқобили хатарҳои ҷонӣ ба сифати намунаи ибрат пешниҳод кунанд.  Мавриде,

ки ба омӯзиши китоби «Чеҳраҳои мондагор» мепардозем, ин андешаҳо дақиқу назаррас ҷилвагар мешаванд.

Асосгузори давлати тоҷикон, ки бо дастони худ аз хокистар шӯъла офарида, сарзамини кӯҳистони худро бо нури он мунаввар сохтааст, тавассути таҳқиқоташ худро бузургтарин донандаи таърихи миллат, омилҳои бурду бохт, садоқату хиёнат, рушду рукуди миллӣ муаррифӣ кардааст. Ӯ маҳз дар асоси таҳлили таҷрибаи таърихи куҳан ва муосир менависад: «Боз як сабақи таърихиро аз худ кардани зиёиён, ба назарам, хеле муҳим аст. Ин устуворӣ дар мавқеи сиёсӣ, зиракӣ дар шинохти манфиатҳои миллӣ, парвариш ва талқини ҳисси ватанпарастӣ, оштинопазир будан бо ҷаҳолат ва хурофоту таассуб мебошад. Устод Айниро мисол мегирем. Мударриси забардаст буд, динро ба дараҷаи аъло медонист. Китоберо низ бо номи «Заруриёти диния» таълиф карда буд. Вале дар тамоми асарҳояш бо таассубу ҷаҳолат мубориза мебурд. Барои ба давлатҳои бедору пешрафта баробар кардани Ватанаш, то сатҳи миллатҳои мутараққӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқаш фидокорона ҷаҳду талош меварзид… Таҷрибаи чунин шахсиятҳои бузург барои ба маҷрои дурусти зиндагӣ ва самти солими рушди фарҳангӣ ҳидоят намудани ҷомеа хеле муҳим аст» (Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. − С.306).

Ҳангоми шиносоӣ бо ишораҳои Пешвои миллат ба сифатҳои шахсияти бузурги адабиёти ҷаҳонӣ Садриддин Айнӣ – ҷавонмардӣ (ба таъбири худи устод «шогирди чилсолаи инқилоб»), ростқорӣ, ростгӯӣ, ҳақиқатнигорӣ, ҷасурӣ, далерӣ, шуҷоатмандӣ, сарфи назар аз қасд ва таҳдидҳои ҷонӣ нисбат ба ӯ, пеши назар муқоисаи чунин хислатҳо ба рафтори тоифаи зиёимаоби фурсатталаби солҳои 90-уми асри гузашта – таърихи нав ва баъзан таърихи навтарин ва муосир намудор мегардад.

Дар таълимоти Роҳбари давлат забони тоҷикӣ ҳамчун далели зиндаи қадимӣ будани миллат ва шаҳсутуни давлатдории миллӣ тавсиф карда мешавад,ки инро омӯзиши китоби «Забон ҳастии миллат» тасдиқ менамояд. (Забони миллат, ҳастии миллат. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2020. – С. 185). Сарвари кишвар ба муҳимтарин принсипҳои муносибат ба ин ганҷинаи бебаҳо ишора намуда, таъкид менамояд: «Вазифаи муҳимми олимони кишвар таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бою рангоранги тоҷикон, поку

бегазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муоширрат, эҷоду эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба тaври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошанд».

Вобаста ба ҳидояти Роҳбари давлат зиёиён вазифадоранд, ки бо такя ба таърихи ташаккул ва рушди афкори пешқадами миллӣ, ки тули ҳазорсолаҳо, дар шароити тираву тори асримиёнагӣ, фишорҳо ва вобастагии сиёсӣ ба даст овардаанд, бо заҳмати ватандӯстонаи худ ин анъанаҳоро на танҳо омӯзанд, балки ташаббускори пешрафти ҷаҳонбинии миллӣ дар шароити навини таърихӣ – замони истиқлол бошанд.

Дар таълимоти Пешвои миллат аз бар намудани илм, дониш, касбияти баланд ва бо ҳамин тариқ шахсияти барои худ ва барои Ватан судманд шудан дар ҷойи аввал меистад. Ӯ таъкид мекунад: «Фаромӯш набояд кард, ки Ватанро танҳо кадрҳои баландихтисосу соҳибмаърифат ва забондону дорои касбу ихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯй обод карда метавонанд» (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 189).

Пешвои миллат ба дараҷаи баланд донистани забони давлатиро аз беҳтарин сифатҳои ҳар як шаҳрванд мешуморанд. Онро бо масъулияти ватандӯстӣ, маҳорати корбарӣ, сифатномаи воқеии хизматчӣ ва соҳибкори муваффақ тавъам медонад. Роҳбари давлат бо такя ба далелҳои илмӣ таъкид месозанд: «Ҳар касе, ки забони модарии худро хуб медонад, барои ӯ омӯхтани забонҳои хориҷӣ осон мегардад. Дигар ин ки ҷорӣ кардани дастовардҳои илму техника ва технологияи муосир, яъне пешрафти минбаъдаи мамлакат, ба роҳ мондани робитаҳои гуногунсоҳа бо давлатҳои тараққикарда, яъне пайвастан ба ҷаҳони мутамаддин бе донистани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ ғайриимкон аст» (Ҳамон ҷо. – С. 194-195).

Тавре ки Пешвои миллат таъкид месозанд, роҳи аслии донистани забонҳои хориҷӣ дар хуб донистани забони модарӣ мебошад. Бузургтарин абармардоне, ки дар тӯли таърих ба миллати хеш содиқ будаанд, бо вуҷуди мушкилиҳо ва таҳдидҳои ҷонӣ, эҳсоси ватанпарастӣ, маорифпарварӣ, равшанфикрӣ, хурофотситезии худро тавассути забони модарӣ ифода намудаанд. Пешвои миллат бо овардани мисолҳо ҳар кадоми ононро арҷгузорӣ мекунад. Мантиқан

эҷодиёт ва рафтори мутафаккирон, адибон, зиёиёни даврони гузаштаро бо давраҳои мушкили ҳаёти миллати тоҷик дар солҳои навадуми асри гузашта дар муқоиса мегузорад. Орзуманди он аст, ки рӯҳи шикастнопазири на кам аз панҷҳазорсолаи илм, фарҳанг ва маърифати тоҷик дар замони муосир ҷавобгӯи якрӯи манфиатҳои миллӣ – барои сохтани давлати миллӣ гардад.

## ОИД БА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕА (ДАР ПАРТАВИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ, ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР ВА Ғ.)

**Суханронии Шодиён И.Р.** Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2024, ш.Турсунзода

Баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, худшиносии ҷавонон яке аз масъалаҳои меҳварии сиёсати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҳамагон шоҳид ҳастем, ки Пешвои миллат дар ҳама вохӯриҳо ва суҳбатҳо ҳатман дар масъалаи мазкур ва зиракии сиёсии ҷавонон ҳарф мезананд. Ин таъкидҳо беҳуда нест ва дар шароити

пуртазоди зудтағйирёбандаи вазъи сиёсии ҷаҳонӣ аҳамияти бениҳоят бузург доранд. Бозиҳои сиёсӣ, ки манфиатҳо ва ҳадафҳои ғаразноки гурӯҳҳои муайянро дар худ инъикос менамоянд, дар муддати кӯтоҳи вақт давлатҳо ва миллатҳоро аз байн бурда истодаанд. Гурӯҳҳои муайяни ғаразнок дар замони муосир либоси навро ба бар карда, зери ниқоби ранга дар зеҳни ҷавонон мақсадҳои сиёсии нопоки худро ҷой карда, ин табақаи камтаҷрибаи ҷомеаро ба гирдоби ҷаҳолат кашида истодаанд. Ин вазъият аз давлатҳо ва миллатҳои рӯ ба тараққии нисбатан хурд талаб менамояд, ки механизми ҳимояи манфиатҳои худро коркард намуда, бо мурури замон пайваста онро навсозӣ намоянд.

Аз таҳлили вазъи сиёсии ноадолатони ҷаҳони муосир ва ҳифзи марзу буми аждодӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки минбаъд мусаллаҳшавӣ бо яроқи ядроӣ ва афзоиши иқтидори ҳарбии давлат суботи сиёсӣ ва амнияти миллиро таъмин карда наметавонад, чунки механизми аз байн бурдани миллатҳо ба кулли тағйир ёфтааст. Яъне бе истифодаи иқтидори ҳарбӣ нерӯи пешбарандаи ҷомеа, яъне ҷавононро ба гумроҳӣ андохта, давлатҳоро ба майдони харобазори ҷангҳои дохилӣ табдил медиҳанд. Худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма мегирад. Худшиносии миллӣ ин решаи миллат аст, агар давлати миллӣ, ки асоси онро ҷавонон ташкил медиҳад заиф бошад, миллат пароканда мегардад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022, таъкид карданд: “Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст”.

Ҳамаи ин гуфтаҳои боло дар осори пурғановати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зиёда 27 асар аст дида мешавад. Аз ҷумла,  Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. 2009. Китоби якум – 704 с., китоби 2. – 128 с. (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.). “Дин ва ҷомеа” (Душанбе, 2013. 649 саҳ. ) ва Имоми Аъзам ва ҳуввияти миллӣ. – Хуҷанд: 2009. – 88 с.(ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва узбекӣ).

Асарҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла **"Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён"**, ки дар ду ҷилд нашр шудаанд, дар баррасии масоили таърихи миллат, ташаккули ҳуввияти миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ мавқеи махсус доранд. Ин асарҳо ба ҷавонон кӯмак мекунанд, то бо шинохти гузашта, ба дарки худшиносӣ ва масъулияти ватандорӣ расанд.

**Нақши таърих ва худшиносӣ дар тарбияи ватандӯстӣ**

**1. Тоҷикон ҳамчун поягузорони тамаддун**
Дар асари "Тоҷикон дар оинаи таърих", Пешвои миллат таърихи бойи тоҷиконро аз давраҳои қадим то замони Сомониён ба таври васеъ шарҳ медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки:

- Тоҷикон ҳамчун яке аз халқҳои куҳанбунёди дунё дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштаанд.

- Шинохти ин мерос барои ҷавонон сарчашмаи ифтихор ва ҳуввияти миллӣ мебошад.

**2.Нақши давлатдории Сомониён дар ташаккули миллат**
Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон хотиррасон мекунад, ки давлати Сомониён давраи тиллоии таърихи тоҷикон буд. Дар ин давра:

- Забони тоҷикӣ (форсӣ) ҳамчун забони расмӣ ташаккул ёфт.

- Идеяи давлати миллӣ ва фарҳанги миллӣ тавсеа ёфт. Ҳамин омилҳо ҳамчун намунаи воқеии давлатсозӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ ба ҷавонон пешниҳод мешаванд.

**Арзишҳои ватандӯстӣ дар "Тоҷикон дар оинаи таърих"**

**1.Ифтихор аз таърихи ниёгон**
Пешвои миллат таъкид мекунад, ки барои тарбияи ватандӯстӣ, ҷавонон бояд бо таърихи худ ифтихор кунанд. Дар ин асар:

- Нақши аҷдодон дар бунёди тамаддуни ориёӣ барҷаста нишон дода шудааст.

- Мафҳуми ватандӯстӣ ба таърихи қаҳрамонона ва ҳифзи сарзамин пайванд дода мешавад.

**2.Шинохти нақши фарҳанг ва илми тоҷикон**

Дар асар ба дастовардҳои бузурги фарҳангӣ, илмӣ ва адабии ниёгони тоҷик таъкид мешавад. Пешвои миллат ба ҷавонон хотиррасон мекунад, ки:

- Фарҳанги тоҷикӣ сарчашмаи маърифат ва ягонагии миллат мебошад.

- Ин мерос на танҳо барои тоҷикон, балки барои ҷаҳониён муҳим аст.

**Хусусиятҳои тарбиявӣ ва амалии асарҳо**

**1.Тарғиби ваҳдат ва ягонагӣ**

Дар заминаи таърихи ниёгон, Пешвои миллат нишон медиҳад, ки ягонагӣ ва иттиҳод дар ҳама давраҳо шарти асосии пешрафт буд.

- Ҷавононро даъват мекунад, ки барои ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таҳкими истиқлолият саҳм гузоранд.

**2.Мубориза бо фаромӯшӣ ва худбохтагӣ** Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ҳушдор медиҳад, ки ба хатарҳои фаромӯшӣ ва таъсири фарҳангҳои бегона дода нашаванд. Ӯ таъкид мекунад, ки:

- Таърих бояд ҳамчун такягоҳ барои худшиносӣ ва худогоҳӣ истифода шавад.

- Танҳо миллате, ки гузаштаи худро медонад, ояндаи худро месозад.

**3.Пешгирӣ аз таҳдидҳои муосир**

Асар ҳамчун роҳнамо барои тарбия ва ҳифзи ҷавонон аз ифротгароӣ ва таъсири равияҳои носолим хидмат мекунад. Пешвои миллат таъкид мекунад, ки бо шинохти мероси миллӣ, ҷавонон метавонанд ба таҳдидҳои нав ҷавобгӯ бошанд.

**Хулоса**

Асари "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён" на танҳо як таҳқиқоти таърихӣ, балки дастури амалӣ барои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии ҷавонон мебошад. Пешвои миллат бо баррасии таърихи пуршарафи тоҷикон, ҷавононро ба омӯзиш, ҳифз ва эҳтироми мероси гузаштагон ҳидоят мекунад. Ин асар барои ташаккули ҳуввияти миллӣ ва огоҳӣ аз арзишҳои ватандорӣ дар ҷомеаи муосир аҳамияти беназир дорад.

Дар ин асар омилҳои таъсис ва сабабҳои воқеии парокандагиву суқути давлатҳои бузургро, ки ин миллат аз сар гузаронидааст, аз дидгоҳи нав таҳлил, таҳқиқ, арзёбӣ ва дар ин асос хулосабарорӣ кардааст.Бо мақсади ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани таърихи пурғановати тоҷикон ва ташаккули худшиносии миллӣ ба забони русӣ, англиси тарҷума шудааст ва китоби дуюм ба ҳуруфоти форсӣ баргардон шудааст.

Китоби **"Дин ва ҷомеа"** (Душанбе, 2013. 649 саҳ. ) аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия шуда, ба баррасии нақши дин дар ҷомеа, ҳамгироии арзишҳои миллӣ ва динӣ, ва саҳми онҳо дар ташаккули

худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон бахшида шудааст. Ин асар барои баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ ва ташаккули ҳуввияти миллӣ дар байни ҷавонон, ки нерӯи асосии ҷомеаи тоҷиканд, аҳамияти бузург дорад.

**1.Ватандӯстӣ ҳамчун рукни асосии дин ва фарҳанг**

Дар асар таъкид шудааст, ки дини ислом ватандӯстиро ҳамчун як рукни муҳими ахлоқӣ талқин мекунад. Эмомалӣ Раҳмон бо истинод ба таълимоти исломӣ, аз ҷумла ҳадисҳои Паёмбари Ислом (с), ба ҷавонон мефаҳмонад, ки муҳаббат ба Ватан на танҳо арзиши иҷтимоӣ, балки як рукни имон мебошад.

- Пешвои миллат нишон медиҳад, ки ватандӯстӣ ва ҳифзи истиқлолият вазифаи ҳар як шаҳрванд аст.
- Ҷавононро даъват мекунад, ки дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ваҳдати ҷомеа фаъолона ширкат варзанд.

**2.Таъсири дин ба ташаккули худшиносии миллӣ**

Асар равшан месозад, ки дини ислом дар таърихи Тоҷикистон на танҳо воситаи маънавият, балки унсури муттаҳидкунанда буд. Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки барои ҷавонон муҳим аст:

- Арзишҳои диниро бо шуури миллӣ муттаҳид намоянд.
- Бо мероси фарҳангии гузаштагон ифтихор кунанд.
- Хештаншиносиро тавассути омӯзиши таърихи миллат ва нақши ислом дар он таҳким бахшанд.

**3.Нақши маориф ва маърифати динӣ**

Дар китоб масъалаи маориф ва таълимоти дурусти динӣ барои пешгирӣ аз ифротгароӣ махсус қайд мешавад. Пешвои миллат таъкид мекунад, ки барои тарбияи ватандӯстӣ:

- Муҳити солими таълимӣ бояд фароҳам оварда шавад.
- Ҷавонон бояд ба арзишҳои илмӣ ва фарҳангӣ ошно гарданд.
- Дини ҳақиқӣ, ки бар сулҳ ва дӯстӣ асос ёфтааст, ба таври дуруст ба ҷавонон омӯзонда шавад.

3.**Мубориза бо ифротгароӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ**

Дар асар масоили муосири ҷомеа, аз ҷумла таҳдидҳои ифротгароӣ ва экстремизм, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки бо такя ба арзишҳои миллӣ ва динӣ, ҷавонон метавонанд худро аз таъсири равияҳои харобкор эмин нигоҳ доранд. Ваҳдати миллӣ ҳамчун меъёри асосии рушди ҷомеа ва устувории давлатдорӣ дар тамоми бахшҳои тарбияи ҷавонон бояд таъкид шавад.

**Ҳадафҳои асосӣ дар "Дин ва ҷомеа"**

- Тақвияти ватандӯстӣ ҳамчун пояи асосии рушди ҷомеа.
- Ташаккули худшиносии миллӣ дар заминаи ҳамгироии фарҳангӣ ва динӣ.
- Мустаҳкам кардани мафкураи ҷавонон бар асоси арзишҳои солим ва дурнамои нек.

## Хулоса

Асари "Дин ва ҷомеа" як дастури муҳими таълимӣ ва тарбиявӣ барои ҷавонон мебошад. Пешвои миллат бо истисноҳои ақоиди исломӣ, таърихи миллӣ ва фаҳмиши амиқи ниёзҳои ҷомеа, ба ҷавонон роҳнамои дақиқ барои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ пешкаш кардааст. Ин асар махсусан дар шароити муосир, ки ҷомеа бо таҳдидҳои гуногун рӯбарӯ мешавад, аҳамияти бузурги амалӣ дорад.

Асари "Имоми Аъзам ва ҳуввияти миллӣ" (Хуҷанд, 2009, 88 саҳифа), ки аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон таҳия шудааст, яке аз муҳимтарин манбаъҳо дар мавриди тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули худшиносии ҷавонон маҳсуб меёбад. Ба ғайр аз ин асари пурмуҳтаво 5 асари дигари Пешвои миллат ба таълимоти ин нобиғаи бузурги олами Ислом бахшида шудааст. Дар ин асар масъалаи нақши мероси Имоми Аъзам дар ташаккули ҳуввияти миллӣ ва андешаи ватандӯстӣ дар ҷомеа мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст.

**Мундариҷаи асосӣ ва аҳамияти асар**

**1.Имоми Аъзам ҳамчун рамзи худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ**

Эмомалӣ Раҳмон дар ин асар таъкид мекунад, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо як шахсияти динӣ, балки рамзи ваҳдати миллӣ ва манбаи худогоҳии тоҷикон мебошад. Ӯ мероси фикрии Имоми Аъзамро бо арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ ҳамгиро намуда, онро омили таҳкими худшиносии ҷавонон мешуморад.

**2.Тарбияи ватандӯстӣ ва ҳуввияти миллӣ**

Дар асар зикр шудааст, ки ватандӯстӣ аз худшиносӣ ва ифтихор аз таърих ва фарҳанги миллӣ сарчашма мегирад. Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки ҷавонон бояд:

- Мероси маънавии гузаштагонро хуб донанд;
- Арзишҳои миллӣ ва диниро дар зиндагии худ татбиқ кунанд;
- Дар ҳифз ва рушди сарзамини худ саҳмгузор бошанд.

**3.Нақши таълимоти Имоми Аъзам дар ахлоқи ҷавонон**

Таълимоти Имоми Аъзам оид ба адолат, рафтори ахлоқӣ ва эҳтиром ба инсонҳо ҳамчун рукнҳои муҳим дар тарбияи ҷавонон пешкаш шудааст. Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки ин арзишҳо бояд дар системаи таълимӣ ва тарбиявии кишвар бештар ҷой дода шаванд.

**4.Муҳимияти муттаҳидсозии ҷомеа**

Асар ба аҳамияти ваҳдати миллӣ, ки аз таълимоти Имоми Аъзам ва таърихи муштараки мардуми тоҷик бармеояд, таъкид мекунад. Президенти кишвар ҷавононро даъват мекунад, ки ҳамчун насли ояндасоз барои таҳкими ваҳдат ва устувории истиқлолияти миллӣ талош варзанд.

## Ҳадафи асар

Асари "Имоми Аъзам ва ҳуввияти миллӣ" ба таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтироми мероси гузаштагон ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ахлоқи наку равона шудааст. Он нишон медиҳад, ки чӣ тавр арзишҳои динии Имоми Аъзам метавонанд бо идеалҳои миллии тоҷикон пайваста шаванд.

## Хулоса

Ин асар барои ташаккули худогоҳӣ, ҳифзи ҳуввияти миллӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар ҷомеаи муосир як дастури муҳим аст. Эмомалӣ Раҳмон ба воситаи таҳлилҳои амиқ дар мавриди Имоми Аъзам нишон медиҳад, ки чӣ тавр мероси маънавӣ метавонад дар рушди шахсияти ҷавонон ва устувории миллат саҳм гузорад.

Бинобар ин, мо бояд барои мустаҳкам намудани мактаби худшиносии миллӣ, ки асоси он ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошанд, тамоми кӯшиши худро ба харҷ диҳем.

Муҳтаво, сабаб ва оқибатҳои чунин вазъияти таҳдидборро фақат илм, дониш, мактаб, маориф ва зиёиёни воқеан миллӣ метавонанд дарк кунанд. Ба омма, ба мардум, ба наврасону ҷавонон фаҳмонанд. Миллат бе масъулияти шинохти манфиатҳои миллӣ, бе иваз кардани ҷаҳонбинии хурофотӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ ва давлатмеҳвар тақдир ва рӯзгори нек нахоҳад дошт. Дар фарҷоми маърӯза қайд кардани ҳастем, ки дар шароити муосир вазифаи аҳли ҷомеа аз он иборат аст, ки муқаддасоти миллиро дар замири ҷавонон эҳё намуда, онҳоро ба ин самт роҳнамоӣ кунанд. Ин амал аз оила оғоз гардида, бояд дар кӯдакистон, мактаб ва дигар зинаҳои таҳсилот такмилу тақвият дода шавад.

## ОИД БА ЯК СОЛИ ПУРСАМАРИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суханронии Азиззода Ш.Н.** Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 30.12.2024, ш.Душанбе

**Муњтарам аъзои Шурои љамъиятї!**
**Њозирини гиромї!**

Њоло мо дар арафаи фарорасии соли нави мелодӣ ќарор дорем, аз фурсати муносиб истифода бурда, њамаи шуморо бо ин сана табрику муборакбод намуда, бароятон тансиҳатї, хушбахтию ободии хонадон ва дар кору рӯзгоратон комёбиҳои беназирро таманно дорам.

Дар соли 2024 Шурои љамъиятии Љумњурии Тољикистон фаъолияти худро мутобиќи Наќшаи кори Шӯро барои соли 2024, ки аз љониби Раиси Шурои љамъиятии Љумњурии Тољикистон муњтарам Эмомалї Рањмон тасдиќ гардидааст, ба роњ монд.

Љаласањои сайёри Шӯрои љамъиятї дар соли љорї асосан дар шањру ноњияњои љумњурї доир гардиданд.

Њамин тавр, соли равон 12 ҷаласаи наќшавї, аз ҷумла 2 ҷаласа дар шаҳри Душанбе, 3 љаласа дар шањрњои Роѓун, Турсунзода, ноњияи Нуробод, 3 ҷаласаи сайёр дар шањрњои Конибодом, Панљакент, Истаравшани вилояти Суғд, 3 љаласаи сайёр дар ноњияњои Хуросон, Данѓара, Балљувони вилояти Хатлон ва 1 ҷаласаи сайёр дар ноњияи Ванљи ВМКБ бо иштироки аъзои Шуро ва намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа баргузор гардиданд.

Дар маҷмуъ, дар даҳ ҷаласаҳои сайёри Шурои ҷамъиятӣ якҷо бо шуроҳои ҷамъиятии 14 шаҳру 48 ноҳия, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо маърӯзањои худ баромад намуда, беш аз 20 тавсияҳо вобаста ба њалли мавзуъњои дар љаласањо баррасишаванда пешниҳод карда шуданд.

**Муњтарам аъзои Шурои љамъиятї!**

Соли оянда баргузории якчанд чорабинињои сатњи љумњуриявї, аз ќабили мулоќоти Роњбари давлат бо занон, љашни Иди Наврўз, маъракаи муњимми сиёсї – интихоботи вакилон ба парлумони мамлакат ва як ќатор форуму конфронсњои сатњи олї дар назар аст ва мо эътимоди комил дорем, ки аъзои Шўрои љамъиятї љињати дар сатњи баланди сиёсї ва ташкилї гузаронидани ин чорабинињо сањми худро мегузоранд.

Ба мо назари аъзои Шўрои љамъиятї чун маќоми њамоњангсозу машваратї дар баррасии масоили мубрами њаёти љомеа наќши муњим дорад. Мо бояд шаклу механизми корбарии Шуророро аз нав дида бароем, марњилаи нави фаъолияти Шуророро тањия намоем, ки таќозои замони имрўза бошад. Аъзои Шурои љамъиятї бояд фаъол бошанд, дар оғози соли оянда мо рўйхати аъзои Шуророро бознигарї карда, вобаста ба аъзо ва ташкилотњои ѓайрифаъол барои чораандешї ба Раиси Шурои љамъиятии ЉТ гузориш манзур намоем.

Бинобар ин аз Котиби њамоњангсози Шўрои љамъиятї хоњиш менамоям, ки дар баробари пешнињоди лоињаи Наќшаи кори Шўро барои соли 2025, инчунин рўйхати аъзои Шўророро бюо нишон додани иштироки онњо дар се соли охир ба бахши Ёрдамчии Президенти ЉТ манзур намояд.

Итминони комил дорам, ки шумо беш аз пеш бо кору амали шоистаи хеш њамчун њар як сокини Тољикистони азиз њамеша саъю талош меварзед то ин ки сулњу субот дар кишвари ободу зебоямон пойдор бошад ва њамватанони мо дар шароити боз њам хубтару бењтар зиндагї намоянд.

**Ташаккур ба диќќатaтон!**



**РАҲМОНЗОДА АБДУЛЛО ҚУРБОНАЛӢ – ЁРДАМЧИИ ПРЕЗИДЕНТИ ЉУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАЊОИ РУШДИ ИЉТИМОЇ ВА РОБИТА БО ЉОМЕА, НАМОЯНДАИ ВАКОЛАТДОРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# АКСЊО
# АЗ ЛАҲЗАҲОИ БАРГУЗОРИИ
## љаласањои Шурои љамъиятии Љумњурии Тољикистон



**Суханронии Раҳмонзода А.Қ. – Ёрдамчии Президенти Љумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалањои рушди иљтимої ва робита бо љомеа, дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.12.2023, ш.Душанбе**



**Суханронии Ализода З. – Ёрдамчии Президенти Љумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.12.2023, ш.Душанбе**



**Суханронии Азиззода Ш.Н. – Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Љумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иљтимої ва робита бо љомеа дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 23.10.2024, ш.Истаравшан**



**Сухaнорониии Аброрї Шукўњиддин - мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.04.2024, ш.Роғун**



**Суханронии Сафарзода А.И. - Сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоњи иљроияи Президенти Љумњурии Тољикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 28.11.2024, ш.Турсунзода**



**Суханронии Маҳмадизода Н. – Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии ҶТ дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.01.2024.ш.Душанбе**



**Суханронии Шодиён И.Р. – Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 25.07.2024, н.Нуробод**



**Иштирок ва суханронии Саидзода Р.Ҳ. – Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 28.03.2024, н.Данғара**



Иштироки Хушвахтзода Қ.Х. – Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҷаласаи ғайринавбатии Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоби номзад ба вазифаи Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодиён И.Р., марти 2024, ш.Душанбе



Суханронии Гулаҳмадзода З. - Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 28.11.2024, шаҳри Турсунзода



**Суханронии Файзиддинзода Б. - Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 28.03.2024, н.Данғара**



**Суханронии Давлатзода С.Х. - Раиси Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.09.2024, ш.Панҷакент**



**Суханронии Давлатов Р. - Сардори  Хадамоти матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 28.11.2024, ш.Турсунзода**



**Суханронии Саломиён М. - Ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 23.10.2024, ш.Истаравшан**



**Суханронии Шерализода Б. – Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.08.2024, н.Ванҷ**



**Суханронии Шодиён И.Р. – Котиб-ҳамоҳангсози Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.05.2024, ш.Конибодом**



**Суханронии Абдулхолиқзода Л.А. - Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 23.10.2024, шаҳри Истаравшан**



**Суханронии Сафарзода Х. - Директори генералии ҶСК "НБО Роғун" дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.04.2024, ш.Роғун**



**Суханронии Сафолзода М.Қ. - Коршиноси сатҳи байналмилалӣ, доктори илмҳои таърих, профессор дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.05.2024, шаҳри Конибодом**



**Суханронии Олимзода Ф.К. – Муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.05.2024, ш.Конибодом**



Суханронии Азиззода Ш.Н. – Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Љумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иљтимоӣ ва робита бо љомеа дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.05.2024, ш.Конибодом



Суханронии Сафарзода Д.Ҷ. - Ректори Муассисаи давлатии “Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.09.2024, ш.Панҷакент



**Суханронии Ибодуллозода А.И. - Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.09.2024, ш.Панҷакент**



**Суханронии Мусоева Р.Ѓ. - Раиси Ассотсиатсияи энергетикҳои Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.05.2024, ш.Конибодом**



**Иштирок ва суханронии Акрамов А.Ф. - Раиси Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи саёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.04.2024, ш.Роғун**



**Иштирок ва суханронии Акобирова Шаҳло – Директори иҷроияи ташкилоти ҷамъиятии "Хома" дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 26.01.2024, ш.Душанбе**



**Иштирок ва суханронии Мирасанова Заррагул Боваровна – Котиби комитети марказии Ҳизби комунистии Тоҷикистон дар ҷаласаи сайёри Шурои ҷамъиятии ҶТ аз 22.08.2024, н.Ванҷ**

## АКСҲО АЗ ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 26.01.2024, ШАҲРИ ДУШАНБЕ

















**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯКҚАТОР ШАҲРУ**

**НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 28.03.2024, Н.ХУРОСОН**





**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 28.03.2024, Н.ДАНҒАРА**







**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 26.04.2024, Ш.РОҒУН**











**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 22.05.2024, Ш.КОНИБОДОМ**









**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККҶАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 25.07.2024, Н.НУРОБОД**

















**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВМКБ ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 22.08.2024, Н.ВАНҶ**



















**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 28.09.2024, Ш.ПАНҶАКЕНТ**









**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 28.10.2024, Ш.ИСТАРАВШАН**



















**ИШТИРОКИ РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ ЯККАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 28.11.2024, Ш.ТУРСУНЗОДА**
















ГИРАНДАИ



**ШУРОИ ЉАМЪИЯТИИ**
**ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН**

**ОБЩЕСТВЕННЫЙ СОВЕТ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Душанбе, хиёбони Рўдакї, 107**
**Телефон: (99237) 224-15-46**

**Њайати тањририя:**
**Раҳмонзода А.Қ., Азиззода Ш.Н.,**
**И.Шодиён, С.Абдулаҳадзода**

**Суратгир: Абдулаҳадзода С.А.**
**Муњаррири техникї: Юсуфзода К.Б.**

=================================
Ба матбаа 16.04.2025 супорида шуд. Ба чоп 26.12.2021 имзо шуд.
Андозаи 60х84 Коғази офсетї. Њуруфи адабї. Чопи офсетї. 1/16.
Љузъи чопии шартї 16,25. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 11. Нархаш шартномавї.
--------------------------------------------

**КВД** “Матбаа”-и Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ 5/2.